Амир Алишер Навоӣ

(Шарҳи аҳвол ва гузидаи осори манзум ва мансури амир Алишер Навоӣ ба инзимоми “Ситтаи зарурия” ва тарҷумаи “Хамсатул-мутаҳаййирин” ва “Муҳокаматул-луғатайн”)

Таълиф: Абдулалӣ Нур Аҳрорӣ

Амир Алишер Навоӣ (844 – 906 қ.)

Абдулалӣ Нур Аҳрорӣ

Вироиш ва намоясозӣ: Фарҳод Аҳрорӣ
Ношир: Интишороти Аҳрорӣ

Оғози сухан

Худовандо расо кун хомаамро,
Ки бо номат нависам номаамро.

Салтанати Темуриёни Ҳирот, ки аз авоили қарни нуҳум то авоили қарни даҳуми ҳиҷрӣ идома ёфт, аз ҷиҳоти мухталиф аз дурахшандатарин адвори торихии кишвари мо башумор меравад. Ҳирот барои бори нахуст пойтахти импротурии густурда ва паҳновари давлати Темурӣ қарор гирифт. Мардум пас аз солҳои мутамодии ҷангу вайронӣ, нафаси роҳате кашиданд ва тавонистанд вайрониҳову харобиҳоро мараммат намуда ва ба ободонӣ суқ диҳанд. Шаҳри Ҳирот бо гузашти замон ободу ободтар гардид то онки номи аруси шаҳрҳоро камоӣ кард. Уламо, фузало, шуъаро, нависандагон, ҳунарварон ва санъатгарон аз ақсо нуқот бад-ин шаҳр рӯй оварданд ва дар зилли ҳимояти шоҳону шоҳзодагони Темурӣ дар осудаҳолӣ басар бурданд ва осори мондагору ҷовидона, ки мояи фахру мубоҳот аст аз худ баҷо гузоштанд.

Тобноктарин ситораи осмони илму адаб ва ирфони ин давра, ки ҳудуди ним қарн аз партави фазоил ва фуюзоти вай дунёи шарқи исломӣ мустафид ва мустафиз гаштанд, мавлоно Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ аст, шахсияти мавриди эҳтироми подшоҳону амирон ва вазироне чун Низомуддин амир Алишер Навоӣ.

Амир Алишер бо он ҳама фазоили суриву маънавӣ, ки шоири Зул-лисонайн номида шуда ва ал-ҳақ яке аз навобиғи замон башумор меравад, дар зумраи муридон ва шогирдони мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ буда ва мизони иродат, муҳаббат ва дӯстии вай ба ҳаддест, ки дар асноди расмии давлатӣ лақаби “махдумӣ”-ро ба худ тахсис дода, ки мурод аз он ишора ба мавлоно Ҷомӣ мебошад, ки ба ходимии вай ифтихор кардааст.

Амир Алишер Навоӣ ҳарчанд дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон ба ҳайси шахсияти илмӣ ва адабӣ ва падари забону адаби туркӣ шинохта шуда ва дар донишпарвариву ҳимоят аз шоирон ва арбоби илму ирфон ва ҳунарварону санъатгарон ва пешаварон ӯро ҳамтое набуда ва беш аз бист асар аз вай ба ёдгор мондааст, вале дар шаҳри зодгоҳаш ва дар кишвараш Афғонистон чунонки дархури шаъну мақоми волои илмӣ ва адабии ӯст муаррифӣ ва шинохта нашуда ва дар борааш камтар китобе интишор ёфтааст. Хостам дар ин роҳ гоме бардорам ва ин рисоларо ҷамъу фароҳам кардаву ба нашр бирасонам то дар баробари ин

бузургмарди ҳиротии турктабор андаке дайни худро адо намоям. Умед аст, ки каму кости он ба назари иғмоз нигариста шавад, зеро: “Дар ин майдон надорад шаҳсавори хома ҷавлоне”.

Дар фарҷом аз раҳнамоиҳои судманди ҷаноби д-р Абдулғафур Равон Фарҳодӣ, шахсияти фозил ва донишманду ғанимати кишвар, ки дар таълифи ин рисола маро ёрӣ бахшиданд изҳори сипосу шукрон менамоям.

(Муаллиф).

Пешгуфтор

Аз д-р Равон Фарҳодӣ

Аз дӯсти дерин ва устоди гиромӣ Абдулалӣ Нур Аҳрорӣ сипосгузорам, ки нигориши ин рисоларо дар мақоми шоир ва давлатмарди бузурги мо Амир Алишер Навоӣ ба уҳда гирифтаву ба сар расонидааст. Ин иқдоми хуҷаста бояд аз дере ба ин сӯ сурат мегирифт. Аз рӯйи тасаллӣ метавон гуфт: “Дер ояд, дуруст ояд”.

Амир Алишер Навоӣ шоиру адиб ва низ аз пояҳои салтанати Темуриёни Ҳирот буд ва шоҳу гадо дар бораи шоистагӣ, ростӣ, покнафсӣ ва фақирпарварии ӯ муътақид буданд.

Қудрати шоирии вай дар забони порсии дарӣ аз рӯйи як намуна, яъне қасидаи 72 байтии “Туҳфатул-афкор” собит мешавад:

Оташин лаъле, ки тоҷи хусравонро зевар аст,
Ахгаре баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст.

Ин қасидаро ба ҷавоб ва пайравии Амир Хусрави Балхии Деҳлавӣ, фарзанди Мир Сайфуддини Балхӣ, ки ба унвони “Дарёи аброр” дар Ҳинд суруда буд, вай дар Ҳирот сурудааст. Қасидаи Амир Хусрав чунин оғоз мешавад:

Кӯси шаҳ холиву бонги ғулғулаш дарди сар аст,
Ҳаркӣ қонеъ шуд ба хашку тар шаҳи баҳру бар аст.

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ низ дар Ҳирот ба ҷавоб ва пайравии Амир Хусрав, қасидаи “Лучҷатул-асрор”-ро сурудааст ва инак оғози он:

Кунгури айвони шаҳ, к-аз кохи Кайвон бартар аст,
Рахнаҳо дон к-аш ба девори ҳисори дин дар аст.

Дар бораи шеъри туркии беназири ӯ бояд хамсаи Навоиро ёд кард, ки ба силсилаи хамсаҳои порсии дарӣ омадааст ва ба туркӣ мебошад. Нигориши он сабаби таҳсин ва тамҷиди адибони он замон воқеъ шуда, ки туркӣ медонистанд, аммо чунин асари олиро нахонда буданд.

Нахустин хамса аз Низомии Ганҷавӣ (ваф. 604 қ.)аст, шомили Махзанул-асрор, Лайлӣ ва Маҷнун, Хусрав ва Ширин, Ҳафт пайкар ва Искандарнома, ки аксари онҳо ба забонҳои англисӣ ва фаронсавӣ тарҷума шудааст.

Дуввумин хамса аз Амир Хусрави Деҳлавӣ (ваф. 705 қ.) аст, бо унвонҳои Матлаъул-анвор, Ширин ва Хусрав, Маҷнун ва Лайлӣ ва Оинаи Сикандарӣ, ки дар Ҳинд суруда шудааст.

Ба ин силсила саввумин асари умда, сурудаи Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ (ваф. 898 қ.) аст, ки ба номи “Ҳафт авранг” таълиф шудааст бо унвонҳои: Силсилатуз-заҳаб, Саломон ва Абсол, Туҳфатул-аҳрор, Субҳатул-аброр, Юсуф ва Зулайхо, Лайлӣ ва Маҷнун ва Хираднномаи Искандарӣ.

Дар инҷо бояд аз хамсаи Амир Алишер Навоӣ (ваф. 906 қ.), ки ба забони туркӣ аст ва яке аз умдатарин осори адабии туркӣ мебошад зикр кард, бо унвонҳои: Ҳайратул-аброр, Фарҳод ва Ширин, Лайлӣ ва Маҷнун, Сабъаи сайёра ва Садди Искандарӣ[1].

Бояд донист, ки забонҳои туркӣ, ки бо ҳамдигар ҳамреша мебошанд, ду дастаи умда дорад:

1. Дастаи ғарбӣ монанди туркии истонбулӣ, ки шуъаро ба он шеър сурудаанд ва нусхаҳои хаттии бешумор аз садҳо асар ба ин забон дар китобхонаҳои Туркия ва кишварҳои дигар мавриди мурочаъаи донишмандон аст. Дар асари роиҷ шудани ҷабрии хатти лотин мардум ба ҷуз донишмандони мутахассис наметавонанд он ҳамаро бихонанд.

Туркии Қумуқ роиҷ дар нуқоти Қафқоз, ва туркии Озарбойҷон низ аз дастаи ғарбӣ мебошад.

2. Дастаи шарқӣ монанди узбекӣ, қирқизӣ, қазоқӣ, уйғурӣ, ки шакли китобии ин ҳамаро чағатоӣ меноманд; чунонки Бобурнома ва басе китобҳо ба туркии чағатоӣ нигошта шуда.

Ин ду дастаи туркӣ бо тафовутҳои савтӣ ва дастурӣ аз ҳам мутамоиз шудаанд, масалан маънои “роҳ” дар дастаи ғарбӣ “йил” ва дар дастаи шарқӣ “ҷил” мебошад. “До ойи” ба маънои хол ё момо дар туркии ғарбӣ омада ва дар туркии шарқӣ “тоғойи” гуфта мешавад ва ғайра.

Хамсаи Амир Алишер Навоӣ ба забони туркии чағатоӣ аст ва бинобарин дар назди узбекони мо мафҳум мебошад.

[1] Баъзе аз ин маснавиҳо ба забони русӣ тарҷума шудааст.

Лозим аст хамсаи Амир Алишер Навоӣ аз тарафи академияи Афғонистон[2] бо муроҷаъа ба нусхаҳои хаттии сиқа ба чоп бирасад ва мушкилоти маъно дар поварақӣ баён гардад, ва аз рӯйи он метавон тамсилоти манзум барои театр истихроҷ кард.

Чопҳои хамса дар Узбекистон мавҷуд аст ва аммо дар Афғонистон қобили истифода нест, зеро:

1. Ин чопҳо ба хатти сириллик (русӣ) аст ва на ба хатти аслӣ.

2. Дар аҳди шуравӣ сонсури мазҳабӣ сурат гирифта ва абёти баёни дини Ислом аз он берун шудааст, ҳамчунон ки дар Тоҷикистон дар он замон зикри Исломро аз шеъри Ҷомӣ берун мекарданд.

Дар оғози маҷмуъаи чопи Афғонистон бояд муҷмали зиндагонӣ ва баёни камолоти Амир Алишер Навоӣ[3] ба забони узбекӣ изофа шавад ва агар лозим афтад, хамсаи Амир Алишер Навоӣ дар панҷ ҷилди кӯчак ба чоп расад.

Р. Ф.
Шимоли Калифорниё,
аввали Январи 2014 милодӣ.

---

[2] Академии Афғонистон бояд расоили адаби омиёнаро низ ба чоп расонад. Муҳимтар ва оҷилтар аз ҳама таҳияи рисолаи муҳовараи дузабона (узбекӣ - форсӣ) ва низ нигоштани як фарҳанги кӯчаки дузабона (форсӣ – узбекӣ ва узбекӣ - форсӣ) мебошад, то ҳама бидонанд, ки забони узбекӣ душвор нест.

[3] Инҷониб дар бораи зиндагии Амир Алишер Навоӣ рисолаи кӯчаке ба забони англисӣ нигоштаам ва умедворам фурсат ҳосил кунам то онро дубора чоп кунам.

Нигоҳе ба асри Темуриён

Ин давра, ки бо марги Амир Темур ва ҷонишинии писараш Шоҳрух Мирзо дар соли 807 қамарӣ (1405 милодӣ) оғоз ва бо марги Султон Ҳусайн Мирзо дар Зилҳиҷҷаи сол 911 қ. (Майи 1506 м.) поён ёфт; аз ҳар ҷиҳат чӣ аз лиҳози пешрафт ва тараққӣ ва таъолӣ дар арсаи улум ва фунун ва адаб ва санъату ҳунар ва чӣ аз ҳайси маъмурӣ ва ободонии кишвар ва рафоҳу осудагии мардум, давраи мунҳасир ба фарде аст, ки сарзамини Хуросон, ба хусус Дорус-салтанаи Ҳирот на қабл аз он ба ёд дошта ва на баъд аз он ба худ дидааст ва ба яқин метавон онро барҷастатарин ва пурбортарин асре хонд, ки ғанову сарвати илмӣ ва адабии саршоре ба армуғон доштааст. Яке аз илали муваффақияту пирӯзии ин давраи бошукӯҳу дурахшон он буда, ки шоҳону шоҳзодагони темӯрӣ, худ шоъиру донишманд ва донишпарвар буда, дар ҳимояту пуштибонӣ аз шоъирону донишмандон ва хушнависону рассомону наққошон таваҷҷуҳи зиёд доштанд ва дар ин роҳ маболиғи ҳангуфту газофе ба масраф мерасонданд.

Шоҳрух Мирзо (807-850 қ.) подшоҳи одил ва додгаре буд, ки шаҳри маҳбуби худ Ҳиротро Дорус-салтана қарор дод, ва онро ба сурати бузургтарин маркази илму адабу фарҳанг даровард. Ба қавли Ҳофиз Абрӯ: “Ҳирот маҷмаъи арбоби яқин ва қиблаи аҳрору аброр ва каъбаи ашрофу ахёр ва маркази аҳли тақво ва маъмани зуҳҳоду уббод ва маскани ақтобу автод аст”.

Дар Хуросон Ҳирот биҳишти барин,
Шуд ба аҳди Муъини давлату дин.
Шоҳрух подшоҳи ҳафт иқлим,
Халладаллоҳу мулкаҳу, омин.

Мирзо Бойсунғур писари Шоҳрух, аз номдортарин китобдӯстони ҷаҳон ба шумор меравад. Чиҳил хаттот дар китобхонааш ба истинсохи кутуб машғул буданд. Ба қавли Эдвард Браун: “Муқаддимае, ки дар Шоҳномаи Фирдавсӣ барои Бойсунғур навиштаанд, ӯро машҳури ҷаҳон сохтааст. Вай дар канори падар мезист ва мақоми иморат (девони аъло)-ро ба уҳда дошт”. Ба қавли Давлатшоҳ: “Аз салотини рӯзгор баъд аз Хусрави Парвиз, чун Бойсунғур Султон касе ба таҷаммул ва ишрат маъош накарда. Вай шеъри форсӣ ва туркиро некӯ гуфтиву фаҳмидӣ ва ба шаш қалам хат навиштӣ”. Катибаи айвони мақсураи Масҷиди Гавҳаршод дар Машҳад ба қалами ӯст, ки то кунун боқӣ мондааст. Ин

шоҳзодаи хушзавқу ҳунарманд дар замони ҳаёти падараш дар соли 837 қ. (1433 м.) падруди ҳаёт гуфт ва дар ҷанби Мусаллои Ҳирот дар даруни гунбади Гавҳаршод ба хок супурда шуд. Дар торихи вафоти ӯ гуфта шуда:

Султон Саид Бойсунғур саҳарам,
Гуфто, ки бигӯ ба аҳли олам хабарам,
Ман рафтаму торихи вафотам ин аст:
“Бодо ба ҷаҳон умри дарози падарам”.

Инак ғазале, ки аз ашъори вай боқӣ мондааст:

Надидам он ду рух акнун ду моҳ аст,
Вале меҳраш басе дар ҷони мо ҳаст.
Ба роҳаш сар ниҳам рӯзе, ки мирам,
Тавон гуфтан, ки ошиқ сар ба роҳ аст.
Ба зулфаш мушк худро нисбате кард,
Дурӯғе гуфт, аз он рӯяш сиёҳ аст.
Дили ман рӯйи ӯ хоҳад ҳамеша,
Набинад бад ҳар онк-ӯ некхоҳ аст.
Гадои кӯйи ӯ шуд Бойсунғур,
Гадои кӯйи хубон подшоҳ аст.

Улӯғбек писари дигари Шоҳрух, ки аз ҷониби падар ба ҳукумати Мовароун-наҳр мансуб шуда буд, бисёр донишманду донишгустар буд. Шаҳри Самарқанд дар замони ӯ ба маркази улуми риёзӣ ва ситорашиносӣ даромада буд, ва расадхонаи машҳур ба Зиҷи Улуғбек аз ёдгорҳои замони ӯст. Вай муаллифи ҷадвалҳои маъруфи нуҷумӣ аст, ки китобаш аз шарқ ба ғарб расида ва ба василаи профессур Ҷон Гревс дар донишгоҳи Оксфорди Инглистон ба забони лотин чоп ва таҷдиди чоп гардида ва номашро зинда нигаҳ доштааст.

Шоҳрух Мирзо дар соли 850 қ. (1447 м.) дар наздикии шаҳри Рай даргузашт ва ҷанозааш ба Ҳирот оварда шуд ва дар мадрасаи Гавҳаршодбегим дар гунбади оромгоҳи Бойсунғур ба хок супурда шуд. Сипас ҷанозааш ба дастури Мирзо Улуғбек дар авохири соли 852 қ. (1448 м.) ба Самарқанд интиқол ёфт ва дар канори падараш Амир Темур мадфун шуд, ва дар ҳамин сол Мирзо Абулқосим Бобур, писари Мирзо Бойсунғур тахтгоҳи Ҳиротро аз они худ сохт ва бар арикаи қудрат нишаст.

Ба қавли Амир Алишер дар “Маҷолисун-нафоис”: Бобур Мирзо, дарвешваш ва фонисифату каримут-табъ подшоҳе буд, ва ба ҳиммати ӯ подшоҳе дар ин қарнҳо набудааст ва ин рубоъӣ аз ӯст:

Чун бодаву ҷомро ба ҳам пайвастӣ,
Медон ба яқин, ки ринди болодастӣ.
Ҷомаст шариату ҳақиқат бода,
Чун ҷом шикастӣ ба яқин бадмастӣ.

Амир Алишер ва Ҳусайн Мирзо дар оғози навҷавонӣ ба хидмати ин подшоҳ даромаданд ва Мавлоно Ҷомӣ дар “Ҳиляи ҳулал” номи ӯро дар муаммо овардаву дар васфи вай гуфтааст:

Биё эй соқии маҳваш бидеҳ ҷоми майи рахшон,
Ба рӯйи Шоҳ Абулқосим Муъиззуд-давла Бобурхон.

Дар ҳоле, ки Бобур Мирзо дар Хуросон бар арикаи қудрат нишаста буд, дар Мовароун-наҳр ҳаводисе муҳим падид омада буд, чунонкӣ Мирзо Улуғбек дар соли 853 қ. (1449 м.) тавассути писараш Абдуллатиф кушта шуд ва пас аз шаш моҳ Абдуллатиф ба қатл расиду саранҷом салтанати Мовароун-наҳр, ки пойтахташ Самарқанд буд, бо Мирзо Абусаид ибни Мирзо Муҳаммад ибни Мироншоҳ ибни Амир Темур истиқрор ёфт.

Дар соли 858 қ. (1454 м.) Бобур Мирзо бо лашкаре азим ба сӯйи Самарқанд роҳӣ шуд ва шаҳрро ба муҳосара кашид. Султон Абусаид, ки мехост шаҳрро тарк кунад, ба асари тавсияву пофишории Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор машҳур ба Пири Туркистон, бурҷу борӯи шаҳрро маҳкам карда, ба муддати чиҳил рӯз муқовимат кард, то онки ин ҷанг ба мусолаҳа анҷомид ва Бобур Мирзо вопас ба Ҳирот омад ва дар соли 861 қ. (1456 м.) дар Машҳад вафот ёфт. Сипас барои муддате шаҳри Ҳирот миёни шаҳзодагони Темурӣ даст ба даст гашт, то онки дар соли 861 қ. (1456 м.) Султон Абусаид шаҳрро ба тасарруф даровард.

Султон Абусаид аз подшоҳони одили Темурӣ буд. Аммо амали фаҷиъ ва нобахшудании вай қатли маликаи он аср Гавҳаршодоғо ҳамсари Шоҳрух буд, ки торихи ҷаҳон чун ӯ бонуи некӯкору хайрхоҳ камтар ба худ дидааст. Абусаид ба сарсабзиву ободии Ҳирот бисёр таваҷҷуҳ намуд. Ҷӯйи султонӣ ба амри ӯ кашида шуд ва лавҳсанги зебои мармари оромгоҳи Пири Ҳирот дар замони ӯ сохта шуд, ки то ҳол аз газанди

ҳаводис дар амон мондааст. Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар яке аз ғазалиёташ аз вай ба некӣ ёд кардааст:

Соқӣ ба шакли зар омад ҳилоли ид,
Май деҳ ба фарри давлати Султон Абусаид.

Султон Абусаид дар соли 872 қ. (1467 м.), ки дар Озарбойҷон барои дафъи Амир Ҳасанбек машҳур ба Узун Ҳасан лашкар кашида буд, ба асорат даромаду ба дастури Ҳасанбек ба Мирзо Ёдгормуҳаммад ибни Бойсунғур супурда шуд ва ӯ ба қасоси ҷаддааш Гавҳаршодоғо, Абусаидро ба қатл расонид.

***

Султон Ҳусайн Мирзо

Вай писари Ғиёсуддин Мансур ибни Амирзода Бойқаро ибни Умар Шайх Баҳодур ибни Амир Темур аст, ки дар соли 842 қ. (1438 м.) дар Ҳирот зода шуд ва дӯсту рафиқу ҳаммактабии Амир Алишер будааст. Султон Ҳусайн Мирзо дар соли 873 қ. (1468 м.) пас аз кушта шудани Султон Абусаид, Дорус-салтана Ҳиротро фатҳ кард ва бар тахти подшоҳӣ нишаст ва ба ривояте номае ба Амир Алишер, ки дар он замон дар Самарқанд басар мебурд, фиристод ва аз ӯ хост то ба Дорус-салтана Ҳирот биёяд. Амир Алишер ба Ҳирот омад ва саранҷом ба иморат ва вазорат расид, ки шарҳи он дар сафаҳоти баъд ба мутолаъа хоҳад расид.

***

Амир Алишер

1. Зодгоҳ ва даврони кӯдакӣ

Амир Алишер писари Ғиёсуддин Кичкина дар соли 844 қ. (1440 м.) дар мавзеъи боғи Давлатхона, наздики “Пули Тулкӣ” дар ҳавмаи шимолу шарқии шаҳри Ҳирот ба дунё омад. Фахрии Ҳиротӣ дар тарҷумаи “Тазкираи маҷолисун-нафоис” менависад:

“Мухбирони куҳансол ва ҷаҳондидагони саҳеҳмақол, ки аз ҳолоти Мир (Алишер Навоӣ) хабар доранд ба қалами дурарнисор бар сафҳаи баён чунин оранд: Мир маснади амoратро маврусӣ дошт ва Амир “Каҷкина” падари Мир Алишер мулозими Султон Абусаид Мирзо буд. Агарчӣ муҳру мансаб надошт аммо ҳурмати тамом дошт. Ва ҷадди модарии Мир, Шайх Абусаид Чанг амирул-умаро дар хонаи “Бойқаро” буд”.

Амир Алишер дар синини кӯдакӣ ба фаро гирифтани муқаддимоти омӯзишӣ оғоз кард ва дар синни чаҳорсолагӣ хондани Қуръони маҷидро то сураи “ал-Мулк” расонида буд.

Онгоҳ, ки Шоҳрух Мирзо дар Зи-ҳиҷҷаи соли 850 қ. (1404 м.) вафот кард, Ҳирот дучори ошубу буҳрон гардид. Падари Амир Алишер бо хонаводааш Ҳиротро ба қасди Ироқ тарк намуд ва дар масири роҳ дар шаҳри “Тафт”-и Язд таваққуф намуд. Амир Алишер, ки кудаке шашсола буд, дар ҳамин шаҳр ба мулоқоти (Мавлоно Шарафуддини Яздӣ) яке аз уламои машҳури замон расид. Вай худ чигунагии ин мулоқотро дар тазкираи “Маҷолисун-нафоис” дар маҷлиси дуввум, шумораи (43) чунин баён мекунад:

“Дар вайронии Шоҳрух Мирзо, волиди фақир бо ҷамоате касир аз фитнаи рӯзгор ва ҳаводис гурехта, ҷониби Ироқ мерафтанд. Ба “Тафт”, ки мавлиди Мавлоност расиданд. Иттифоқан манзил наздики хонақоҳи Мавлоно воқеъ шуда чунонкӣ лаъиб даъб (одат)-и атфол аст, ҷамъе аз кӯдакон ҷиҳати бозӣ бад-он хонақоҳ рафтанд ва фақир ҳам бад-эшон ҳамроҳ будам. Тахминан шашсола будам. Мавлоно бар як раҳба (майдон, ҷойи фарох) нишаста буд ва ҷиҳати онки кайфияти ҳоли ҷамоат, ки омадаанд маълум кунад, яке аз атфолро талабид. Фақир мутаваҷҷиҳи мулозамат шудам ва ҳар чиз суол кард, ҷавоб маъқул афтод, табассум намуда таҳсин фармуд. Дигар пурсид, ки ба мактаб рафтаӣ? Гуфтам: Бале рафтаам. Гуфт: Ба куҷо расидаӣ? Гуфтам: Ба сураи “Таборак” расидаам.

Аз барои фақир фотиҳа хонд. Чун фориғ шуд, волиди фақир бо калонтарони онҷо ба хидмати Мавлоно омада ниёзмандӣ баҷой овард...”.

Хондамир дар “Макорими ахлоқ” менависад: “Баъд аз фавти хоқони олимакон, Шоҳрух Султон, ки ҳараҷу мараҷ ба билоди Хуросон роҳ ёфт, волиди бузургвори ин Амири олимиқдор авлоди амҷодро масҳуби хеш гардонида ба Шероз шитофт ва пас аз соле чанд, ки дар он диёр гузарониданд ба муқтазои ҳадиси “Ҳуббул-ватан” аз роҳи биёбони Язд мутаваҷҷиҳи Хуросон гаштанд”.

Бо онки дуруст маълум нест, ки Амир Алишер чӣ муддат замоне аз шаҳри зодгоҳаш Ҳирот дур будаву дар мусофират гузаронда, вале метавон ҳадс зад, ки ин миъод беш аз ду сол идома надоштааст, зеро даврони фитнаву ошӯб камтар аз ду сол ё дар ҳамин ҳудуд буда ва бо истило ёфтани Мирзо Абулқосим Бобур дар Зиҳиҷҷаи соли 852 қ. (1448 м.) бар тахтгоҳи Ҳирот, авзоъ ба ҳолати оддӣ баргашт ва ба қавли Фахрии Ҳиротӣ Амир Алишер дар даҳсолагӣ ба мулозимати Мирзо Бобур даромад, чунонки мегӯяд:

“Мир дар даҳсолагӣ мулозимати Мирзо Бобур карда ва [Бобур Мирзо] ӯро фарзанд мегуфт”.

Ва сипас менависад: “Мир ба Султони фархундаи замон [Ҳусайн Мирзо] дар мактаб мусоҳиб ва ҳамсабақ будаанд ва истиҳкоми аҳду вафо ва паймони дӯстӣ дар он айём ба ҳам намуданд, ки ҳумои қудсии ҳавои саодат бар сари ҳар кадом ҷилва намояд, аз аҳволи якдигар ғофил нагарданд”.

Ба қавли Хондамир дар “Ҳабибус-сияр”: “Султон Ҳусайн Мирзо дар чаҳордаҳсолагӣ ба мулозимати Мирзо Абулқосим Бобур даромад ва Амир Алишер ва Ҳусайн Мирзо то соли 861 қ. (1456 м.) дар хидмати он подшоҳ буданд”.

Амир Алишер пас аз марги Абулқосим Бобур муддати замонеро дар Машҳад гузаронд ва то соли 863 қ. (1458 м.), ки Абусаид муҷаддадан дар Дорус-салтанаи Ҳирот бар арикаи қудрат нишаст, ҳамчунон дар Машҳад ба сар мебурд. Вай дар тазкираи “Маҷолисун-нафоис”, маҷлиси дуввум дар шумораи (60), онгоҳ ки аз мулоқоти худ бо шайх Камол Турбатӣ ёд мекунад, мегӯяд:

“Ва мулоқот ин навъ воқеъ шуд, ки фақир дар замони Султон Абусаид Мирзо дар Машҳад, ғарибу бемор дар гӯшаи буқъае афтода будам”.

Вай пас аз он, ба Ҳирот баргашт вале маълум нест, ки бозгашти вай ба Ҳирот бо кадом сол мусодиф будаву чӣ муддат замонеро дар Ҳирот гузаронидааст. Он гуна, ки интизор дошт, Султон Абусаид ба вай чандон таваҷҷуҳ ва эътиное накарда буд. Сипас аз онҷо раҳсипори Самарқанд шуд ва дар хонақоҳи Ҷалолуддин Фазлуллоҳ Абуллайсӣ иқомат ихтиёр намуд.

Фахрии Ҳиротӣ менависад: “Амири мушорун-илайҳ дар Самарқанд дар мадрасаи Хоҷа Фазлуллоҳи Абуллайсӣ ба таҳсили улум машғул буд ва ифлоси ӯ (фақру бенавоии ӯ) дар мартабае буд, ки зиёда бар он мумкин набувад. Ҳам аз забони Амири мушорун-илайҳ нақл мекунанд, ки гуфт: Дар он авқот шабе маро ба об эҳтиёҷ шуд ва он шаб ҳаво дар ғояти сардӣ буд, заруратан ба ҳаммом мебоист рафт. Чун рафтам ҷузвдоне (ҷилди муқаввое) доштам, ҳарчанд муболаға кардам [ҳаммомӣ дар бадали уҷрати ҳаммом] ба гарав барнагирифт”.

Амир Алишер ҳамчунон дар Самарқанд мезист, то онки Султон Абусаид дар соли 873 қ. (1468 м.) дар ҷанг бо Амир Ҳасанбек ба асорат рафт ва сипас ба қатл расид. Замоне, ки Султон Аҳмад Мирзо писари Абусаид аз Самарқанд ба қасди Хуросон равон шуд, Амир Алишер низ ин сипоҳро ҳамроҳӣ мекард. Чун салтанати Хуросон бар Султон Ҳусайн Мирзо истиқрор ёфта буд, Султон Маҳмуд Мирзо аз ҳудуди Андхӯй вопас ба сӯйи Самарқанд бозгашт, вале Амир Алишер аз Амир Ҳоҷӣ, саркори сипоҳи Султон Маҳмуд Мирзо иҷозат хост, ки ба Ҳирот биравад. Албатта қабл бар он замоне, ки дар Самарқанд ба сар мебурд, қосиди Султон Ҳусайн Мирзо номаи он подшоҳро ба вай расонида ва аз вай хоста буд, ки ба Ҳирот биёяд. Амир Алишер аз ин мавзуъ дар муқаддимаи “Вақфнома”-и мадрасаи Ихлосияи Ҳирот чунин ёд мекунад:

“Ногоҳ насими иноят аз гулистони салтанат бивазид ва қосиди ҳидоят аз боргоҳи хилофат бирасид, ва маншури давлат бирасонид, ва дар он чунин марқум фармуда буданд, ки: Эй осмони ҷаҳони фазилат ва офтоби сипеҳри дониш ва дироят, ҳарчанд дар гулзори андешаву фикратат гулҳои рангин шукуфта ва сайти назмат аз ҷаҳон бирафта, вале аз ин чӣ самар чидаӣ ва чӣ баҳрае ёфтаӣ?... Бояд камари хидмат дар миён бибандӣ ва дар миёни ақрон сарбаланд шавӣ. Чун бар мазмуни

маншур огаҳӣ ёфтам, ночор сари таслим фурӯд овардам ва миён ба хидмат бастам”.

Амир Алишер ба Ҳирот омад. Хондамир дар “Ҳабибус-сияр” гуфтааст: “Қариби иди Фитр, Амир Алишер, саодати мулозимати Хоқони соҳиби таъйид [Султон Ҳусайн Мирзо]-ро дарёфт... ва инояти бениҳоят шомили ҳолаш шуд. Ва рӯз ба рӯз эътибору иқтидори амири фазилатшиор дар хидмати он подшоҳи комгор зиёда мешуд, то кор ба ҷое расид, ки саранҷом тамоми азоими умури ҷумҳури наздику дӯр ба раъйи савобнамояш тафвиз ёфт”.

Фахрии Ҳиротӣ дар тарҷумаи “Тазкираи маҷолисун-нафоис” далели омадани Амир Алишерро ба Ҳирот чунин менависад:

“Султони Соҳибқирон [Ҳусайн Мирзо] ба Султон Аҳмад Мирзо ҷиҳати талабидани Амири мушорилайҳ китобҳо навишта[Султон Аҳмад Мирзо] касро фиристод. Ӯро яроқи куллӣ тартиб сохта ба хидмати Султони Соҳибқирон равона кард, ва Амир мутаваҷҷиҳи шаҳри Ҳирот шуду ба давлати мулозимат сарафроз гашт”.

Султон Ҳусайн Мирзо дар бисёре аз сафарҳо ва лашкаркашиҳо Амир Алишерро бо худ ҳамроҳ дошт ва аз фаҳму тадбиру дирояти ӯ истифода мекард. Дар моҳи Рабиъул-аввали соли 874 қ. (1469 м.) дар ҷанге, ки миёни Султон Ҳусайн Мирзо ва Мирзо Ёдгормуҳаммад ибни Султон Муҳаммад ибни Бойсунғур дар мавзеъи Чанорон рух дод ва ба шикасти Мирзо Ёдгормуҳаммад анҷомид, Амир Алишер Султонро ҳамроҳӣ мекард, ва чун дар ҳамин замон дар ғиёби Султон Ҳусайн ба хотири зулму ситам ба раъоё, шуришу ғавғое азим дар Ҳирот бапо шуд, ба қавли Хондамир дар “Ҳабибус-сияр”: “Ва мутаъоқиби он ҳол, Хоқони сутудахисол Амир Низомуддин Амир Алишерро ҷиҳати тамҳиди адлу инсоф ва рафъи русуми зулм ва иътисоф ба Дорус-салтана Ҳирот ирсол дошт ва нишоне дар боби истимолати мутаваттинони он диёри шараф исдор ёфт ва Амир Алишер бад-он балдаи фохира шитофт ва ба муқтазои одати ҷибиллии хеш ҷироҳоти ҷориҳоти айём ба мароҳими мароҳим мундамил сохт. Ва ба қадри мақдур ба истимолати мазлумону ситамдидагон ва истисоли ниҳоли зулму удвон пардохт...

Лоҷарам халоиқ мутмаинну осудахотир гашта, забон ба дуои давоми давлати хоқонӣ ва издиёди ҷоҳу ҷалоли муқарраби ҳазрати султонӣ [Амир Алишер] гушуданд”.

Султон Ҳусайн Мирзопас аз пирӯзӣ дар ҷанги Чанорон ба мушкиле мувоҷеҳ шуд, ки бисёре аз умарои сипоҳи ӯ фирор карданд ва авзоъ дар шаҳри Ҳирот низ муташанниҷ буд, бинобарин дар бозгашт аз Чинорон, нахост ки вориди Ҳирот шавад, балки бо тане чанд аз афроди хоссаи худ ба шумули Амир Алишер раҳсипори Маймана шуд. Мирзо Ёдгормуҳаммад ба кӯмаки аммаи худ “Поянда Султонбегим” тавонист шаҳри Ҳиротро ба тасарруф дароварад, чунончӣ ба таърихи рӯзи Ҷумъаи шашуми Муҳаррами соли 875 қ. (1469 м.) хутба ба номи Мирзо Ёдгормуҳаммад хонда шуд ва “Поянда Султонбегим” аз умур расидагӣ мекард. Шоире сурудааст:

Ҳамчунон, к-аз фазли Ҳақ хотам Сулаймонро расид,
Мулки Билқиси замон Поянда Султонро расид.

Султон Ҳусайн Мирзо, ки бо шумори андаке аз афродаш дар Маймана ба сар мебурд, нақшае дар зеҳн кашид, ки ба таври сиррӣ то бо теъдоде андак аз афрод худашро ба Ҳирот бирасонад ва бо як шабехун кори Мирзо Ёдгормуҳаммадро, ки дар айшу ишрат ба сар мебурд, яксара намояд. Ин нақшаи сирриву маҳрамонаро фақат бо Амир Алишер матраҳ кард. Амир Алишер онро мавриди таъйиду таҳсин қарор доду дар сиррӣ нигаҳ доштани он ба ҳадде таъкид варзид, ки ба Султон Ҳусайн Мирзо гуфт: “Агар ин сухан бо ман низ гуфта нашудӣ, беҳтар будӣ”. Ин нақшаи сирриву маҳрамона амалӣ шуд ва шабонгоҳи 23 Сафари соли 875 қ. (1470 м.) Мирзо Ёдгормуҳаммад, ки бар бистари ноз ғунуда буд, асир гашту сипас сар аз баданаш ҷудо гардид.

“Туро кӣ гуфт, ки дар боғи айшу маснади ноз,
Май шабона хӯру хоб субҳгоҳӣ кун!”.

Амир Алишер дар соли 876 қ. (1471 м.) аз ҷониби Султон Ҳусайн Мирзо ба мансаби Иморати девони аъло мансуб шуд ва ба пӯшидани ҷуббаи тиллодӯзӣ ва кулоҳи наврӯзӣ муфтахар гашт. Фаромини салтанатиро муҳр мекард ва алқоби Рукнус-салтана, Эътимодул-мулки вад-давлаҳ ва Муқарраби ҳазрати султонӣ яке пайи дигарӣ ба вай ато гардид.

Амир Алишер дар мавриди вазифаи муҳрдорӣ дар тазкираи “Маҷолисун-нафоис”, маҷлиси чаҳорум, шумораи (272), онгоҳ ки аз мавлоно Бурҳониддини Розӣ ёд мекунад, мегӯяд:

“Вақте, ки подшоҳ ба фақир муҳр дод, Мавлоно [Бурҳонуддин] таърихе гуфт, ки асли мисрааш ин аст:

Таърихаш ин бувад, ки Алишер муҳр зад”.

[Ва он дар Шаъбони санаи 876 буда] аз ғароиби иттифоқот аст, ки вақте муҳр [мансаби Иморати девони аъло] ба Мир Алии Дарвеш [бародари Амир Алишер] доданд, худашро ҳам ин таркиб ба хотир расида: “Дарвеш Алӣ муҳр зад” ва даҳ сол тафовут аст [моддаи таърих аз он низ истихроҷ мешавад].

Хондамир дар “Ҳабибус-сияр” ба ин муносибат ин суруда246 овардааст:

Мири фалак ҷаноби Алишер к-аз шараф,
Оҷиз бувад зи дарки камолоти ӯ хирад.
Девон нишаст охири Шаъбон ба доду адл,
Аз лутфи шоҳи ғозӣ вал-ҳақ чунин сазад.
Чун муҳр зад ба давлати султони рӯзгор,
Таърих шуд ҳамин, ки “Алишер муҳр зад”.

Амир Алишер дар соли 892 қ. (1487 м.) ба аморати Астаробод мансуб гашт ва ин қитъа ба ҳамон муносибат суруда шуда:

Он Мир Алишер, ки дорад,
Авсофи бурун зи ҳадди тақрир.
Чун кард қабул боз иморат,
Торих шудаш “аморати Мир”.

Вай ба муддати як сол дар хиттаи Ҷурҷон иморат карду сипас нахост, ки ба вазифааш идома бидиҳад, бинобарин раҳсипори Дорус-салтана Ҳирот шуд ва аз аморати Астаробод маъзарат хост. Вале Султон Ҳусайн Мирзо тақозояшро напазируфт. Чанд рӯзеро дар Ҳирот гузаронду сипас ногузир ба он иёлот рафт ва чанд моҳ дар онҷо ба сар бурд. Аммо бори дигар ба Ҳирот баргашт ва аз он мақом истеъфо дод ва истеъфояш пазируфта шуд.

Хоҷа Маҷдуддин Муҳаммад яке аз мухолифини Амир Алишер назди Султон Ҳусайн Мирзо қурбу эътиборе ҳосил кард ватавонист, ки умури девониро аз они худ созад. Оҳиста-оҳиста зеҳнияти подшоҳро нисбат ба Амир Алишер мукаддар сохт. Амир Дарвеш Алӣ бародари Амир Алишер, ки ҳокими Балх буд бо огоҳӣ аз ин ҷараён алами мухолифат алайҳи

Султон Ҳусайн Мирзо барафрошт ва душманон амали ӯро ба Амир Алишер нисбат доданд ва ин амр боис шуд, то ғубори кудурате аз Амир Алишер бар хотири подшоҳ биншинад, Султон Ҳусайн Мирзо озими Балх шуд ва Амир Дарвеш Алӣ аз дари итоат пеш омад ва подшоҳ ӯро афв кард.

Дар ҳаволии солҳои 901 қ. (1496 м.), ки Бадиъуз-замон Мирзо алами туғёну саркашӣ алайҳи падараш Султон Ҳусайн Мирзо барафрошт, подшоҳ барои таъдиби ӯ мехост ба Балх лашкар бикашад, Амир Алишер подармиёнӣ кард ва аз подшоҳ хост ба вай иҷоза бидиҳад, то озими Балх шавадва шаҳзодаро насиҳату водор ба итоат аз амри падар намояд. Подшоҳ иҷоза дод. Вай ба Балх рафт. Бадиъуз-замон аз вай ба хубӣ истиқбол намуд ва насоиҳашро пазируфт. Вале дарбориёни Султон чун Хоҷа Низомул-мулк ва касоне дигар, ки намехостанд ин мушкил ба дасти Амир Алишер ҳал гардад, найрангу ҳилае ба кор бурданд, ки Бадиъуз-замон Мирзоро дар бораи падараш машкук ва бадгумон гардонанд. Ин ҳилаву найранг муассир афтод ва кор ба ҷое расид, ки Султон Ҳусайн Мирзо бар зидди писари худ лашкаркашӣ намуд ва озими Балх гардид.

Бо канорагирии Амир Алишер аз саҳнаи сиёсии давлат ва нуфузи ашхоси фитнаҷӯ ва муғриз дар дастгоҳи салтанати Ҳусайн Мирзо, авзоъ рӯз ба рӯз рӯ ба харобӣ гузошт. Писарони Султон Ҳусайн аз яксӯ бо падар мухолифат мекарданд ва аз сӯи дигар дар миёни худ ба рақобат бармехостанд. Дар авоили соли 903 қ. (1498 м.) дар ҷанге, ки миёни Муҳаммад Муъмин Мирзо писари Бадиъуз-замон Мирзо ва амуяш Музаффар Ҳусайн Мирзо даргирифт, Муҳаммад Муъмин Мирзо ба асорат даромад. Музаффар Ҳусайн Мирзо ӯро дар занҷири нуқраӣ дар банд кашид ва ба Ҳирот фиристод. Ӯро дар ҳоле ба Ҳирот оварданд, ки Султон Ҳусайн Мирзо дар канори рӯди Мурғоб ба сар мебурд. Муҳаммад Муъмин Мирзодар моҳи Сафари соли 903 қ. (1498 м.) дар қалъаи Ихтиёруд-дин маҳбус гардид. Хадиҷабегӣ Оғо ҳамсари хотирхоҳи Султон Ҳусайн Мирзо ва модари Музаффар Ҳусайн Мирзо ташвиш аз он дошт, ки агар Муҳаммад Муъмин Мирзо зинда бимонад, писараш Музаффар Ҳусайн Мирзоро хоҳад кушт. Вай бо Хоҷа Низомул-мулк ва авлоди ӯ, ки дар дарбор нуфуз доштанд, ҳамдаст шуд “ва дар шабе, ки Хоқони мансур[Султон Ҳусайн Мирзо]аз шурби шароби ангур бешуъур буд, ҳукми қатли он шоҳзодаи ҳамидасифотро ҳосил кард. Ҳукми қатли Муҳаммад Муъмин Мирзоро бо шитоб ба Ҳирот фиристоданд. Фардои он, ки Султон Ҳусайн Мирзо бар ҳукми худ вуқуф ёфт, аз пайи эшон

қосиде фиристод, ки ба шаҳзода Муъмин Мирзо осебе нарасонанд, вале кор аз кор гузашта буд, зеро Муҳаммад Муъмин Мирзоро кушта буданд ва ҷиҳати мағлатаи мардум ҷасади ӯро аз бурҷи қалъа ба хокрез андохтанд”.

Се рӯз пас аз ин моҷарои ҳавлноку ғамангез, Амир Алишер аз сафари Машҳад ба Ҳирот бозгашт. Вай бисёр нороҳату парешон гардид ва ҳамон дам, ки инхабарро шунид, заволи давлати Темуриёнро пешбинӣ намуд, чунонки Хондамир дар “Ҳабибус-сияр” навиштааст:

“Дар он айём чанд навбат роқими ҳуруф аз забони илҳомбаёни он амири олишаън истимоъ намуда, ки мегуфт: Воқиаи Муҳаммад Муъмин Мирзо ҳукми қатли шайх Маҷдуддини Бағдодиро дорад, зеро ки ҳамчунончӣ дар он замон тамомии вилоёт ва Хуросон ва Мовароун-наҳр ва Ироқ ба сабаби лашкар кашидани Чингизхон аз Турон ба Эрон қатли ом ёфта вайрон гашт, дар ин авқот низ ба воситаи шаноати ин ҳодиса фитнае азим, ки мусталзими тахриби билод ва таъзиби ибод бошад ба вуқуъ хоҳад пайваст. Ва фил-воқеъ пас аз он ба андак замоне сипоҳи узбек бар Хуросон истило ёфта, нузули балоё ва ҳулули зароё дар миёни бароё ба тавотур анҷомид”.

Дар тазкираи “Маҷолисун-нафоис”, маҷлиси нуҳум омадааст:“Муҳаммад Муъмин Мирзо фарзанди саодатманди Султон Бадиъуз-замон Мирзо буд, ва баҳусну ҷамол мисли ӯ дар миёни авлоди амҷоди Хоқони мағфур, Султон Ҳусайн Мирзо, ки ба хубиву латофат аз машоҳири олам буданд набуда. Аммо аз ҷаври чархи каҷрафтор ва макри мухолифони ғаддор ба ҳайфи бисёр кушта шуд, ва пеши аҳолии Хуросон муқаррар аст, ки аз шаомати он зулм буд ончӣ, ки бар салотини он мамолик расид. Табъаш ба ғоят хуб буд. Аз ӯст ин матлаъ:

Зи таб бисӯхт табибо тани балокаши ман,
Бирав бирав, ки бисӯзӣ ту ҳам бар оташи ман.”.

Мегӯянд, ки ба ҳангоми шаҳодати вай ин абёт бадиҳа аз натоиҷи табъи ваққодаш сарзада:

Манам, к-аз зарби теғам беша холӣ аз ғазанфар шуд,
Фалак ёрӣ накард эй дӯстон, душман музаффар шуд.
Ноҷавонмарде, ки беҷурмам дарин синн мекушад,
Кофире сангиндиле гаштасту муъмин мекушад.

Хабари кушта шудани Муҳаммад Муъмин Мирзо ҳамаи шоҳзодагонеро, ки дар саросари қаламрави Хуросон фармон меронданд, нороҳату андӯҳгин, балки нигарону мушавваш гардонид, зеро ки хештанро аз шарри ҳилаҳову найрангҳои Хадичабегӣ Оғо дар амон намедиданд. Чунонки дар андак муддате пас аз ин воқеъа ҳама шоҳзодагон дар манотиқи хеш сар аз фармони падар печиданд. Муҳаммад Муҳсин Мирзо дар Абевард ва Абулҳасан Мирзо дар Марв алами мухолифат барафроштанд. Султон Ҳусайн Мирзо дар Ҷамодил-аввали соли 904 қ. (1499 м.) бо лашкаре бузург ба сӯи Марв шитофт ва он шаҳрро муҳосира кард. Амир Алишер, ки дар он замон дар Ҳирот ба сар мебурд, озими Машҳад гардид ва аз онҷо қосиде назди Султон Ҳусайн Мирзо ба Марв фиристоду аз вай иҷозат хост, ки ба Ҳаҷ биравад. Подшоҳ нисбати ноамнии роҳ ба вай тавсия кард, ки аз ин азм мунсариф шавад ва назди вай баргардад, ки шаҳри Марв Шоҳҷаҳонро дар муҳосира гирифта буд. Амир Алишер бо гурӯҳе аз ёрони худ бад-он сӯ равон шуду чун ба Сарахс расид иттилоъ ёфт, ки миёни подшоҳ ва фарзандаш Абулҳасан Мирзо мусолаҳа шуда ва подшоҳ бо лашкариён ба сӯи Сарахс меоянд. Вай бо подшоҳ дар Сарахс мулоқот кард ва пас аз ду се рӯз аз подшоҳ тақозо кард, ки мансаби ҷорубкашии мазори фоизи анвор, муқарраби ҳазрати Борӣ хоҷа Абдуллоҳи Ансориро ба вай тафвиз намояд ва иҷозат диҳад, ки ба Ҳирот бозгардад. Подшоҳ фармуд:

“Модом, ки шумо дар мамлакати ман таваттун дошта бошед, ҳар илтимос, ки фармоед ба иззи иҷобат мақрун аст. Онгоҳ қомати қобилияти он ҷанобро ба хилаъи фохира ороста, шарафи иҷозат арзонӣ дошт ва амири суфисифати софизамир ба маскани маъҳуди шинохта аъозими содот ва акобири машоих ва қузот ва уламо ва фузало ва ашрофу аъёни Дорус-салтана Ҳиротро дар сари мазори файзосори Гозургоҳ ҷамъ сохту оше азим тартиб намуда ба нияти истиқомат ба ҷодаи дарвешӣ ва гӯшанишинӣ аз эшон истиқомат ҷуст”.

2. Вафоти Амир Алишер

“Султон Ҳусайн Мирзо дар Муҳаррами соли 906 қ. (1500 м.) бо вуҷуди заъфи пирӣ ба сӯи Астаробод лашкар кашид, то писараш Муҳаммад Ҳусайн Мирзоро, ки аз фармони падар сар печида буд, муҷозот кунад. Онгоҳ, ки ба Астаробод расид, Муҳаммад Ҳусайн Мирзо фирор намуд ва Султон вопас ба сӯи Ҳирот роҳӣ шуд. Чун хабари наздик шудани Султон ба Ҳирот расид, Амир Алишер бо ҷамъе аз арокини давлат ба истиқбол баромаданд ва то мавзеъи “Хоҷа Аббос” ба пешвозии подшоҳ шитофтанд. Онгоҳ, ки миҳаффаи (тахти равони) Ҳазрати султонӣ наздик расида, муқарраби ҳазрати султонӣ Амир Алишер аз асп фурӯд омад, то пеш рафта ба иззи муъонақаи подшоҳи олам муъаззаз гардад ва чун поҳои он ҷанобро қуввати рафтор намонда буд, як даст бар дӯши Хоҷа Абдуллоҳ ва дасте дигар бар китфи Мавлоно Ҷалолуддин Қосими Хондамир андохта ба латоифул-ҳиял худро ба наздики миҳаффа расонид ва ба тақбили аномили файёз қиём намуда (вале) ба воситаи истилои заъф ҳамонҷо бинишаст ва ҳарчанд хоқони саодатманд [Султон Ҳусайн Мирзо] ба забони талаттуф ва дилҷӯӣ он амири софизамирро мухотаб сохта аҳвол пурсид, аслан ҷавоб натавонист гуфт ва ин маънӣ муҷиби парешонии хотири хоқонӣ шуда фармуд, ки он ҷанобро дар миҳаффаи хосси кӯтал (музайян ба порчаҳои абрешимӣ) хобонанд ва ҳамон шаб ба шаҳр расонанд...

Онгоҳ аломати сакта дар набз ва башараи муқарраби ҳазрати султонӣ зоҳир шуда, ҷамъе ки аз илми тибб вуқуф дошта фармуданд, ки ҳам инҷо маризро фасд мебояд кард (раг зад ва хун гирифт) то сурати сиҳҳат рӯй намояд... Баъд аз фасд зиёда бар панҷ шаш сайри хун ҷараён наёфт ва мараз иштидод ёфта он ҷанобро ба манзилаш расониданд ва алас-сабоҳ тамомии атиббо ҷамъи муҷтамаъ гашта навбати дигар фасд карданд, аммо чун кор аз даст рафта, фоида надод ва ҳамон лаҳза хоқони мансур [Султон Ҳусайн Мирзо] ташриф оварда ӯро ба ғоят бешуъӯр дид ва дил бар воқиъаи ногузир ниҳода қатароти ашк аз фаввораи дида фурӯ борид ва рӯзи шанбе суъубати он ориза аз пештар бештар шуда субҳи рӯзи якшанбе мурғи рӯҳи муаттараш нафси ғолиб шикаст ва аз тангнои ҳайкали ҷисмонӣ ба мунтазаҳоти риёзи ҷовидонӣ парвоз намуд...

Хоқони мансур ва маҳди алё Хадиҷабегӣ Оғо бо соири хавотини узмо ҳамон лаҳза ба манзили муқарраби ҳазрати султонӣ ташриф оварданд ва содоту машоих ва уламо ҷамъ гаштанд. Бадани бебадилашро ба тариқаи

шариати ғарро ғусл доданд ва ҷанозаи раҳматандозаро ба идгоҳи Ҳирот бурда баъд аз адои намоз ба баландӣ, ки ба шимоли масҷиди ҷомеъ, ки ба ҳамин маслаҳат сохта шуда буд, расониданд ва ба муқтазои суннати санийяи Хайрул-барийя (алайҳис-салому ват-таҳийя) мадфун гардониданд. Ҳазрати хоқонӣ се рӯз дар таъзиятсарои ҳазрати муқаррабисултонӣ таваққуф карда... онгоҳ ба тартиби оши ҳафтум ишорат фармуд”.

Хондамир дар “Макоримул-ахлоқ” ин воқеъаро ба тафсили тамом овардааст.

Мавлоно Алии Сафӣ дар “Латоифут-тавоиф” гуфтааст: Амир Алишер барои худ дар чанд ҷо гӯрхона таъйин карда буд. Аввалӣ дар равзаи муқаддаси разавия (дар Машҳад), дуввум дар мазори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, саввум дар мазори Мавлоно Саъдуддини Кошғарӣ, чаҳорум дар паҳлӯи масҷиди ҷомеъе, ки худ сохта буд. Ин хабар ба эшон (Мавлоно Ҷомӣ) бурданд ва он мавозеъро шумурданд. (Ба сибғаи шӯхӣ) фармуданд, ки: “Оё Мир Алишер дар кадом гӯр хоҳад хусбид?”.

Хондамир муаллифи “Ҳабибус-сияр” пас аз шарҳи чигунагии маросими рӯзи ҳафтум, ки “содот ва машоих ва уламову фузалову шуаро ва судур ва вузаро, балки тамомии фирақи бароё... дар саҳрои Ҳавзи моҳиён, ки дар шимоли идгоҳи Дорус-салтана Ҳирот аст ҷамъ омаданд”.

Аз қасоид ва қитаъоти манзум ёд мекунад, ки шуаро ва фузало дар торихи вафот ӯ сурудаанд, ки аз он ҷумла аст:

Мири динпарвар Алишер онки буд,
Ақлу рояш мулку миллатро паноҳ.
Дар ҳидоят ҳодии роҳи ҳудо,
Дар вилоят волии дини Илоҳ.
Оқибат з-ин тангно омад ба танг,
Шуд сӯи Фирдавс бо сад иззу ҷоҳ.
Дар Ҷинон пурсид аз торихи фавт,
Гуфт Ризвонаш вилоят интибоҳ.

Хондамир инро сурудааст:

Ҷаноби Амири ҳидоятпаноҳӣ,
Ки зоҳир аз ӯ гашт осори раҳмат.
Шуд аз хорзори ҷаҳон сӯи боғе,

Ки онҷо шугуфтаст гулзори раҳмат.
Ва нозил шуд анвори раҳмат ба рӯҳаш,
Биҷӯ соли фавташ зи анвори раҳмат.

Ки аз лафзи “анвори раҳмат” соли торихи вафоти Амир Алишер 906 қ. (1500 м.) истихроҷ мешавад.

Мавлоно “Соҳиб”, ки аз мусоҳибони Амир Алишер буда, марсияе дар вафоти Мир Алишер сурӯда, ки аз як мисраъ аз абёти он қасида торихи вафот бармеояд ва аз мисраъи дигар торихи вилодат. Ин қасида дар тазкираи “Маҷолисун-нафоис”, тарҷумаи Ҳакимшоҳ Муҳаммади Қазвинӣ ба сабт расида, ки банди аввали он нақл мешавад:

Эй фалак бедоду бераҳмӣ бад-ин сон кардаӣ,
В-эй аҷал мулки ҷаҳонро боз вайрон кардаӣ.
Карда бар ҷонҳо камин, бинҳодаӣ доми ъано,
Ҳар замон аз кинаҷӯӣ қасди сад ҷон кардаӣ.
Бар ҷаҳонбонон чӣ мегӯӣ ҳасад набвад маро,
Аз ҳасад боре ҷаҳонро бе ҷаҳонбонон кардаӣ.
Кардаӣ гоҳ аз ҷафо ҳайрон дили сад аҳли дин,
Гаҳ зи кин қасди ҳалоки сад мусалмон кардаӣ.
Оламеро кардаӣ аз ҳузн пажмон дамбадам,
Аҳли оламро ба кин маҳзуну пажмон кардаӣ.
Кай раҳо созӣ азизонро зи зиндони ҳазан,
Аз ҷафокорӣ, ки чу Юсуф ба зиндон кардаӣ.
Осмоно бар дилу ҷонҳои диндорон аз он,
Ҷаври беҳадду ҷафоҳои фаровон кардаӣ.
К-аз дилу ҷонҳои эшон ҳеч ҷо нояд бурун,
Ноумедиву бало, ранҷу ъано гардад фузун.

Ва ин байти зебо аз Хоҷа Осифӣ аст:

Ҳайф азон андомҳои ҳамчу гул дар зери гил,
Бо гуландомон аз ин савдо фаровон кардаӣ.

***

3. Суханоне дар фазоили Амир Алишер

Фахрии Ҳиротӣ дар тазкираи “Маҷолисун-нафоис” дар маҷлиси нуҳум, дар бораи Амир Алишер пас аз онки дар замони Султон Ҳусайн Мирзо ба Ҳирот омад навиштааст:

Фалак ончунонаш навозиш намуд,
Ки чун дӯсташ душман аз ҷон сутӯд.
Дигар кору бораш ба ҷое расонд,
Ки чашми ҷаҳонбин дар ӯ хира монд.

Аввал ба мансаби муҳрдорӣ муфавваз гардид, ва охир тарбияти ӯ ба ҷое расид, ки ихвони номдор ва фарзандони комгори Султони соҳибқирон мулозимати ӯро шарафи худ дониста, ифтихор менамуданд. Ва бо вуҷуди чунин давлат, ки осори азамати он ҳанӯз намудор аст, дарвеширо муқаддам медонист ва дақиқае аз дақоиқи тариқи аҳли сулук номаръӣ намегузошт. Чунончӣ як бор ба ихтиёри худ даст аз муҳиммоти дунявӣ боз кашид, ва ба гӯшаи кошонаи тақво ва тоат, ки сармояи саодати уқбо аст, мутаваҷҷеҳ гардид. Чун умури салтанат вобаста ба раъйи оламорои ӯ буд, Султони соҳибқирон инони азимати ӯро гирифта аз он водии таклиф муроҷиат фармуд, ва мулки Астарободро, ки пойтахти Мозандарон аст ба ӯ арзонӣ дошт ва Мир онҷо рафта муддати як сол сокин буд. Боз муроҷиат намуд, чун хотираш мудом майл ба дарвешӣ дошт, баъд аз як сол ба мулозимати Соҳибқирон омад ва нарафт, ва саманди ҳиммат бар сари андешае, ки ҳамеша дошт, биронд ва чунон таваҷҷуҳ фармуд, ки Султонро маҳалли дархост намонд ва сипоҳу асоси сипоҳдории худро ба Султон супурд ва рӯй ба тарбияти арбоби фазлу камол овард. Ҳар рӯз ҳафтоду панҷ ҳазор динор ба хазонаи Мир фурӯ меомад ва понздаҳ ҳазор ба харҷ берун мерафт ва ҳарсола ҳазор даст сару пой (либос) ба масокин муқаррар кард ва сесаду ҳафтод буқъаи хайр сохт.

Зоҳир нашудба ҳамнафас ошнову ғайр,
Чизе ба ғайри хайр аз он оқибатбахайр.

Ва он миқдори бемислу нодир аз хаттот ва хонандаву созанда ва наққошу музаҳҳибу мусаввиру муҳаррир ва муаммоиву шоир, ки ба тарбияти ӯ дар нашъу намо омада маълум нест, ки дар ҳеҷ замоне ҷилва карда бошад. Ӯ низ аз фунуни ин ҷамоъат баҳраи тамом дошт, хосса дар шоирӣ. Ва пеши туркони хирадманди фозил муқаррар аст, ки то баёни

назми туркӣ шуда мисли ӯ касе қадам дар он водӣ наниҳода, хусрави он қаламрав ӯст ва ӯро қаринаи Абдурраҳмон медонанд.

Заҳируддин Муҳаммади Бобур дар асари маъруфи худ “Тузук Бобурӣ” (Бобурнома) фасле ба Амир Алишер ихтисос додаву дар он гуфтааст:

“Дигар Алишер Бек” (вай) бекӣ ӯ [Султон Ҳусайн Мирзо] не, балки мусоҳибаш буд. Дар хурдӣ ҳаммактаб буда бо ҳам хусусиятҳо доштаанд. Намедонам Султон Абусаид Мирзо ба кадом гуноҳ ӯро аз Ҳиро ихроҷ намуд. (Алишер ба Самарқанд) рафт. Чанд соле дар Самарқанд сипарӣ кард. Аҳмад Ҳоҷӣ Бек мураббӣ ва муқаввияш буд. Алишер Бек ба нозукмизоҷӣ машҳур аст. Мардум назокаташро аз ғурӯр ва давлаташ медонистанд, дар ҳоле ки чунин набуда ва ин сифати ҷибиллии ӯ будааст. Ҳангоми иқомат дар Самарқанд низ ҳамин гуна нозукмизоҷ будааст.

Алишер шахси беназире буд. То ба забони туркӣ шеър гуфтаанд, ҳеч кас ба қадри ӯ зиёду хуб нагуфтааст. Шаш китоби маснавӣ назм кардааст. Панҷтои он ба ҷавоби хамсаи Низомӣ ва яке дигар дар вазни Мантиқут-тайри Аттор суруда шуда ва “Лисонут-тайр” ном дорад. Чаҳор девони ғазал тартиб додааст ба номҳои “Ғароибус-сиғар”, “Наводируш-шабоб”, “Бадоиъул-васат” ва “Фавоидул-кибар”. Рубоиёти хубе ҳам дорад. Ҳамчунон баъзе мусаннафоте дорад, ки аз ин осори зикршуда фурӯдтар ва сусттар мебошад. Аз он ҷумла ба тақлиди Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, иншоҳои худро ҷамъу тартиб кардааст. Дигар арӯзе навиштааст ба номи “Мизонул-авзон”, ки бисёр мадхул мебошад. Аз бисту чаҳор вазни рубоъӣ дар чаҳор вазн иштибоҳ намудааст. Дар авзони баъзе буҳур низ хато кардааст. Агар касе таваҷҷуҳ кунад, хоҳад ёфт.

Девони форсӣ низ тартиб додааст. Дар назми форсӣ “Фонӣ” тахаллус мекард. Баъзе абёташ бад нест, вале аксар сусту фурӯд мебошад. Ҳамчунон дар мусиқӣ низ чизҳои хубе бастааст. Нақшҳои хубу пешравҳои хубе дорад.

Касе, ки ба қадри Алишер Бек мураббӣ ва муқаввии аҳли фазлу ҳунар бошад, ҳаргиз пайдо нахоҳад шуд. Устод Қулмуҳаммад ва Шайхими Нойӣ ва Ҳасани Ъудӣ, ки дар соз саромади ҳама будаанд, ба асари тарбият ва тақвияти Мир Алишер ба ин пояи тараққӣ ва шуҳрат

расиданд. Ба асари саъю эҳтимоми ӯ, устод Беҳзод ва Шоҳ Музаффар дар тасвиргарӣ чунин машҳур ва маъруф гардидаанд. Камтар касе пайдо мешавад, ки битавонад ба қадри ӯ биноҳои хайр обод карда бошад.

Писару духтар ва аҳлу аёл надошт. Зиндагиро бо таҷарруд ва танҳоӣ сипарӣ намуд. Дар авоил “муҳрдор” буд, дар авосит “бек” гардида, чанд гоҳе дар Астаробод ҳукумат кард. Дар авохир сипоҳигариро тарк намуд. На танҳо аз Мирзо (Ҳусайн) чизе намегирифт, балки ҳарсол маболиғи ҳангуфте ба Мирзо пешкаш менамуд. Ҳангоме, ки Мирзо (Султон Ҳусайн) аз лашкаркашии Астаробод бармегашт, ба истиқбол омад, дар вақти рӯбусиву таъзим ҳолаш дигаргун шуд, таъзим карда натавонист, ӯро бардошта бурданд. Табибон аслан ташхис дода натавонистанд. Фардояш ба раҳмати эзидӣ пайваст. Як байти ӯ ҳасби ҳол воқеъ шудааст:

Бу дард илаки улармен, мараз чу зоҳир эмас,
Табиблар бу балога не чора қилғайлар.

Тарҷума: Бо ин дард мемираму маразам маълум нест, табибон чигуна чораи ин балоро хоҳанд кард.[4]

***

[4] Нақл аз Бобурнома, тарҷумаи Шафиқа Ёрқин, ба кушиши Ғуломсахӣ Ғайрат, 1388 хуршедӣ, Кобул.

4. Фазоил, сифот ва камолоти дигари Низомуддин Амир Алишер

Ба туркизабон нақше омад аҷаб,
Ки ҷодудамонро бувад муҳри лаб.
Зи чарх офаринҳо бар он килк бод,
Ки ин нақши матбуъ аз он килк зод.

Қарни нуҳуми ҳиҷрӣ дар арсаи торихи адаб ва фарҳанги забони форсӣ ҷойгоҳи вижаву мақоми хосе дорад. Он ҳама шоирону адибон ва торихнигорону муаллифону мутарҷимон ва ҳунармандону наққошону мусиқидонон ва соири пешаварзони моҳиру варзида, ки дар ин қарн падид омадаанд, на қабл аз он вуҷуд дошта ва на баъд аз он ба вуҷуд омадаанд.

Низомуддин Амир Алишер яке аз ситорагони фурӯзони ин қарн дар осмони фазлу адаби Хуросон аст. Ҳамонгуна, ки қарни нуҳуми ҳиҷрӣ қарне истисноӣ ба шумор меравад, Амир Алишер низ бо доштани баъзе фазоил ва камолот, шахсияте истисноӣ шинохта мешавад, ва бо онки дар арсаи шеъру адаб ва таҳқиқу таълиф ва тарҷума касоне ҳастанд, ки ононро метавон ҳамсанги вай ва ё аз вай бартар донист, вале ҳисси донишпарварӣ, некӯкорӣ ва табаҳҳури ӯ дар забону адаби туркӣ аз хасоисе ҳаст, ки ӯро аз дигарон мутамоиз ва мустасно сохта ва ба вай вижагии хосе мебахшад, зеро дар ин хасоис ҳеч кас бо вай муштарак нест.

Эдвард Браун муаллифи таърихи адабии Эрон менависад: “Аҳаммият ва азамати Мир Алишер ҳам аз ҷиҳати нависандагӣ ва ҳам аз ҳайси пуштибонии ӯ аз аҳли фазл ба қадре зоҳиру намоён аст, ки метавон ӯро бемуболаға Мосиноси[5] замон ва кишвари худи ӯ хонд”.

Ва дар ҷои дигар менависад: “Мадрасаи Ҳирот, ки махсусан ашъори ғиноӣ ва ғазалиро парвариш дод, ба ҳасаби санъату ороиши калом имтиёз дод, дар нимаи қарни понздаҳум ва дар дарбори дурахшони Султони фазилатдӯст ва адабпарвар, Ҳусайн Бойқаро ба авҷи камоли худ расид ва дар онҷо маънан ва моддатан адаб дар қолаби таълифоти адидаи ду марди адиби бузурги замон, яке “Ҷомӣ” тахаллус ва дигар вазире Мир Алишер, ҷамъ ва суратпазир гардид. Аз онҷо, ки ин ду

[5] Мосинос (Maecenas Cilinias) номи яке аз бузургони Руми қадим аст, ки ҳомии адаб буд ва дӯсти Ҳирос, шоири бузурги лотин будааст. Мутаваллид ба соли 73 ва мутаваффо ба соли 8 қабл аз милод.

нависандаи олимақом, ду ситораи раҳнамои адаби туркии усмонӣ дар саросари давраи дуввум мебошанд... Мир Алишер Навоӣ вазири Султон Абул-ғозӣ Ҳусайн, гузашта аз инки худ яке аз шуарои қобили таваҷҷуҳ махсусан ба забони туркӣ мебошад, ҳомиву тарафдори кариме барои удабову фузалои замони худ шумурда мешавад, чунонки дар фарру шукӯҳи адабӣ шаҳри Ҳирот дар давраи ахири Темуриён ҳамсону ҳамсанги шаҳри Ғазна дар аҳди Султон Маҳмуди Ғазнавӣ менамояд”.

***

5. Амир Алишер дар арсаи шеъру шоирӣ

Амир Алишер ба Зул-лисонайн шуҳрат дорад, зеро ба форсӣ ва туркӣ шеър месуруд. Дар ашъори форсӣ “Фонӣ” ва дар ашъори туркӣ “Навоӣ” тахаллус мекард. Ва дорои девони форсӣ ва туркӣ ҳаст. Девони форсии ӯ қариб ба панҷ ҳазор байт аст ва басо аз ғазалҳои ӯ ба истиқбол аз шоирони пешин суруд шуда ва ҳамчунон баъзе ғазалҳои муршид ва махдуми худ “Ҷомӣ”-ро низ истиқбол кардааст.

Дар бораи нақди ашъори ӯ дидгоҳҳои мутафовите вуҷуд дорад. Амир Давлатшоҳи Самарқандӣ дар Тазкиратуш-шуаро менависад: “Дар овони шабоб Зул-лисонайн шуда ва дар шеваи туркӣ соҳиби фан гардид ва дар тариқи форсӣ соҳиби фазл... бо вуҷуди форсӣ дар ҷанби шеъри комилаш, чист ашъори Заҳир ва кист боре Анварӣ? Ашъори туркӣ ва форсӣ хулосаи табъи шарифаш ва гуфтану шугуфтани муаммо хосаи фикри латифаш ва бар ҳар чанд рӯзе мавҷи дарёи донишаш иқди дурари манзум ва мансур барменишонд вааҳли олам дар гӯш мегиранд, балки зевари гӯши аҳли ҳуш мекунанд.

Чашми гардун бо ҳазорон дида охир кур нест,
То туро бинад ба дасти дигаре надҳад ъинон.

Ончӣ то имрӯз аз он табъи латиф содир шуда дар туркӣ ҷавоби хамсаи Шайхул-ориф Низомӣ аст (раҳматуллоҳи таъоло алайҳ), ки қабл аз ин Амири Кабир, ҳеч кас бар чунин фазле иқдом нанамуда, ал-ҳақ доди маъонӣ дар он достон дода ва мо ду байт аз достони Лайлӣ ва Маҷнун ба истишҳод меоварем, ки дар Баҳориёт аст ва ташбиҳоту хаёлоти баланд дар ин ду байт аст ва боқӣ абёт дар он мундариҷ аст:

Марз узра кияр себарга ҷавшан,
Шашпар кӯтарур бошиға савсан.
Лола ва рақин бериб сибоға,
Бағри қародик ӯ чорҳавоға.

Табъи латиф саноеъ вабадоеъи боқии абётро аз ин ду байт маълум кунад ва бар сабили одат, ки дар ин таълиф ҷорӣ аст, аз рӯи густохӣ аз каломи туркӣ ва форсии ин Амири Кабир чанде хоҳем овард то пеши фузало намудорӣ бошад ва аз он ҳазрат баъдал-явм ёдгорӣ, ва дар ҷавоби қасидаи “Баҳрул-аброр”-и Хоҷа Хусрави Деҳлавӣ (Амир Хусрав) ин Амири Кабирро қасидае ғаррост ва гумони муаллиф чунон аст, ки ин ҷавоб бар аҷвибаи дигарон фазл дорад”.

Гуфтанӣ аст, ки қасидаи “Баҳрул-аброр”-и Амир Хусрави Деҳлавиро бисёре аз шоирон, аз он ҷумла Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ҷавоб гуфтаанд ва Мавлоно Ҷомӣ ҷавобияи худро “Луҷҷатул-асрор” номидааст:

Кунгури айвони шаҳ, к-аз кохи Кайвон бартар аст,
Рахнаҳо дон к-аш ба девори ҳисори дин дар аст.
Чун саломат монад аз тороҷ нақди ин ҳисор?
Посбон дар хобу бар ҳар рахна дузде дигар аст.

Амир Алишер қасидаашро “Туҳфатул-афкор” хондааст:

Оташин лаъле, ки тоҷи хусравонро зевар аст,
Ахгаре баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст.
Шаҳ, ки ёди марг н-орад, з-ӯст вайронии мулк,
Хусрави беоқибат хусри билоду кишвар аст.
Қайди зинат мусқити фарру шукӯҳи хусравист,
Шери занҷирӣ зи шери беша камсавлаттар аст.

Ин қасида ҳовии ҳафтоду ду байт аст, ки баъзе аз тазкиранависон онро нақл кардаанд, чунонки Давлатшоҳи Самарқандӣ онро дар “Тазкиратуш-шуаро” овардааст. Ва дар рисолаи кӯчаке, ки оқои Абдулғанӣ Мирзоев зери унвони “Алишер Навоӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ” дар шаҳри Душанбеи кишвари Тоҷикистон дар соли 1968 м. (1347 ш.қ.) ба чоп расонида, қасидаи “Луҷҷатул-асрор”-и Ҷомӣ ва “Туҳфатул-афкор”-и Навоиро бо даҳ ғазали Ҷомӣ ва даҳ ғазали ҷавобияи Амир Алишер Навоӣ (Фонӣ) шомил сохтааст. Ин рисола ба забони русӣ низ тарҷума шудааст.[6]

***

[6] Нусхае аз ин рисоларо оқои Абдулғанӣ Мирзоев ба торихи 2 феврали соли 1969 ба марҳум устод Муҳаммадсаиди Машъал эҳдо намуда ва он устоди бузургвор ҳамон нусхаро ба ин нигоранда, ки гаҳгоҳ дар солҳои ахири ҳаёти эшон ба хидмат мерасидам, эҳдо намуда, ки акнун дар дастраси ман мебошад.

6. Амир Алишер, бунёнгузор ва падари шеъри туркӣ

Давлатшоҳи Самарқандӣ мегӯяд: “Агарчӣ Амир Хусрав муқаддам ва соҳиби фазл аст ва дар “Баҳрул-аброр” маъорифу ҳақоиқ ва хаёлоти дақиқаи ӯ назди орифон мукаррам ва муаззаз аст, аммо ин Амири Кабир низ доди маъонӣ дода ва дар шоириву суханпарварӣ ва намудани хаёли хос тақсире накарда:

Ин ҳаст ҷавобе на кам аз гуфтаи Хусрав,
Балк-ин ду сухан хубтар аз якдигар афтод.

Ва девони туркии Амири Кабир (Амир Алишер) зевари маҷолиси салотин ва акобир аст ва навои арғунуни Навоӣ ушшоқи бенаворо ба роҳи рост меоварад ва мухолифон аз садои сарири килкаш мағлубанд ва оҳанги хусравонияш маҳбуби Султон Ҳусайнӣ, зиҳӣ овозае, ки аз диёри Турк то ҳадди Ҳиҷоз бирафт ва зиҳӣ дабдабае, ки аз Нишопур то ба Исфаҳон расид”.

Давлатшоҳи Самарқандӣ, ки худ муосири Амир Алишер аст, қасидае ғарро дар мадҳи ӯ сурӯда, ки ҳовии 26 байт аст, ки як байт туркӣ ва дигарӣ форсӣ аст ва суханашро дар бораи Амир Алишер бо ин дуъо ба фарҷом расонидааст:“Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло сояи зоти шарифи ин Амири Кабирро солҳо бар мафориқи шикастаҳолон мумаддад дорад, биннабӣ ва олиҳил-амҷод!”.

Ҳол бубинем, ки Амир Алишер дар бораи Амир Давлатшоҳи Самарқандӣ, соҳиби китоби маъруфи “Тазкиратуш-шуаро” чӣ гуфтааст. Дар тарҷумаи тазкираи “Маҷолисун-нафоис”, маҷлиси панҷум, шумораи (322) ба Амир Давлатшоҳ ихтисос ёфта ва дар он омадааст:

“...Амир Давлатшоҳ бисёр ҷавоне хуштабъ ва дарвешсифат ва басалоҳият аст ва аз иморату азамат, ки оини обову аҷдоди ӯ буд гузашт, ва сарриштаи фақру қаноат ва даҳқанат ба даст овард ва муддати айёми зиндагонӣ, ки нақди умр иборат аз он аст, ба касби фазоил ва камолот, ки зебу зинати инсон аст нисор кард, ва бар мазмуне, ки ин мухтасар навишта мешавад “Маҷмаъуш-шеър” тасниф карда, ки ҳар кас мутолаъа мекунад, истеъдоду камолоти ӯро медонад. Аз ӯст ин матлаъ:

Зиҳӣ аз офтоби оризат чашми ҷаҳон равшан,
На чашм он равшанӣ карда диламро хонумон равшан”.

Амир Алишер хамсае ба тақлид аз “Хамсаи Низомӣ” ба забони туркӣ сурӯда, ки шомили маснавиҳои “Ҳайратул-аброр”, “Фарҳод ва Ширин”, “Лайлӣ ва Маҷнун”, “Сабъаи сайёра” ва “Садди Сикандарӣ” аст. Ба қавли Абдулвосиъи Бохарзӣ дар китоби “Мақомоти Ҷомӣ”:[7]

“Қабл аз онки аз савод ба баёз равад, нахуст аз рӯи хусусият ва иттиҳод пеши он ҳазрат (Ҷомӣ) фиристод, ки агар дар назари қабули эшон қобилияти он дорад, ки бетасарруф ва тағйире, безиёдат ва нуқсон ба сафаҳоти саҳоиф нақл кунанд, фаҳувал-мурод ва агар чунонки ба шарафи иртизо иқтирон намеёбад, бар тоқи нисён гузошта, ъанони эътино аз савби шурӯъ дар он кашида дорад. Ва он ҳазрат (Ҷомӣ) ба забони машҳун ба фунуни зароъат ва ниёз тарғибу таҳсини бисёр фармуд, чунонки аз мантуқи китоби набоҳати интисоби Сикандарнома зоҳиру боҳир аст”.

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар ахири маснавии “Ҳафт авранг” яъне поёни “Хирадномаи искандарӣ” ба ин мавзуъ ишора дорад ва аз “хамса” ё “панҷ ганҷ”-и Амир Алишер бисёр тавсиф мекунад:

Ба туркизабон нақше омад аҷаб,
Ки ҳодудамонро бувад муҳри лаб.
Зи чарх офаринҳо бар он килк бод,
Ки ин нақши матбуъ аз он килк зод.
Бибахшид бар форсигавҳарон,
Ба назми дарӣ дури назмоварон.
Ки гар будӣ он ҳам ба назми дарӣ,
Намондӣ маҷоли сухангустарӣ.
Ба мизони он назми муъҷизнизом,
Низомӣ кӣ будиву Хусрав кадом.
Чу ӯ бар забони дигар нукта ронд,
Хирадро ба тамйизашон раҳ намонд.
Зиҳӣ табъи ту устоди сухан,
Зи мифтоҳи килкат гушод сухан.
Суханро, ки аз равнақ афтода буд,
Ба кунҷи ҳавон рахт бинҳода буд,
Ту додӣ дигарбора ин обрӯй,
Кашидӣ ба ҷавлонгаҳи гуфту гӯй.
Сафоёб аз нури раъйи ту шуд,

[7] Мақомоти Ҷомӣ, ба тасҳеҳи Наҷиб Моили Ҳаравӣ.

Навое зи лутфи навои ту шуд.
Бар ин нахли назме, ки парвардаам,
Ба хуни дилаш дар бар овардаам,
Нашуд боъисам ҷуз сухандоният,
Ба дастури дониш суханронияг.
Чӣ хезад зи мадхал, ки эҳсон кунад,
Чӣ ояд зи таҳсин, ки нодон кунад.
Ба лутфи сухан гар сутӯдам туро,
Ҳадди дониши худ намудам туро.

Ин мадҳу ситоиши Мавлоно Ҷомӣ, мақому манзалати Амир Алишерро дар шеъри туркӣ мерасонад, ки ал-ҳақ вай дар ин арса мақоме воло дошта ва ӯро бо вуҷуди соири шоирони туркигӯй дар ин аср, бунёнгузор ё падари шеъри туркӣ хондаанд.

Адабиёти туркӣ дар қарни нуҳуми ҳиҷрӣ дар дарбори Темуриён ба сурати густурдае ривоҷ дошта ва душ ба души забони форсӣ интишор меёфтааст ва ҳатто шоҳону шоҳзодагон ва умарои Темурӣ монанди: Улуғбек, Бойсуғур, Мирзоҳайдари Дуғлот ва Султон Ҳусайн Мирзо ба забони туркӣ шеър мегуфтанд. Вале Амир Алишер бо онки дар ҳарду забон шеър гуфта, вале кушидааст руҷҳон ва бартарии забони туркиро бар забони форсӣ ба исбот бирасонад, чунонки дар ин бора рисолае ба номи “Муҳокаматул-луғатайн” ба забони туркӣ таълиф кардааст.

Адибон, суханшиносон ва муҳаққиқоне, ки ашъори Амир Алишерро ба накд гирифтаанд, появу мақоми ӯро дар шеъри туркӣ нисбат ба шеъри форсӣ бартару волотар донистаанд. Заҳируд-дин Муҳаммад Бобур, муассиси давлати Темуриён дар Ҳиндустон, ки аз нубуғи саршоре бархурдор буда, дар китоби маъруфи худ “Тузук Бобурӣ” ё “Бобурнома”, ки ба забони туркии чағатоӣ навишта ва Эдвард Браун дар Таърихи адабии Эрон аз он нақли қавл карда менависад:“Шуҳрати шоирии Мири мазкур бештар дар ашъори туркии ӯст ва камтар дар шеъри форсӣ, ҳарчанд ки назар ба пуштибонӣ ва ташвиқи бисёре, ки аз анвоъи фунуни адабу ҳунар карда, номи ӯро дар таворихи адабиёти форсӣ бояд ба иззату ҳурмат ёд кунанд”.

Бинобарин яке аз мушаххасот ва сифоти мумайиизаи Амир Алишер, ки ӯро ба шахсияте бебадил ва беҳамто дароварда ва аз дигарон мутамоиз сохта, истеъдоду лаёқату табаҳҳури ӯ дар забону адабиёти туркӣ будааст ва дар ин ҳамагон муттафиқул-қавланд.

7. Донишпарварӣ ва ҳимояти Амир Алишер аз шоирону донишмандон.

Пуштибонӣ ва ҳимояти Амир Алишер аз шоирону донишмандон ва наққошону ҳунарварон дар ғанои забон ва адаби фарҳанги форсӣ нақше бас муҳим ва басазо дошта ва боис шуда то осори арзишманд ва гаронбаҳо дар бисёре аз арсаҳо падид ояд ва ҷовидона гардад. Давлатшоҳи Самарқандӣ дар “Тазкиратуш-шуаро” дар васфи ӯ гуфтааст:

“Ин Амири Кабир бо вуҷуди эҳтишому ҳукумат доимо ба фазилат кушидӣ ва бо арбоби фазл суҳбат доштӣ ва табъи кариму зеҳни мустақимаш ба гуфтани ашъор ва шунидани осор ва ахбор мулаъ будӣ... ва Султон Бобур подшоҳе буд суханшинос ва ҳунарпарвар ва доимо бар лутфи табъи ваққод бар ин Амири Кабир офарин кардӣ ва аҳёнан дар туркӣ ва форсӣ шеъре аз муншаоти ин Амири Кабир мутолаъа намудӣ ва ба алтофи бедареғаш мустафид ва ба дуои хайраш мадад фармудӣ:

Покбозон назар аз раҳгузаре ёфтаанд,
Тутиёи басар аз хоки даре ёфтаанд.

Ал-явм ин Амири Кабир ҳомии дину давлат ва пушту паноҳи шаръу миллат аст, Хусрави рӯзгор аз насоиҳи муфидаш мустафид ва асҳоби маносибу арбоби маротиб аз суҳбати шарифаш машкуру розӣ. Маҷлиси маниъаш мақсиди фузалост ва даргоҳи рафиъаш марҷаъи зуъафову фуқаро. Хони неъматаш барои маҳҷурони неъмат муҳайё намуда ва боби карамаш бар рухи ниёзмандон доиман гушода, оре:

Хайрот чунин лутфи Худое бошад,
Не аз сари шуҳрату риёе бошад.
Соҳибназаре, ки сираташ хайру атост,
Биллаҳ, ки ҳидояташ атое бошад.

Золика фазлуллоҳи ютиҳи ман яшо – табъи шарифу унсури латифи ин Амири Кабир бо вуҷуди тақарруби ҳазрати Султон ва такаффули маҳомми мусулмонон ва равнақи шаръу суннат ва тадбири мулку миллат доимо ба фазлу илм иштиғол дорад. Ҷалиси ӯ ҷуз некӯтабъеву фозиле нест (аниси хотираш ҷуз аҳли дил не), гаронон ба чашмаш сабук менамоянд, балки ноаҳлон ба маҷлиси латифаш дарнамеоянд.

Мо дар ба рӯи мардуми ноаҳл бастаем,
Варна ба ҳеч боб дари мо ба кор нест.”.

Ин буд гуфтори Давлатшоҳ.

Аз суханони муаррихону тазкиранигорон ва мутарҷимони осор бармеояд, ки Амир Алишер дар пуштибониву ҳимоят ва мусоҳибату муоширaт бо шоирону донишмандон ва ҳунарварон бисёр мекушида ва аз молу дороии худ маболиғи ҳангуфте дар ҷиҳати ташвиқи эшон харҷ мекарда ва ҳатто бисёре аз эшон зери назар ва тарбияти вай будаанд.

Дар тазкираи “Маҷолисун-нафоис” дар маҷлиси чаҳорум ба шумораи (207), тарҷумаи Фахрии Ҳиротӣ Амир Алишер навиштааст:

“Устод Қулмуҳаммад аз Шубурғон аст ва аз хурдӣ боз осори қобилият дар ӯ мушоҳад, ва ғичакро нек менавохт, ба тарбияти ӯ иштиғол намуда шуд, кораш ба мақоме расид, ки устодони мутааддид мусаннафоти ӯро ёд гирифта ба шогирдии ӯ мубоҳот карданд. Толибилмӣ ҳам кард ва дигар фазоил низ дорад. Мисли маърифати тақвим ва хатту наққошӣ. Аммо уд ва ғичак ва қӯпузро чунон навохт, ки дар асри ӯ касе дигар натавонист, ва қавоиди муамморо низ мазбут медонад. Ин муаммо ба исми “Нур” аз ӯст:

Хуш он мутриб, ки сози худ навозад,
Якеро аз наво хушҳол созад”.

Ҳилолии Чағатоӣ ғазалсарои бузурги авохири қарни нуҳум ва авоили қарни даҳуми ҳиҷрӣ, низ дар зумраи шоироне ҳаст, ки мавриди таваҷҷуҳи Амир Алишер буда ва аз вай ҳимоят ва пуштибонӣ кардааст.

Сом Мирзои Сафавӣ дар “Туҳфаи Сомӣ” пас аз онки аз ҳусни сурат ва мақоми ӯ дар шеъру шоирӣ тавсиф мекунад, менависад: “(Ҳилолӣ) як бор гуфт, ки: Навбати аввал, ки ба мулозимати Амир Алишер расидам, ин матлаъ гуфтам:

Чунон аз по фиканд имрӯз он рафтору қомат ҳам,
Ки фардо барнахезам, балки фардои Қиёмат ҳам.

Ва бар эшон хондам. Бисёр хуш омад (Амир Алишер) пурсид: Тахаллуси ту чист? Гуфтам: Ҳилолӣ. Фармуд, ки: Бадрӣ, Бадрӣ. Ва маро бар мутолаъа таҳриз намуда ба таҳсил иштиғол намудам.”.

Ризоқулихони Ҳидоят дар “Маҷмаъул-фусаҳо” низ ҳамин воқеъаро бад-ин гуна баён кардааст:

“Ҳилолӣ дар ҷавонӣ ба Ҳирот рафта, ба ҳусни сурат ангуштнамои халоиқ буда. Чун ба маҷлиси Амир Алишери Навоӣ даромад ва изҳори мавзуният кард Амир аз ӯ байте хост, ин матлаъи худ фурӯ хонд:

Чунон аз по фиканд имрӯз он рафтору қомат ҳам,
Ки фардо барнахезам, балки фардои Қиёмат ҳам.

Амир аз тахаллусаш пурсиш фармуд, гуфт: Ҳилолӣ. Амир гуфт: “На Ҳилолӣ, Бадрӣ, Бадрӣ” ва бар қадру ҷоҳаш барафзуд то аз мақоми ҳилолият ба мартабаи бадрият расид”.

Шумори касоне аз аҳли илму фазлу адаб, ки аз ҳимояти бедареғи Амир Алишер баҳраманду бархурдор будаанд, беш аз он аст, ки дар ин мақол бигунҷад, лоҷарам ба ҳамин миқдор басанда шуд. Ногуфта набояд гузашт, ки торихи забону адаб ва фарҳанги форсӣ шахсияте чун Амир Алишерро суроғ надорад, ки дар арсаи донишгустарӣ ва ҳунарпарварӣ ва пуштибонӣ аз донишмандону ҳунарварон ин ҳама саъю талош мабзул дошта ва аз молу дороии худ дар ин роҳ ба масраф расонида бошад, бинобарин вай дар ин арса шахсияте барозанда, фарде мумтоз ва мустасно аз дигарон аст.

Ин мабҳасро бо бахше аз суханони Заҳируддин Муҳаммад Бобур, муассиси давлати Темурӣ дар Ҳиндустон поён мебарам:

“Вай (Амир Алишер) ҳомиву пуштибони бузурги саноеъи зарифа ва адабиёт буд ва наққошони замон монанди Беҳзод ва Шоҳ Музаффар, ки дар он замон шуҳрати азим ҳосил карданд, ғолибан мадюни ташвиқи ӯ мебошанд. Вай марде диндор ва мусалмоне мутаассиб ва мултазими риъояти одоби шариъат буд. Ба шатранҷ шавқеву валаъе бисёр дошт. Аз ин ҷиҳат ӯ бар Пир Муртози Ҳаким сабқат гирифта буд, ки ӯ дар замони воҳид бо ду ҳарифи моҳир шатранҷ мебохт, бо яке дар ҳузур ва бо дигарӣ дар ғиёб”.

8. Муносибот ва равобити дӯстӣ ва маваддат ё ходим-махдумӣ миёни Амир Алишер ва Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ.

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ бузургтарин шоиру нависанда ва муаллиф ва мутасаввифи қарни нуҳуми ҳиҷрӣ, аз басо ҷиҳот шахсияте бебадил на танҳо дар замони худ шинохта мешавад, балки дар азминаи мо қабл ва мобаъди вай низ ҳамчу шахсияте суроғ надорем. Яке аз вижагиҳои ӯ ин будааст, ки ҳеч як аз бузургони шеъру адаб ва машойих ва мутасаввифин ва урафо, назди подшоҳон ва салотини замон ва вузарову умаро ва донишиён ва оммаи мардум ба паймонаи ӯ мақому манзалат надошта ва бо иззату ҳурмат назистаанд. Ба қавли Абдулғафури Лорӣ дар такмилаи ҳавошии “Нафаҳотул-унс”-и Ҷомӣ:

“Ин навъ таъзим ва тавқир, ки аз подшоҳони замон нисбат ба эшон воқеъ мешуд, аз ҳеч кас аз салотин ва ҳукками рӯзгор нисбат ба ҳеч як аз машоихи кибор воқеъ нашуда аст”.

Робитаи ӯ бо Амир Алишер робитаи устод шогирдӣ, махдум ходимӣ ва мурод муридӣ будааст. Амир Алишер худашро ходими Мавлоно Ҷомӣ ва ӯро махдуми худ хонда ва ба мақому манзалати ходимии худ фахру мубоҳот мекардааст ва ин лафзи “махдумӣ”, ки мурод аз он Мавлоно Ҷомӣ аст, дар бисёре аз осор ва навиштаҳои Амир Алишер машҳуд аст ва ҳатто масҷиди Махдумӣ дар яке аз маҳаллоти шаҳри кӯҳнаи Ҳирот то чанд сол қабл мавҷуд буд ва агар аз шарри ғосибини қудратманди кунунӣ дар амон монда бошад, ҷойи шигифту таъаҷҷуб хоҳад буд.

Номаҳое, ки миёни ин ду шахсияти бузурги илмӣ-адабӣ радду бадал шуда ва дар “Муншаот”-и Ҷомӣ ва соири осори ӯ ва ҳамчунон дар осори Амир Алишер ва “Албом”-и вай, ки чанд сол қабл интишор ёфта, дарҷ гардида, нишонае бориз аз умқи муносиботи дӯстӣ ва маваддату якдилӣ ва самимият миёни онҳо будааст.

Аз инки сухан аз “Албом”-и Амир Алишер ба миён омад, ҷо дорад андаке дар ин бора рӯшанӣ бияндозем.

Онгоҳ, ки Амир Алишер раёсати девони аълои Султон Ҳусайн Мирзоро ба уҳда дошт, номаҳоеро ки аз бузургони он замон унвонии вай ё подшоҳ мувосалат мекард, асли номаро дар яке аз сафаҳоти китоби махсусе, ки барои ин кор дар назар гирифта буд, мечасбонд ва он китобро ҳифзу нигаҳдорӣ мекард, чунонки Амир Алишер дар китоби “Насоимул-маҳабба” бад-ин амр ишора кардааст.

Аз ин китоби махсус ё “Албом” то соли 1935 милодӣ (1304 ш.) хабаре набуд. Дар ҳамин сол, ки Шарифҷон Махдуми Қозиюл-қузоти асбақи Бухоро вафот кард, дар миёни кутубе, ки вай ба ҷо монда буд, албоме мулоҳаза шуд, ки ҳовии понсаду наваду чаҳор (594) номае дастнавис буд. Нависандагон ё ирсолкунандагони ин номаҳо, ки ҳар як дар пойи ҳар нома имзо карда буданд, аз бузургони урафо ва донишмандони асри Темуриён будаанд. Аз он ҷумла ба теъдоди сесаду сиву ҳафт (337) нома ба хатту китобат ва имзои Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, ва ба теъдоди яксаду бисту ҳашт (128) нома ба хатту имзои Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор ва соири номаҳо мутааллиқ ба касоне дигар аст. Муҳаққиқон ва пажӯҳишгарони кишвари Узбекистон ин албомро, ки аз Шарифҷон Махдум ба мерос монда буд, ҳамон албоми Амир Алишер ташхис доданд, ки дар “Насоимул-маҳабба” бад-он ишора рафтааст.

Оқои Исомуддин Урунбоев муҳаққиқ ва пажӯҳишгари Узбекистон, номаҳои Мавлоно Ҷомиро аз миёни он номаҳои дастнавис баргузида ва онро бо шарҳу тавзиҳ ва тафсил дар соли 1364 хуршедӣ (1985 милодӣ) ба ҳамкории оқои Ғуломризо Моили Ҳаравӣ дар Кобул ба чоп расонидааст. Ин иқдоми Амир Алишер, ки номаҳоро ҷамъ карда ва аз он албоме тартиб мекардааст, хосаи худаш буда ва қабл аз вай касе ба чунин коре даст наёзидааст.

Мутолаъаи ин номаҳо натанҳо равобити самимона миёни Амир Алишер ва Мавлоно Ҷомиро баён мекунад, балки нақши муассири Мавлоно Ҷомиро дар беҳбуди авзоъи ҷомеъа ва ҷилавгирӣ аз ҷавру зулм ва таъаддӣ ва таҳмили молиёти сангин бар души мардум ва дилсӯзии вай ба ҳоли раъоё ва тарафдорӣ аз мазлумин ва ситамдидагон ба гунае возеҳ ва ошкор нишон медиҳад.

Афзун бар номаҳои дастнависи мундараҷаи “Албом”-и мазкур ба теъдоди сиву як (31) номаи дигар унвонии Амир Алишер дар рисолаи “Муншаот”-и Ҷомӣ, ки ба тасҳеҳи ин нигоранда ба чоп расидааст, мавҷуд мебошад ва ин номаҳо бештар ҳолати посухгӯӣ ба номаҳои Амир Алишер дорад, дар ҳоле ки номаҳои мундараҷаи “Албом”-и мазкур кӯтоҳ ва бештар ҷанбаи суфоришӣ дорад ва чунин менамояд, ки ҳар кас мушкиле дошта ва ё бар вай тазаллуме мерафта, назди Мавлоно Ҷомӣ муроҷиат мекарда ва аз вай ба истилоҳи парза хатти суфоришӣ унвонии кормандони давлат ё Амир Алишер мегирифта ва умарои давлат бо дидани он номаи суфоришӣ ба қавли Абдулғафури Лорӣ:

“Ҳар касро аз вазиъ ва шариф дар ҳар ҷониб, ки бо салотин ва ҳукком муҳимме воқеъ мешуд, чун руқъаи шарифи ҳазрати эшон (Ҷомӣ)-ро ба он шахс мерасонид, ба қадами иззат бархоста ва ба лаби адаб бӯсида ва бар дида молида ва бар сар ниҳодӣ. Онро зеби тоҷи шараф ва тафохур месохтанд ва маншури иқболи дунё ва охират мешинохтанд ва ба ҳиммати тамом мутаваҷҷеҳи адои он муҳим мегаштанд ва бил-ҷумла халқро қиблаи ҳоҷот ва кофии муҳиммот буданд ва дар ҷамиъи атрофу акнофи олам дар миёни ҷамиъи тавоиф ва умам номи ҳазрати эшон буд ва зикри аҳволи эшон буд ва зикри аҳволи эшон мегузашт ва хавотири ҷамиъи фирақ ва ақвом аз хавосу авом аз андешаи ҳазрати эшон пур буд ва дил аз ҳирмони дидори муборакашон маҳзун”.

Ҷо дорад, ки баъзе аз номаҳои Мавлоно Ҷомиро, ки унвонии Амир Алишер навишта шуда, барои шинохти бештари он шахсияти бебадил дар инҷо нақл намоем.

Номаи шумораи (41)

Баъди арзи ниёз маъруз онки ҳоли раъоёи шаҳр ва булукот ба воситаи ҳаволоте, ки нисбат ба эшон воқеъ мешавад ба мақоми изтирор расидааст ва наздик аст, ки силсилаи зироат ва соири аҳволи эшон аз интизом бияфтад ва ин қисса ба хидмати соҳиби аъзам Хоҷа Муъинуддин гуфта шуд, эшон аз онҷо ки мақоми инсоф ва некхоҳии эшон аст, нисбат бо мусалмонон бисёр изҳори аҷзу дармондагӣ карданд ва гуфтанд, ки музтарру ҳайрон мондаам, аз урду ҳаволоти бисёр воқеъ ва пеши раъоё чизе боқӣ нест, ҳарчӣ буда ба азъоф гирифтаанд, илтимос он аст, ки иноят намуда эҳтимом фармоянд, ки дар ҳаволот тахфифе воқеъ шавад. Агарчӣ баъзе аз онҳоро зарурӣ эътиқод доранд, тарки таъаддӣ бар мусулмонон аз он заруритар аст. Ҳазрати Ҳақ субҳонаҳу тавфиқи онҷӣ маслаҳати дунё ва охират дар он бошад рафиқ гардонад. Би-манниҳи ва ҷудиҳи вас-салом. Ал-фақир Абдурраҳмони Ҷомӣ.

Номаи шумораи (101)

Баъди арзи ниёз маъруз онки заъифае чанд, дарди дил ва тазаллум мекунанд, ки хотуни Амир Халили Ҷорчиро навкарон хидмати Амир Музаффар гирифтаанд, илтимос онки чун Амир Халил ба даст аст, иноят намудаву ваҷҳе созанд, ки он заъифа халос шавад, ки гирифтану нигоҳ доштани ӯ муносиб наменамояд.

Номаи шумораи (283)

Баъди арзи ниёз маъруз онки дорандаи (ин руқъа) закоти худро дар Нишопур дода ва тамассуки музаккии Нишопур дар даст дорад ва баъд аз он ҳавалони ҳол нашуда, инҷо низ аз вай закот мегиранд чун фармони ҳумоюн чунон содир шудааст, ки закотро ба муҷиби шаръ гиранд. Агар чунончӣ иноят намуда, ки ваҷҳе шавад, ки ба хилофи шаръ бар вай таъаддӣ наравад, дур наменамояд.

Тавфиқ рафиқ бод!

Ал-фақир Абдурраҳмони Ҷомӣ.

Номаи шумораи (296)

Баъди арзи ниёз маъруз онки ҷамоати ғарибзодагон (шояд мурод Ҷатҳо бошанд) тазаллуме доранд, ки бар эшон таъаддӣ меравад. Илтимос онки иноят намуда ба ғаври эшон бирасанд ва нагзоранд, ки бар эшон таъаддӣ равад. Тавфиқ рафиқ бод! Вассалом, Абдурраҳмони Ҷомӣ.

Аз мазмуни ин номаҳо пайдост, ки вуҷуди шахсияте чун Мавлоно Ҷомӣ, ки малҷаъ ва воситаи ғурабо ва бенавоён ва ситамдидагон буда ва вазире чун Амир Алишер ва подшоҳе чун Ҳусайн Мирзо, ки ба тақозои Мавлоно Ҷомӣ посухи мусбат медоданд, то чӣ ҳадд дар ҷиҳати рафъи зулму ситам ва беадолатӣ дар ҷомеъа муассир ва муфид будааст.

***

9. Таълифоти Амир Алишер

Хондамир дар Макоримул-ахлоқ менависад: “Ва гарчӣ он ҳазрат (Амир Алишер)-ро ба ҳасаби қуввати табиъат ва касрати қобилият ҳарду навъи шеър “туркӣ ва форсӣ” муяссар буд, аммо майли табъи даррокаш ба туркӣ аз форсӣ бештар буд. Мавлоно Лутфӣ, ки ба лутфи сухан ягонаи офоқ буд ва пеш аз вай ва беҳ аз вай ба забони туркӣ кас шеър нагуфта, дар мабодии синни рушд ва тамайюзи он ҳазрат рӯзе ба мулозиматаш расид ва илтимос намуд, ки аз натоиҷи абкори афкори худ ба хондани ғазале маро баҳравар созед. Он ҳазрат (Амир Алишер) ғазале хонда, ки матлаъаш ин аст ба шеър:

Оразин ёпқоч кӯзумдин сочилур ҳар лаҳза ёш,
Бӯйлаким пайдо бӯлур юлдуз, ниҳон булғоч қуёш.

Ҷаноби Мавлавӣ аз истимоъи ин ғазали ғарро дар баҳри ҳайрат афтода бар забон ронд, ки: Валлоҳӣ, агар муяссар шудӣ, даҳ дувоздаҳ ҳазор байти туркӣ ва форсии худро ба ин ғазалбадал мекардам ва ҳусули ин муомаларо фавзе азим мешумурдам. Дар зимистоне, ки амири хусравнишон (Амир Алишер) дар мулозимати султони соҳибқирон (Ҳусайн Мирзо) дар хиттаи Марв иқомат доштанд, хаёли татаббуъи қасидаи Баҳрул-аброр дар хотири ъотири он ҳазрат (Амир Алишер) афтода ин матлаъро бар лавҳи баён нигоштанд, ки байт:

Оташин лаъле, ки тоҷи хусравонро зевар аст,
Ахгаре баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст.

Ва қосиде таъйин фармуда ҷиҳати талаби ислоҳ, назди ҳазрати ҳақоиқпаноҳии Махдумӣ (Мавлоно Ҷомӣ) наввараллоҳу марқадаҳу ирсол намуданд. Он ҳазрат (Ҷомӣ) дар таърифи ин матлаъ ин руқъаро иншо фармуд, равон гардониданд, ки:

Зиҳӣ карда аз шавқи шаҳбози табъат,
Ҳумоёни қудсӣ ҳавои тазарвӣ,
Зи Марвам фиристодаи матлаъе хуш,
К-аз аҳли сухан мисли он нест марвӣ.[8]

---

[8] Ва дар идомаи он дар номаи шумораи (57)-и Муншаоти Ҷомӣ ба тасҳеҳи ин нигоранда омадааст: “Ал-ҳақ матлаъест, анвори лутфу зако аз маъонии он толеъ ва ҳисси адо аз ибороти он ломеъ. Агар чунончӣ гоҳе ба итмоми он пардозанд ва партави андеша ва такмили он андозанд, шакке нест, ки байтул-қасидаи назми айём

Ва аз ҷумлаи манзумоти ин Амири хуҷастасифот “Хамса”-и туркӣ аст муштамил бар бисту ҳафт ҳазор (27000) байт, ки дар баробари Панҷ ганҷи шайх Низомӣ шарафи тартиб ёфта.

Ва айзан аз ғазалҳои туркӣ чаҳор девони муҳтавӣ бар бисту панҷ ҳазор (25000) байт мураттаб сохтаанд. Девони аввалро, ки дар айёми танассуми насими сибо ба тартиби он пардохтаанд “Ғароибус-сиғар” ном ниҳодаанд, ва девони сониро, ки дар замони ҷавонӣ дар силки назм кашидаанд, мавсум ба “Наводируш-шабоб” гардонидаанд ва девони солисро, ки дар синни вуқуф баъзе авқотро ба такмили он сарф намудаанд “Бадоеъул-васат” ном фармуданд, ва девони робиъро, ки дар айёми куҳулат партави андешаи он ҳазрат бар назми он тофта, ба “Фавоидул-кибар” иттисом ёфта.

Ва аз ҷумлаи мусаннафоти ин баргузидаи воҳибул-атийёт “Рисолаи мизонул-авзон” аст, ки ба забони туркӣ дар фанни арӯз навиштаанд ва ал-ҳақ касрати маҳорати он ҳазрат дар дақоиқи шеър аз он рисола фаҳм мешавад, зеро ки чандин баҳри матбуъ, ки партави шуъури шуъарои мотақаддам бар он наяфтода, изофаи давоири арӯз кардаанд, чунончӣ аз мутолаъаи он нусхаи гиромӣ ин маъно мустафод мегардад.

Дигар аз манзумоти ин амири фархундасифот чиҳил рубоъӣ аст, ки дар тарҷумаи “Чиҳил ҳадис”(-и Ҷомӣ) гуфтаанд, ва айзан дубисту шаст рубоъӣ, ки ҳар чаҳор мисрааш мақзои мураддаф дар тарҷумаи калимоти фасоҳати оёти Насрул-лаолӣ ба забони туркӣ дар силки назм кашидаанд ва зоҳиран ҳеч кас пеш аз он ҳазрат ба забони туркӣ рубоъӣ нагуфта буда, то бад-он чӣ расад ки ҳар чаҳор мисрааш муқаззои мураддаф бошад.

Ва девони қасоид ва ғазалиёти форсии ин фориси майдони балоғат шаш ҳазор (6000) байт аст, дар ғояти равонӣ ва салосат музайян ба маъонии хос ва ҷавдати иборат ва бешоибаи такаллуф ва ғоилаи тасаллуф ба андак муддате шуҳрати латофат ва диққати ин абёти бадеъойин ва манзумоти пурзебу тазйин ба мартабае расида, ки салотини соҳибтамкин аз ақсои билоди олам бил-қасд расулони сухандон ба дорус-салтана Ҳарот фиристода, куллиёти балоғатоёташро меҷӯянд ва дарвешони гӯшанишин дар атрофи диёри арабу аҷам ҳамвора дар ҳавои ашъори шавқомези он ҳазрат басар бурда, ба ҷидди

ва воситул-ъиқди шуҳур ва аъвом хоҳад буд. Ҳақ субҳонаҳу таъоло аз ҳарчӣ набояд масун дорад ва аз ҳарчӣ нашояд маъмун! Вассалом, ал-икром”.

тамом роҳи талаб мепӯянд, лоҷарам аз сарҳади Хутову Хутан то ниҳояти Рум ва Мағрибзамин бар алсина ва афвоҳи шоҳу гадо ва пиру барно, муслиму кофир ва муқбилу мудбир, назми латифаш мазкур аст ва бар алвоҳи замоир ва саҳоифи хавотири ҷамиъи тавоифи аном аз хавосу авом шеъри шарифаш манқуш ва мастур. Шеър:

Зикри ҷамили туст дар атрофи баҳру бар,
Бе миннати хатиб, ки бар чӯби минбар аст.
Дар сикка гарчӣ нест, вале нақши номи ту,
Бар лавҳи хотири ҳама чун сикка бар зараст.

Дигаре аз муаллафоти амири олигуҳар рисолаи “Муфрадот” аст, ки дар фанни шарифи муаммо ба забони форсӣ иншо намудаанд ва дар вазъу тартиби он нусхаи гиромӣ ихтироъе ба ғоят муфид фармудаанд. Зеро ки дар ҳар амале аз аъмоли муаммоӣ, ки ба истишҳод овардаанд, шигофтани он мавқуф нест бар донистани аъмоле, ки баъд аз вай мазкур шуда. Лоҷарам чун ин рисолаи бадеъойинро назди ҳазрати Махдумӣ ҳақоиқпаноҳӣ (Мавлоно Ҷомӣ) навваруллоҳу марқадаҳу ирсол доштанд, он ҳазрат ин руқъаро дар таърифаш бар лавҳи баён нигоштанд, ки байт:

Расули дӯст ба дастам яке рисола супурд,
Рисолае, ки зи дил ранҷи дерсола бибурд.

Ал-ҳақ на рисола, наврасидае, ки соле дар раҳ карда то пай ба сари вақти дурафтодагони орзӯманд оварда, балки хилъате аз ҷомахонаи ғайб восил, зебо ба болои муқаддамони аҳли дил. Рубоъӣ:

Ба ҳар сатре зи насраш чун бари пеш,
Вайи ориф ба асли куллӣ аз вай,
Чу назмашро ба лавҳи дил нигорӣ,
Зи ҳар байте аз он номе барорӣ.

Ҳақ субҳонаҳу таъоло сарчашмаи он файзро аз олоиши макориҳ масун ва аз омезиши макоид маъмун. Вас-салом, (Абдурраҳмони Ҷомӣ)[9]”.

Марҳум Алиасғари Ҳикмат нахустин муҳаққиқ ва донишманди эронӣ аст, ки тавонист китобе ба номи “Ҷомӣ” дар соли 1320 шамсӣ (1941 м.) таълиф намояд. Ҳарчанд чопи ин китоб баъзе ҳассосиятҳоеро

---

[9] Ин нома дар китоби “Муншаот” ба тасҳеҳи ин нигоранда ба шумораи (50) дар зумраи номаҳое омада, ки ба Амир Алишер ирсол шуда ва аз навиштаи ҳазрати Ҷомӣ ба вифқи қавоъиди фанни муаммо калимаи “рисола” истихроҷ мешавад.

барангехт, вале пас аз он таърих садди ҷомиситезӣ шикаст ва донишмандони дигар ҷуръати он ёфтанд то дар бораи хотамуш-шуъаро, Мавлоно Ҷомӣ осоре ба чоп расонанд, ҳарчанд баъзан бо суханоне нешдор ва дур аз ҳақиқат.

Марҳум Ҳикмат дар муқаддимаи ин китоб фасле ба Амир Алишер ихтисос дода ва робитаи миёни Амир Алишер ва Ҷомиро бо ин иборат баён мекунад:

“Ӯ худ нисбат ба Ҷомӣ сари иродат супурда ва ба домони ӯ дасти бандагӣ задааст, манзалати Ҷомӣ дар назди Мир Алишер ҳам ҷанбаи дӯстӣ ва видод дошта ва ҳам робитаи шогирду устод мобайни он ду барқарор будааст. Ҷомӣ бисёре аз муаллафоти худро аз назму наср бар ҳасаби ташвиқ ё ба муҷиби хоҳиши ӯ анҷом дода ва дар ҳамаи онҳо номи вайро ба таҷлилу иззат ёд карда. Илова бар он бисёре муросалоти мансур ва қасоиду қитаъот ва ғазалиёти манзум аз Ҷомӣ мавҷуд аст, ки ҳама дар хитоб ё дар ҷавоби Мир Алишер суруда шуда”.

Марҳум Ҳикмат сипас менависад: “Мир Алишер дар забони туркии чағатоӣ шоире бемонанд аст, ки бо он забон чаҳор девони ғазалиёт ва панҷ маснавии муфассал ба тақлид аз хамсаи Низомӣ ва як маснавӣ дар тақлиди Аттор ба номи “Лисонут-тайр” навиштааст ва дар ашъори туркии худ “Навоӣ” тахаллус менамуд. Шуҳрати шоирии вай бештар дар ашъори туркии ӯст ва бо онки дар шеъри форсӣ, ки “Фонӣ” тахаллус менамуда, дасте тавоно доштааст, маъа-золика ӯро “Зул-лисонайн” лақаб додаанд. Ва дар илми арӯз низ ӯро китобе аст, ки ба номи “Мизонул-авзон” нигошта. Мир Алишер нависанда ва муаллифе борвар аст, ки наздик ба си (30) муҷаллад китоб ва рисолаи форсиву туркӣ аз ӯ боқӣ монда. Феҳрасти мухтасаре аз китобҳои ӯ аз ин қарор аст:

Девони ғазалиёт ба номҳои:

1) Ғароибус-сиғар, 2) Наводируш-шабоб, 3) Бадоеъул-васоит, 4) Фавоидул-кибар.

Маснавиёти хамса ба номҳои:

5) Ҳайратул-аброр, 6) Фарҳод ва Ширин, 7) Лайлӣ ва Маҷнун, 8) Садди Сикандарӣ, 9) Сабъаи сайёра, 10) Маснавии Лисонут-тайр, 11) Тазкираи Маҷолисун-нафоис, 12) Сироҷул-муслимин, 13) Арбаъини манзум, 14) Назмул-ҷавоҳир, 15) Маҳбубул-қулуб, 16) Торихи анбиё, 17)

Торихи мулукул-аҷам, 18) Насоимул-маҳабба, 19) Рисолаи арӯзия, 20) Хамсатул-мутаҳаййирин, 21) Муҳокаматул-луғатайн, 22) Ҳолоти паҳлавон Асад, 23) Ҳолоти Саййид Ҳасани Ардашер, 24) Муфрадот дар фанни муаммо, 25) Муншаоти туркӣ, 26) Муноҷотнома, 27) Девони форсӣ, 28) Муншаоти форсӣ, 29) Қиссаи шайхи Санъон, 30) Мизонул-авзон.

Амир Алишер дар китоби “Муҳокаматул-луғатайн” саъй карда бартарии забони туркиро бар форсӣ ба субут бирасонад.

Баъзе аз ин осор мисли маснавиёт ва ғазалиёт мавҷуд аст ва баъзеи дигар камёб ва нодирул-вуҷуд мебошад”.

***

10. Нигоҳе дигар ба робитаи миёни Амир Алишер ва Мавлоно Ҷомӣ

Марҳум устод Алиасғари Ҳикмат дар тарҷумаи Таърихи адабии Эрон асари профессор Эдвард Браун яке аз осори Амир Алишер ба номи “Хамсатул-мутаҳаййирин”-ро дар поварақӣ муаррифӣ ва дар бораи робитаи адабии миёни ин ду шахсияти фарҳангӣ равшанӣ меандозад. Амир баъд аз фавти Ҷомӣ рисолае ба забони туркӣ таҳрир фармуда дар аҳволот ва савонеҳи зиндагии ӯ ва равобите, ки бо он устод дошта ва чун панҷ мақола аст, онро Хамсатул-мутаҳаййирин ном ниҳода. Рисолаи мазкурро дар ҳудуди санаи 1320 ш. (1941 м.) фозили китобдӯст ва донишманди адабпарвар оқои Муҳаммади Нахҷавонии Табрезӣ ба форсӣ тарҷума фармудааст. Чун ҳанӯз ин тарҷума зинати табъ наёфта, фасле аз онро, ки мутазаммини қитаъоти манзуми мутабодал байни он ду марди бузург аст дар инҷо дарҷ мекунем, то ҳам аз сабки ашъор ва тарзи афкори Амир ва ҳам аз мартабаи Ҷомӣ дар назди ӯ намунае дар даст бошад:

(Амир Алишер мегӯяд) вақте ин рубоъиро ба Махдумӣ (Ҷомӣ) фиристодам:

То дур фитода сарам аз хоки дарат,
Ҳар рӯз диҳам номае дарди сарат.
Бехуд гардам чу нома ояд зи барат,
Ман бехабар аз нома чӣ донам хабарат.

Ва (Ҷомӣ) дар ҷавоб навишт:

З-он дам, ки фитода иттифоқи сафарат,
То бу, ки гаҳе кунам ба хотир гузарат.
Гар мурғ парад сӯйи ту ё бод вазад,
Хоҳам, ки диҳам ба нолае дарди сарат.

Вақте, ки подшоҳ (Ҳусайн Бойқаро) дар қишлоқ буд хабари вафоти устод Ҳасани Ноӣ (мусиқишиноси он аср) аз Ироқ расид, фақир дар ин боб байти маснавиро тазмин карда ба Мавлоно навиштам:

Шарҳи ҳаҷри шоҳи устодон Ҳасан,
Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад.
Банд банди ӯ ҷудо гашта зи ҳам,
Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.

Дар ҷавоб навиштанд:

Шуд найи хома диламро тарҷумон,
Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,
Бо забони тезу чашми ашкрез,
Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.

Айёме, ки ба мулозимат ва корҳои давлатӣ машғул будам ва аз касрати иштиғол ва ташаттути ҳавос аз рӯи изтирор ҳамвора барои канораҷӯӣ ва фароғат илтимоси таваҷҷуҳе аз ҳазрати Мавлоно мекардам ва эшон аз рӯи насиҳат ва мавъиза ҳар замоне ба як навъ фақирро таскин медоданд. Замоне, ки дар ҳаволии Мурғоб будем, боз дар ин мавзуъ руқъае ба хидматашон арз ва ин ду байтро навиштам:

То кай чу сабо ҳар тарафам ҷилвагарӣ,
Хоҳам сӯи сарви худ кунам пайсипарӣ.
Фарёдкунону хок бар сар фиканон,
Гӯям, ки халосам кун аз ин дарбадарӣ.

Дар ҷавоб руқъаи пандомезе фиристода ин ду байтро ҳам навишта буданд:

Аз дидаи ҷон агар ба ҷонон нигарӣ,
Аз тафриқаи ҷаҳон куҷо ғусса хурӣ.
Ин тафриқа ҳаргиз чу нагардад сипарӣ,
Бо тафриқа ҷамъ бош, то баҳра барӣ.

Вақте дар сафари Макка ин рубоъиро ба эшон фиристодам:

Ин нома на нома, дофеъи дарди ман аст,
Ороми даруни ранҷпарварди ман аст.
Таскини дили гарму дами сарди ман аст,
Яъне хабар аз моҳи ҷаҳонгарди ман аст.

Дар муроҷиат аз Макка ҷавоби ин руқъаро аз Ҳалаб фиристода ва дар охир ин рубоъиро навишта буданд:

Ин руқъа на руқъа, мояи ҳар тарабест,
Таҳсили нашоту айшро хуш сабабест,
З-ин сон, ки бувад мухтасару пурмаъно,
Гӯё зи ҷавомеъул-калим мунтахабест.

Вақте, ки Махдумӣ (Ҷомӣ) аз Макка мурочиат фармуданд, руқъаи таҳниятомезе навиштам ва ин рубоъӣ дар он қайд шуда буд:

Инсоф бидеҳ эй фалаки минофом,
З-ин ҳарду кадом хубтар кард хиром?
Хуршеди ҷаҳонтоби ту аз матлаъи субҳ,
Ё моҳи ҷаҳонгарди ман аз ҷониби Шом.

Дар ҷавоб эшон номаи муфассале навишта ва ин рубоъиро дарҷ фармуда буд:

Бо килки ту гуфт нома, к-эй гоҳи хиром,
Сад туҳфаи хуш ба Рум оварда зи Шом.
Гар пои ту дар миён набошад нарасад,
Маҳҷуронро зи ҷониби дӯст паём.

Амир Алишер китобе ба номи “Маҳбубул-қулуб” чунонки тазаккур ёфт, таълиф карда. Намунае аз насри ин китобро, ки Хондамир дар Макоримул-ахлоқ бад-он ишора кардааст, зайлан нақл мекунем:

“Ва дар авохири авқоти ҳаёт китобе дигар мавсум ба Маҳбубул-қулуб муштамил бар сияри аснофи аном муҳтавӣ бар шиями хавосу авом дар силки таҳрир кашидаанд, ва фил-воқеъ забони қалам аз таърифи он номаи номӣ оҷиз аст ва қалами забон аз тавсифи он нусхаи гиромӣ қосир ва камоли қуввату ҷавдати салиқаи он ҳазрат дар иншои форсӣ аз руқъае, ки дар насиҳати ҷаноби иморатпаноҳ, осифсифот, хоҷа Афзалуддин Муҳаммад ва ҷаноби фузайлшиор, макраматдисор, зубдаи умарои даргоҳ, хоҷа Шиҳобуддин Абдуллоҳ (мудда зиллуҳумо) қаламе фармудаанд, мустафод мегардад. Ва ҳия ҳозиҳи (ин аст нома): “Бародари арҷманду фарзанди дилбандро баъд аз адои саломи муштоқона эълом онки: Башар ба ҳубби ҷоҳу раёсат маҷбул аст ва нафс беихтиёру шуъури касе ба касби он матлуб машғул ва хосияти ҷоҳ ғафлатафзой аст. Ва илтифоти подшоҳ бодае кораш ҳушрабой ва халоикро бо чунин кас кор бисёр ва чунин касро бо ҳуш будан бисёр душвор. Агар гоҳе ба мадади ақл худро ба ҳол орад, мастии он бода ба ҳолаш нагзорад. Ва дар он мастияш куҷо ба хотир ояд, ки фалак мунтақиму ғаддор аст ва холиқи фалак ҳокими адлшиор. Иқтидору ҷоҳашро бақое на ва умрашро вафое на...

Душманон аз қабоиҳи ӯ дар хандаанд ва дӯстон аз фазоиҳи ӯ шарманда. Ошноён аз он нохушиҳо мутаассиранд ва бегонагон аз он

девона ва шайҳо мутааҷҷибу мутаҳаййир, пас нафси салиму ақли мустақим бояд, ки дар ин мастиҳо худро бехуд насозад ва ба худраъйиву худпарастӣ наяндозад ва ба ҳоли дармондагони мазлум пардозад. Ва ин нодонисомонро ин ҳолот бар сар гузашта ва аз ҳеҷ як аз инҳо огоҳу баҳраманд нагашта, ин дам, ки бар тақсироти худ огоҳ гардида, чӣ фоида, ки он варақҳоро фалак дарнавардида, на аз надомат кашидан фоидае, на аз ашки ҳасрат афшондан натиҷае. Байт:

То тавонистам, надонистам, чӣ суд,
Чун бидонистам, тавонистам набуд.

Эшонро, ки Ҳақ субҳонаҳу таъоло ин давлату ҷоҳ каромат намуда ва саодати тақарруби подшоҳ иноят фармуда ва илтимос он аст, ки худро ба ғурур ва ғафлат нагузоранд ва ба хусрони дунёву охират раво надоранд. Аҷаза ва зердастонро ба шафқат ва дилҷӯйӣ бинавозанд ва кори хоксорон ва пастонро ба марҳамат ва нармгӯйӣ бисозанд. Ба сухани дурушт дили дарвешон нахарошанд ва ба алфози мулоим ба марҳами ҷароҳати дили эшон бинишинанд. Ва аз фиреби нафс ва шайтон эмин нанишинанд. Ва садамоти малакул-мавт аз худ дур набинанд. Дар ҳама кор ихлосу ростӣ пеша кунанд ва дар ҷазои амали бад аз шармсории рӯзи Қиёмат андеша намоянд. Ҳечгаҳ аз тарси Ҳақ ғофил нашаванд ва ҳеч вақт аз бандагӣ ва мулозимати сояи Ҳақ (яъне султон) отил нагарданд, сухани рост, ки салоҳи давлати шоҳ ва раъоё ва сипоҳ дар он бошад, натарсанд ва бигӯянд, ва агар аҷру ивази он дар дунё нарасад, рӯзи Ҷазо аз ҳазрати Ҳақ биҷӯянд. Аз бадкирдорӣ абнои ҷинсро чиҳо пеш омад, фаромуш накунанд ва худро иёзан биллоҳ аз шароби ғурур масту беҳуш накунанд. Ба ҷиҳати маслаҳати дунё бо якдигар наситезанд ва чун нафсро машаққате расад дар паноҳи сабру таҳаммул гурезанд. То маслаҳати подшоҳ бошад, маслаҳати худ нагиранд ва то маслаҳати амри илоҳӣ бувад, маслаҳати зоҳири подшоҳӣ напазиранд ва ба мулоимату ҳикмат ба арз расонанд, ва ба тавфиқи илоҳӣ аз он мақом гузаронанд. Бо хурдон тариқаи шафқат ва ба ҳамганон мадоро ва мурофақат ва бо бузургон таъзим ва ҳурмат маръӣ доранд. Вас-салому ала манит-табаъал-ҳудо””.

Ҳаргоҳ сухан аз Амир Алишер ба миён меояд хоҳу ноҳоҳ равобити танготанги адабии вай бо Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ зоҳир мешавад ва ҳамчунон аст дар мавриди Мавлоно Ҷомӣ, ки ёди вай бедиранг Амир Алишерро ба хотир меоварад, албатта алоқа ва пайванди дӯстиву

маваддат, ва пириву муршидӣ, ва шогирдиву устодӣ миёни эшон ба андозае муҳкам ва устувор буда, ки мазиде бар он мутасаввар нест ва ҳамин робитаи мутақобил ба гунаи чашмгире дар ишоъаи илму адаб ва фарҳанги забони форсӣ нақши басазое доштааст. Аз азал тақдир бар он рафта буд, ки Амир Алишер назди Мавлоно Ҷомӣ ба таламмуз биншинад ва аз вай илм фаро гирад ва осори худро аз назари вай бигзаронад ва сипас ба таълифот бипардозад, аз ҷониби дигар Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ба илтимосу тақозои Амир Алишер мабнӣ бар таълифу тасниф ва шарҳи кутуби илмӣ, адабӣ ва ирфонӣ посухи мусбат диҳад ва шумори зиёде аз осори мондагор ва ҷовидонаашро ба хоҳишу ташвиқи Амир Алишер падид оварад. Ин мавзуъро Хондамир дар “Макоримул-ахлоқ” бад-ин иборот баён кардааст:

“Ғараз онки он ҳазрат (Амир Алишер) бо вуҷуд амсоли ин шавоғил, ҳаргиз соате аз мутобаъати аъмоли аҳли дил ғофилу зоҳил набуданд ва пайваста ба қадами ихлос ва эътиқод мулозимати асҳоби иқон ва ирфон менамуданд, хусусан мулозимати олиҷаноб Махдумӣ (Мавлоно Ҷомӣ) ҳақоиқпаноҳӣ навваραллоҳу марқадаҳу, ки алад-давом назди эшон ба таламмузи кутуби дарвешон ва нусахи суфия иштиғол доштанд ва аксари расоилеро, ки он ҷаноб (Мавлоно Ҷомӣ) низ дар ин боб тасниф кардаанд дар хидмати эшон мутолаъа намуда, дақоиқи онро бар лавҳи хотири файёз нигоштаанд, балки он олиҷаноб он муаллафоти ифозат-оётро ба исми шарифи амири ҳидоят-интимо таълиф намудаанд, чунончӣ аз мутолаъаи дебочаи “Нафаҳотул-унс” ва “Ашиъъатул-ламаъот” ин маъно каш-шамси фи робиъатин-наҳор зоҳиру ошкор мешавад. Ва он ҳазратро низ дар зикри аҳволи машоих ва суфия ва баёни тариқаи сайру сулук, таснифот ба вуқуъ анҷомида, аз он ҷумла яке китоби “Насоимул-маҳабба” аст, ки аз мутолаъаи он шамоими аҳволи аҳли ирфон ва суханони ҳидоятнишинони эшон ба машоми ҷон мерасад. Ва дигаре “Лисонут-тайр” аст, ки дар баробари “Мантиқут-тайр” ба забони туркӣ назм фармудаанд ва он нусхаи шарифа муштамил аст бар баёни сайру сулук дар тариқи фано ва кайфияти вусул ба тақриби даргоҳи кибриё”.

***

11. Осори илмӣ ва адабӣ, ки бар асари ташвиқ ва таваҷҷуҳи Амир Алишер нигориш ёфтаанд

Бисёре аз осоре, ки аз дастбурди ҳаводиси замон маҳфуз монда ва ба мо расида гӯёи ин ҳақиқат аст, ки Амир Алишер то чӣ ҳадд дар ташвиқи аҳли илм ва фазлу ҳунар барои эҷоди осори илмӣ, адабӣ ва ҳунарӣ нақше қотеъ ва муассир доштааст.Вай на танҳо муаррихин, муҳаққиқин, мутарҷимин ва соҳибони фазилат ва адабро ба нигориши осор тарғибу ташвиқ мекард, бал аз молу дороии худ дар ин роҳ музояқа накарда ва каримонаву саховатмандона бисёре касонро кумаку муованат менамуд ва ҳатто касоне буданд, ки моҳвор бад-эшон ҳуқуқи мустамирре медод. Шуморе аз ин донишварон дар дебочаи кутуби худ аз ин амири донишпарвар ва донишгустар ба некӣ ёд карда, осори худро ба зикри номи вай музайян кардаанд. Теъдоди шоироне, ки аз ҳимоят ва пуштибонии вай бархурдор ва баҳраманд буда ва дар ашъори худ ӯро сутӯдаанд, беш аз он аст, ки дар ин мақол бигунҷад ва бояд онро дар лобалои авроқи тазкираҳои адабӣ ва соири кутуби торихӣ ҷустуҷӯ кард. Дар инҷо барои намуна, ба зикри бархе аз осоре басанда мешавад, ки ба хоҳиш ё ташвиқи он марди бузург по ба арсаи вуҷуд гузоштаанд:

1) Равзатус-сафо, таълифи Мирхонд

Эдвард Браун мегӯяд: Китоби Таърихи қутур Равзатус-сафо, шояд маъруфтарин китобе бошад, ки аз навъи таърихи умумӣ дар Эрон иштиҳор дорад...

Мирхонд бештари айёми умрро дар Ҳирот гузаронида ва дар таҳти ҳимоят ва зилли инояти амири донишпарвар Алишер Навоӣ зиндагонӣ мекарда ва ҳам дар онҷо баъд аз маразе тулонӣ ба таърихи дуввуми Зиқаъдаи 903 қ. (Июни 1498 м.) дар шасту шаш солагӣ вафот кардааст.

2) Ҳабибус-сияр, таълифи Хондамир

Эдвард Браун менависад: Вай низ яке аз ҷумлаи нависандагону ҳунарварони номии ин аср буда, ки дар давраи нуронии Амир Алишер Навоӣ мезиста ва ба ҳимояти ӯ комёбӣ ва тавфиқ ҳосил кардааст.

3) Мавоҳиби ъалийя (Тафсири Ҳусайнӣ), таълифи Мавлоно Ҳусайн Воъизи Кошифӣ

Эдвард Браун дар ин бора навиштааст: “Ҳусайни Кошифӣ барои Амир Алишер тафсире ба форсӣ аз Қуръон таълиф фармуда, ки онро

талвиҳан ба номи мамдуҳи худ Мир Алишер “Мавоҳиби ъалийя” ном додааст”.

4) Ҷавоҳирут-тафсир ли-туҳфатил-амир, таълифи Ҳусайн Воъизи Кошифӣ

Мавлоно Ҳусайн Воъизи Кошифӣ дар дебочаи он гуфтааст: Шаҳсавори арсаи иззат, Алишер, онки ҳаст волии волоҷанобу довари давронпаноҳ.

Ва сипас менависад: “...таълифи китоби “Ҷавоҳирут-тафсир ли-туҳфатил-амир”, ки муҳтавӣ бар чаҳор муҷаллад аст, инъитоф пазируфт ва итмоми муҷаллади аввал ба тартибе комил ва тарсиъе шомил даст дода ва ба назари олии иморатпаноҳӣ (Амир Алишер) расида иззи қабул ёфт”.Ин тафсир фақат то охири сураи ал-Бақара мебошад.

5) Бадоеъус-саноеъ, таълифи Мир Атоуллоҳи Машҳадӣ

Марҳум устод Алиасғари Ҳикмат дар ҳошияи Таърихи адабии Эрон асари Эдвард Браун, ки онро ба форсӣ тарҷума намуда, менависад:

“Бадоеъус-саноеъ” рисолаест дар илми қавофӣ, таълифи Атоуллоҳ ибни Маҳмуд ал-Ҳусайнӣ, ки онро ба номи Амир Алишер таълиф карда”.

Эдвард Браун ба нақл аз “Бобурнома” менависад: (Бобур) баъд аз шуъаро аз хаттотони дарбори Ҳирот сухан рондааст ва Султоналии Машҳадиро, ки барои Султон Ҳусайн ва Мир Алишер истинсох мекарда, ном мебарад ва мегӯяд: “Ҳар рӯз сӣ байт барои Мирзо ва бист байт барои Алишер Бег менавишта”.

6) Тазкиратуш-шуъаро, тасnифи Амир Давлатшоҳи Самарқандӣ

Амир Давлатшоҳ дар муқаддимаи он ба мадҳи Амир Алишер пардохта ва ӯро бисёр сутӯда ва дар васфи ӯ ибороте мансур ва манзум овардааст: “Биҳаққ молики риқоби килку шамшер низомул-миллати вад-дин Алишер...”.

7) Махзанул-иншо, таълифи Ҳусайн Воъизи Кошифӣ

Ба қавли марҳум устод Алиасғари Ҳикмат, ин китобест, ки Кошифӣ дар аснофи мухталифа тарассулот ва муншаот ва ановин ва русумномаҳо ва макотиб ба арабӣ ва форсӣ ва назму наср барои Султон Ҳусайн

Бойқаро ва барои вазири ӯ Амир Алишер дар 907 қ. (1501 м.) таълиф кардааст.

8) Макоримул-ахлоқ, таълифи Хондамир

Ин китоб дар шарҳи аҳвол ва осори Амир Алишер нигошта шуда ва дар соли 1360 ш. (1981 м.) бо муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти оқои Абдулғаффори Баёнӣ, дар матбаъаи давлатии Кобул ба чоп расидааст.

Амир Алишер чунонки қаблан тизкор ёфт, робитаи муҳкам ва устувори дӯстиву маваддат ва шогирдӣ устодӣ бо Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дошта ва ҳурмати вай нисбат ба Мавлоно Ҷомӣ ба ҳадде буда, ки ӯро расман махдум ва худашро ходими вай муаррифӣ карда буд ва калимаи “махдумӣ”, ки дар осори вай ё кутубу расоили соири муосирини вай ба кор рафта, мурод аз он Мавлоно Ҷомӣ мебошад. Мавлоно Ҷомӣ низ дар осори манзум ва мансури худ аз Амир Алишер ба некӣ ёд кардаву ӯро бисёр сутӯдааст. Ин робитаи шогирд устодӣ ё мурид муродӣ сабаби он шуд, ки Мавлоно Ҷомӣ ба илтимос ва тақозои Амир Алишер, ки ъаташи асарофаринӣ ва талоши вай дар ишоъаи илму адаб сероб шуданӣ набуд, посухи мусбат бидиҳад ва осоре дар арсаҳои мухталифи илмиву адабӣ падид оварад, ки басо аз ин осор ба қадре арзандаву муҳим аст, ки дар зумраи осори ҷовидона ва мондагори забони форсӣ ба шумор меравад. Яке аз абъоди муҳими шахсияти он амири донишвар он буд, ки аҳли илм ва соҳибони фазлу ҳунарро ташвиқ ва тарғиб мекард, то осоре бадиъ аз худ ба ёдгор гузоранд. Албатта фармоиши ин осор аз ҳар олиме сохта нест, бал иҷоб мекунад, ки он шахс худ соҳибназар буда ва дар сатҳи бисёр олии илмӣ қарор дошта бошад. Инки бузургмарди беҳамтои қарни нуҳуми ҳиҷрӣ, аъни (дар назар дорам) Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ назароти Амир Алишерро мепазирад ва ба хостаҳояш тан дар медиҳад, гувоҳи возеҳ ва равшане бар илмият ва фазилати Амир Алишер мебошад. Осори Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки ба тақозову хоҳиши Амир Алишер падид омадааст, аз ин қарор аст:

9) Нафаҳотул-унс мин ҳазаротил-қудс

Ин китоб муҳимтарин асари адабӣ ва ирфонӣ аст, ки шарҳи (ҳоли) мутаҷовиз аз шашсад тан аз уламо ва фузало ва машоихи суфия ба шумули сиву чаҳор тан аз занони орифаро доро мебошад, ба қавли

Маҳдии Тавҳидипур “ба воситаи шуҳрате, ки дар миёни арбоби дониш ва ирфон дорост, аз таърифу тавсиф бениёзу мустағнӣ аст”.

Асли ин китоб ба забони арабӣ ба номи “Табақотус-суфийя” тавассути Абдурраҳмон ибни Муҳаммади Суламии Нишопурӣ таълиф гардида ва сипас Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ матолиби ин китобро дар маҷолиси ваъзу иршод ба забони ҳиравӣ баён мекарда ва яке аз муридон онро менавишта. Ба қавли Мавлоно Ҷомӣ “аммо чун ба забони ҳиравии қадим, ки дар он аҳд маъҳуд буда вуқӯъ ёфта, ба тасҳифу таҳрифи нависандагон ба ҷое расида, ки дар бисёре аз мавозеъ фаҳми мақсуд ба суҳулат даст намедиҳад... ва аз зикри ҳазрати Шайхул-ислом (Ансорӣ) ва муосирон ва мутааххирон аз вай холист. Борҳо дар хотири ин фақир мегузашт, ки ба қадри вусъ ва тоқат дар таҳриру тақрири он кушиш намояд... ва шарҳи аҳволу мақомот ва маъориф ва каромот ва таърихи вилодат ва вафоти ҷамоате, ки дар он китоб мазкур нашуда ба он мунзам гардонад... то онки дар санаи 881 муҳибби дарвешон ва муътақиди эшон, он аз ҳама серу бар фақр далер, амир Низомуддин Алишер – аъаззаҳуллоҳу таъоло биъиззи қабулиҳи... аз ин фақир мисли он сурате, ки дар дил гузашта буд, дар хотир мутамаккин гашта, истидъо кард ва доъияи қадим сурати таҷдид ёфт...”.

Ба сухани Маҳдии Тавҳидипур дар муқаддимаи Нафаҳотул-унс “ва сипас Ҷомӣ бар ҳасаби хоҳиши Амир Алишер Навоӣ он матолибро ба форсии адабӣ ва ширине даровarда ва бо изофа кардани тарҷумаи аҳволи машоихи то замони худаш онро такмил кардааст”.

Ин китоб чунонки Эдвард Браун гуфтааст, сароғози китобҳои биографӣ ҳаст, ки дар авохири асри Темуриён навишта шудааст. Оғози он дар соли 881 қ. (1476 м.) ва итмоми он дар соли 883 қ. (1478 м.) аст, чунонки дар охири он гуфта шуда: “дар ҳаштсаду ҳаштоду саввум гашт тамом”.

Аз номаи шумораи (70)-и Ҷомӣ унвонии Амир Алишер, ки дар “Муншаоти Ҷомӣ” ба тасҳеҳи ин нигоранда ва аз шумораи (2) нусхаҳои дастнависи Ҷомӣ бармеояд, ки Мавлоно Ҷомӣ қабл аз онки ин китобро ба поён бирасонад, гаҳгоҳ ҷузваҳое аз онро ба Амир Алишер, ки ташнаи мутолаъаи он буда мефиристода:

“Эй мусаллам туро мусалмонӣ,
Коми исломиён саломати туст.

Сӯят аркони хамсаи ислом,
Мефиристам ба ғайри рукни нахуст.
К-он на бо ҷонам ончунон омехт,
Ки ҷудоӣ аз он тавонам ҷуст.

Аз ҷумлаи китоби “Нафаҳотул-унс мин ҳазаротил-қудс” ҷузве чанд, ки навишта шуда буд ва муқобала ёфта сурат ирсол ёфт”.

10) Шавоҳидун-нубуввах

Ин китоб он гуна, ки дар муқаддимаи он навишта шуда, шавоҳиди нубувват ва далоили рисолати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламро баён мекунад ва ба тақозои Амир Алишер ва соири дӯстон таълиф гардида. Таърихи итмоми китоб соли 885 қ. (1480 м.) аст, ки аз моддаи “таммамтуҳу” истихроҷ мешавад.

Дар он вақт итмоми он даст дод,
Ки “таммамтуҳу” буд таърихи сол.

11) Ашиъъатул-ламаъот

Ин китоб шарҳе аст бар китоби “Ламаъот”-и шайх Фахруддини Ироқӣ, ки суханони шайхи акбар Муҳйиддин ибни Арабиро шарҳ карда ва дар муқаддимаи он аз Амир Алишер ба таъмия ва ийҳом ном бурда: “То онки дар ин вало аҷалли ихвонис-сафо ва аъаззи хиллонил-вафо (сайяраҳуллоҳу ала сайри ибодиҳил-урафо), ки номи хуҷастафарҷомаш дар аснои ин дуо ба хубтарин сурате аз сувари рамзу иймо байналлоҳи ва байна ибодиҳи самти адо ёфт, истидъои муқобала ва тасҳеҳи он намуд ва дар муқобалаи он ҷуз инқиёд чорае набуд”.

Соли итмоми он аз “атмамтуҳу” яъне 886 қ. (1481 м.) истихроҷ мешавад:

Ва из қола “атмамтуҳу” қад бадо,
Бимо қола ториху итмомиҳи.

12) Номгузории девонҳои сегонаи Мавлоно Ҷомӣ

Мавлоно Ҷомӣ онгоҳ, ки девонҳои ғазалиёт ва қасоиди хешро тартиб карда буд, онҳоро ба номе мусаммо насохта буд. Амир Алишер аз вай хост то бар ҳар як аз ин девонҳо номе бигзорад. Чунонки дар “Хамсатул-мутаҳаййирин” аз ин мавзуъ ёд карда ва марҳум устод

Алиасғари Ҳикмат дар асари маъруфи худ “Ҷомӣ” тарҷумаи онро овардааст.

(Амир Алишер мегӯяд): “Ин фақир дар муроҷаъат аз зиёрати имом Алӣ ибни Мусо ар-Ризо, бар ҳасаби одати маъҳуд дар ҳини вуруд ба хидматашон (Ҷомӣ) ворид шудам. Эшон ба тартиби девони саввуми худашон машғул буданд ва девоне, ки ба хатти худашон тамом шуда буд ба ин фақир иноят фармуданд. Густохӣ намуда, гуфтам: Шунида нашуда, ки ғайр аз Амир Хусрав шуъарои дигар ҳам девонҳои мутаъаддиде мураттаб карда бошанд, аммо эшон ки девонҳои мутаъаддид доранд, ҳар якро ба номи муносибе номзад кардаанд. Хуб аст, ки шумо ҳам барои ҳар як аз девонҳои худатон номи махсусе муайян фармоед. Қабул карданд ва баъд аз ду рӯзи дигар, ки ба хидматашон расидам, ҷузвае дароварда ба ин фақир доданд, ки барои девонҳои худ феҳрасте навишта буданд ва ҳар якро ба номе муайян дошта”.

Мавлоно Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ, дар муқаддимаи девони аввали худ ба ин мавзуъ ишора кардааст:“... дар ин вало, ки торихи ҳиҷрати набавия то такмили миаи тосиъа се сол беш боқӣ намонда аст, муҳиббу муътақиди дарвешон балки маҳбубу муътақади эшон:

Он тофта вай бар дили ӯ зуд на дер,
Рози фардо чӣ ҷой ди, балки парер.

Низомул-миллати вад-дин Алишер ... ҳиммат ба он овардааст, ки давовин ва қасоиду ғазалиётро, ки адади он ба се расидааст, дар як ҷилд фароҳам оварад ва чун се мағз дар як ҷилд бипарварад, аз ин фақир истидъои он кард, ки ҳар як ба исми хосе ихтисос гирад ва аз васмати ибҳом ва иштироки сурат истихлос пазирад, лоҷарам ба мулоҳазаи авқоти вуқуъашон девони аввал, ки дар овони ҷавонӣ ва авоили замони авонӣ ба вуқӯъ пайваста ба “Фотиҳатуш-шабо” иттисом меёбад. Ва девони сонӣ, ки дар авосити айёми зиндагонӣ интизом ёфта ба “Воситатул-иқд” номзад мешавад, ва девони солис, ки дар авохири ҳаёт оғози тартиби он шуда, ба “Хотиматул-ҳаёт” мавсум мегардад”.

13) Шарҳи байти Амир Хусрав

Яке аз расоили ирфонии Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, рисолаи кучаке ба номи “Шарҳи байти Амир Хусрав” аст. Ин рисола, ки байти Амир Хусравро шарҳ мекунад, то онҷо, ки ин нигоранда иттилоъ дорад, ба чоп нарасида ва банда нусхае аз онро бо соири расоили Ҷомӣ аз

китобхонаи Лондон ба даст овардам, ки умед аст рӯзе ба чоп бирасад. Мавлоно Ҷомӣ дар оғози ин рисола гуфтааст:

“Аммо баъд: ин калимае чанд аст, ки бар ҳасаби ишорат хидмати иморатмаобӣ, сиёдатинтисобӣ (Амир Алишер) - хассаҳуллоҳу таъоло бимазидит-таваҷҷуҳи ило ҷаноби ҷалолиҳи ва ҷазабаҳу бихадамотил-инояти ило мушоҳадати ҷамолиҳи – навишта мешавад, дар шарҳи маънои байте, ки бар дилу забони баъзе аз асҳоби нутқу баён гузаронидаанд ва ба гӯшу ҳуши арбоби завқу виҷдон расонида ва он ин аст:

Зи дарёи шаҳодат чун наҳанги “ло” барорад сар,
Таяммум фарз гардад Нуҳро дар рӯзи туфонаш”.

Марҳум Алиасғари Ҳикмат дар повараҳии тарҷумаи “Таърихи адабии Эрон” асари маъруфи профессор Эдвард Браун навиштааст:

“Навъе дигар аз осори торихии мансур, ки дар ин аср зоҳиран бар ҳасаби тақозо ва ташвиқи Амир Алишер ба зуҳур расида ва равоҷе бисёр дошта, кутубе аст, ки дар сираи Набӣ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва олу асҳоби ӯ нигоштаанд ва аз ин мақула чаҳор китоб, ки ҳама дар як замон таълиф шуда ва муаллифони онҳо муосир будаанд, ба назар расида... ки аз он ҷумлаанд: “Шавоҳидун-нубуввах”, таълифи Абдурраҳмони Ҷомӣ, ва:

14) Дурҷуд-дурар фи сияри хайрил-башар, таълифи Саййид Асилуддин Абдуллоҳ ал-Ҳусайнӣ ад-Даштакӣ аш-Шерозӣ ал-Ҳаравӣ, мутаваффои санаи 783 қ. (1381 м.).

15) Равзатул-аҳбоб фи сиратин-набиййи вал-оли вал-асҳоб, таълифи Мир Ҷамолуддин Атоуллоҳ бародарзодаи Саййид Асилуддини собиқуззикр.

16) Маъориҷун-нубуввах фи мадориҷил-футуввах, таълифи Шарафуддин Ҳоҷимуҳаммад Фароҳӣ маъруф ба “Муъин Мискин” воъизи Ҳирот ва мутаваффои 907 қ. (1501 м.)”.

Шумори кутуб ва расоиле, ки ба ташвиқу тарғиби Амир Алишер таълиф гардида, ба яқин беш аз ин аст. Вале таҳқиқ дар ин бора ба фурсати бештар ва дастрасӣ ба манобеъи дигар ниёз аст ва умед аст, ки ин маъмул қабл бар ин бароварда шуда бошад.

12. Сухани Давлатшоҳи Самарқандӣ дар муқаддимаи “Тазкиратуш-шуаро” дар сифати Амир Алишер

“Ва чун ин аруси ҳақоиқ аз ҳаҷлаи ғайб рӯй намуд (китоб ба итмом расид), тааммул намудам, ки дар ҳимояти шабистони карами кадом соҳибдил тавонад буд, ва қадри ин мухаддараи исмат, ки домани таҳорати он олудаи хубси хабосат нест, кадом маъсум хоҳад донист. Ва ин дурри маъонӣ қобили гӯши кадом аҳли ҳуш аст, ақли доно мулҳам сохт, ки:

Қадри зар заргар шиносад,
Қадри ҷавҳар ҷавҳарӣ.

Аз румузи мулҳими давлат яқинам шуд, ки ин хидмат ҷуз садри рафиъи каримеро шоиста нест, ки имрӯз уқуди фазл ба давлати ӯ мунтазим ва бинои ҷаҳл аз ҳайбату ҷалолати ӯ мунҳадим аст.

Зикри маҳомиди соҳибдавлате, ки ин хидмати вақф хайроту эҳсони ӯст, аъни ал-амирал-кабирал-аъзама, ноқида фунунил-илми бимиъёрит-табъис-салим, орифал-маъорифи бимизони зиҳнил-мустақим.

Биҳаққин молики риқоби килку шамшер, низомул-миллати вад-дин Алишер, зайяналлоҳу сароирал-ъиззи бивуҷудиҳи ва афоза ъалал-муслимина саҳоба маъдалатиҳи ва ҷудиҳи. Бузурге, ки мамдуҳи акобири офоқ аст ва мазҳаре, ки маҷмуъи макоримул-ахлоқ. Зоти малаксифоташ унсури карам ва мурувват ва ҳиммати кимиёхосияташ айни шафқат ва раъфат аст. Арбоби фазлро садди маниъаш мақарре муъинва асҳоби иллати фоқаро доруш-шифои карамаш мафарре мубин. Ъиморати гил агарчӣ зоҳиран шиори ӯст, аммо ба ҳақиқат ъиморати дил низ пешаву кори ӯст. Эзид субҳонаҳу ва таъоло дар ин ҳарду тариқаш собитқадам ва росихдам дорад, ки шеваи аввал сабаби маъмурии билод ва шафқат бар ибод аст, ва тариқи сонӣ асли ихлос ва маҳзи рашод. Меъмори саъйи ҷамилаш вайронии мулкро маъмур сохт ва соқии карамаш махмурони ситамро масрур гардонид. Ли-муаллифил-китоб:

Дар замонаш чун зи вайронӣ намебинад асар,
Ҷуғд аз ин васвосу савдо мекунад навҳагарӣ.

Покбозе, ки ба ҷилваи абкори маъонӣ қаноат намуда ва исосифат аз олоиши табиат муҷаррад буда ва хайроту ҳисон ёдгори ӯст ва ал-боқиётус-солиҳот муниси рӯзгори ӯ:

Инна осорано тадуллу алайно,
Унзуру баъдано ила осор.

Дуои давлати ин амири кабири соҳибҳиммат бар зиммаи халқ фарз аст.

Раъийятпаноҳо дилат шод бод,
Ба саъят мусалмонӣ обод бод.
Худоят ҳама чиз шоиста дод,
Ҷавонмардиву донишу дину дод.
Зи фазлат Хуросон фархунда бум,
Шараф бурда бар хоки Юнону Рум.
Туро фазл расм асту бахшиш тариқ,
Ҳамин кун, ки тавфиқ бодат рафиқ.
Мурод аз ҷаҳон номи нек асту бас,
Ба ҷуз номи некӯ намонад зи кас.
Туро хайру эҳсону некиву ном,
Бимонод то ҷовидон вас-салом.

Раҷои восиқ, балки яқини содиқ аст, ки туҳфаи ҳақири ин фақир, ки ба таҳқиқ бурдани шабаҳ (миси зард) ба дукони ҷавҳарӣ аст ва арзи наврасҳо дар ҷанби Муштарӣ, дар назари қабули худовандӣ мардуд нагардад.

Пойи малахе назди Сулаймон бурдан,
Айб аст, валекин ҳунар аст аз мӯре”.

***

13. Муоширати Амир Алишер бо дӯстон ва алоқамандон

Амир Алишер издивоҷ накард ва дар таҷарруд мезист. Авқоти фароғатро дар миёни дӯстон ва алоқамандони худ, ки ҳамагӣ аз фузало, шуаро, донишмандон ва ҳунарварон буданд, мегузаронид. Чӣ онгоҳ, ки дар дорус-салтана Ҳирот мезист ва чӣ замоне, ки дар Астаробод иморат дошт ва ё ҷои дигар, манзилаш анҷумани фузалое буд, ки ӯро чун шамъ дар миён гирифта буданд ва дар зилли ҳимояташ ба сар мебурданд. Анҷумани адабӣ доир мекард ва шуаро ашъори худро мехонданд ва ӯ ашъорро ба нақд мегирифт ва назарашро баён мекард. Уламо ва донишмандон ва аҳли фазлу адаб ва ҳунар аз саросари Хуросон ва Форс ба маҳзари вай меомаданд ва аз базлу бахшиш ва саховату каромати вай баҳраманд ва бархурдор мешуданд. Вай онҳоро ташвиқу тарғиб мекард ва ин амр боис мешуд, то осори адабӣ ва илмӣ ва ҳунарии навине падид ояд. Баъзе аз шоирон, ки нисбати буъди масофа ё далоиле дигар наметавонистанд дар маҳзари ӯ ҳузур ёбанд, ашъору қасоиди худро ба Ҳирот мефиристоданд ва аз назари ӯ мегузарониданд ва ба подошу сила ноил мешуданд.

Дар бахши таълиқоти “Макоримул-ахлоқ” ба тасҳеҳ ва таҳшияи ҷаноби Абдулғаффори Баёнӣ омадааст:

“(Аҳлии Шерозӣ) ин қасидаро ба Ҳирот фиристод ва ба назари Амир Алишер расид ва мавриди қабул воқеъ гашта, сила ба вай дод. Ва навиштаанд Амир Алишер ин қасидаро бар қасидаи Салмон (Соваҷӣ) тарҷиҳ додааст.

Дар инҷо абёте аз қасидаи мавриди баҳсро аз куллиёти ашъори Мавлоно Аҳлӣ нақл менамоем:

Насими кокули мушкин кирост чун ту нигор,
Шамими сунбули мушкин куҷост мушки Татор.
Шамим хезад аз оҳуву вале на з-ин хуштар,
Насими гул вазад аммо чунин на анбарбор.
Насими кокули мушкин киро хезад аз ин хуштар,
Шамими сунбули пурчин куҷо резад чунин анбар.”.

Амир Алишер бо онки дар замони салтанати Ҳусайн Мирзо дар мақомоти олияи давлатӣ қарор дошт ва аз наздикиву дӯстӣ ва тақарруби хоси подшоҳ баҳраманд буд ва сарвати саршор дошт, ба ҳеҷ як аз ин имтиёзоти худ эътиное намекард ва зиндагиро дар миёни

дӯстону ошноёни худ ба дур аз ташрифот бо озодиву содагӣ ва бидуни такаллуф мегузаронд ва ҳатто шухиву мазоҳ мекард ва шухиву мазоҳи дигаронро таҳаммул мекард. Эдвард Браун аз мазоҳи вай бо Мавлоно Биноӣ, яке аз шоирони маъруф, ки бо вай шатранҷ мекарда, ёд кардааст:

“Ин Амир муҷаррад мезист ва аз алоқаи завҷият озод зиндагӣ мекард ва бо дӯстони худ бисёр озод буд ва мусоҳалаву мусомаҳа раво медошт. Як рӯз дар маҷлиси шатранҷ, Алишер як пои худро дароз мекунад ва (пойи вай) ба куни Мавлоно Биноӣ мерасад, Алишербек ба мутояба мегӯяд: Аҷаб балоест Ҳиро (Ҳирот), дар онҷо агар пойе дароз кунанд ба куни шоире мерасад. Биноӣ мегӯяд: Агар (поятро) ҷамъ кунӣ ҳам (ба куни шоире мерасад, яъне ба куни худат, ки шоир ҳастӣ мерасад)”.

Яке аз шоироне, ки муносиботи дӯстонааш борҳо бо Амир Алишер ба кинатӯзиву хусумат гароида, ҳамин Мавлоно Биноӣ аст, вай мутоябаву зарофат ва хуштабъиро ба ҷое расонида, ки Амир Алишерро аз худ ранҷонида ва ногузир ба тарки Хуросон шудааст.

***

14. Биноҳои хайрияи Амир Алишер

Яке аз сифоти сутӯда ва хасоили ҳамидаи Амир Алишер ин марди хайрхоҳу некӯкор, сохти абнияи хайрия ва буқъаҳое буд, ки бар мақбараҳои бузургони суфия ва шоирони бузург эъмор мекард ва ҳамчунон дар мараммат ва тазйини масоҷид ва сохтмони қалъаҳову работҳо ва ҳафри ҳавзҳо таваҷҷуҳ дошт ва тамоми муаррихин, тазкиранигорон ва муҳаққиқине, ки дар бораи Амир Алишер навиштаанд, аз сифоти хайрхоҳона ва некӯкоронаи ӯ дар сохтани абнияҳои ъомул-манфаъа ва таваҷҷуҳ ба ҳоли фуқаро ва тиҳидастон бо таҳсину тамҷид ёд карда ва шуморе аз осори хайрияи ӯро баршумурдаанд. Хондамир дар “Макоримул-ахлоқ” навиштааст:

“Ин Амири кароматманқабат дар айёми ҷоҳу ҳишмат ҷиҳати рафоҳияти фуқаро ва дарвешон ва фароғати ғарибону мусофирон, хавониқ ва арбита (работҳо) ва ҳавзҳову пулҳо ва ҳаммомот дар атрофи диёри Хуросон бисёр сохтаанд, чунончи теъдоди баъзе аз онҳо зикр карда мешавад:

1) Хонақоҳи Ихлосия: дар муҳозии мадрасаи Ихлосия воқеъ аст ва ҳар рӯз бештар аз ҳазор нафар зуъафо ва масокинро дар он мақоми файз-интимо зиёфат карда аз атъимаи лазиза сер месозанд ва ҳар сол қурби ду ҳазор пӯстин ва капанк (ҷомаи намадӣ) ва пироҳан ва изор ва тоқия ва кафш ба мустаҳиққон қисмат мекунанд

2) Хонақоҳи ҷамоатхонаи сари мазори орифи раббонӣ Мавлоно Шамсуддин Муҳаммади Табодконӣ, ки дар хиёбони Ҳирот воқеъ аст.

3) Иморати сари мазори фоизул-анвор ҳазрати Махдумӣ ҳақоиқпаноҳӣ (Мавлоно Ҷомӣ) навվараллоҳу марқадаҳу, ки ба суфту саъан ва рифъат ва латофати ҳаво иттисоф ва интимо дорад.

4) Қиноия дар ҷавори ҳамин мазор воқеъ аст.

5) Иморати ҳавзи моҳиён: гаштгоҳи мардуми Хуросон ва маскани фуқарову дарвешон аст.

6) Иморати сари мазори мутабаррики пири муҷаррад Хоҷа Абулвалиди Аҳмад қаддасаллоҳу сирраҳул-азиз, ба фусҳати соҳат ва такаллуфи беғоят мавсуфу маъруф аст.

7) Лангари сари мазори мутабаррик Шайх Муҳйӣ раҳимаҳуллоҳ, холӣ аз такаллуфе нест.

8) Иморати сари мазори Амир Абдулвоҳид ибни Муслим, ки дар Химчабод коин аст.

9) Хонақоҳи зиёратгоҳ: дар онҷо низ ба итъоми фуқарову масокин қиём менамоянд.

10) Иморати сари мазори Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ, раҳматуллоҳи алайҳ.

11) Дорул-ҳуффоз, ки дар Машҳади муқаддаса, дохили Равзаи разавия ало соҳибиҳос-салому ват-таҳия сохтаанд ва онро ба нуқуши исломӣ ва хитоӣ аз лоҷуворд ва тилло дар ғояти такаллуф пардохтаанд.

12) Айвоне дар камоли рифъат ва ниҳояти зебу зинат дар ҳамон равзаи шарифа бино кардаанд ва ғалвархонае низ эҳдос намудаанд, ки ҳар рӯз дар онҷо ба итъоми фуқарову зуъафо ва айтом қиём намоянд.

13) Хонақоҳи сари мазори Шайх Фаридуддини Аттор: ки ҷои биҳиштосор аст ва дар санаи 903, ки балдаи Нишопур аз фарри талъати хуҷастаи он ҳазрат пурнур буд, рӯзе ба зиёрати мақобири машоихи он сарзамин пардохтанд, ва чун мушоҳида намуданд, ки аксари он қубур наздик ба индирос расида, амр фармуданд то ба дастуре, ки ҳоло мутаораф аст, қабрҳои авлиёро рост сохтанд.

14) Лангари Мавлоно Сарӣ дар балдаи Марв таъмир ёфта.

Аммо тафсили работҳое, ки бонии мабонии хайрот иморат кардаанд бар ин ҷумла аст:

Работи сари хиёбони Тағуз, работи Ҳавзак, работи дараи Зангӣ, работи Чиҳилдухтарон, работи Тарноб, работи Панҷдаҳ, работи Қутулмаши Мурғоб, работи Марвчоқ, работи пули Аҳмади Муштоқ, работи Ябғу, работи Зоҳид, работиХоҷаи Дука, работи Чаҳоршанбе, работи Бобо Бурӣ, работи дараи Қурқуш, работи Кандакӣ, Оқработ, работи Муздурон, работи Ёнбулоғ, работи дашти Шорухт, работи Адраскан, работи Фармони шайх, работи Абулвалид, работи Париён, работи пули Ғуриён, работи Поёбак, работи Тирпул, работи Шутурхони Тирпул, работи саҳрои Боғунд, работи Ҷом, работи Харгард, мараммати работи Бакробод, работи Саъдобод, работи Ҳазира, работи Сангбаст,

работи Машҳади муқаддаса, работи Теппаи Чук, работи Дезбод, работи Каледар, работи Сангледар, работи Руниз, работи Исфароин, работи Чанорон, работи Ишқ, работи даҳанаи Тахти Сулаймон, работи Ҷирмҷуй, работи Оҳувон, работи Саркучаи Аломат, работи пули Нигор, работи Паҳра, работи Деҳлар (мутаҷовиз аз панҷоҳ работ).

Аммо ҳавзҳо, ки сохтаанд ин аст, ки муфассал карда мешавад:

Ҳавзи маҳаллаи Пойи дарахти меросӣ, ҳавзи муҳозии қалъаи Ихтиёруддин, ҳавзи маҳаллаи Шолбофон, ҳавзи Шурписта, ҳавзи маҳаллаи Чиҳилгазӣ, ҳавзи Хоҷа Калла, ҳавзи маҳаллаи Пирқавом, ҳавзи маҳаллаи Қаландарон, ҳавзи паҳлӯи Шифоия, ҳавзи сари мазори ҳазрати Махдумӣ ҳақоиқпаноҳӣ (Мавлоно Ҷомӣ), ҳавзи Париён, ҳавзи масҷиди Фушинҷ, ҳавзи Чарха, ҳавзи саҳрои Боғунд, ҳавзи ШоҳониГармоб, ҳавзи Дезбод, ҳавзи Зиёратгоҳ, ҳавзи Андхуд, ҳавзи роҳи Хоразм (ҳудуди бист ҳавз).

Аммо муфассали пулҳо ин аст, ки марқум мегардад:

Сепулак (ки то кунун ба ҳамин ном машҳур аст), пули Тулкӣ, пули Соқисалмон, пули Чиҳилдухтарон, пули Тарноб, пули Қаландарон, пули Қозбонон, пули Пойи Хоҷа, пул ва банди Хайробод, пули Ҷузҷонон, пули Нигор, мараммати пули Фушанҷ, мараммати Тирпул, пули Наҳри Араб, пули Чахчарон, пул ва банди Туруқ (15 пул).

Аммо теъдоди ҳаммомот бар ин ҷумла аст:

Ҳаммоме, ки дар муҳозии Шифоия сохтаанд, ҳаммоми Зиёратгоҳ, ҳаммоми дараи Зангӣ, ҳаммоми Тувачӣ, ҳаммоми Чиҳилдухтарон, ҳаммоми Тарноб, ҳаммоми Панҷдеҳ, ҳаммоми Файзобод, ҳаммоми Саъдобод, ват-тавфиқу минал-лоҳи Холиқил-ъибод".

Ончиро Хондамир дар "Макоримул-ахлоқ" забт намуда, бахше аз биноҳои хайрияе ҳаст, ки тавассути Амир Алишер сохта шудааст. Ин Амири некӯкор дар анҷоми аъмоли хайрия ва биноҳои масҷиду мазорот ва мадорису хонақоҳҳо ва работҳо ва пулҳову ҳаммомҳо ва соири абнияи мавриди ниёзи мустамандон ба ҳадде шавқу алоқа дошт, ки теъдоди маҷмуъии онро ба сесаду ҳафтод (370) забт кардаанд.

Доктор Забиҳуллоҳи Сафо дар "Таърихи адабиёти Эрон" навиштааст:"...ва аз он осори хайр ҳанӯз қисмате боқӣ аст, мисли айвони ҷанубии саҳни атиқи Остони разавӣ дар Машҳад. Наҳри оби Болохиёбон

дар Машҳад, работи Сангбаст, работи Дезобод, банди оҷурии қаряи Туруқ дар наздикии Тус, Мақбараи Қосими анвор дар қаряи Лангар наздики турбати Ҷом ва қисмате аз мазори Аттори Нишопурӣ, яъне санги мазори он шоир, ки мавҷуд аст. Ва ин моя бозмондаи сесаду ҳафтод буқъае аст, ки эҷод ё таъмир карда ва навад работест, ки сохта”.

Хондамир дар “Макоримул-ахлоқ” аз диндориву пойбандии Амир Алишер ба намозҳои ҷамоат ва мараммати Масҷиди ҷомеъи бузурги шаҳри Ҳирот таҳти назорат ва сарпарастии ин Амири мутадаййин, дар “Мақсиди шашум”-и он китоб менависад:

“Ҷидду ҷаҳди ин малози (паноҳгоҳи) ибод ва уббод дар иқомати намози Ҷумъа ва ҷамоат ба мартабае буд, ки дар даруни боғи Марғане масҷиде дар ғояти зебу зинат сохта, Хоҷа Ҳофиз Муҳаммади Султоншоҳро, ки зубдаи қуррои замони худ аст, ба имомати он буқъа муқаррар фармуда буданд ва дар ҳар панҷ вақт ба ҷамоат ҳозир мешуданд ва айзан муҳтасибе таъйин намуда буданд, ки мулозимони остони ҳидоятошёнро ба адои салот тарғиб намояд, ва агар номашрӯъ аз касе мулоҳиза кунанд, ҳадди шаръ бар вай биронад. Ва айзан дар муҳозии боғи Марғане, масҷиди ҷомеъе дар камоли такаллуф ва зебоӣ сохтаанд ва ал-ҳақ фазои дилгушои он бино аз сафои ботини хуҷастамаёмини бонӣ ҳикоят мекунад ва ҳавои руҳафзои он мақоми файз-интимо аз насими Биҳишти ҷовидонӣ ривоят менамояд...

Ва аз ҷумлаи масоҷиде, ки ин бонии мабонии хайрот таъмир фармудаанд, яке Масҷиди ҷомеъи Ҳирот аст, ки фил-воқеъ ҷомеъи фуюзоти илоҳӣ ва рофеъи кудуроти номутаноҳист ва ин буқъаи шарифаро Султон Абулфатҳ Ғиёсуддин Муҳаммад ибни Сом дар авохири айёми давлати хеш (597 қ.) бино фармуд. Ва қабл аз онки хотири ъотираш аз итмоми ин олимақом фориғ шавад, ба ҷавори мағфирати эзидӣ интиқол намуд. Бародараш Султон Шиҳобуддин, ки қоим-мақом буд, ба таъмири масҷид пардохт, аммо писараш Султон Ғиёсуддин Маҳмуд пас аз онкӣ бар тахти подшоҳӣ нишаст, он мавзеъи мутабаррикро тамом сохт. Чун муддате бар ин ҳол бигзашт ва ба сабаби туғёни Чингизхон ва харобии вилоёти Хуросон, он манзили баланд макон рӯй ба вайронӣ ниҳод, таҷдиду таъмираш ба саъй ва иҷтиҳоди подшоҳи некӯниҳод Малик Ғиёсуддини Курт иттифоқ афтод. Баъд аз фавти вай валадаш Малик Муъиззуддин Ҳусайн дар зебу зинати масҷид

афзуд, ва дар замони ҳазрати Хоқон (... Мирзо) Саид Мирзо Ҷалолуддин Фирӯзшоҳ марammate намуд. Назм:

Ҳаркӣ омад иморате нав сохт,
Рафту манзил ба дигаре пардохт.
В-он дигар пухт ҳамчунон ҳавасе,
В-ин иморат басар набурд касе.

Дар айёми давлат ва овони салтанати соҳибқирон ва хоқони гетӣ (Султон Ҳусайн Мирзо) айвони суффаи мақсурааш шикасте фоҳиш ёфт ва сақфи гунбади маъмурааш ба сарҳади харобӣ шитофт, ҷидори баландмиқдораш монанди рокиъон пушт хам кард ва пили пойҳои олиосорашмисоли соҷидон рӯй бар замин овард. Сафедии гаҷ аз сақфи марфуъаш муртафиъ шуд ва хоки сиёҳи намнок бар зери фарши маймунаш муҷтамеъ гашт. Чун ин маъонӣ бар замири анвари он маҳбати (маҳалли фурӯди) илҳомоти раббонӣ (Амир Алишер) партав андохт, ҳамагӣ ҳиммат бар ташдид ва ташйиди қавоиди он иморат мақсур сохт ва аз подшоҳи ислом иҷозат талабида ва аз арвоҳи муқаддасаи машоихи изом истимдод карда[10], дар Шаъбони санаи 903 ба боз кардани гунбад ва пушти тоқи максура, ки максура гашта буд, амр намуд. Баъд аз он ба истисвоби меъморони ҳозиқ ва муҳандисони мудаққиқ ба рост сохтани он бино бар ваҷҳе, ки аз он муҳкамтар натавон будан, ишорат фармуд. Дар ду тарафи суффаи мақсура ду айвони олишаън бунёд ниҳод ва бад-он ҷиҳат тоқи бузургро матонат ва истеҳкоми тамом дод ва он муассиси қавоиди мабаррот ба воситаи касрати эҳтимом дар итмоми ин иморат ҳар рӯз ба нафси нафис ба он мақоми шариф ташриф меовард ва дар аксари айём доман дар миён зада, монанди соири муздурон кор мекард. Дар ҳар чандрӯз меъморону устодон, бал ҷамиъи пешаварони онҷоиро ҷомаҳои гаронмоя мепӯшонд, ва ба навозиши мавфур ва инъомоти ғайримаҳсур хушдилу масрур мегардонид. Лоҷарам ба тавфиқи илоҳӣ ва таъйиди номутаноҳии подшоҳӣ кори се чаҳор сола дар муддати шаш ҳафт моҳ тамом гашт ва рифъати айвони мақсура ба муқтазои ҳиммати амири баҳрмакрамат, аз ончӣ пештар (буд) шаш ҳафт зироъ даргузашт.

Чун асли кор ба итмом расид ва қавоиди он монанди бинои ҳарамон мустаҳкам гардид, хаёли зебу ороиш ва андешаи такаллуф ва намоиш

---

[10] Талаби мадад ва ёрӣ аз арвоҳ ҷоиз нест ва шарику анбозе қарор додан бо Парвардигор хоҳад буд - (аз баргардонанда).

бар хотири ъотираш гузашт. Ба муҷиби ишорат алайҳ, муҳандисони хуҷастаосор ва кошитарошони ширинкор ва ҳунармандони наққош ва устодони сангтарош ба ҷидди ҳарчӣ тамомтар рӯй ба тазйини он масҷиди файзойин оварданд. Ва дар муддати як сол, кореро ки ба ҳасаби тахмину қиёс мебоист, ки дар қурби панҷ сол ихтитом ёбад, тамом карданд. Вуҷуҳи тоқҳову равоқҳояш ба нуқуши исломӣ ва хитойӣ музайян ва муҳалло шуд ва сафаҳоти суффаҳои пурсафояш ба вуфури такаллуфоти ғариб ва касрати ихтироъоти аҷиб аз соири биқоъ мумтозу мустасно гашт. Сақфи гунбадҳои баландаш монанди саҳифаи аъмоли некӯкорон сифати сафеди ва равшанӣ пазируфт ва узорҳои айвонҳои арҷмандаш аз сангҳои савравон разонат ва матонати мо-ло-калом гирифт. Назм:

Пур аз нақшу нигор аз фарш то сақф,
Муҳандисро бар ӯ фикру назар вақф.
Зи олӣ ғурфаҳояш чашми бад дур,
Муқаввас тоқҳо чун абрӯи ҳур.

Ва чун минбари қадим, ки аз чуби ҷавз тарошида буданд дарҳам шикаста буд, ҳиммати олиниҳмати амири софитавият муқтазии он шуд, ки минбаре аз санги мармар тартиб ёбад ва мулозимони он остони рафиъуш-шаън дар ҷустуҷӯй ва таку пуй афтода дар вилояти Хавоф санги мармар ёфтанд ва баҳои тамом аз соҳибаш харида бад-ин буқъаи муборак оварданд ва устод Шамсуддини сангтарош ба сохтани он иштиғол намуда, ба юмни эҳтимоми амири олигуҳар минбаре сохтаву пардохта шуд, ки то офтоби оламоро ҳар сабоҳ хатибосо, бар минбари сипеҳри хазро бармеояд, шибҳу назири он надида, ва то суннати санийяи намози Ҷумъа ва ҷумаъот дар миёни уммати ҳазрати Рисолат (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) падид омада, гуши ҳеч раванда мисоли он нашнида.

Ҷаноби шариатмаоб, зубдаи фузалои заман, Саййид Ихтиёруддини Ҳасан(дома маъолиҳи) ҷиҳати торихи итмоми ин минбари олимақом, ин қитъаро дар силки иншо, низому интизом дод. Қитъа:

Аз ҳиммати бузурге шуд минбаре мукаммал,
К-аз ғояти тараффуъ бар арш сар кашида.
Ҳаргиз касе надида минбар ба санги мармар,
Таърих шуд ҳамон к-ӯ “ҳаргиз касе надида”.

Ал-қисса дар рӯзи чаҳоршанбеи чаҳордаҳуми Шаъбони санаи (905) ки такаллуф ва тазйини ин масҷиди ҷаннатойин тамом шуда буд, он соҳибтавфиқи соибтадбир оше азим тартиб намуда. Байт:

Яке ҷашн фармуда бо зебу соз,
Ки дар васфи он қисса гардад дароз.

Ва хатибу имом ва вуъъозу ҳуффоз ва мутаваллӣ ва худдом ва устодон ва амалаи иморатро бо ҷамъиҳим ҳам дар он мақом талаб дошта шарти зиёфат ба тақдим расониданд. Онгоҳ қомати қобилияти он ҷамоатро, ки қурби сад кас буданд ба пустинҳои гаронбаҳо ва фурҷиҳои суфи аъло ва қабоҳои қутнӣ ва дигар сиёби фохира музайян ва ороста гардониданд. Баъд азон ҷиҳати мазиди матонат ва истеҳком ба фарши боми ин хуҷастамақом ишорат фармуданд ва амалаи иморат ба тартиби масолеҳ ва устодон ба кор бурдани онҳо иштиғол намуда ба андак фурсате ҷамиъи бомҳои он фархундабиноро, ки тахминан чаҳордаҳ ҷариб аст, ду фарш бар зери якдигар андохтанд. Ва рӯи онро ба коҳгил андуда, бил-кул хотир аз он мамар фориғ сохтанд. Онгоҳ амири ҳидоятпаноҳ ба тартиби мо-яҳтоҷ туйе дигар бештар аз пештар фармон дод ва фармонбарон бад-он машғулӣ фармуда панҷоҳ сар гусфанд ва нуҳ сар асп дар он даъват сарф намуданд, боқӣ ашёро бар ин қиёс бояд кард. Маснавӣ:

Чу Ҷаннат яке базм ороста,
Муҳайё дар ӯ ҳарчӣ дил хоста.
Ҷаҳон то ҷаҳон, хону дастурхон,
Баророста шираҳо бекарон.

Ва дар рӯзи душанбеи ғурраи Ҷамодил-аввали санаи (906) машоих ва содот ва қузоту уламо ва фузалову умарову вузаро ва ашрофу аъёни дорус-салтана Ҳирот, баъзе ба муҷиби ишорати амири ҳидоятманқабат, ва бархе ба ишқи худ дар он маъбади фоизул-баракот муҷтамеъ гашта, маҷлисе дар ғояти убуҳҳат даст дарҳам дод. Баъд аз кашидани атъима ва ағзияи фаровон ва фароҳам овардани шира ва дастурхон, навбати дигар дасти дарёнаволи амири баландмакон амалаи иморат ва устодон ва муздуронро сиёби фохира пӯшонид ва маросими навозиш ва узрхоҳӣ ба тақдим расонид”.

Ин буд торихчаи мараммати Масҷиди ҷомеъи бузурги Ҳирот, ки Хондамир онро дар “Макоримул-ахлоқ” овардааст. Хондамир ба идомаи он меафзояд:

“Пӯшида намонад, ки агар ҳар як аз масоҷиде, ки меъмори ҳиммати ин амири баҳрмакрамат сохтааст, муфассалан мазкур шавад, ин мухтасар ба татвил анҷомад. Лоҷарам ба таҳрири теъдоди боқӣ масоҷид иктифо меравад:

Масҷиди сари пули Анҷил, масҷиди тали Қутбиён, масҷиди сари кӯчаи Улуғато, масҷиди сари кӯчаи Амир Ислом Барлос, масҷиди Чаҳорсуқи Мирзо Алоуддавла, масҷиде, ки дар навоҳии Кушки Ҷаҳоннамо сохта шуд, масҷиди маҳаллаи Қаландарон, масҷиде, ки дар ҳаволии боғи Зоғон иморат ёфта, масҷиди маҳаллаи Турхониён, масҷиди маҳаллаи Мир Одил, масҷиди ҷомеъи пули Корта, масҷиди ҷомеъи Пул дар қароидгоҳи зиёратгоҳ, масҷиди қаряи Паҳра, масҷиди ҷомеъи Исфизор, масҷиде, ки дар Ғур сохтаанд, масҷиди ҷомеъи қасабаи Фушанҷ, идгоҳи Ҷом, масҷиди Сарахс, масҷиди ҷомеъи Карот Таршиз, масҷиди ҷомеъи Астаробод, дигар дар ҷамиъи мадорис ва хавониқ ва арбита, ки бино ниҳодаанд масоҷид сохтаанд – яқбалуллоҳу таъоло минҳу.

Ва чунончӣ ин мушаййиди аркони исломро ба қиёми салот эҳтимом буд, ба адои закоту тасаддуқот низ саъй ва иҷтиҳоди тамом буд. Балки эътиқоди роқими ин калимот он аст, ки ҳаргиз он миқдор зар, як сол дар хазонаи он ҳазрат қарор намегирифт, ки закот воҷиб шудӣ, зеро ки ҳарчӣ ба дасти мулозимонаш дар меомад, ҳам дар он наздикӣ дар ваҷҳи инъоми тавоифи аном масруф мегашт ё тани иморати биқоъи хайр мешуд. Мисраъ:

Қарор дар кафи озодагон нагирад мол.

Ва ҳамвора азизоне, ки ба шарафи муҷоласати ин амири баҳрмакрамат мушарраф мегаштанд, асомии мардуми мустаҳиқро ба арз мерасониданд ва он ҳазрат фарохури ҳол, аз моидаи инъоми хеш эшонро баҳравар месохтанд ва айзан пайваста маблағе кироманд ба яке аз мулозимони муътамади хеш месупурданд то дар вақти саворӣ ҳаргоҳ чашми эшон бар муҳтоҷе афтад, риъояташ намоянд.

Ва дар моҳи муборaки Рамазон (ал-лази унзила фиҳил-Қуръон) ин амири баландмакон ба қадри имкон дар издиёди хайрот ва мабаррот

саъй менамуданд ва дар Шерон, дастурии чанд сар гусфанд ва мо-яҳтоҷи он меафзуданд ва ҳар шаб мардуми бисёр аз содоти кибор ва уламои рӯзгор ва умарои олитабор ва судури рафиъмиқдор, дар ҳузури амири бузургвор ифтор мефармуданд ва он ҳазрат ба нафси нафис мулоҳазаи меҳмонон карда ва ба тақсими таъом мепардохтанд. Баъд аз он худ даст ба хӯрданӣ дароз мекарданд ва ҷамъеро таъйин менамуданд, ки дар берун нишаста ба зиёфати мардуме, ки дар маҷлис ҷой наёбанд, машғулӣ намоянд ва маъа-золик аз пеши худ низ ҷиҳати эшон бахш мефиристодандва қарибу баъид, фузало ва шуъаро ва фуқарову зуъафо ва айтомро ба инъоми зару ҷома менавохтанд”.

Марҳум устод Фикрии Салҷуқӣ дар бахши таълиқоти “Рисолаи мазороти Ҳирот” ба нақл аз хотимаи “Хулосатул-ахбор” аз биноҳои дигаре, ки ба ҳиммату таваҷҷуҳи Амир Алишер сохта шуда, ёд мекунад ва дар муаррифии баъзе аз ин осори хайрия маълумот медиҳад, ки мо дар ин ҷо ба зикри баъзе аз онҳо басанда мекунем:

- Дорул-ҳадис ва Доруш-шифои Маҳди улё (Маликат-оғо).

- Масҷиди Махдумӣ: ин масҷид аз биноҳои Амир Алишер аст ва то кунун дар Ҳирот ба ҳамин ном маъруф аст. Ин масҷид то 1374 қ. матрук будааст. Марҳум устод Фикрӣ менависад: “Ва аз ҳамаи он абния асаре боқӣ намондааст, магар мадрасаи ҳазрати Ҷомӣ, ки акнун ба Масҷиди Махдумӣ маъруф аст ва дар ҳиссаи саввуми шаҳри куҳна дар маҳалли Кашмириён наздики Бозори Ироқ воқеъ ва акнун чанд сол аст, ки онро дубора обод намудаанд”.

- Масҷиди Сари пул: бинокардаи ҳиммати амири бебадил аст ва аз ғояти зебу зинат бешибҳу беназир. Марҳум устод Фикрӣ дар ин боб навиштааст: “Ин масҷид аз абнияи Амир Алишер Навоӣ ва зоҳиран бар сари пули Анҷил ва наздики Мусалло яъне қурби Масҷиди ҷомеъ ва Мадрасаи Амир Алишер воқеъ буда, ки дар тахриби Мусалло он ҳам ба куллӣ аз миён рафта”.

- Мадраса ва хонақоҳи Султон Ҳусайн: марҳум Фикрии Салҷуқӣ менависад: “Ба соли 898 қ. (1492 м.) таъмир ёфта ва гури Султон Ҳусайн дар мағриби он воқеъ буда ва акнун чаҳор поя манор аз он мадраса боқӣ аст”.

Марҳум Алиасғари Ҳикмат дар муқаддимаи “Тазкираи Маҷолисун-нафоис” зери унвони Осори Мир Алишер дар Хуросон, аз оби хиёбони

Машҳад ёд мекунад, ки Амир Алишер барои умрон ва ободии Машҳад ва рафоҳи ҳоли сокинини он, оби чашмаи Куласбро аз маҷрои Тус мунҳариф ва ба тарафи Машҳад ҷорӣ сохт ва тули ин ҷӯйро беш аз даҳ фарсанг ёд кардаанд. Ва дар поёни ин мабҳас, такмилаи ваҳфномаи Амир Алишерро овардааст, ки хислати некӯкориву хайррасонии ӯро ба мардуми фақир ва тиҳидаст ба мартабаи аъло ба намоиш мегузорад.

Амир Алишер, ки шаммае аз ҳолоту фазоил ва дониши вай дар ин авроқ баён гардид, яке аз донишмандони бузурги қарни нуҳуми ҳиҷрӣ ба шумор меравад, вале ончӣ ӯро аз соири бузургони фазлу адаб дар мартабаву мақоме волотар қарор медиҳад ва барозандаву мумтоз мегардонад дар се буъд аз шахсияти вай мебошад:

1) Устоди адаби туркӣ:

Дар забону адабиёти туркӣ, истеъдоду маҳорат ва устодияш мусаллам аст ва ҳеч кас наметавонад бо ӯ мусоҳим ва баробар бошад. Осори фаровони манзум ва мансури ӯ дар забони туркӣ ва табъозмоии ӯ дар ҳама арсаҳои адабӣ ба вай мақоме бас воло бахшида, ки бо вуҷуди адибони турктабор ва туркзабон қабл аз вай ва муосиринаш, ӯро бунёнгузори аслии шеъри туркӣ ва падари адабиёти туркӣ номидаанд. Ба қавли Эдвард Браун: “Ҳатто салотин ва умарои туркнажоди Темурӣ, монанди Улуғбек, Бойсунғур, Мирзо Ҳайдари Дуғлот ва ҳатто шахси Султон Ҳусайн Бойқаро, ҳама забони форсиро дар мақосиди адабии худ ба кор мебурдаанд. Танҳо амири кабир Алишер Навоӣ беш аз ҳар кас бар тақдим ва тарфиъи забони туркии чағатоӣ базли масоъӣ намуда ва онро дараҷаву манзалати яке аз алсинаи адабия дода ва ба ҳадди камол расонидааст”.

Осори арзишманд ва гаронмояи ӯ дар забони туркӣ боис шуд то шоирону адибон ва нависандагон баъд аз вай онро ба ҳайси сармояи муҳими адабӣ раҳнамои худ қарор диҳанд ва аз он истифодаи комил ва баҳраи вофир баранд. Ба қавли Султон Муҳаммад Фахрии Ҳиротӣ дар маҷлиси нуҳуми “Тазкираи Маҷолисун-нафоис”: “Ва пеши туркони хирадманди фозил муқаррар аст, ки то баёни назми туркӣ шуда мисли ӯ касе қадам дар он водӣ наниҳода ва хусрави он қаламрав ӯст”.

2) Донишпарварӣ:

Донишпарвариву пуштибонии вай аз фузало ва удабову шуъаро ва ҳунарварону санъатгарон ба ҳадде будааст, ки таърихи адаби форсӣ

назири онро надидааст. Дар ҳамин давра аст, ки дар асари таваҷҷуҳ ва базли ҳиммати ӯ шумори зиёде аз шоиру олим ва ҳунарвару наққошу мусиқинавоз ба шуҳрат мерасанд ва осори арзишманду ҷовидона аз худ ба ҷо мегузоранд. Наққоши машҳури замон Камолуддин Беҳзод, ки осораш то кунун зебу зинати музейҳои ҷаҳон аст ва ҳамчунон Шоҳ Музаффар, дар зилли ҳимояти вай ба сар мебурданд. Ба иловаи уламо ва фузало ва донишмандоне, ки аз кумаку ҳимоят ва пуштибонии вай бархурдор буданд, мусиқидонҳои маъруф чун Қулмуҳаммад ва Шайхи Нойӣ ва Ҳусайни Ъудӣ мадюну марҳуни эҳсони вай будаанд. Ал-ҳақ, ки вай ҳомии кариме барои удабо ва фузалои худ шумурда шуда ва бо базлу бахшандагӣ ва гоҳ бо илтимос ва фурӯтанӣ тавонистааст эшонро ба эҷоду ибдоъи осори мондагор ва ҷовидона ташвиқу тарғиб кунад. Ҳеч султон ё амир ва вазире чун ӯро суроғ надорем, ки дар асари саъй ва таваҷҷуҳ ва кушиши вай ин ҳама осори гаронмоя ва муҳим ва арзишманд, ки дар ғанои адаби форсӣ нақши муҳимме доштааст, ба вуҷуд омада бошад. Эдвард Браун, ки Амир Алишерро ба “Мосинос” ташбиҳ намуда, роҳи иғроқ напаймуда, ки гуфтааст: “Аҳамият ва азамати Амир Алишер аз ҷиҳати нависандагӣ ва ҳам аз ҳайси пуштибонии ӯ аз аҳли фазл ба қадре зоҳиру намоён аст, ки метавон бе муболаға ӯро “Мосинос”-и замону кишвари худи ӯ хонд”.

Ин сухани Эдвард Браун дар воқеъ муайиди қавли Султон Муҳаммад Фахрии Ҳиротӣ аст, ки дар маҷлиси нуҳум аз “Тазкираи Маҷолисун-нафоис” гуфтааст: “Ва он миқдори бемислу нодир аз хаттот ва хонанда ва созанда ва наққош ва музаҳҳибу мусаввир ва муҳаррир ва муъаммоӣ ва шоир, ки ба тарбияти ӯ дар нашъу намо омада, маълум нест, ки дар ҳеч замоне ҷилва карда бошад, ӯ низ аз фунуни ин ҷамоат баҳрае тамом дошт, хосса дар шоирӣ”.

3) Хислат ва сифати некӯкорӣ, хайррасонӣ ва эъмори абния ва осори хайрия:

Ин амири донишвар ва хайргустар, чунонки шаммае аз аъмоли хайрхоҳона ва некманишона ва саховатмандонааш на танҳо дар кумак ба аҳли фазлу адаб, балки ба мардуми фақир ва тиҳидаст ва ниёзманд баён гардид, дар эъмори сохтмонҳои ъомул-манфаъа, ки мавриди истифодаи ҳамагон қарор гирад, чунон шӯр ва шавқу валаъе тамом дошт, ки мазиде бар он тасаввур намерафт. Эъмори сесаду ҳафтод (370) бино ва сохтмон, ки дар “Макоримул-ахлоқ” бад-он ишора рафта, аз қабили масҷид,

мадраса, буқъа, хонақоҳ, тафриҳгоҳ, ғулурхона, лангар, ҳавз, работ, пул, ҳаммом, ҷӯй ва корез дар саросари Хуросон кори содае нест, ки як шахс ба танҳоӣ битавонад аз уҳдаи он бадар ояд, балки ташкилоти аризу тавили давлатиро эҷоб мекунад. Аз он гузашта ин марди нексиришт ва нексират, ки Аллоҳ таъоло ӯро некфарҷом гардонад дар анҷоми ин хадамот гоҳ ба нафси худ саҳм мегирифт. Почаҳоро бар мезад ва доман дар миён мебаст ва чун муздуркорон ба амалигӣ мепардохт ва даст ба хоку гил меолуд то кори мараммати Масҷиди ҷомеъи Ҳирот зудтар ба поён бирасад ва ин корро дар синини пирӣ, ки яке ду сол беш баъд аз он зинда намонд, анҷом медод ва аз ранҷе, ки дар ин роҳ мекашид то дигарон ба роҳат бирасанд, лаззат мебурд. Гӯи насиҳати устод ва муршиди худ Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомиро баҷо мекард, ки дар номае хитоб ба ӯ гуфта буд:

Роҳату ранҷ чун бувад гузарон,
Ранҷ каш баҳри роҳати дигарон.
З-онкӣ бошад ба мазраъи умед,
Ранҷи ту тухми роҳати ҷовид.

Ал-ҳақ, ки ин марди покниҳод ва хуштинат барои осоишу роҳати мардуми худ ранҷи зиёд кашидаву бо ин кор мазраъи умедашро базрафшон кардааст. Чӣ беҳтар, ки нақли қавле аз суханони вай, ки дар дебочаи “Мавқуфоти Амир Алишер” дарҷ гардида биёварем то ба кунҳи шахсияти ин марди некӯкор ва некӯсиришт бештар пай бибарем.

“Дар хидмати он ҳазрат (Султон Ҳусайн Мирзо) ба тамшияти умури ҷумҳур мепардохтам ва ба раҳнамоии хирад ба корҳое ибтидо мекардам, ки суди дунё ва нафъи охират дар он манзур бувад, то сабаби осоиши мардум ва боиси ризои Холиқ гардад ва ба инояти худовандӣ дар тамомати онҳо комёб шудам. Аз он ҷое, ки дасти бедод ҳечгоҳ аз таъаддӣ кӯтоҳ намегардад, ва сарсари зулм аз куштани чароғи мазлум ва оташи кин аз сӯхтани хирмани бечорагон боз намеистад, то онҷо ки мумкин буд ба шикояти додхоҳон расидагӣ мекардам, ва дасти мутаъаддиён аз сари онҳо кӯтоҳ менамудам ва Султонро аз чигунагии амр огоҳ месохтам. Бо онки мардум аз вазиъ ва шариф ва аз сипоҳӣ то ғайрисипоҳӣ, аз давлатманд то фақир дар корҳои худ ба ман мурочиъа мекарданд, ман ҳам дарислоҳи он мекушидам, вале аз касе тамаъи музд надоштам ва аз ҳечкас миннате қабул накардам, ҳарчанд дар ин роҳ

ранҷи фаровон мебурдам, чун миннат ва музде дар миён набуд, он ранҷ бар худ гуворо медонистам”.

Шояд суоле дар зеҳн падид ояд, ки марҳум Амир Алишер он ҳама молу сарват ва дороиро аз куҷо ба даст оварда буд, ки онро дар роҳҳои хайрия харҷ мекарда ва ба масраф мерасондааст? Посухи ин суолро метавон дар идомаи суханони Амир Алишер, ки дар “Дебочаи мавқуфот Амир Алишер” омада дарёбем:

“Барои онкӣ мазраъаи маъошам ба якбор нахушкад, бар ҳасаби амри султонӣ ба чизе аз зироъат иштиғол меварзидам ва чун дар ин шуғл ҷониби шариат ва инсофро комилан муроъот мекардам ва аз инояти худовандӣ нафъи бисёр мебурдам ва аз ъавоиди он неъмат ба худ бо андак мояе пушоку хурок месохтам ва бақияи он сарфи умури хайрия ва бинои биқоъ менамудам ва савоби тамомати онро вақфи рӯзгори он ҳазрат мекардам”.

Аз матолиби ёдшуда бад-ин натиҷа мерасем, ки басо аз сифоту хисоли Амир Алишер чун шоирӣ ва нависандагӣ ва маҳорат дар анвоъи улум ва фунуни адабӣ ва доштани таълифоти фаровон аз сифоту хасоиле аст, ки ҳама бузургони фазлу адаб ва арбоби дониш аз он баҳраманд ва бархурдор буда ва ҳатто бисёре аз он бузургон дар ин арсаҳо аз вай пешӣ гирифтаву дар мақоми волотаре қарор доранд, вале онҷӣ ӯро дар миёни ҳамагон дар ҳама азминаву даврон ба сурати шахсияте истисноӣ ва беҳамтову фард дармеоварад ва аз дигарон ҷудову мутамоиз месозад, аввалан мақоми волои вай дар адабиёти туркӣ аст, ки ӯро бунёнгузор ва устоди мусаллам дар он арса медонанд, ва дуввум сифати донишпарварӣ ва ҳимояту пуштибонии вай аз аҳли фазлу адаб буда, ки ӯро ба қавли Эдвард Браун “Мосинос”-и замон хондаанд ва саввум ҳамон хислати хайррасонӣ ва некӯкории ӯ дар умури кумак ба мустамандону ниёзмандон ва эъмори абния ва сохтмонҳои хайрияи ъомул-манфаъа аст, ки шумори онро дар саросари Хуросон ба сесаду ҳафтод иморат баршумурдаанд, ки теъдоде аз онҳо, ки аз газанди ҳаводис дар амон мондаанд, токунун боқиву побарҷост.

15. Нақши Султон Ҳусайн Мирзо дар ғанои адабии ин давра

Нуктае бас муҳим ва дархури таваҷҷуҳ он аст, ки ҳама таълифоти кутуб ва расоил ва девонҳои ашъори Амир Алишер ва ҳамчунон эъмори абния ва осори хайрия ва ҳимояту пуштибонии ӯ аз арбоби фазлу дониш ва доду деҳашу базлу бахшиши вай дар замони салтанати Ҳусайн Мирзо будааст, бинобарин нақши султоне олиму фозил ва шоиру донишвар ва донишгустаре чун Ҳусайн Мирзоро, ки бузургони адабу фарҳанг чун Амир Алишер, Ҷомӣ ва дигаронро дар зилли ҳимояти худ қарор дода буд ва бад-эшон арҷ мегузошту ҳурмат мениҳод, набояд нодида ангошт, зеро дар замони ҳеч як аз салотини темӯрӣ чун давраи тулонии салтанати ӯ Ҳирот ба он ҳадд аз ободониву тараққӣ ва таъолӣ нарасида буд. Агар қарор бошад, ки ба тафсил дар бораи ӯ сухан бигӯем, ин мақолро маҷоли он нест, ногузир бояд гуфт, ки авҷи тараққии Ҳирот балки саросар Хуросонзамин ҳам аз ҷиҳати густариши илму адаб ва ҳунар ва ҳам аз лиҳози оромиш ва рафоҳ ва осоиши мардум дар ҳамин давраи дурахшон будааст. Дар васфи он султони адабдӯст ба нақл аз суханони Сом Мирзо писари шоҳ Исмоили Сафавӣ дар “Туҳфаи Сомӣ” басанда мешавад:

“Султон Ҳусайн Мирзо подшоҳи адлгустар ва шаҳаншоҳи раъиятпарвар буд. Баҳори айёми давлаташ чун айёми баҳори хуррам ва хуррамӣ ба айёми салтанаташ монанди ҳангоми хуррамии дур аз ғам. Бетакаллуфи мадҳгустаре бад-ончӣ ӯ муваффақ шуда кам подшоҳеро муяссар шуда. Чун сохтани биқоъи хайр ва риъояти уламо ва талабаи улум, ба тариқе, ки дар айёми ӯ дувоздаҳ ҳазор (12000) аз уламо мувазаф буданд, ва дигар маъмурии билоду рафоҳияти ибод ва риъояти аҳли ҳунар ва шеър аз ин қиёс тавон кард. Дар воқеъ касеро, ки мисли Алишер чокаре ва монанди Мавлоно Ҷомӣ мадҳгустаре бошад, ҳамоно ки аз мидҳати модиҳон ғанӣ ва аз сифати восифон мустағнист”.

Бисёре аз осори Мавлоно Ҷомӣ низ дар давраи салтанати Ҳусайн Мирзо таълифу тасниф гардида ва чунонкӣ тизкор ёфт, баъзе аз ин осор ба асари хоҳишу тақозои Амир Алишер сурат бастааст.

Мавҷудияти Мавлоно Ҷомӣ, ки мақому манзалат ва мартабате бас воло назди Султон Ҳусайн дошт, чӣ дар ҷиҳати тараққӣ ва таъолии улум ва фунуни адабӣ ва чӣ аз лиҳози рафоҳ ва осоиши мардум, ки шаммае аз он қаблан баён гардид, дархури таваҷҷуҳ аст. Аз инки ин нигоранда дар пайи он аст, ки китоби мустақилле дар бораи он бузургмарди қарни нуҳуми ҳиҷрӣ (Мавлоно Ҷомӣ) бинависад, дар инҷо ба зикри суханони

баъзе аз бузургон ва ноқидону устодони сухан дар васфи вай басанда мешавад. Ҳарчанд ӯро фавқи мадҳ ва васф донистаанд:

Сом Мирзои Сафавӣ дар Туҳфаи Сомӣ навишта аст:

“Ҷомӣ онки аз ғояти улувви фитрат ва ниҳояти ҳиддат, эҳтиёҷ ба тақрири ҳол ва табйини мақол надорад, чӣ партави фазоили ӯ аз шарқ то ба ақсои ғарб расида ва хони наволаш аз карон то карон кашида. Байт:

На девони шеър аст ин, балки Ҷомӣ,
Кашидаст хоне ба расми каримон.
Зи алвони неъмат дар ӯ ҳарчӣ хоҳӣ,
Биёбӣ, магар мадҳу замми лаимон.”.

Эдвард Браун мегӯяд:

“Ҳеч устоди сухан ва гӯяндаи форсизабон дар танаввуъи мавзуъ ва тафаннун ба фунуни мухталифа ба пояи камоли ӯ намерасад ва эъҷобу таҳсини муосирони вай нисбат ба қариҳаи фурӯзони ӯ баҷо ва салтанати ӯ дар мулки сухан басазост.

Ҷомӣ ки офтоби сипеҳри камол буд,
Тасниф кард илм ба ҳар нусха беҳасиб.
Рафт аз ҷаҳону хонд миёни суханварон,
Таърихи фавти хештан “ашъори дилфиреб”.

Ғолиби муосирони маъруф номи вайро ба иззат бурда ва мартабату мақоми ӯро чунон баланд донистаанд, ки вайро мо-фавқи мадҳу васф ва мустағнӣ аз нигориши тарҷумаи аҳвол шумурдаанд”.

Ва ин ҳам сухани Қозизодаи Румӣ:

“То бинои Самарқанд аст, ҳаргиз ба ҷавдати табъ ва қуввати тасаррфи ин ҷавон Ҷомӣ касе аз оби Омуя убур накарда”.

Заҳируддин Муҳаммад Бобур муассиси силсилаи салотини Темурӣ дар Ҳиндустон гуфтааст:

“Ҷомиро дар улуми сурӣ ва маънавӣ ҳамтову баробаре дар асри худ набуда ва ӯро ҳоҷате ба мадҳу ситоиш нест ва зикри ӯ фақат аз боби таяммун ва табаррук мебошад”.

Миёни ин се бузургмарди андешаманд, аъни (қасд дорам) Султон Ҳусайн Мирзо, Амир Алишер ва Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ робитаи

мавaддат ва дӯстиву самимият барқарор буда. Султон ва вазири ӯ Алишер гаҳ-гоҳ ашъори хешро аз назари ҳазрати Ҷомӣ мегузаронданд ва бо вай мушоъара мекарданд. Устод Ҷомӣ низ эшонро ташвиқ мекард ва ҳатто дар осори манзум ва мансури худ аз онҳо ба некӣ ёд карда ва бархе аз осори худро ба номи эшон мусаддар кардааст.

Султон Ҳусайн Мирзо, ки боре ашъори туркии худро аз назари устод Ҷомӣ мегузаронд, бо тамҳид муқаддимае гуфта буд:

“Ҳар кас асрори ишқ бар забони худ месарояд”.

Мавлоно Ҷомӣ ба посухи ӯ ин байти зебову латифро имло карда буданд:

Нестам чун ёри туркигӯ, вале то зиндаам,
Чашми турку лаъли туркигӯйи ӯро бандаам.

Дар воқеъ ҳамин робитаи амиқи дӯстиву самимият миёни ин се шахсияти фарҳангӣ муҷиби он шуд, ки Хуросон ва бахусус Ҳирот ба авҷи тараққӣ ва таъолӣ бирасад ва мардум то ҳадде аз рафоҳият ва осоиш баҳраманд гарданд. Чунонкӣ шоире дар васфи Ҳирот, ки аруси шаҳрҳои ҷаҳон хонда мешуд, гуфтааст:

Ин ҷаҳонро ҳамчу дарё дон, Хуросонро садаф,
Дар миёни ин садаф шаҳри Ҳаро чун гавҳаре.

***

16. Муносибот ва равобити неку ҳасана миёни Ҳусайн Мирзо ва Мавлоно Ҷомӣ

Шояд касоне, ки шинохти дурусте аз Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ надоранд, бар ин тасаввур бошанд, ки вай монанди соири шоирон, шоире дарборӣ буда ва бештари авқотро дар дарбори Султон Ҳусайн Мирзо мегузарондааст, дар ҳоле, ки ҳамчу тасаввуре хатои маҳз аст ва мақоми Ҷомӣ болотар аз он аст, ки ӯро шоири дарборӣ бихонанд. Мутолаъаи зиндагиномаи ин шоири бузург ва орифи комил ва муҳаққиқи огоҳи қарни нуҳуми ҳиҷрӣ мерасонад, ки ҳазрати Ҷомӣ гаҳ-гоҳ барои рафъи мушкил ё зарурате назди Султон Ҳусайн Мирзо мерафта ва ба муҷарради вуруди вай ба дарбор, подшоҳ аз тахти подшоҳи бармехоста, ҳудуди даҳ қадам ба истиқболи вай мешитофта ва то онгоҳ, ки ҳазрати Ҷомӣ дар онҷо ҳузур дошта, Султон Ҳусайн Мирзо бар тахти подшоҳӣ қарор намегирифта, балки бар рӯйи замин менишастааст. Ва гоҳ иттифоқ меафтода, ки ба ҳангоми вуруд ба дарбор ба вай хабар дода мешуда, ки подшоҳ дар маҳфили ишрат ва хушӣ машғул аст, ҳазрати Ҷомӣ “аз тариқи танбеҳ” аз онҷо бармегашта ва аз ҳузур дар маҳзари подшоҳ худдорӣ мекардааст.

Абдулвосеъи Низомӣ Бохарзӣ дар “Мақомоти Ҷомӣ” аз воқеае ёд мекунад, ки Мавлоно Ҷомӣ назар ба хоҳиши Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор, ки аз Самарқанд ба вай нома навишта буд, барои шафоатхоҳии вобастагони гурӯҳе аз сипоҳи Самарқанд, ки эшон иҷоза наёфта буданд, аз Ҳирот ба Самарқанд куч кунанд, озими урдуи Султон Ҳусайн Мирзо мешавад.

“Умарои давлат маросими таъзим ва истиқбол тақдим карда, муқорини он аз қароини вақт чунин маълум шуд, ки суҳбати хоси султонӣ ба асбоби муоширот ороста аст, ва он ҳазрат (Ҷомӣ) аз тариқи танбеҳ мунсариф гашта, кифояти он муҳимро ба уҳдаи эҳтимоми умарои изом боз гузошт ва дар тамҳиди тарки мулоқот ин ғазали матбуъ марфуъ дошт, ки:

На зуҳд омад маро монеъ зи базми ишратандешон,
Ғами худ дур медорам зи базми ишратандешон.
Ба ҷое, к-атласи шоҳон, нашояд фарши раҳ ҳошо,
Ки роҳи қурб ёбад далқи гардолуди дарвешон.
Мабош он шух, к-ӯ шарманда з-ойини ҷафокӯшӣ,
Ки набвад шеваи озор дар дини вафокешон.
Наяндешам дуое ғайр аз ин, к-он шоҳи хӯбонро,

Мабодо ҳечгаҳ осебе аз кайди бадандешон.
Маро пайванди хешӣ буд бо сабру хирад лекин,
Дилам то ошнои ишқ шуд, бигсастам аз хешон.
Зи роҳи дил расад ашки ҷигархун дидаи моро,
Бале ин хонаро мебояд оби тира аз пешон.
Чу ояд даври Ҷомӣ ҷоми гулгун дигаронро деҳ,
Бувад хунобаи дил бас, майи лаъли ҷигаррешон.

Ва ҳазрати султонӣ рӯзи дигар дар иҷоби масъул ангушти иродат бар дидаи қабул ниҳод ва дар ҷавоби он шеър ғазале, носихи ғазалиёти девони бадоеъ аз тасарруфоти табъи файёзи худ ба мавқифи шарифи он ҳазрат фиристод, ки:

Нашояд маҷмаъеро гуфт базми ишратандешон,
Ки набвад партави рӯят чароғи маҳфили эшон.
Ба ҷуз ташвиш набвад тахту ҷоҳу атласу шоҳӣ,
Хушо кунҷи фироқу далқи гардолуди дарвешон.
Набошад чун раҳу расми вафокешон ҷафокешӣ,
В-агар бошад бувад ҳам саҳл дар кеши вафокешон.
Касе к-аш хандақи ҳисн аст оби чашми аҳли дил,
Каяш андеша бошад з-оташи кайди бадандешон.
Ба кӯйи ишқ то бигсастам эй дилхешӣ аз мардум,
Ғаму дарди нигори хешро донистам аз хешон.
Чу бигшоям даҳан, оҳ оядам аз дил бурун гарчӣ,
Шавад дар боз, майли дуд бошад ҷониби пешон.
Ҳусайнивор аз пири муғон ҷӯям қадаҳ то шуд,
Зи дурду ҷоми Ҷомӣ бодаи лаъли ҷигаррешон.”.

Зебо ғазале аз Амир Алишерро ҳусни хитоми ин мабҳас месозем:

Омад баҳори дилкашу гулҳои тар шукуфт,
Дилҳо аз он нашот зи гул бештар шукуфт.
Дил аз сабоҳати рухи хубат гушода шуд,
Монанди ғунчае, ки ба вақти саҳар шукуфт.
Меояд аз гули чамани ишқ бӯйи хун,
Гӯё ки ғунчаҳош зи хуни ҷигар шукуфт.
Соқӣ баҳор шуд қадаҳам рез лаб ба лаб,
Хоса, ки аз шукуфа чаман сар ба сар шукуфт.
З-он нахли ноз ханда ба ушшоқу васли най,
Ҳамчун гуле, ки аз шаҷари бесамар шукуфт.

Фонӣ аҷаб мадон агар он гул шукуфтааст,
Аз ашки абрсони ту бишкуфт агар шукуфт.

***

17. Оромгоҳи Амир Алишер Навоӣ

Марҳум Фикрии Салҷуқӣ дар рисолаи Хиёбон дар мавриди мақбараи Амир Алишер Навоӣ менависад:

“Акнун аз мадраса ва масҷиди ҷомеъ ва хонақоҳ ва Доруш-шифо ва Дорул-ҳуффози Амир Алишер ҳеч асаре боқӣ намонда ва ҳангоми тахриби Мусалло (намозгоҳ) ба куллӣ аз миён рафта. Аз ҳамон ҳангоми тахриби Мусалло, аз ҷануб ғарбии Мадрасаи Мирзо, паҳлӯи ҷӯйи Анҷил қабрест маъруф ба мақбараи Амир Алишер Навоӣ ва иродатмандони Амир ба он қабр руҷӯъ мекарданд ва авомуннос ақида доранд, ҳар захму донае, ки ба вуҷуҳи атфоли эшон пайдо мешавад ба мазори Амир мушарраф шаванд ва андаке гил гулӯла намуда ба нияти шифои захм рӯйи қабраш бигзоранд, ба муҷарради хушк шудани гил, он захму дона бар рӯйи атфолашон мехушкад ва сиҳҳат меёбад.

Зоҳиран мақбараи Алишер ҳангоми тахриби мусалло ба куллӣ вайрон шуда ва танҳо ҳамин сурати қабрро фарзандони Ҳаро байни арозии мағсубаи мазрӯъ нигаҳдорӣ намуда, шабҳои Ҷумъа ва айёму лаёлии мутабаррик ба мазораш шамъ ва назр мебурданд ва аз руҳи поки ӯ истимдоди ҳиммат менамуданд”.[11]

Марҳум устод Фикрии Салҷуқӣ дар идома менависад:

“Ин қабрро баъд аз харобии мусалло аз оҷурҳои шикаста ва дурусти бақоёи мусалло дуруст карда буданд, бад-ин тартиб, ки тахте мураббаъи бузург аз оҷурр сохта ва сурати қабрро аз хишти пухта ба вазъи хубе пардохта буданд. Наздики ин мазор дарахти бузурги банафше раставу шоху барги он рӯйи мазор сояафкан буд. Вазъи ин мазор то соли 1366 қ. ба ҳамон ҳол буд. Дар он сол ҷаноби ҷалолатмаоб Абдуллоҳи Маликёр ноибул-ҳукумаи он асри Ҳирот, ки бештари тармимот ва таъмироти мазороти Ҳирот дар асри ӯ асос гузошта шуд ва акнун ёдгорҳои дурахшоне аз эшон дар Ҳирот боқӣ аст, ба фикри таъмири мазори Амир Алишер афтода ва муҳандисини Ҳаравӣтарҳи гунбаде олӣ рӯйи коғаз кашиданд ва ин сухан дар маҳфиле гуфта мешуд. Оқои Ғуломҳайдари Мухторзода, ки аз туҷҷори Ҳаро ва аз фарзандони мунаввари Ҳирот мебошад, анҷоми ин корро ба уҳдаи ҳиммати мардонаи хеш гирифта ва

[11] Мутаассифона ин гуна муносибати нодуруст бо қабрҳо ва тақдису таъзими мазорҳову талаби имдод ва шифову кушоиши корҳо аз арвоҳ, дар миёни авом ва бисёре аз мардум идома дорад, ки мухолифати сареҳ бо ин дину ойини тавҳидист - (аз баргардонанда).

дар ҳамон маҳфил аз ҷалолатмаоб Маликёр иҷоза ҳосил ва дар ҳамон наздикӣ кори таъмирро ҷорӣ намуданд, то ба андак фурсате гунбаде нафис болои мазори марҳум Амир обод гардид, аммо тазйиноти берун ва андаруни гунбад, чунонки дар тарҳи нақша таъйин шуда буд, кори наққошии он нотамоммонд. Умед, ки ба итмом бирасад. Нигорандаи ин авроқ (Фикрии Салҷуқӣ) ба таърихи ин бино қитъае суруда будам ва ин ду фард, ки шомили моддаи таърих мебошад, аз он қитъа нақл мешавад:

Чу Фикрӣ зи торихи хатми бинояш,
Ҳамеҷуст з-андешаву дил ниҳоне.
Хирад сар зи ёрӣ бароварду гуфто,
“Шуд обод қабри Алишери Фонӣ”= 1366 қ.”.

Поён
Субҳи якшанбе, нуҳуми Апрели 2011
Фримонт, Калифорниё
Абдулалӣ Нур Аҳрорӣ

Гузидаҳое аз осори манзум ва мансури Амир Алишер Навоӣ ба инзимоми “Ситтаи зарурия” ва тарҷумаи “Хамсатул-мутаҳаййирин” ва “Муҳокаматул-луғатайн”

Гузидаҳое аз тазкираи Маҷолисун-нафоис

Тазкираи маҷолисун-нафоис аз таълифоти машҳури Амир Алишер аст, ки ба забони туркии чағатоӣ навишта шуда ва ба теъдод 573 шоирро бо намунаи шеъри онҳо муаррифӣ мекунад. Бисёре аз ин шоирон муосири Амир Алишер буда ва шуморе дигар қабл аз вай мезистаанд. Ин китоби нафис дар ҳашт равза ба тақлид аз китоби “Баҳористон”-и Мавлоно Ҷомӣ, ки дар ҳашт боб тартиб ёфта, таълиф шудааст. Аз ин китоб се тарҷумаи форсӣ дар даст аст, ки яке аз он аз Султон Муҳаммад ибни Амирии машҳур ба “Фахрии Ҳиротӣ” ва дигаре аз Ҳакимшоҳ Муҳаммади Қазвинӣ аст, ки тарҷумаи он дар соли 929 қ. дар дорул-хилофа Исломбул ба поён расида, ва тарҷумаи саввум аз Шоҳ Алӣ ибни Абдулалӣ мебошад, ки ба чоп нарасидааст.

Тазкираи “Маҷолисун-нафоис” ба сайъ ва эҳтимоми марҳум устод Алиасғари Ҳикмат дар соли 1323 ш. (1944 м.) анҷом пазируфта ва дар соли 1363 ш. (1984 м.) дар Эрон ба чоп расидааст, ки ҳарду тарҷумаи Фахрии Ҳиротӣ ва Ҳакимшоҳ Муҳаммади Қазвиниро доро мебошад.

Мавлоно Соғарӣ:

Аз вилояти Соғар аст ва дар силки шуарои Ҳирот буд. Ба қадр ҷамъияте (тамаввул) дошт, аммо имсокаш ғолиб буд ва дар маҳалле, ки ҳазрати Махдумӣ азимати сафари Макка намуд, Вайсӣ ва Соғарӣ изҳори он карданд, ки дар мулозимат бошанд, аммо дар вақти рафтан Вайсӣ баҳона кард, ки дарозгӯш (хар) надорам ва Соғарӣ ҳам баҳона барангехт ва ҳарду аз давлати он сафар маҳрум бимонданд. Амир Шайхим Суҳайлӣ ин қитъаро барои эшон гуфт:

Вайсиву Соғарӣ ба азми ҳарам,
Гашта буданд ҳардушон сафарӣ.
Лек аз он роҳ ҳарду вомонданд,
Он як аз бехариву ин зи харӣ.

Мавлоно Муҳаммади Муъаммоӣ:

Марде зариф буд ва ба хидмати акобир расида ва манзури назарҳо гардида ва дар замони Бобур Мирзо садри муаззам гардида ва баъд аз он дар маҷлиси салотин мақбулу махсус буд ва дар айёми мукнати худ дар Шероз бар сари турбати Хоҷа Ҳофиз гунбад сохт ва Бобур Мирзоро дар

онҷо зиёфат кард, аммо яке аз хуштабъони Шероз ба ҷонибе, ки назари Мирзо (Бобур) афтад, ин байтро навишта буд:

Агарчӣ ҷумлаи авқофи шаҳр ғорат кард,
Худош хайр диҳад онкӣ ин иморат кард.

Бобур Мирзо онро хонда дар он боб бисёр мутояба кардаанд ва ман ин нақлро аз худаш шунидаам.

Саййид Козимӣ:

Марде хушбош ва сабукруҳ ва табъаш ба ҳазл моил буда... ин матлаъ ҳам аз ӯст:

Шукри Худо, ки қозии шаҳри Ҳиро наям,
Дар силки одамисифатонам харе наям.

Амир Ҳасани Ардашер:

Бад-ин фақир ба масобаи падар буд ва дар миёни турк ва тозик аз ӯ тамомтар касе надидам... дар айёми риндӣ висоқаш миёни риндони харобот буд, ин қитъа аз ӯст:

Чӣ хуш бошад сабуҳе бо дилором,
Лаболаб аз қадаҳ дар дам кашидан.
Чу ғунча ҳарду дар як пираҳан танг,
Ба ҳам печидану дарҳам кашидан.

***

Шинохти шеър ва накди адабӣ

Шеъри форсӣ пешинаи таърихии беш аз як ҳазор сол дорад ва аз он замони бад-ин сӯ шоирони бузурге дар арсаи шеъру адаб зуҳур карданд ва ашъори фаровони зебое аз худ ба ёдгор гузоштанд. Манобеъи куҳане, ки шарҳи ҳоли шоирон ва намунаҳое аз ашъорашонро ба мо муаррифӣ менамояд, аз лиҳози қадомати торихӣ иборатанд аз Лубобул-албоби Ъавфӣ, Чаҳор мақолаи Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Маноқибуш-шуарои Абутоҳири Хотунӣ ва Луғати фурси Асадии Тусӣ ва баъзе кутуби дигар.

Дар қарни нуҳуми ҳиҷрӣ дар асри Темуриён низ кутубе ба номи “Тазкиратуш-шуаро” ва ғайра таълиф гардида, ки ба иловаи шарҳи ҳоли шоирони пешин ва зикри ашъори онҳо, аз шоирони ҳамон аср низ ёд карда ва ба тароҷими аҳволи онҳо пардохтааст, ки яке аз онҳо “Тазкиратуш-шуъаро” таълифи Давлатшоҳи Самарқандӣ аст. Афзун бар он шарҳи ҳоли баъзе аз шоирон дар кутуби адабӣ ва торихӣ ба гунаи зимнӣ низ омадааст, ки аз Баҳористони Ҷомӣ ва Ҳабибус-сияр ва соири осори он аср метавон мисол овард. Дар ҳамаи ин осори арзишманд ва гаронқадр то онҷо, ки бар ин нигоранда маълум аст камтар ба нақди ашъор таваҷҷуҳ шуда ва бештар ба мадҳу тавсифи ашъор пардохтаанд, ҳарчанд “Баҳористон”-и Ҷомиро метавон аз ин қоида мустасно намуд, чунонки дар равзаи ҳафтуми он асари арзишманд, ки ҷо дорад онро Торихчаи мухтасари торихи адаби форсӣ номид, басо ашъор ба нақд гирифта шуда ва сабуку сангин гардидааст, чунонки мехонем:

Фирдавсӣ:

“Фирдавсӣ раҳимаҳуллоҳ, вай аз Тус аст ва фазлу камоли ӯ зоҳир, касеро, ки чун Шоҳнома назме бувад, чӣ ҳоҷат ба мадҳу таърифи дигарон”.

Хуш аст қадршиносӣ, ки чун хамидасипеҳр,
Сиҳоми ҳодисаро кард оқибат қавсе,
Бирафт шавкати Маҳмуду дар замона намонд,
Ҷуз ин фасона, ки нашнохт қадри Фирдавсӣ.

Камол Исмаил:

“Камол Исмаил раҳимаҳуллоҳ, вайро лақаб “Халлоқул-маъонӣ” кардаанд, аз бас маъонии дақиқ, ки дар ашъори худ дарҷ кардааст. Ва

ҳеч кас аз шуарои мутақаддим ва мутааххирро даст надода, ки вайро дода, аммо муболағаи вай дар тадқиқи маъонӣ ибороти вайро аз ҳадди салосат ва равонӣ берун бурдааст”.

Шайх Камоли Хуҷандӣ:

“Вай дар латофати сухан ва диққати маъонӣ ба мартабаест, ки беш аз он мутасаввар нест, аммо муболаға дар он, шеъри вайро аз ҳама салосат берун бурда ва аз чошнии ишқу муҳаббат холӣ монда ва баъзе аз орифон, ки ба суҳбати Шайх Камол ва Ҳофиз расида буданд, чунин фармудаанд, ки суҳбати Шайх Камол беҳ аз шеъри вай ва шеъри Ҳофиз беҳ аз суҳбати ӯ”.

Бисотии Самарқандӣ:

“Шеъри вай холӣ аз латофате нест, аммо аз фазоили муктасаба бисёр орӣ будааст”.

Котибии Нишопурӣ:

“Вайро маъонии хос бисёр аст, аммо шеъри вай якдасту ҳамвор нест ва шутуру гурба афтодааст”.

Амир Алишер:

“Кунҳи номаш дар тахаллусҳо наёбад ҳеч кас,
Бар лаби ёбандагон аз вай навойе дону бас.

Агарчӣ вайро ба ҳасаби табиъат ва вусъати қобилият ҳарду навъи шеъри туркӣ ва форсӣ муяссар аст, аммо майли табъи вай ба туркӣ аз форсӣ бештар аст...

Қасидае, ки дар ҷавоби қасидаи Амир Хусрави Деҳлавӣ воқеъ шуда ва муштамил аст бар бисёре аз маъонии дақиқа ва хаёлоти латифа ва матлаъаш ин аст:

Оташин лаъле, ки тоҷи хусравонро зевар аст,
Ахгаре баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст”.

***

Амир Алишер дар арсаи нақди шеър

Амир Алишер дар нақди шеъри туркӣ ва форсӣ яди тулое дошта ва ин амр табаҳҳури комили ӯро дар адабиёти туркӣ ва форсӣ мерасонад, ки албатта ин қобилияти вай дар шеъри туркӣ беш аз шеъри форсӣ аст; чунонки ӯро падари забони туркӣ лақаб додаанд ва дар ин замон дар қолаби ғазал ва қасидаву маснавӣ ва соири анвоъи шеър ба забони туркӣ ашъори зиёде сурӯда ва кутубе таълиф кардааст. Табаҳҳури вай дар адабиёти туркӣ ва форсӣ ба ҳаддест, ки дар асари маъруфи худ “Муҳокаматул-луғатайн” забони туркӣ ва форсиро ба муқоиса гирифта ва кӯшидааст, ки бартарии туркиро бар форсӣ ба исбот бирасонад.

Нақди ашъор дар китоби Маҷолисун-нафоис:

Амир Алишер дар муаррифии яке аз шоирон ба номи Мавлоно Сулаймонӣ гуфтааст:“Дар хидмати Бобур Мирзо мебуд ва бадиҳаро равон мегуфт ва дар ҷавоби ин матлаъи Хоҷа Ҳофиз, ки матлаъ:

Ҳалли ҳар нукта, ки бар пири хирад мушкил буд,
Дидаро равшанӣ аз хоки дарат ҳосил буд.

Байти дуввум ин аст:

Гуфтам аз мадраса пурсам сабаби ҳурмати май,
Дари ҳар кас задам, бехуду лояъқил буд”.

Амир Алишер дар нисбати ду байти ахир ба Мавлоно Сулаймонӣ, ки машкук мебошад, гуфтааст:“Ва машҳур чунон аст, ки ин ду байт аз Меҳрии Ҳаравӣ аст, ки зани ҳакими табиб буд. Ин фақир аз мардуми нек шунида, ки аз Сулаймонӣ аст, валлоҳу аълам”.

Султон Муҳаммади Фахрӣ мутарҷими “Маҷолисун-нафоис” чунин изҳори назар мекунад:“Ҳазрати Мир чунин навиштаанд, аммо банда таҳқиқ кардам, ки аз “Меҳрӣ” аст ва ба ҷиҳати сиҳҳати қавл ӯ ба ҳукми осифсифотии валийюн-ниъамӣ ғазалро ба тамом дар таҳрир оварад:

Душ то субҳдам аз гиряву аз нолаи ман,
Лолаи сӯхта хун дар дилу по дар гил буд.
Хостам сӯзи дили хеш бигӯям бо шамъ,
Буд ӯро ба забон онҷӣ маро дар дил буд.
Онҷӣ аз Бобулу Ҳорут ривоят карданд,
Сеҳри чашми ту бидидам ҳамаро шомил буд.

Давлате буд тамошои рухат Меҳриро,
Ҳайфу сад ҳайф, ки он давлати мустаъҷил буд”.

Дар муаррифии Мавлоно Масиҳӣ мегӯяд:

“Аз вилояти Фушанҷ буд. Марде покизарӯзгору мусалмонсират буд. Гӯянд, ба зиёрати Макка мушарраф шуда буд, табъи ӯ шух буд ва ашъори нек дорад. Ин матлаъ аз ӯст:

Моро ба ҷафо кушта пушаймон шуда бошӣ,
Хуни дили мо рехта ҳайрон шуда бошӣ.

Гӯянд Мавлоно дар он сафар дар бодия ба сояи мағелон дар айни мондагӣ нишаста, хор аз пой берун мекардааст, ки яке аз шухтабъони қофила дар бадиҳа ба Мавлоно хондааст:

Аз ранҷи давру сари хори мағелон,
Аз омадани Макка пушаймон шуда бошӣ”.

Мавлоно Хусравиро, ки шоире тундхӯй буд, бад-ин гуна муаррифӣ менамояд:

“Марде даъводору бузургманиш ва тундхӯй буд ва гоҳе, ки шеър хост хонад, пеш аз он дар каломи худ чунон адое мекард, ки касеро маҷоли дахл намемонд, заруратан таҳсин мебоист кард. Ин матлаъ аз ӯст:

Зи лаъли ёр дандоне гирифтам,
Ҳаёте ёфтам, ҷоне гирифтам”.

Дар бораи Хоҷа Юсуфи Бурҳон, ки шоире мусиқидон буд ва худашро дар фанни мусиқӣ шогирдаш мехонд, менависад:

“Аз ақрибои наздики ҳазрати шайхул-ислом Шайх Аҳмади Ҷомӣ (қуддиса сирруҳу) буд, ва дар тариқи фақру фано сулук мекард ва расми таҷарруду инқитоъро маслук медошт ва соҳибтариқи ҷамиъи аҳли тариқ буд. Бештар ба шеъи худ мусиқӣ мебаст ва амали Исфаҳонро ба бад-ин матлаъи худ баста:

Расид мавсими шодиву завқу айшу тараб,
Агар гадо ба муроди диле расад чӣ аҷаб.

Фақир дар фанни мусиқӣ шогирди ӯям. Дар Ҷом аз олам рафт ва мазораш дар Ҳазираи Шайх аст”.

Аз муаррифии шоире ба номи Мавлоно Қабулӣ пайдост, ки баъзе шоирон, ки фақиру ниёзманд буданд, масорифи такфину таҷҳизи худро ба Амир Алишер муҳаввал мекарданд:

“Мавлоно Қабулӣ марде фақир буд ва дар бозорчаи беруни Дарби Малик дуккони ғазлфурӯшӣ дошт. Сабоҳе аз он маҳалла ҷамъе назди фақир омаданду гуфтанд, ки шаби гузашта Мавлоно Қабулӣ моро талабидаву васият кард, ки имшаб аз олам меравам ва барои таҷҳизу такфин чизе надорам, сабоҳ девони маро пеши фалон кас (Амир Алишер) бибаред ва ниёзи маро ба ӯ расонед ва илтимос намоед, ки маро дар гуристони содоти Мусаррах дафн кунанд. Чун сабоҳ (аз Мавлоно Қабулӣ) хабар гирифтем аз олам рафт буд, ва мо ба ҷиҳати васият девонашро овардем. Ва ин фақир баъд аз онки васияти ӯро баҷо овард, девонашро бигшод, ин тахаллус берун омад, ки байт:

Агар қабули Ту ёбам, қабулиям варна,
Ба ҳарду кавн чу ман ноқабул натвон ёфт”.

Баъзе шоиронро кӯтоҳ муаррифӣ мекунад:

“Қозизода ҷавоне хуштабъ аст ва маснавиро хуб мегӯяд. Ин матлаъ аз ӯст:

Чу лола бо диле пурдоғу ҳасрат з-ин чаман рафтам,
Ту эй шохи гули раъно бимон боқӣ, ки ман рафтам”.

Мавлоно Мир Алӣ: “Дар мадрасаи ҳазрати Махдумӣ “Нуро” мулозим аст ва ин матлаъ аз ӯст:

Маро бе сарви қадаш бошад эй дил,
Ба ҷон ҳар лаҳза тири ҳаҷр ҳосил”.

Мурод аз Махдумӣ Нуро, мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳаст ва пайдост, ки Мавлоно Ҷомӣ мадрасае дошта ва мулозими мадраса ҳам шоир будааст.

Паҳлавон Котиб:“Ҳам ашъор ва мусаннафоти он ҳазратро китобат мекунад ва ин матлаъ аз ӯст:

Ид асту маро бе маҳи худ хуррамие нест,
Халқе ҳама дар шодиву чун ман ғамие нест”.

Мурод аз он ҳазрат Мавлоно Ҷомист ва маълум мешавад, ки касоне будаанд, ки вазифа доштанд ашъору мусаннафоти Ҷомиро бинависанд.

Амир Алишер дар муаррифии Мавлоно Ҳусайн Воъизи Кошифӣ гуфтааст: “Аз вилояти Сабзавор аст ва муддати бист сол аст, ки дар шаҳри Ҳирот сокин аст. Мавлоно ба ғоят зу-фунун ва пуркор воқеъ шуда ва кам фанне бошад, ки ӯро дар он дахле набошад. Хусусан ваъзу иншо ва нуҷум, ки ҳаққи ӯст ва дар ҳар як аз ин корҳои машҳур ва мутаъаййин вуқуфе тамом дорад, ва аз мусаннафоташ яке “Ҷавоҳирут-тафсир” аст, ки сураи Бақараро як муҷаллад навишта, ки ба қатъи мусанниф сад ҷузв наздик аст, ва бо вуҷуди ин хибрагиҳо яке аз шухтабъон ин байти Ҳофизро, ки матлаъ:

“Воъизон к-ин ҷилва бар меҳробу минбар мекунанд,
Чун ба хилват меравянд, он кори дигар мекунанд”.

- навишта ва бар болои минбар ниҳода, Мавлоно мутағаййир шуда мутолаъа карда ва суханони хориҷи мабҳас бисёр гуфта, ва муддате аз ин калолу малол ваъз нагуфт, боз ки бар саҳви худ иттилоъ ёфт бар сари кори худ рафт, ва аз онҷо, ки ирфони ӯст ин қадр намебоист, ин матлаъ аз ӯст:

Сабзхато зи мушки тар ғолия бар суман мазан,
Сунбули тобдодаро бар гулу настаран мазан”.

Шайхзодаи Ансорӣ:“Писари шайх Абдуллоҳи Девона аст, ва аз хурдӣ боз ба таҳсиле машғулӣ мекунад, ва дар фанни гуфтан ва шугуфтани муъаммо аз табъи ӯ бисёр мулоимат зоҳир мешавад, ин муаммо ба исми “Ӯ” аз ӯст:

Новак аз мижгон чӣ андозӣ ба қасди ҷони ман,
Барҳазар бош аз сиришки чашми хунафшони ман.

Чунон маълум шуд, ки волидааш низ шеър мегӯяд ва Бедилӣ тахаллус мекунад, ин матлаъ аз ӯст:

Равам ба боғ зи наргис ду дида вом кунам,
Ки то назораи он сарви хушхиром кунам”.

Нақл аз тазкираи “Маҷолисун-нафоис” ба ҳамин миқдор басанда шуд.

Муаррифии Амир Хусрави Деҳлавӣ дар “Маҷолисун-нафоис”

Амир Алишер дар “Маҷолисун-нафоис”, тарҷумаи Ҳакимшоҳ Муҳаммади Қазвинӣ дар шумораи (465) Амир Хусрави Деҳлавиро бад-ин гуна муаррифӣ мекунад:

“Дар шеър касе назири ӯ нест ва ба ҳақиқат хусрави шеър аст ва ин хусравӣ ӯро аз назари кимиёасари Шайх Низомуддини Авлиё аст. Ва чун ба суҳбати шайх расида, шайх оби мубораки даҳани худро бар даҳани ӯ рехтаву гуфта: “Бигӯ”, баъд аз он Хусрав дар шеър камоли хусравӣ ёфта, ва мегӯянд, ки Хусрав ин мисраъ гуфта буда ва бар мисраъе дигар қодир набуда, чун шайх даст бар пушти ӯ зада мисраъи дигар гуфта ва он ҳарду мисраъ ин аст:

Милкати ишқ милк шуд, аз карами илоҳиям,
Пушти ману палоси ғам, инат қабои шоҳиям.

Ва баъд аз ин абвоби анвоъи шеър бар ӯ гушода гашта ва аз ин аст, ки дар ҳамаи анвоъи ашъор қудрати бисёр дорад, ва дар ҳар навъи шеър мисли қитъа ва ғазал ва қасидаву маснавӣ беназир аст ва ҷамъи ашъори ӯ дилпазиру ҷамиъи ашъори ӯ мақбули ҳамаи тавоиф аст, ва чун баҳрҳои хуш ва радифҳои дилкаш, ки мулоими ғазал аст ихтиёр карда, ҳолате дар ғазали ӯ ҳаст, ки дар ғазали касе дигар нест, ва дар назари аввал татаббуъи он осон менамояд ва дар охир мумтанеъ, аз ин ҷиҳат шеъри ӯро саҳли мумтанеъ мегӯянд ва ин матлаъ аз ӯст:

Нишони нохуни пойи сагат дар чашм хунполо,
Ҳилоли идро монад, ки гардад дар шафақ пайдо.

Ва Хусрав ва Ҳасан муосир будаанд ва бо якдигар суҳбат доштаанд ва ҳар як худро беҳтар аз он дигар хаёл мекарда, ва аз ин аст, ки Ҳасан гуфта:

Хусрав аз роҳи карам напзирад,
Ончӣ ман банда Ҳасан мегӯям.
Суханам чун сухани Хусрав нест,
Сухан ин аст, ки ман мегӯям.”.

***

Қасидаи “Дарёи аброр”

Дар китоби “Гузидаи ашъори Амир Хусрав” омадааст.

Дар ҷумлаи қасидаҳои вай “Дарёи аброр” маъруф аст ва Амир Алишер Навоӣ дар Маҷолисун-нафоис аз он зикр ва ҳикоят мекунад, ки Амир Алишер Навоӣ, Ҷомиро ба диққат ба сӯи ин маснавӣ даъват кард, ва Ҷомӣ ба ҷавоби Амир Хусрав қасидаи “Луҷҷатул-асрор”-ро нигошт, бо ин матлаъ: “Кунгури айвони шоҳ, к-аз кохи кайвон бартар аст”.

Амир Алишер Навоӣ низ қасидае ба номи “Туҳфатул-афкор” сохт бо ин матлаъ: “Оташин лаъле, ки тоҷи хусравонро зевар аст”.

Амир Алишер Навоӣ менависад, ки хондааст, ки Амир Хусрав мегуфт: “Агар ҳама ашъорам аз даст равад, ҳамин шеър маро басанда хоҳад буд”.

Бо ин аҳамият ин қасидаи онро аз рӯи рисолаи шоири муосири ҳиндӣ “Арш Малсиёнӣ” таҳти унвони “Амир Хусрав” (1974 м.) мегирем. Арш Малсиёнӣ аз дуктур Ғуломдастгир Рашид муташаккир аст, ки матнро аз рӯи як нусхаи қаламии девони Ғурратул-камол аз Ҳайдаробод Дакан ба вай фиристодааст.

Ин талхмай, ки ҳаст дили мурдаро ҳаёт,
Захр аст дар даҳони ҳарифони бадфиъол.

Қасидаи “Дарёи аброр”-и Амир Хусрав

Кӯси шаҳ холиву бонги ғулғулаш дарди сар аст,
Ҳаркӣ қонеъ шуд ба хушку тар, шаҳи баҳру бар аст.
То зи ҳар боде наҷунбӣ, по ба доман каш, чу кӯҳ,
К-одамӣ муште ғубору умр боди сарсар аст.
Шукр гӯ, ар фақр нафсатро кушад, зеро Халил,
Чун табар бардошт миннат бар бутони Озараст.
Давлат он набвад, ки султонро парастӣ чун сагон,
Хидмати дарвеш кун, к-ин моя фарри азфар аст.
Марди бино дар гилему подшоҳи олам аст,
Теғи хуфта дар ниёму посбони кишвар аст.
Пирро аз номуродӣ раг чу пайдо шуд зи пӯст,
Бахри таълими муридон ростиро мистар аст.
Ҳаст биноӣ башар онҷо, ки айни иззат аст,
Ҳаст мурғобӣ малик ҷое, ки баҳри ахзар аст.

Фарри ҳиммат соликонро роҳи аршу курсӣ аст,
Парри булбул нардбони шохи сарви сарсар аст.
Ҷаъфар он бошад, ки тайёр аз фалак берун равад,
Не касе, к-ӯ болро тайёр созад Ҷаъфар аст.
Нафс хоки туст, ҳаргаҳ нури партав тофтаст,
Соя зери по бувад, ҳаргаҳ, ки бар торак хур аст.
Дар тасаввуф расм ҷустан, ханда кардан бар худ аст,
Дар таяммум масҳ кардан, хок кардан бар сар аст.
Дил зи савдоҳои гуногун бишӯю ҷамъ бош,
З-онки авроқи сафед эмин зи бими абтар аст.
Кори бекорон набошад хобгоҳ оростан,
Ҳиммати дарвеши холодуда ҷое лангар аст.
Рахши ҳимматро фикан бар гесувон аз далқи фақр,
Нақши меҳробе бикан, к-инҷо ҷиҳоди акбар аст.
Хастани нафси газанда мазҳаби соҳибдил аст,
Куштани мори газанда қуввати афсунгар аст.
Аз ҷароҳат зинда гардад дил, ки фосид шуд чу хун,
Вирди “аш-Шофӣ ҳуваллоҳ” бар забони наштар аст.
Кор инҷо кун, ки ташвиш аст дар маҳшар басе,
Он аз инҷо бар, ки дар дарё басе шӯру шар аст.
Эҳтироқи муфлисӣ мисбоҳи роҳи зулмат аст,
Зул-фиқори ҳайдарӣ мифтоҳи боби Хайбар аст.
Ҳаркӣ побаста ба зар бошад, ба занҷир аст асир,
Беш аз ин набвад, ки ӯ баста ба занҷири зар аст.
Расми мардум нест худбинӣ, бибин мардум ба чашм,
Айни биноеву дар худ нангарад з-он сарвар аст.
Чашм ҳосил кун, ки онгаҳ менамояд беҳиҷоб,
Ончӣ пинҳон дар паси ин шишаи софӣ дар аст.
Ҳаркӣ хонад илми шаръ, он ҳам на аз баҳри Худост,
Аз пайи таъзим мирад, эътиқоди довар аст.
Ҳаркиро хомуш бинӣ, панд мегӯяд бигир,
К-олати дашном гуфтан, ҷоҳилонро минбар аст.
Маънии Хусрав муассир н-ояд андар мурдагон,
Ҳечгаҳ дидӣ, ки мастӣ дар сабӯву соғар аст.
Ё Рабам тавфиқ деҳ, к-орам баҷо то вақти марг,
Ончӣ фармони Худову суннати Пайғамбар аст.
***

Қасидаи “Туҳфатул-афкор”-и Амир Алишер

Оташин лаъле, ки тоҷи хусравонро зевар аст,
Ахгаре баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст.
Шаҳ, ки ёд аз марг н-орад, з-ӯст вайронии мулк,
Хусрави беоқибат хусри билоду кишвар аст.
Қайди зинат мусқити фарру шукӯҳи хусравист,
Шери занҷирӣ зи шери беша камсавлаттар аст.
Лозими шоҳӣ набошад холӣ аз дарди саре,
Кӯси шаҳ холиву бонги ғулғулаш дарди сар аст.
Бо даҳони хушку чашми тар қаноат кун, аз он-к,
Ҳаркӣ қонеъ шуд ба хушку тар шаҳи баҳру бар аст.
Хоҷа дил дар ваҷҳу сар афканда пеш аз фикри ахз,
Садр аз баҳри тамаъ биншаста чашме бар дар аст.
То бувад шайхи риёӣ нуктагӯ дилрост ранҷ,
То шиторо ях бувад, урён зи сармо музтар аст.
Ақл хандад ҳарчӣ гӯянд аҳли зарқ аз воқеъа,
Ханда орад ҳаркӣ хоб андар фасона густар аст.
Воъизи томеъ гадои нон бувад, фарқаш ҳаминст,
К-ин ба зери минбар омад, он фарози минбар аст.
Тухми расвоӣ диҳад бар, донаи тасбеҳи зарқ,
Оре, оре дона ҷинси хешро боровар аст.
Фиқҳро чун иллати макру ҳиял созад фақиҳ,
Не фақиҳ аст, онкӣ ҳарфи иллати фиқҳ андар аст.
Қозии пурҳила кор ояд сиҷилли пургувоҳ,
Маҳзи кизб аст аз барои ҷаргагӯӣ маҳзар аст.
Ҷониби ҷавр ар бигирад аҳл, бешак ҷоҳил аст,
Ҷоҳил ар ёбад халос аз ҷаҳл, илмаш мазҳар аст.
Раҳравони боркашро саҳл дон ошомқаҳр,
Дар даҳони ноқа хори хушк хурмои тар аст.
Лофи беваҷҳи Ҳаким омад ба назди аҳли дил,
Офати беҳад бар Афлотун, агарчӣ афсар аст.
Нуктаи нодон зи баҳри ришханди ӯ накӯст,
Мӯҳраи хар дархури тазйини афсори хар аст.
Ҳар шаб ахтар бин, чу буме чашм бар сар дӯхта,
То чӣ кизб орад бурун, гар худ ҳама Бумаъшар аст.
Чархи маълулест, к-аз вай воҷиб омад эҳтироз,
К-аш бар аъзо ҳар тараф холи сиёҳ аз ахтар аст.

Гунбади ахзар, ки хунрезист кораш, дур нест,
Барги ҳинно ахзар омад, лек рангаш аҳмар аст.
Душманаст аз доғи озор, онкӣ ҳастат луқмахор,
Ханҷар аст аз нуқтае, онро ки гӯи ҳанҷар аст.
Сифла гар мурд пайи аксуну атлас дур нест,
Ҳаст аз баҳри кафан кирме, ки абрешимгар аст.
Раҳравонро фоқаву неъмат кунад манъи сулук,
Аспи раҳ он аст, к-ӯ не фарбеҳу не лоғар аст.
Чин ба рӯе нафканад шиддат, ки шахсашрост ҳилм,
Мавҷ аз обе н-оварад сарсар, ки номаш Мармар аст.
Неши тардоман бувад ҳар мӯйи марди гармрав,
Ҷони батро ҳар паре аз боли шоҳин ханҷар аст.
Марди пурмаънӣ чӣ гар бинӣ ҳақираш пешвост,
Пеши ӯ кам, бал ду марворидро як музмар аст.
Марди раҳбинро зи дил махфӣ намонад ҷоми Ҷам,
Хизрро оби ҳаёт оинаи Искандар аст.
Гар шараф н-аз ашку сузи дил бувад бар ҳамсарон,
Шӯшаи ях шамъи кофурист, бал софитар аст.
Тавамони бад бувад монанд чун наҳсу наҷас,
Зодаи некӯ мушобеҳ чун абиру анбар аст.
Мулки дил пиру ҷавонрост, ободон зи ишқ,
Бонии Марви куҳан Санҷар, зи нав ҳам Санҷар аст.
Ранги зарди ошиқи фонӣ бувад аз тири ишқ,
Ҳамчу сафро, к-аш алиф шинад ба паҳлӯ асфар аст.
Нест саргардони баҳри ишқро ҳоҷат ба қайд,
Киштии гирдобро гирдоб некӯ лангар аст.
Дил зи беишқӣ сияҳ бошад, зи ишқ оташфишон,
Ҳаст аз сардӣ зуғол, онк-ӯ зи гармӣ ахгар аст.
Маснади иқболи ошиқ, гулхани девонагист,
Фарши санҷоби самандар тудаи хокистар аст.
Нозири қасри бутон ушшоқи зор аз ҳар тараф,
Чун асирони араб гирди ҳисори Хайбар аст.
Ақлу ганҷи некномӣ, ишқу ҳар дам оламе,
Хонадорӣ кори зан, лашкар насиби шавҳар аст.
Мардро хатти наҷот амвоҷи хуноби дил аст,
Риндро ҳирзи қадаҳ арқоми даври соғар аст.
Хораи хоро асиронро ба болин муттакост,
Ҷомаи хунин шаҳидонро ба паҳлӯ бистар аст.

Мардро як манзил аз мулки фано дон то бақо,
Меҳрро якрӯза раҳ аз Бохтар то Ховар аст.
Сифларо ҳар нақд к-андар даст дорад боқӣ аст,
Хуфтаро ҳар айш к-андар хоб бинад бовар аст.
Даллае пурҳила, к-аш шухист ҳар сӯ ҷилвагар,
Луъбатакбозест инак, хаймаи ӯ чодар аст.
Деви раҳзан дон, на зан онк-ӯ ба чашмат чун парист,
Даври китфи ӯ ду бол афканда атфи меъҷар аст.
Бар сари амволи мадфун золими нақшинқабо,
Бар фарози ганҷ бо ҷилди мунаққаш аждар аст.
Тоҷи зар бигзор эй муъзиву наздикӣ гузин,
Қурб мемонад чу шуд айне, киақрабро сар аст.
Зар бути мард омад инак онки аз зар хонияш,
Бе зар Иброҳимро тоҷ асту бо зар Озар аст.
Бармакаш теғи забон, ҳар дам, к-азин рӯ шамъро,
Сарбуранд арчӣ ба фарқ аз шуъла заррин миғфар аст.
Бегунаҳро сохтан озурда аз теғи забон,
Нотавон кардан раги бе ранҷро аз наштар аст.
Ҳокими норостиро оқибат саргаштагист,
Давр гардад беалиф, онро ки гӯйи довар аст.
Хокиён дар поя болотар зи ҷабборон, ки мӯр,
Беҳ хиромад бар манор аз шер агарчӣ аҳқар аст.
Золиму одил на яксонанд дар таъмири мулк,
Хук дигар дар шиёри мулку деҳқон дигар аст.
Мулкро аз мавкиби ду шаҳ вазад боди футур,
Чун зи қайсар қай саромад, нукта ҳосил сарсар аст.
Дил, ки набвад ҷамъ дар мадди ҳаёташ кутаҳист,
Аз парешонӣ қасираш хонӣ, онк-ӯ қайсар аст.
Марди косибро зи ранҷи касб дар каф обилаҳ,
Шуд далели гавҳари мақсуд, к-аш даст андар аст.
Шуд сироти мустақими саҷдасозон ростӣ,
Шоҳро раҳрави хома хутути мистар аст.
Аз бидоят ҳарчӣ овардӣ, ба мурдан он барӣ,
Дар туфулият чӣ омӯзӣ, ба пирӣ аз бараст.
Мард аз зан кам на дар гавҳар, чӣ гар бошад ҳақир,
Дур зи байза кам на дар қимат, агарчӣ асғар аст.
Меҳнати ифлоси муфрит дар гаронӣ қоф дон,
Қоф чун шуд фоқа беҳад гашт, в-ин мустанкар аст.

Аҳли ҳимматро зи ноҳамвории гардун чӣ бок,
Сайри анҷумро чӣ ғам, к-андар замин ҷӯю ҷар аст.
Нест бар хӯрдан зи қавли ҳилагар, чун қавли рост,
Турраи фолизбозӣ гар на чун барзигар аст.
Зиллат омад ҳосили хоин, ки мушон чун кунанд,
Байзадуздӣ он яке занбаркаш, ин як занбар аст.
Чашм бар моли фақиронанд уммол ар бувад,
Шоҳро ҳар мол мемонад, ки қути лашкар аст.
Маънии ширин бувад ширин, чигар содаст лафз,
Ҳам шакар бошад шакар, бе нуқта гарчӣ суккар аст.
Ишқ асфалро ба чашм аъло дарорад ҷилвагар,
Шамъро қомат бар парвона сарви Кишмир аст.
Эй басо нуқсон, ки дар зимнаш бувад як навъ суд,
Чун дафи лӯлӣ дарид, аз баҳри маймун чанбар аст.
Бар мапар аз авҷи рифъат, к-андарин дайри куҳан,
Бар фарози Исӣ аз анҷум ҳазорон шабпар аст.
Олами дилро чӣ ҳоҷат зевар аз чархи кабуд,
Гулшани Фирдавсро зинат на аз нилуфар аст.
Ҳаркӣ дӯзад чашм бар зар, ҳамчу абҳар чашми ӯ,
Лоиқинӯки синон монанди чашми абҳар аст.
Чашми комил чашмаи хизр асту бошад ҳарду айн,
З-ин ду ҳар якро касе, к-ӯ ёфт умри бемур аст.
Онки дил бандад ба зар, аз фақр бошад ризқи маҳз,
В-ончӣ дар ризқаш бувад аз фақр, фақри бефар аст.
Аз шараф дандонаи фарши гадоӣ фақр дон,
Кунгури айвони шаҳ, к-аз хоки айвон бартар аст.
Баҳри мусҳаф кунгури раҳле, ки созанд аҳли ҷоҳ,
Рахнаҳо дон, к-аш ба девори ҳисори дин дар аст.
Монеъи фақр аст Шаҳро муддаъо инак зи сар,
Ончӣ навдар дорад андозад ба хокаш бар дар аст.
Раҳ сӯи Ҳақ беҳадд аммо ҳаст ақраб роҳи фақр,
Баҳри онки-“л-фақру фахрӣ” гуфтаи Пайғамбар аст.
Андарин раҳ онкӣ дорад гом бар гоми Расул,
Аршпарвозест, к-ӯ ҳам раҳраву ҳам раҳбар аст.
Ҳомии шаръи Набӣ, “Ҷомӣ”, ки ҷоми шаръро,
Дошта бар каф лаболаб аз шароби кавсар аст.
Онкӣ аз илми фузун аз ҳад, Набиро ворис аст,
Балки аз қавли Набӣ, пайғамбаронро ҳамбар аст.

Равзаи раъйи мунираш гулшане дон, к-аш зи лутф,
Қатраи рухсораи ҳар барг меҳри анвар аст.
Гулшани табъи рафиъаш равзае дон, к-аз шараф,
Тукмаи пироҳани ҳар гул сипеҳри ахзар аст.
Чарх аз илмаш фитад як сӯ кучо ҷоми ҳубоб,
Зарфи дарёро пайи сарпӯш будан дархур аст.
Хотираш дурҳои маъниро бувад шоиста дурҷ,
Чарх баҳри ахгари анҷум муносиб миҷмар аст.
Зояд аз килкаш ҳама абкори маъно гӯиё,
Ум ки дар хома-ст бикри маънияшро модар аст.
Бикри маънӣ ҳолати ҷонбахш агар зодаш чӣ дур,
Шуд набера Исӣ он касро, ки Марям духтар аст.
Илму раъяш аз дилам сар зад бад-он сон, к-абр сӯхт,
Оташ андар пунба, н-аз ойина к-аз тоби хур аст.
Оҷиз аз теъдоди авсофи камоли ӯст ақл,
Анҷуми гардун шумурдан кай тариқи аъвар аст.
Динпаноҳо аҳли дузахро чу уммеди биҳишт,
Ҷони хокиро ҳавои васли он хоки дар аст.
Жоласон к-андар даруни ғунча афтад, муддатест,
К-орзӯи дарди фақрам дар дили ғампарвар аст.
Подшоҳе, к-аш гадои фақр гаштан орзӯст,
Чун гадое бошад, он к-аш подшоҳӣ дар сар аст.
Орзӯи мурданам дар зулмати ҷонбахши фақр,
З-орзӯи мурда сӯи зиндагонӣаксар аст.
Тухми идборам дамодам дарди дил бор оварад,
Айб набвад гар бад-ин сон донаро з-ин сон бар аст.
Бар тан аз наълу алиф танҳо на дардам шуд аён,
Бас ҷароҳат з-он камону тирам андар пайкар аст.
Як назар афкан, ки мустасно шавам, з-абнои ҷинс,
Саг, ки шуд манузи Наҷмуддин сагонро сарвар аст
Шамъи ҳиммат ғарқаи ғамро ба мақсад мумиёст,
Нури ахтар киштии шабро ба соҳил раҳбар аст.
Дар татаббуъ кардани ин назм озодам зи таън,
Тобеъи суннат бувад ҳар к-ӯ Набиро чокар аст.
З-илтифоти хотират ин нуктаи ширин мârост,
Ҳамчунон, к-аз партави хуршед найро шаккар аст.
Дар адад абёти ӯ сад кам як омад гӯиё,
Ҳар якеро равнақ аз як номи Ҳаййи Акбар аст.

Месазад ҳар байти ӯ гар гӯямаш Байтуллаҳ аст,
Аз матонат в-аз либоси асвадаш, к-андар бар аст.
Лек ҷанби чарх, к-ӯ бошад хусусан пурнуҷум,
Ҳуққаи ҷаббуд гирифтам пур зи дурри азҳар аст.
“Туҳфатул-афкор” агар номаш ниҳам, набвад аҷаб,
Туҳфа наздат чун зи баҳри фикратам ин гавҳар аст.
Гашт явми ҷомеъи шаҳри Раҷаб торихи он,
Турфатар к-он моҳ рӯз итмоми ӯро мазҳар аст.
Толибони рубъи маскунро зи зилли олият,
Файз бодо то мақоми меҳр чорум манзар аст.

***

Қасидаи “Луҷҷатул-асрор”-и Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ

Кунгури айвони шаҳ, к-аз кохи кайвон бартар аст,
Рахнаҳо дон, к-аш ба девори ҳисори дин дар аст.
Чун саломат монад аз тороҷ накди ин ҳисор,
Посбон дар хобу бар ҳар рахна дузде дигар аст.
Чист зарри ноб рангин гашта хоке з-офтоб,
Ҳаркӣ кард афсар зи зарри ноб, хокаш бар сар аст.
Гар надорад симу зар доно, манеҳ номаш гадо,
Дар бараш дил баҳри дониш в-ӯ шаҳи баҳру бар аст.
Зан найӣ мардӣ куну дасти карам бигшо, ки зар,
Мардро баҳри карам, занро барои зевар аст.
Кисахолӣ бош баҳри рифъати явмул-ҳисоб,
Сифр чун холист, з-арқоми адад болотар аст.
Ошиқи ҳамён шудӣ, лоғармиёнаш кун зи базл,
Ҳусни маъшуқони раъно дар миёни лоғар аст.
Нест сурх аз асли гавҳар тангаи зар гӯиё,
Баҳри доғи бухлкешон карда сурх аз озараст.
Зар бувад дар ҷайб молу майли ӯ дар ҷон вабол,
Лаъли оташранг бар каф лаълу дар дил ахгар аст.
Бигзар аз вайронаи гети саломат гарчӣ ҳаст,
Ганҷҳо дар вай, ки бар ҳар як тилисме мункар аст.
Ҳар куҷо бинӣ дари ганҷеву бар дар ҳалқае,
Ҳалқа ҳалқа карда море дар даҳони аждар аст.
Ҳирс кори мур бошад, гар равӣ бо ӯба гӯр,
Ҳашви гӯри хештан бинӣ, ки мӯри бемар аст.
Шуд даҳони ҳирси Санҷар пур, вале аз хоки Марв,
Ин сухан бишнав, ки марвӣ аз даҳони Санҷар аст.
Маънии зар утрук омад, муқбиле, к-ӯ бурд бӯ,
З-имтисоли амри зар дар тарки дунё Бузар аст.
Зар бидеҳ, в-аз фаҳш авлоди зиноро лаб бибанд,
Дида бошӣ қуфли зар, к-аз баҳри фарҷи астар аст.
Гарчӣ бошад зар хуш, ибро кун зи зар, к-иброст тоҷ,
Баҳри Иброҳиму зар наълайни пойи Озар аст.
Аз риёпеша маҷӯ ҳоҷат, ки ҷудаш оризист,
Мева кай орад дарахти хушк, к-аз борон тар аст.
Лаб наёлонад аҳли ҳиммат аз хони хасон,
Дархури дандони анҷум гирдаи моҳу хур аст.

Томиъон аз баҳри туъма пеши ҳар хас сар ниҳанд,
Қониъонро ханда бар шоҳу вазири кишвар аст.
Мокиён аз баҳри дона мебарад сар зери коҳ,
Қаҳқаҳа бар кӯҳу бар дар шеваи кабки нараст.
Нафйи ъома ъомаро авлост, оре думми хар,
Хуш магасро нест, лекин куни харро дархур аст.
Марди косиб к-аз машаққат мекунад кафро дурушт,
Баҳри ноҳамвории нафси дағал суҳонгараст.
Соғари роҳат бувад аз касби бар каф обила,
Вақти онкас хуш, ки роҳатёфта з-ин соғар аст.
Фарҷро банд аз гулӯ кун, к-аз занони саътарӣ,
Фориғаст он кас, ки қути ӯ зи нону саътар аст.
Ҳаркиро хар сохт шаҳват, нимхардил гӯ ба ақл,
Худ ба фаҳми хурдабинон нимхардил ҳам хар аст.
Сифларо манзур натвон сохтан, к-ӯ хубрӯст,
Мехро дар дида натвон кӯфтан, к-он аз зар аст.
Шоҳидони зарталабро орази пур хатту хол,
Дар кафи томеъ ба қасди моли мардум маҳзар аст.
Рӯзгорат тира, дастат холиву дил пур ҳавас,
Шаб дарозу нохунон атфода, аъзо пургираст.
Даст деҳ бо ростон дар қатъи пастиҳои табъ,
Бе асо магзар, ки дар роҳи ту сад ҷӯю ҷар аст.
Бош дар дин собит, ар тарсӣ зи қаҳри Ҳақ, ки пой,
Карда муҳкам дар замин, ар-арзи бими сар-сар аст.
Некӣ омӯз аз ҳама, ар кам зи худ охир чӣ айб,
Ростӣ дар ҷадвали заргар зи чӯбин мистар аст.
Нест қадри оливу дун ҷуз ба миқдори ҳунар,
Қасри шаҳро посбон бар бому дарбон бар дар аст.
Ҳикмат андар ранҷи тан, таҳзиби ақлу ҷони туст,
Қасди воъиз заҷри асҳобу лагад бар минбар аст.
Комилу ноқис на яксонанд дар қатъи умур,
Ончӣ аз шамшер меояд, на ҳадди ханҷар аст.
Чун кунанд аҳли ҳасад туфон, тариқи ҳилм гир,
Гоҳи мавҷ ороми киштиро зи сиқли лангар аст.
Бо ҳасудон лутф хуш бошад, вале натвон ба об,
Куштан он оташ, ки андар санги оташ мизмар аст.
Гар найӣ ҳамкор бо некон, зи ҳамномӣ чӣ суд,
Як Масиҳ “иброи акмаҳ” карду дигар аъвар аст.

Хӯи некӯ гирад он, к-аз нек ёбад тарбият,
Шири ҳикмат нӯшад он, к-уммул-китобаш модар аст.
Феъли нек аз некхӯён ҷӯ, ки дар тасрифи даҳр,
Муштақ андар сурату маънӣ ба вифқи масдар аст.
Хор-хори шак даруни дил бувад ҷонро чу гар,
Маънии “ин”, к-аз барои шак бувад, з-он рӯ гар аст.
Ҳаст марди тирадил дар сурати аҳли сафо,
Он зани ҳинду, ки аз ҷинси сафедаш чодар аст.
Ҳар халал к-андар амал бинӣ, зи нуқсони дил аст,
Рахна, к-андар қаср ёбӣ, аз қусури Қайсар аст.
Нафси зулматрав ба ҳаблуллоҳ зи ҷунбиш боз монд,
Риштаи хуршед банди боли мурғи шабпар аст.
Бегуноҳеро ба ҷурми дигаре аз рӯйи ҷаҳл,
Сарзаниш кардан на расми оқили донишвар аст.
Кармро, к-аш метавон айни карам хондан чӣ айб,
Гар ба рағми мардумаш “уммул-хабоис” духтар аст.
Ҳарчӣ меёбӣ зи вай он хосият, к-аш мумкин аст,
Таъни ӯ бар фақди ҳар номумкине мустанкар аст.
Нест кӯҳ аз баҳри ҳамроҳӣ, ки гӯйи мазман аст,
Нест шер аз баҳри ҳамхобӣ, ки гӯйиабхар аст.
Сифла гар хиҷлат кашад, з-осори феъли худ кашад,
Гулханиро рӯ сиёҳ аз дуд ё хокистар аст.
Гӯши ҳикматкаш талаб, не дидаи суратпараст,
Ҳаззи кӯр аз шоҳидони хушнаво беш аз кар аст.
Чун фитад з-оҳанги сиҳҳат тори раг бар ъӯди тан,
Захма баҳри сози он оҳанг, захми наштар аст.
Нақши паҳлӯ нусхаи тафсили ранҷи шаб бас аст,
Ҷомачокеро, ки то субҳ аз ҳасираш бистар аст.
Хуш бувад хушхӯ ба ҳар сурат, ки бошад чун абир,
К-аш ба саҳв ар ғофиле тасҳиф хонад анбар аст.
Кӯси номус ар занӣ, аз чарху анҷум бар гузар,
Чун дафи расвоият, ин пурҷалоҷил чанбар аст.
Сӯи маънӣ рав, ки гар монад ба сурат бо сипанд,
Кай кунад дафъи газанд, он нуқта к-андар миҷмар аст.
Кам нишин з-амсоли худ эмин, ки бошад дар рақам,
Мисли ҳанҷар ханҷар аммо баҳри қатъи ҳанҷар аст.
Таъна аз кас хуш набошад, гарчӣ ширингӯ бувад,
Захми най бар дида сахт аст, ар ҳама найшаккар аст.

Кандани бунёди давлатро бувад селе азим,
Рашҳаи килки авонон, гарчӣ бас мустаҳқар аст.
Гар ъуруҷи нафс хоҳӣ боли ҳиммат баргушой,
К-ончӣ дар парвоз дорад эътибор аввал пар аст.
Нест аз мардӣ, аҷузи даҳрро гаштан забун,
Зан, ки фоиқ гашт бар шавҳар, ба маънӣ шавҳар аст.
Роҳи узлат пӯю хуррам зӣ, ки чандин қаҳқаҳа,
Кабк аз он дорад, ки дур аз халқ бар кӯҳу дар аст.
Ҳабси нилигунбаде аз гиря мешав ғарқи об,
Шаб чу марғе, к-ошёнаш ғунчаи нилуфар аст.
Мункиронро воридоти орифон набвад қабул,
Кофиронро муъҷизоти анбиё кай бовар аст.
Фақра-фақра аз каломи шермардон гӯш кун,
З-онки бар Буҷаҳл ҷаҳл, он Зулфиқори ҳайдар аст.
Нуктаҳои пасти комил ҳаст толибро баланд,
Нуқтаҳои “ё”-и Ҳайдар тоҷи қофи қанбар аст.
Хоки ёрон шав, ки пушти кибру кинат бишканад,
Куҳли ағбар чашми нусратро ғубори лашкар аст.
Лашкари инъомнодида ба бонге тафриқаст,
Дафтари шерозанокарда ба боде абтар аст.
Нописандӣ гар расад аз ёри рӯшандил чӣ бок,
Нест айбе оби соферо ки хошоковар аст.
Дил бипарвар баҳри файзи нав ба нав, к-аз нахли хушк,
Мехӯрад хурмои тар Марям, ки исопарвар аст.
Кофире дон нафси саркашро, ки лозим ёбияш,
Саркаше чун саркаши кофе, ки андар кофираст.
Соғари ишрат мазан бо зан, ки гар ҳаст аз нахуст,
Роздори сирри иффат, охир аз соғар ғар аст.
Баҳра аз ҷинсийят афзояд, ки чун дар фасли дӣ,
Меҳр урён бошад аз вай ҳаззи урён авфар аст.
Дил макун бо жандапӯшон бад, ки ҷосуси диланд,
Баҳри ҷосусист шаҳ, к-андар либоси чокар аст.
Чора дар дафъи хавотир суҳбати пир асту бас,
Рахна бар Яъҷуҷ бастан хосаи Искандар аст.
Ҷони пажмурда зи файзи пир ёбад зиндагӣ,
Хизр аз он Хизр аст, к-аз вай сабзаи хушк ахзар аст.
Бӯйи дарвешӣ надорӣ, хирқаи пашмин чӣ сӯд,
Чанд печи пишк дар нофа, ки мушки азфар аст.

Нозпарварди ҳаво бо нафс натвонад ғазо,
Зан, ки бошад лоиқи меъҷар, чӣ марди мағфар аст.
Дар ҷавони саъй кун, гар бехалал хоҳӣ амал,
Мева бенуқсон бувад, чун аз дарахти навбар аст.
Олими олимақом аз баҳри худ хоҳад улув,
Чун “ъало” к-аш маънӣ истеълову кори ӯ ҷар аст.
Муфтии тардоман аз мастӣ навозад ҳамчу даф,
Дафтари худро дафи тар доман, оре даф тар аст.
Фалсафаҳ чун аксараш омад сафаҳ, пас кулли он,
Ҳам сафаҳ бошад, ки дорад ҳукми кул онч-аксар аст.
Фалсафӣ аз ганҷи ҳикмат, чун ба филсе раҳ наёфт,
Менадонам дигареро сӯйи он чун раҳбар аст.
Ҳукми ҳоли мантиқӣ хоҳӣ зи ҳоли фалсафӣ,
Кун қиёс онро, ки асғар мундариҷ дар акбар аст.
Он бадахтар, к-аш мунаҷҷим гуфтаӣ чун ҳар асар,
Пеши ӯ муснад ба ахтар шуд, худояш ахтар аст.
Ихтиёре нест ӯро, ихтиёр аз вай мапурс,
Ихтиёри ҷумла гум дар ихтиёри довар аст.
Чарху анҷум, ҷинну мардум ҳар як инҷо музтаранд,
Ихтиёри ҷумла пеши “Ман юҷибул-музтар”анд.
Нури тавҳид аст дар дил мушъири идроки Ҳақ,
Машъари ахтарпарастонро куҷо он мушъир аст.
Маънии маъшар маъийят бо шар омад з-он сабаб,
Нест з-ин маъшар касе бе шар агар Бумаъшар аст.
Ҳикмати юнониён пайғоми нафс асту ҳаво,
Ҳикмати имониён фармудаи Пайғамбар аст.
Нома к-аш унвон на “қолаллоҳ” ё “қолан-набӣ”-ст.
Ҳосили мазмуни он хусрони рӯзи маҳшар аст.
Нест ҷуз бӯи Набӣ, сӯйи Худо раҳбар туро,
Аз Алӣ ҷӯ бӯ, ки бӯйи Буалӣ мустақзар аст.
Даст бигсил аз “Шифо”-и ӯ, ки дастури шақост,
Пой як сӯ неҳ зи “Қонун”-аш, ки конуни шараст.
Соҳиби илми ладунниро чи ҳоҷат хатту лафз,
Сафҳаи дил мусҳафаст онро, ки Қуръон аз бар аст.
Ҷомӣ аҳсант, ин на шеър, аз боғи Ризвон равзаест,
К-андар ӯ ҳар ҳарф зарфе пур шароби кавсар аст.
Дар саводи хатти он анвори ҳикмат мухтафист,
Чун шаби торик обистан ба субҳи анвар аст.

Ҳамчӯ фикри бикри Хусравзодааст аз лутфи табъ,
Дар камоли хубӣ ин як хоҳар он як хоҳар аст.
Эй басо хоҳар, ки бо хоҳар чу гардад ҷилвагар,
Дар ҷамол акбар бувад, ҳарчанд дар сол асғар аст.
“Луҷҷатул-асрор” гар созам лақаб онро сазост,
З-онки аз асрори дин баҳре лаболаб гавҳар аст.
“Ҳуҷҷатул-аҳрор” агар ҳам зам кунам бо он равост,
З-онки бар матлуби ҳар озодае ҳуҷҷатгар аст.
Мар бувад панҷоҳу чун омад ду мар абёти он,
Дар сафову муҳкамӣ шояд, ки гӯям мармар аст.
Соли таърихаш агар “фаррух” нависам дӯр нест,
З-онки сол аз давлати таърихи ӯ фаррухфар аст.

***

Қасидаи устоди сухан Халилуллоҳ Халилӣ

Одамиро гарчӣ аз мушти ғуборе пайкар аст,
Ҷилвагоҳи азматаш аз Бохтар то Ховар аст.
Одамӣ дар пешгоҳи қудс бунёни Худост,
Ҳаркӣ ин бунён кунад вожуна хокаш бар сар аст.
Посбони ин бино ойини адлу ростист,
Хонаи бе посбон ҳамчун сарои бедар аст.
Ҳар диле, к-ӯ нест конуни видоду ростӣ,
Чун чароғи мурда, то бинӣ кудуратовар аст.
Онкӣ сели хун кунад ҷорӣ, набошад марди раҳ,
Нози мардони ҷаҳон дар чораи чашми тар аст.
Ҳон напиндорӣ ҷаҳонро тахтамашқи кӯдакон,
К-андарон ҳар нақши вожуне, ки бандӣ дархур аст.
Ин ҷаҳон девони аҳкоми ҳумоюни қазост,
Озмунгоҳи Худованди бузурги довар аст.
Ҳиммати кишваргушоён нест ҷуз пиндори ваҳм,
Хушк беҳ дасте, ки аз хуни сияҳрӯзон тар аст.
Ҳаркӣ гетиро ба хун афканд, худ дар хун нишаст,
Ин ҳадис аз ҷангҷӯёни ҷаҳон ёдовар аст.
Шуд аз ин мушти раёсатҷӯ ҷаҳоне мунҳадим,
Оташи фитна ҳануз аз баҳру бар шуълавар аст.
Шаҳрҳо вайрон шуду номусҳо барбод рафт,
Хок аз сели сиришку хуни мазлумон тар аст.
Ёдгори он ҳама нерӯву тадбир эй дареғ,
Ё ятиме бенаво ё кӯдаке бе модар аст.
Баъд аз ин ё сулҳ ё марг аст тадбири башар,
Ин ду нерӯ ранҷҳои халқро дармонгар аст.
Ҳокими ояндаи гетӣ атамм бошад, к-аз он,
Дудмони зиндагӣ дар як нафас хокистар аст.
Вой бар инсон, ки корашро бисозад заррае,
Онкӣ худ дар мулки маъно офтоби анвар аст.
Нури уммеде набинам дар саропои ҷаҳон,
Гар бувад он ҳам фурӯғи хотири донишвар аст.
Ҳеч қувватро набошад пояи таъсири илм,
К-одамиро дар умури зиндагонӣ раҳбар аст.
То нагардад дар тариқи илм гетӣ муттаҳид,
Созмони сулҳ ҳам мунҷар ба даъвову шар аст.

Илмро набвад диёри хос бар рӯйи замин,
Ҳар куҷо роят барафрозад мар ӯро кишвар аст.
Тарбият зангор бошад, гар ба гумроҳӣ кашад,
Гарчӣ андар чашми мардум тарбият рӯшангар аст.
Сулҳ мебошад силоҳи родмардони бузург,
Аз забунон сулҳҷӯӣ қиссаи нобовар аст.
Аз даҳони туп ҷустан розиислоҳи башар,
Дафъи беморӣ талаб кардан, зи коми аждар аст.
Сулҳҷӯёни ҷаҳон аз ҳақ ҳимоят мекунанд,
Кишвари ҳақ бениёз аз ранҷи теғу лашкар аст.
Созмони иттиҳоди сулҳи гетиро кунун,
Ҷашни иҷлол аз вуруди солу моҳи дигар аст.
Ҳаст ин ҷашни ҳумоюн, ҷашни фарзанди башар,
Зодгоҳи ӯ агар аз Бохтар ё Ховар аст.
Хоса ин кишвар, ки маҳди дину конуни вафост,
Меҳру ойин дар ниҳоди мардумонаш музмар аст.
Хоса ин кишвар, ки мардони бузургаш дар ҷаҳон,
Баҳри ислоҳи умам аз қарнҳо номовар аст.
Аз Ҷалолуддини Балхӣ, Рум меболад ба худ,
В-аз Ҷамолуддини Афғон ифтихори Ховар аст.
Хоса ин кишвар, ки торихаш ба хун гардида сурх,
То ҳанӯз аз фитнаи Чингиз хокаш аҳмар аст.
Эй хушо ҷашне, ки андар тораки адвори чарх,
Чун фурӯзон гавҳаре, бар ҷовидонӣ афсар аст.
Парчамеву нав ҳумоюн мурғ бошад бар замин,
В-аз салому сулҳ ӯро осмоне шаҳпар аст.
Зери маймун сояи ин тоири фархундапай,
Фавзу фарҳангу фалоҳу фатҳу афзолу фар аст.
Мекунад аз адлу дониш дар ҷаҳон бунёни нав,
Ончунон зебо, ки баҳри одамият дархур аст.
Дуру наздики ҷаҳон яксон шавад з-он мустафид,
Меҳр яксон гар наметобад шукӯҳаш камтар аст.
Дар бисоти одамият фарқи ину он хатост,
Он яке гар чашму дил, ин дигараш дасту сар аст.
Эзид ин ҷашни муборак бар башар маймун кунод,
Онкӣ инсонро ҳамеша дар масоиб ёвар аст.

***

“Сулҳ” – қасидаи устод Мир Абдулалӣ Шоиқи Ҳаравӣ

Олами инсон, ки сирри кавн дар вай музмар аст,
Олами суғро бувад, яъне ҷаҳони асғар аст.
Зарра то хуршед дар равшан фазояш рӯнамост,
Аз замин то осмон дар соҳаташ ҷавлонгар аст.
Мушти хоке арзи ҳастӣ кард, дар садри шараф,
Пояи қадри вай аз арши муъалло бартар аст.
Лавҳи истеъдоди ӯ суратпазири неку бад,
Арсаи омоли ӯ ҷавлонгаҳи хайру шар аст.
Заъфу қувват, шодиву ғам, зулму шафқат, сулҳу ҷанг,
Ҷумларо ин маҷмаъи аздод некӯ мазҳар аст.
Гоҳ гомаш иғтишошу фитнаву сафки димо,
Гаҳ маромаш сулҳи кул, в-оромиши баҳру бар аст.
Он яке маҳкуми шайтон аст, в-ин мунқоди ҳақ,
Ҳарду инсонанд, лек он раҳзану ин раҳбар аст.
Он як аз фазлу шараф болотар аз мулку малак,
В-ин як аз ҳирсу ҳаво нозилтар аз гову хар аст.
Зулму иҷҳофаш агар одат бувад, хокаш ба сар,
Адлу инсофаш агар кеш аст, тоҷаш бар сар аст.
Ҳазрати инсон, ки фахраш маслаки сидқу сафост,
Фитнаангезӣ мар ӯро хислате шармовар аст.
Дил шикастан кай раво бошад, ки мардон гуфтаанд,
То тавонӣ дил ба даст овар, ки ҳаҷҷи акбар аст.
Бар бинои кохи ноаслон бувад туфони Нуҳ,
Қатраи ашки ятимон гарчӣ бас мустаҳқар аст.
Онкӣ махлуқи Худоро раҳбари сидқу сафост,
Ҳазрати Халлоқро ёр астуҳақро ёвар аст.
В-он сияҳдилро, ки манзураш бувад хун рехтан,
Ҳақ кунад вайрон, ки бар бунёни Ҳақ вайронгар аст.
Гар тамаддун бар бисоти сулҳ набвад устувор,
З-он агар дар сояи ваҳшат гурезӣ хуштар аст.
Бингар ин ҷанги ҷаҳониро, ки аз бераҳмияш,
Хоки гетӣ то кунун аз хуни мазлумон тар аст.
Ваҳшиёнро ҳисси хунрезӣ ба қатлу хун кашид,
В-аз тамаддун ваҳшате сар зад, ки ҳайратовар аст.
Чашми бино то қиёмат, з-ин мусибат хунфишон,
Гӯши шунво то абад, з-ин нолаву афғон кар аст.

Дасти санъат бин, ки ҷузви ло-юҷаззоро шикаст,
Оташе афрӯхт з-он, к-ӯ фитнаи баҳру бар аст.
Ёсамину лола, к-аз хоки Урупо сар занад,
Орази гулгунузору соиди симинбар аст.
Кишвари куҳсор доим гулшани сулҳу сафост,
Дар ҷаҳон дар сулҳу ойини сафо номовар аст.
Пири ансораш кунад некӣ, ба подоши бадӣ,
Орифи Балхаш ҷаҳонеро ба некӣ раҳбар аст.
Дарси ахлоқ оламе аз Ҷомиву Розӣ гирифт,
Ҳаббазо хоке, ки орифзову орифпарвар аст.
Бетараф дар ҷангу пешоҳанг дар сулҳу сафост,
Оламе з-ин идеоли поки ӯ мустаҳзар аст.
Маслаки абнои ӯ, яксар салоҳ асту садод,
Андарин раҳ фард фардашро диёнат раҳбар аст.

***

Даҳ ғазал аз Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ва даҳ ғазали ҷавобияи Амир Алишери Навоӣ (Фонӣ)

1) Ҷомӣ:

Мани дилхаста ҳар дам баҳри он нозукбадан мирам,
Гаҳ аз ранги қабо гоҳе зи бӯи пираҳан мирам.
Чу соя аз сарам бардошт он сарви равон боре,
Равам бар ёди ӯ дар сояи сарву чаман мирам.
Шаҳиди ишқро ҷуз ман касе мотам намедорад,
Кӣ хоҳад мотами ман доштан рӯзе, ки ман мирам.
Гар аз пироҳанаш як ришта пайванди кафан бинам,
Занам пироҳани ҷон чоку аз завқи кафан мирам.
Чунин к-аз тешаи ғам синаам садпора шуд охир,
Аз он шириндаҳон бо дарду доғи кӯҳкан мирам.
Рав эй ҳамдам ту дар базми тараб бо дӯстон хуш зӣ,
Маро бигзор танҳо то дар ин байтул-ҳазан мирам.
Яке дам нагсалад Ҷомӣ, дилам з-он шухи ошиққуш,
Аҷаб гар бо чунин дил ман ба марги хештан мирам.

Фонӣ:

Мани бедил, ки баҳри қомати он симтан мирам,
Гаҳ аз рафтори раъно, гаҳ зи андӯҳи бадан мирам.
Магар чину шикасти сафҳаи умру ҳаётам шуд,
Ки дар ранги қабои ӯ ба ҳар чину шикан мирам.
Ба ҳар тири ҷафояш синаи худро сипар созам,
Муродам инки аз тираш ба ҳар ойину фан мирам.
Ба ҷурми ишқ агар қатлам кунад ҷонам фидои ӯ,
Вагар на неши теғаш ман ба ишқи хештан мирам.
Азои Вомиқу Фарҳоду Маҷнун доштам акнун,
Намонад чун мане соҳибазо рӯзе, ки ман мирам.
Ба истиғнои зуҳд аз софи кавсар ҷон ҳамеҷустам,
Фанои ишқ бин Фонӣ, ки баҳри дарду дан мирам.

2) Ҷомӣ:

Бандам ба сина дам ба дам аз сими мижгон торҳо,
В-аз дил бар ин қонун зи ғам берун диҳам озорҳо.
То лаъли шаккархойи ту шуд қимати колои ту,
Дар ҳар сар аз савдои ту шурест дар бозорҳо.
Бошад, ки як гулбарги тар ояд чу рӯят дар назар,
Чун бод гардам ҳар саҳар гирди ҳама гулзорҳо.
Бе рӯят эй рашки суман, гул нест инҳо дар чаман,
Дур аз ту барқи оҳи ман, оташ зад андар хорҳо.
Бо заъфи тан, пушти дуто, то истам пешат ба по,
Дар кӯйӣ ту набвад маро, пуште ҷуз аз деворҳо.
Пиндори зуҳдам дода худ бо кардан аз худ гуфтугӯ,
Май деҳ, ки ёбад шустушӯ нақши ҳама пиндорҳо.
Ҷомӣ чӣ ғам гар хун хурад, то шеъри рангин оварад,
Бар хотират гар бигзарад рӯзе бад-ин гуфторҳо.

Фонӣ:

Эй аз баҳори ҳусни ту бар чеҳраам гулзорҳо,
Дар сина з-он гулзорҳо дорам халида хорҳо.
Аз неши ҳаҷраш муттасил, гӯ риштаи ҷонам гусил,
Чун дӯхт натвон чоки дил з-он сӯзану з-ин торҳо.
Дар кулбаи ғам гар барам ойӣ наёбӣ пайкарам,
Бас хоку хоре бар сарам, к-афтода аз деворҳо.
Аз ҳасрати рухсор кай битвон шудан ҳамранги вай,
Моро ба хун ӯро ба май, чун ранг шуд рухсорҳо.
Чун з-он бути ошуфтахӯ орам ба сӯи қибла рӯ,
Баста чу аз ҳар тори мӯ бар гарданам зуннорҳо.
Будам ба ақли зу-фунун, пири хирад пеш аз ҷунун,
Тифлон давонандам кунун, дар кӯчаву бозорҳо.
З-ин назми нав чархи куҳан якбора гӯ ҳайрат макун,
Фонӣ чу таълими сухан дорад зи Ҷомӣ борҳо.

3) Ҷомӣ:

Резам зи мижа кавкаб, бе моҳи рухат шабҳо,
Торик шабе дорам, бо ин ҳама кавкабҳо.
Чун аз дили гарми ман бигзашт хаданги ту,
Аз бӯсаи пайконаш шуд обилаам лабҳо.
Аз бас, ки гирифторон мурдан ба кӯйи ту,
Бодаш ҳама ҷон бошад, хокаш ҳама қолабҳо.
Аз тобу таби ҳиҷрон, гуфтам сухани васлат,
Буд ин ҳазаён оре, хосияти он табҳо.
То даст баровардӣ з-он ғамза ба хунрезӣ,
Бар чарх равад ҳар дам, аз дасти ту “Ё Раб”-ҳо.
Шуди насхи хати ёқут, акнун ҳама раъноён,
Таълими хат аз лаълат, гиранд ба мактабҳо.
Ҷомӣ, ки пайи мазҳаб атрофи ҷаҳон гаштӣ,
Бо мазҳаби ишқи ту, гашт аз ҳама мазҳабҳо.

Фонӣ:

Бе рӯи ту шуд тира аз ашк маро шабҳо,
Равшан нашавад шабҳо бе моҳ зи кавкабҳо.
Аз тирагии ҳаҷрат, шуд рӯзу шабам яксон,
К-аз шаб сияҳам рӯз аст, дар рӯз сияҳ шабҳо.
Ушшоқ, ки аз ҳаҷрат карданд тиҳӣ қолаб,
Боз аз лаби ҷонбахшат, ҷон рафт ба қолабҳо.
Бе қадди ту дар бӯстон, ҳар шох, ки пурбарг аст,
Морест маро, к-аз вай овехта ақрабҳо.
Як қатра май, эй соқӣ, бас гар диҳиям лекин,
З-он май, ки туро гардад олуда ба он лабҳо.
Ман масти шароб эй дил, зуҳҳоду ғами Кавсар,
Дурӣ бувадам з-эшон, аз дурии машрабҳо.
Дар дайри муғон Фонӣ, як ҷом хурад акнун,
Як ҷоми дигар хоҳад, бо нолаи “Ё Раб”-ҳо.

4) Ҷомӣ:

Зулфи ту бар маҳ парешон карда мушки нобро,
Шох шох афканда бар гул сунбули серобро.
Аз дари масҷид даро бо он ду абрӯву бубин,
Пушт сӯи қибла рӯ дар рӯйи худ меҳробро.
Пистаро то з-он даҳону лаб расондӣ дил ба ком,
Дил ба танг омад аз ин маънӣ, улул-албобро.
Бод шабҳо хоки поят зери сар хобам ҳаром,
Гар надонам давлати бедори худ ин хобро.
Нест аз қатли муҳиббон ғамзаат ҳаргиз малул,
Кай малолат хезад аз хун рехтан қассобро.
Дарнамеояд диламро роҳате аз ҳеч боб,
Бар вай аз пайкон даре бигшой, фатҳул-бобро.
Нест дилкаштар суруде Ҷомӣ аз назми хушат,
Вақт хуш мекун бад-ин дилкаш суруд аҳбобро

Фонӣ:

Аз тағори май чунон нӯшам шароби нобро,
К-абр натвонад зи дарё ончунон бурд обро.
Дар ҷафо дорад қарор он чашму дар бедод хоб,
З-онки бурданд аз дилу чашмам қарору хобро.
То қиёмат шоми танҳоӣ бувад, дар дида хоб,
Як сабуҳе муғтанам дон, суҳбати аҳбобро.
Гар вафо з-аҳли замон ёбӣ, шароби лаъл нӯш,
З-онки ҳаргиз кас надид, ин гавҳари ноёбро.
Эй ки гӯӣ дар ҷавонӣ бода нӯш, инак бубин,
Маст дар дайри муғон афтода шайху шобро.
Куштаи он чашми хунрезам, ки баҳри қасди дин,
Карда ҷо дар айни мастӣ гӯшаи меҳробро.
Аз дари аҳли ҷаҳон ҷустан мурод аз фақр нест,
Васл хоҳӣ Фониё, масдуд кун ин бобро.

5) Ҷомӣ:

Гузашт аз ҳадд хурӯшу гиря абри навбаҳоронро,
Куҷо донист ё Рабб дарду доғи дилфигоронро.
Мабор эй абр рӯзи гашт, он чобуксавор охир,
Ки дидабарраҳаст аз дер боз уммедворонро.
Аз ин ишқи ҷигархора, чӣ дорам чашми беҳбудӣ,
Ки бардода ба боди нестӣ, чун ман ҳазоронро.
Зи ҷоми нимхӯри ӯ куҷо як ҷуръа то бинӣ,
Чу аҳди ман шикаста тавбаи парҳезгоронро.
Чунин к-аз бодаи ишрат ба хоби мастӣ шабҳо,
Чӣ донӣ меҳнати бехобии шабзиндадоронро.
Сазад, к-аз бекасӣ чун ман инони дӯстӣ печад,
Буте, к-ӯ бастаи фитрок бинад шаҳриёронро.
Саманди ноз ҷавлон деҳ, ба раҳ гӯ гашта шав Ҷомӣ,
Агар зоеъ шавад мӯре, чӣ нуқсон шаҳсаворонро.

Фонӣ:

Зи абри тира барқе ҷаст тарфи куҳсоронро,
Ки равшан кард ҳар сӯ шамъи гулҳои баҳоронро.
Чу наргис ҷом з-ӯ бигрифту лола соғари ёқут,
Салои бода зад мурғи чаман парҳезгоронро.
Ту низ эй пири дайр андар чунин фасле ба сармастӣ,
Зи кунҷи майкада сӯйи чаман каш майгусоронро.
Фикан эй муғбача аз як муғона ҷоми мардафкан,
Ба рақс ор аввали шаб то саҳар шабзиндадоронро.
Сабуҳи айш бо ёрон қадаҳ хӯр, нест чун маълум,
Ки ёбандат шаби оянда ёрон ё ту ёронро.
Дар ин саҳро зи боди ҳодиса ҳар сӯй чун лола,
Ба хок афтода бин тоҷи ғурури комгоронро.
Сафоли кuҳна пур май созу Ҷоми Ҷам бинеҳ номаш,
Дар ӯ наззора кун аҳволи даври рӯзгоронро.
Чу охир ҷуз фано коре нахоҳад буд, эй Фонӣ,
Дар ин дайри фано бигзор айби ҷуръахоронро.

6) Ҷомӣ:

Биё, ки шоҳиди бустон зи рух ниқоб андохт,
Насим дар сари зулфи бунафша тоб андохт.
Сабо шамими гулу бӯйи ёри гулрух дод,
Марову мурғи чаманро дар изтироб андохт.
Пайи нисори қадами гул, аз шукуфа насим,
Ба саҳни боғ дирамҳои сими ноб андохт.
Зи шабнами саҳарӣ ғунча бомдоди пагоҳ,
Гушод пираҳан аз ҳам, бар офтоб андохт.
Тавон бар абри хурӯшанда таъна зад ба ҷунун,
Зи санги жола, ки бар шишаи ҳубоб андохт.
Даруни соғари лола чарост мушколуд,
Агар на мушк, пас тиб дар шароб андохт.
Чакид нам зи ҳаво ё зи назми ту Ҷомӣ,
Ба гӯши шоҳид гули луълуъ хушоб андохт.

Фонӣ:

Биё, ки пири муғон дар сабӯ шароб андохт,
Ҳавои муғбача дилҳо дар изтироб андохт.
На соқӣ аз хӯни рухсори худ чакконад ба ҷом,
Пайи нашоти дили ман ба май гулоб андохт.
Биҷуст аҳли тарабро пайи нашот сабӯҳ,
Вале чу дид маро, хешро ба хоб андохт.
Зи чарх кор ба ҷуз тобу печ нест, хуш он,
Ки пайкарашро ба гирдоби май ба тоб андохт.
Гаҳе фиғон, ки кунад абр ларзад он ба яқин,
Ки оҳи сарди ман он ларза дар саҳоб андохт.
Агар на ринд зи ҷаллоди ғамгурехтабуд,
Чаро ба майкада худро ба сад шитоб андохт.
Чӣ ғам зи хоки мазаллат чу хешро Фонӣ,
Ба хоки даргаҳи шоҳи фалакҷаноб андохт.

7) Ҷомӣ:

Хатти ту дар домани гул сунбули сероб рехт,
Бар баёзи сафҳаи хуршед мушки ноб рехт.
Як варақ з-авсофи ҳуснат хонд булбул дар чаман,
Дафтари гулро сабо барҳам заду дар об рехт.
Холҳоят дар хами абрӯ, чу шабгун донаҳост,
К-аз кафи зуҳҳоди соҳибсабҳа дар меҳроб рехт.
Пиставу бодом сӯйи лаб мабар, к-он чашми маст,
Нақли базм имшаб зи дилҳои улул-албоб рехт.
Хуфта будам бар хасу хори дарат, з-авроқи гул,
Бод субҳдам хорҳо дар бистари санҷоб рехт.
Буд бар ҷоми дили Ҷомӣ зи ҷаллоби тараб,
Ишқи ту бар ҷоми ӯ зад сангу он ҷаллоб рехт.

Фонӣ:

Тира гаштам ҳаркӣ об андар шароби ноб рехт,
Чист ғайри тирагӣ, он к-ӯ ба оташ об рехт.
Ваҳ, ки мумкин нест дигар чашмро дидан ба хоб,
К-аз хаёли лаб намак он маҳ ба ҷои хоб рехт.
Ёр шуд меҳмони ман в-аз гиряи шодӣ ду чамш,
Дар раҳаш ёқути руммониву лаъли ноб рехт.
Дар ду ҷомаш буд коми ман, хато буд ар табиб,
Инки аз баҳри даво дар соғарам ҷаллоб рехт.
Он ҷавон ё Раб, ки гардад пир, гарчӣ беҳисоб,
Ханҷари мижгон кашиду хуни шайху шоб рехт.
Аз ҳаётам гар асар набвад чу Фонӣ дур нест,
Хуни беҳад чун зи захм ин пайкари бетоб рехт.

8) Ҷомӣ:

Хост ҳарҷо фитнаҷӯе, фитнаҷӯи ман расид,
Бар саманди ноз турки тундхӯйи ман расид.
Боди анбарбӯ чаро шуд, гарди мушкин баҳри чист,
Гар на аз саҳро ғазоли мушкбӯйи ман расид.
Ашки хунин бар рухи зардам нишоне беш нест,
З-ончӣ дар шабҳои танҳоӣ ба рӯйи ман расид.
Теғи ӯро додаанд, об аз зулоли зиндагӣ,
Ҷони дигар ёфтам, чун бар гулӯи ман расид.
З-осмон ҳар санги бедодӣ, ки омад бар замин,
Кард бахти ман мадад, к-он бар сабӯи ман расид.
Эй хуш он соат, ки гуфтӣ, чун шудам пайдо зи дур,
Инак он девонаи жулидамӯйи ман расид.
Ҳамчу Ҷомӣ сурмаи чашми ҷаҳонбин сохтам,
Ҳар ғуборе, к-аз суми асби ту сӯйи ман расид.

Фонӣ:

Боз теғи зулм бар каф тундхӯйи ман расид,
Рехт ҳар сӯйе дусад хун, то ба сӯи ман расид.
Ҳарчӣ аз туфони ашки ман расид андар ғамаш,
Бар ҳама рӯйи замин, аввал ба рӯйи ман расид.
Сангборони фалак сад ҷо сарамро ҳам шикаст,
Санги бедодаш на танҳо бар сабӯи ман расид.
Гарчӣ ман дидам малолатҳо зи гуфтугӯи халқ,
Халқро ҳам бас малол, аз гуфтугӯи ман расид.
Инки бар ҳар тори мӯйи ман задӣ теғи зулам,
Он ҳама бар пайкари чун тори мӯйи ман расид.
Ҳукми куштан ҳаркиро фармуд он султони ҳусн,
Шаҳнаи ишқ аз барои ҷустуҷӯи ман расид.
Фониё дар заъфи ҳиҷрон, теғи он бебок буд,
Қатраи обе, ки ногаҳ бар гулӯи ман расид.

9) Ҷомӣ:

Танҳо зи куҷо мерасӣ, эй сарви қабопӯш?
Дардо, ки ту меойиву ман меравам аз ҳуш.
Ман лаззати дидор чӣ донам, ки ҳанӯзат,
Аз дур надида фитам ошуфтаву мадҳуш.
Ҳарчанд бурун нестӣ аз хотири тангам,
Пеш ой, ки чун ҷон кашамат танг дар оғуш.
Дар гӯши ту як нукта зи бахти сияҳи мо,
Гуфтан кӣ тавонад, магар он холи баногуш.
Гӯям сухане бо ту агарчанд, ки гардад,
Бар табъи латифи ту ҳамин лаҳза фаромуш.
Хоҳӣ, ки Худо дар ду ҷаҳон поси ту дорад,
Зинҳор, ки дар поси дили хастадилон кӯш.
Ҷомӣ зи харобот ғараз бодаи ишқ аст,
Хоҳӣ зи сабӯ дур кашу хоҳӣ зи қадаҳ нуш.

Фонӣ:

Ё Раб чӣ балоест, ки он шухи қадаҳнӯш,
Ҳар бода, ки бо ғайр хӯрад, ман равам аз ҳуш.
Аз бас, ки сабӯйи дари майхона кашидам,
Шуд чун кафи дасти шутури маст маро душ.
Он чашми сияҳро, ки набуд ҳоҷати сурма,
Дар суги қатилони ғамаш гашта сияҳпӯш.
Буд арчӣ маро ваъдаи васли ту ба бозӣ,
Ҳаргиз накунам лаззати он ваъда фаромӯш.
Пинҳон суханам ҳаст ба он шух, валекин,
Ку заҳраи онам, ки барам лаб сӯйи он гуш.
Фонӣ, агарат даъвии ойини вафо ҳаст,
Аз рафта таассуф махӯр аз н-омада махрӯш.

10) Ҷомӣ:

Мани бедил чу хоҳам дод ҷон, нодида дидораш,
Мадад кун эй аҷал, то зор мирам зери девораш.
Зи дида дар дилаш ҷо кардаму дил дар дарун пинҳон,
Ҳанӯз эмин наям, тарсам ки бинад чашми ағёраш.
Чӣ қаддаст он, таъолаллоҳ, ки хоҳам дидаву дилро,
Кунам хоки раҳ он соат, ки бинам лутфи рафтораш.
На дил дорам ба даст акнун, на дин мискин мусалмоне,
Ки бо ин кофирони сангдил афтад сару кораш.
Нашуд чун гул рухаш, аммо бад-он рӯ об мегардад,
Ки ёбад рӯзе он давлат, ки шӯяд гарди рухсораш.
Туву гулзори хеш эй боғбону мову сар кубӣ,
Ки оби рӯйи сад гулзор мебахшад хасу хораш,
Чу мурғони хазондида забон баст аз сухан Ҷомӣ,
Куҷо он ғунчаи хандон, ки боз орад ба гуфтораш.

Фонӣ:

Арақ ҳар сӯ давад аз оташин рухсори зебояш,
Чун он тифле, ки сӯзад дар замини тофта пояш.
Зи мушкинпарда он маҳ дар шабистон чун бурун омад,
Чу шабнам анҷум ояд бар замин баҳри тамошояш.
Парӣ ё ҳур бошад ё малак он маҳ, ки ақли кулл,
Даме н-ояд ба ҳоли худ, зи шакли ҳайратафзояш.
Ту пиндорӣ, ки шухони чаманро хушксол омад,
Ба боғи ҳусн чун дар ҷилва омад сарви раънояш.
Ба рӯзи айши ман гӯйи, ки гарди шом мебезад,
Ба ораз чун парешон мешавад зулфи сумансояш.
Қадаҳ деҳ соқиё, к-андешаи гетӣ ҳалокам кард,
Ба зуҳди офиятомӯзу ақли маслаҳатзояш.
Чу манъи дурднӯшӣ кард зоҳид, соқиё, акнун,
Чу додӣ бода, аввал бигзарон аз бода болояш.
Чу ёбам илтифот аз вай мани сар хоки раҳ гашта,
Чу сӯйи сарбаландон аз такаббурнест парвояш.
Зи сирри бояд эй Фонӣ, чӣ хоҳӣ аз хати соғар,
Намоям як ду ҳарфат, лек бо ағёр манмояш.

Ситтаи зарурия

(бар асоси чопи Узбекистон)

Ба кӯшиши:

Абдулалӣ Нур Аҳрорӣ

Дебоча

Байтулқасидаи ҳама хайли суханварон,
Шаҳбайти ҷинси назми ҳама мадҳгустарон,
Ҳамду санои подшаҳе дон, ки аз раҳаш,
Якпора санг шуд гуҳари олиафсарон.

Тақаддасат кибриёуҳу ъан идрокил-мутаъаллиқина ва таназзаҳат олоуҳу иҳсорал-мутакаллимина, ало лаҳул-халқу вал-амр, таборакаллоҳу Раббул-оламин.

Ҳусни каломи қофиясанҷони сеҳрфанн,
Лутфи адои нуктаварони шакаршикан,
Наъти шаҳе сазад, ки ба таъйиди Зил-минан,
Бинмуда моҳ муъҷизаш аз матлаъи сухан.

Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, савоҳибу дивонин-нубуввати ва навозиму арконил-муруати. Аммо баъд, маърузи раъйи соиб, марфуъи фикри соқиби арбоби хирадва хибрат ва асҳоби закову фитнат, ки шукӯфаи риёзи олам, балки шаҷараи бани Одаманд, ба онки чун риштаи хулуси иродат ва каманди русухи итоати ин каминаи бебизоат ба ҳаблул-матини тасарруф ва иқтидори Ҳазрати ҳидоятманзалат ва вилоятманқабат:

Дурри яктои баҳри некномӣ,
Имоми зумраи ақтоб Ҷомӣ.

- қаддасаллоҳу таъоло руҳаҳу – муттасил буд, ва хотири шикаста ба имтисоли авомир ва навоҳии он ҷаноб мутавассил, ҳамвора фармони лозимул-ишоъа ва амри воҷибул-итоъаи он ҳазрат ин камтаринро бад-он маъмур медошт, ки гоҳе анони суханро аз водии туркӣ ба савби форсӣ мунсариф гардонад ва зимоми назмро аз адои туркона ба ҷониби луғати фурс мунъатаф созад ва агарчӣ инқиёди амр эшон бар сару чашм лозим буд ва иттибоъи он ба ҷону дил мутаҳаттим, аммо бар ҳасаби (ал-умуру марҳунатун би-авқотиҳо) дар айёми ҳаёти бо баракоти он ҳазрат ба ҳасаби тақдир бар он амр маҷоли мубодарат набуд ва айёми нофарҷом ба ҳеч ҳол мусоадат нанамуд, то онки аз лисони каримул-баёни Ҳазрати султони султон-нишон, малозус-сақалайн, каҳфул-хофиқин:

Сояи Ҳақ, меҳри Сикандарҷаноб,
К-омада ҳам сояву ҳам офтоб.

Бозуи миллат қавӣ аз ҷуҳди ӯ,
Дин алам афрохта дар аҳди ӯ.

- ас-султон ибнус-султон, муъиззус-салтанати вал-хилофати Абул-ғозӣ, Султон Ҳусайн Баҳодурхон (халладаллоҳу таъоло фис-сурайё аъломаҳу ва наффаза байнал-хофиқина авомираҳу ва аҳкомаҳу), ки рибқаи убудият ва робитаи чокарии ин камина ба остони рафиъуш-шаъни он ҳазрат ирсан ва иктисобан мутаҳаққақ аст ва алоқаи таламмуз ва шогирдӣ дар санъати шеъру услуби назм ба нисбати табъи суханшинос ва зеҳни хирадиқтибоси он ҳазрат мутаяққан, ҳам бад-он навъ маъмур гашт ва баъд аз имдоди тавфиқ ва саодати таъйид дар торихи иснайни ва тисъумиа (902 қ.) тасвиди қасидае чанд, ки тасдири инчунин назм бад-он лоиқ буд ва тастири он дар мабодии ин услуб муносиб менамуд, бар вифқи адади ҷиҳоти ситта иттифоқ афтод. Қасидаи аввал, ки сухангузории мубтанӣ бар адои маҳомиди Ҳазрати Борӣ буд, тасмияашро “Руҳул-қудс” нозил гашт ва сонӣ, ки аз рашҳи зулоли неъмати Набавӣ (алайҳис-салоту вас-салом) ва файзи сарчашмаи мадҳи мустафавӣ мутарашшаҳ буд, ба “Айнул-ҳаёт” иттисом ёфт ва солис, ки бар тариқаи “Баҳрул-аброр”-и Амир Хусрави Деҳлавӣ бар туҳфаи нисори ҳазрати Махдумӣ, қутбул-аномӣ муҳтавӣ буд, аз лисони фикрат ба “Туҳфатул-афкор” мавсум шуд ва робиъ, ки мавоъизи судманд ва насоиҳи дилписанд, аҳли дилро сармояи футуҳ ва арбоби риёзатро ба масобаи ғизои руҳ буд, ба “Қутул-қулуб” номзад гашт ва хомис, ки ба шарафи мидҳатгузории Ҳазрати шаҳриёрӣ, ки шукри неъматаш мусталзими саодати абадӣ ва дуои давлаташ мустатбиъи наҷоти сармадӣ аст, музайян ба “Минҳоҷун-наҷот” тасмия пазируфт ва содис, ки бомдод насоими риёзи фазлу атои шарафи татаббуъи қасидаи “Миротус-сафо” ёфта буд, ба “Насимул-хулд” мухотаб гашт ва маҷмуъи онҳо ба “Ситтаи зарурия” номвар омад.

Раҷои восиқ ва аҳди содиқ, ки агар рӯзе чанд дасти аҷал саҳифаи амалро мунтавӣ нагардонад ва боди нестӣ чароғи кулбаи ҳастиро фурӯ нанишонад, ҳарчӣ дар мусаввада ҳаст парешон аз ин услуб, рақами сабт ёбад ва хотири шикаста ба ҷамъ шитобад. Маъмул аз маҳосини одоти кcallром ва макорими ахлоқи аном, онки агар халале бинанд, зайли ислоҳ бар он гуморанд ва онро аз қабили саҳв дошта, аз мақулаи ғабоват ва ҷаҳл нашуморанд. Вас-салому ала ман иттабаъал-ҳудо.

1) “Руҳул-қудс”

Зиҳӣ ба хомаи қудрат, мусаввири ашё,
Ҳазор нақши аҷаб ҳар замон аз ӯ пайдо.
Чӣ хомаест, ки дар коргоҳи “кун фа-якун”,
Нагашта бе рақами ӯ зи қатра то дарё.
Чӣ қудратест, ки дар боргоҳи чархи баланд,
Нагашта бе сабаби ӯ зи зарра то байзо.
Мутеъи амри ту гар сифлияст, агар улвӣ,
Иёли ҷуди ту гар уммаҳот, агар обо.
Қавӣ ба лутфи ту гар худ заъиф, агар азъаф,
Забун ба ҳукми ту гар худ қавӣ ва гар ақво.
Залили ишқи ту Маҷнун зи чеҳраи Лайлӣ,
Хароби ҳусни ту Вомиқ зи орази Узро.
Ба нури рӯи ту парвона гашта саргардон,
Валек шамъи шабистон ниҳода ном ӯро.
Ба нории шавқи ту булбул шуда чу хокистар,
Валек зеби гулистон-ш карда васфи адо.
Касе ба ҷоҳу ғино нест аз ту мустағнӣ,
Туӣ ғаниву мусаллам турост истиғно.
Чу соз кардӣ зи таркиби ҷисми инсонӣ,
Зи хок таъбия сохтӣ ба зебу баҳо.
Чу аз замин-ш бардоштӣ ба сад эъзоз,
Ба мартаба гузарондӣ зи торами хазро.
Ба хокиҷисмаш борони раҳматафшондӣ,
К-аз он мулоиматовардтинаташпайдо.
Ба дасти ҳикмати худ карда тинаташ тахмир,
Се зидди дигараш афзуда аз аҷоибҳо.
Чаҳор зидро кардӣ ба якдигар таркиб,
Ки хоку оташ бувад он гаҳ об бувалу ҳаво.
Зи устухону зи мух в-аз уруқ то аъсоб,
Зи лаҳму хуну работоту меъда то амъо.
Дигар димоғ, ки он шуд мақарри панҷ ҳавос,
Ки ботинӣ ба лақаб гуфтаандашон ҳукамо.
Дигар туҳолу кабид, боз қалбу боз реҳ,
Дигар масонаву ғузруфу мурра боз куло.
Ба якдигар ҳама пайвасту чор табъ омад,
Ки хуну балғаму сафрост баъд аз он савдо.

Чу гашт пайкараш ороста ба зебоӣ,
“Нафахту фиҳӣ мин руҳӣ”, он будш мабдо.
Ҳавоси зоҳириш низ чун, ки кардӣ рост,
Зи нури ақл ба кохи димоғ тофт зиё.
Ғариб кишваре оростӣ зи шаҳри бадан,
Ки мулк то малакут он чи ҳаст, ҳаст онҷо.
Дар ӯ нишондӣ дилро ба тахти султонӣ,
Ки шуд ба расми салотин хадиви мулкоро.
Хирад вазорати он шоҳро муайян шуд,
Гадову шоҳу вазирон, камина банда туро.
Пас, он гаҳе ба улумаш чу раҳнамун гаштӣ,
Нахуст кардӣ таълими “алламал-асмо”.
Зи илму маърифаташ чунки баҳравар кардӣ,
Малоикаш ба суҷуд омаданд ъабдосо.
Зи офариниши худ он чӣ кардаӣ мавҷуд,
Уюну баҳру ҷиболу нуҷуму арзу само,
Дар он аҷуба намудорӣ аз ҳама кардӣ,
Амонататро ҳам додияш ба расми хифо.
Чу гашт мазҳари кулл, баъд аз он лақаб додиш,
Миёни “мохалақаллоҳ” олами кубро.
Чаҳор табъ ниҳодӣ ба вазъи гулшани даҳр,
Яке рабиъу дигар сайф, пас харифу шито.
Вазид чун ба гулистони даҳр боди рабиъ,
Намуд накҳаташ амвоти боғро аҳё,
Насими номия з-анфоси исавӣ бар кард,
Сари гиёҳ чу явм-ун-нушур аз ғабро.
Ки дид пири фурӯ рехта ба хоки замин,
Ки сар бароварад атфолсон ба нашъунамо.
Расад зи тифлиашон то шабоб зебу ҷамол,
Зи шири дояи аброн ҳама ба қутуғизо.
Чу чанд рӯз бар ин рафт, додӣ орояш,
Зи шоҳидони раёҳин ба гулшани дунё.
Фурӯхт гул чу ҷавонони лоларух ораз,
Кашид сарв чу хубони нахлқад боло.
Бунафша бар гиреҳи турра баст марғула,
Суман ба ҷилва даровард орази зебо.
Ба зулфи мушкин афганд тобҳо сунбул,
К-аз он салосил бетоб шуд дили шайдо.

Зи нисфи пӯсти норинҷ баҳри наргиси шӯх,
Пиёла кардию ӯ маст гашт бе саҳбо.
Зи барги настаран он сон нуҷум бинмудӣ,
Ки шуд кавокиби Шаъро ба назди ӯ чу Суҳо.
Чаман зи қомати сарв ар намуд раъноӣ,
Ду рӯй кардӣ ӯро ҳам аз гули раъно.
Зи вазъи ғунчаи наргис намудӣ он ҳуққа,
Ки баҳри мурғи назар гашт байзасон маъво.
Магар, ки қосиди гулзор шуд ҳамеша баҳор,
Ки рангҳои зараш таъбияаст пайкосо.
Рухи чаманро аз хомаи қазо кардӣ,
Зи лавн-лавн раёҳин чу гунагун дебо.
Рабиъ навбати хубии боғ чун гузаронд,
Чу барнахӯрда арӯсе зи ҳусну лутфу сафо.
Фиканд оташи айёми сайф дар олам,
Чу барқи оҳ зи анфоси ошиқи шайдо.
Намуд дил зи раёҳин сӯи фавокиҳ майл,
Чу аз сароби сувар сӯи луҷҷаи маъно.
Либоси барг чу ашҷори боғро пӯшид,
Шуд аз намоиши ҳар як чу гунбади мино.
Шамол чун ба таҳаррук фикандашон, омад,
Ба чашми ақл намудор сайру даври само.
Туюр ҳар як аз он чархро чу анҷум шуд,
Зи шох бар шох оянда бурҷ-бурҷосо.
Валек анҷуми собитшуда фавокиҳи ӯ,
Ба бурҷи шох савобит мисоли побарҷо.
Намуда мисли шиҳоб он ки ӯ зи авҷи баланд,
Хати тавил кашон ӯ фитад сӯи ғабро.
Чу аз ҳарорати меҳ рӯ фикандӣ андар даҳр,
Ба сони нори сақар шӯълаҳои танфарсо.
Паи илоҷи вай аз меваҳои бори рутаб,
Мизоҷи инсонро сохтӣ қарини шифо.
Зиҳӣ ҳаким, ки бо ҳикмати ту Афлотун,
Бувад ба назди Афлотун чу “бақлат-ул-ҳамқо”.
Басо касон, ки зи пошандагони тухми амал,
Ҳазор хирмани водӣ зи мазраъи дунё.
Валек бастияшон ҳалқу баҳра пеш гирифт,
Ҳаме ба гоҳи ғизо хӯшачину донарабо.

Зи хони сайф ба маъмураи ҷаҳон чу расанд,
Ниъам ба шоҳу гадо лоюадду ва лоюҳсо.
Бад-ин ғаноими муфрит зи турктози хариф,
Сипоҳи бард, расонидӣ аз паи яғмо.
Чаман зи алвон шуд коргоҳи рангрезӣ,
Ҳазор ранг зи ҳар ҷинс шуд дар ӯ пайдо.
Замин зи бӯстонафрӯз гашт хунолуд,
Зи теғи куфр ба-дон сон, ки тораки шуҳадо.
Хазон ба бӯстонафрӯз қатл кард он навъ,
Ки тоҷ аз сару сар шуд ҳаме зи ҷисм ҷудо.
Дурангии гули раъно падид шуд ба хазон,
Чу сохтӣ қалқалӣ лолаи хитоиро.
Далел он ки дурангист кори гулшани даҳр,
Чи дар баҳору хазону, чи дар сабоҳу масо.
Ду рангу даҳ ранг чӣ бувад, ки ҳар варақ аз барг,
Нигошта ба дусад ранг шуд зи килки қазо.
Чу нахли мум шуд аз баргҳои рангоранг,
Бисоти боғ бад-он сон, ки коргоҳи Хито.
Расондӣ аз ақибаш тохттози сарсари дай,
Ки рафт як-як аз он ҳуллаҳо ба боди фано.
Саҳоби симфишони пардаҳои симобӣ,
Чунон кашид зи даври уфуқ ба рӯи ҳаво.
Ки меҳр гӯӣ ҳаргиз набуду гар ҳам буд,
Ҳарорат аз асараш заррае набуд асло.
На балки буд яке пора яхи мудавваршакл,
Даруни соғари баста зи шиддати сармо.
Зи барф шуд кураи арз байзаи кофур,
Дар ӯ фурӯ шуда гум гашт байзаи байзо.
Шуда ба гулшани ашҷор ҳар тараф урён,
Чу ҳиндувон ҳама аз турктози Чин ба ҷафо.
Шаб аз саводу дарозӣ чу гесӯи хубон,
Ба қатли ошиқ карда аён яди туло.
Чунон расондӣ шиддат зи барди дай, ки бимурд,
Аз он фусурдагӣ оташ чунон ки аҳли вабо.
Шито, чунон, ки дар ӯ мирад оташ аз шиддат,
Чи мумкин аҳли ҷаҳонро бувад нишони бақо.
Дигар зи боди баҳорӣ ҳаёташон додӣ,
Ки рафт рӯҳи наботӣ ба пайкари мавто.

Чунин, ки силсила бастӣ ба ҳалқу гардани давр,
Ҳаме ба давру тасалсул кашид ин аҷзо.
Ба сунъ нӯҳ фалак оростӣ сареъу рафеъ,
Дар ӯ кавокиби соир зи Меҳр то ба Суҳо.
Муқими манзили аввал нигори симтане,
Ки з-ӯ расад ба шабистони даҳр нуру сафо.
Гаҳе чу орази хубон мудаввару рахшон,
Гаҳе чу қомати ошиқ ҳаме наҳифу дуто.
Ба ҳуҷраи дуввум андар қаламзане чобук,
Нишондӣ омада бар сар ба имлову иншо.
Мулоиме, ки барояд ба ранг ҳаргаҳ расад,
Ба сони об, ки зоҳир шавад ба лавни ино.
Ба манзари сеюм ин шоҳиди тараннумсоз.
Муқим кардию ӯ лек дар мақоми наво.
Ба соз карда аён нағмаҳои довудӣ,
Вале ба нутқ мисоли Масеҳ рӯҳафзо.
Ба мулки чорумӣ маҳпайкаре фиристодӣ,
Ки Маҳ гадой аз ӯ карда нақди нуру зиё.
Агар ба вазъ чу оинаи Сикандар шуд,
Вале ба шоҳвашӣ ҳукмронда бар Доро.
Макони панҷумӣ додӣ, ба теғзанкардӣ,
Ки аз маҳобати ӯ баст хуни дили хоро.
Дами қатилаш гулгунаи узори аҷал,
Ҷисоми қотилаш оинаи ҷамоли бало.
Шашум маконро бо пок сирате додӣ,
Ба нури шамъи саодат мунаввараш симо.
Ба риштаҳои таҳораташ донаи тасбеҳ,
Зи ҳуллаҳои саодаташ тайласону ридо.
Ба кутволии ҳафтум ҳисор кардӣ амр,
Бадеъпайкари қатиронниҳоди қирлиқо.
Паи фурӯғи шабистони ҳаштумин кардӣ,
Ҳазор лӯъбате дар ҷилва, ҷумла маҳсимо.
Фарози ҷумла нӯҳум қалъа чун бино кардӣ,
Ба даври қалъа фигандӣ буруҷро марво.
Чу ҳиснро ба адад сохтӣ дувоздаҳ бурҷ,
Ки ҳар яке ба дигар нав гашт ҷилванамо.
Аз он дувоздаҳ шуд аввалин чарогоҳе,
Ки аз барои ҳамал гашт соҳаташ маръо.

Дигар яке ба гулу лола марғзори нузаҳ,
Ки саври чарх хиромад дар ӯ зи баҳри чаро.
Чу хинги чарх бароростӣ зи баҳри хиром,
Ба зери зинаш кашидӣ зи пайкари ҷавзо.
Зи баҳри онки ҳаме каҷравист шеваи чарх,
Чу чарх рутбаи харчанг сохтӣ воло.
Куноми дигаре оростӣ ба шавкату зеб,
Мақарри шер, вале манзиле зи гов ҷудо.
Ба мазраъи дигар аз хӯша дона афшондӣ,
Нуҷум гашт ҳамон донаҳо бар доно.
Паи кашидани ӯ рост сохтӣ киффа,
Ба ростӣ, ки ғалат нест, бар Худой раво.
Ба бурҷи дигар ақраб ба ҷунбиш овардӣ,
Чу каҷдуме, ки кунад хона дар қадим бино.
Фарози бурҷи дигар сохтӣ камонхона,
Ки чарх тири бало афканад сӯи дунё.
Зи саҳми новаки ӯ ҷадйро рамонидӣ,
Ки ҷаст чун бузи кӯҳӣ ба авҷ аз он пайдо.
Ба далв Юсуфи хуршедро зи чоҳи уфуқ,
Бурун кашида накардӣ дар он мазиқ раҳо.
Ба ҳут Юнуси маҳро расонда кардӣ амн,
Зи ҳодисоташ ҳарчанд бувад ранҷу ано.
Бурун зи чарх ҳазорон-ҳазор хайли малак,
Паи ибодату тасбеҳ, хонда ҳамду сано.
Зи Аршу КурсиюЛавҳуҚаламаҷуба басе,
Падид кардию бар ақл аз он наззора амо.
Расид кор ба ҷое, ки шаҳсавори русул,
Бурок тохт бар он авҷ дар шаби Исро.
Бидодӣ аз карамат қурби “қоба қавсайн”-аш,
Ки кӯфт кӯси ҷалолат ба авҷи “авадно”,
Ба васли хеш расондӣ, ҷамол бинмудӣ,
Бидодӣ, ончи талаб кард бе раҳину баҳо.
Навад ҳазор сухан гуфта боз гардондӣ,
Ки гарм буд зи сайри чунин ҳанӯзаш ҷо.
Заломи куфр зи рӯи замин барафкандӣ,
Ба ӯ чу равшан кардӣ шариати ғарро.
Ба ҳикмати ту шудаш ҷумлаи милал мансух,
Чи дини Одаму чи Нӯҳу Исиву Мӯсо.

Ба авҷи қурбати хешаш чу роҳ бинмудӣ,
Ба халқи олам шуд раҳнамои дини ҳудо.
Сабаб муҳаббати ӯву зуҳури сунъат буд,
Ки халқи “мохалақаллоҳ” сохтӣ ифшо.
Чунончи, ҳар чи бипӯшид хилъати хилқат,
Падид гашт ба як амри “кун”, ки кардӣ адо.
Бинихӣ камтар аз он метавонияш, ки кунӣ,
Чунон набуд, ки набувад асар аз ӯ пайдо.
Аҷабтар он ки дигар сад ҳазор олам агар,
Бино кунию тавонӣ, ки созияш ҳаққо.
Вагар ба ним нафас хоҳияш, ки нест кунӣ,
Равад ба камтар аз он низ сар ба сар ба фано.
Зи будашон на тафовут ба корхонаи сунъ,
Набудашон ҳам яксон ҷалолу қадри туро.
Бузургвор Худоё, ба ҳаққи тасбеҳат,
Ки зокиранд бад-он хайли олами боло.
Ба зоти покат, к-аш мисл набваду монанд,
Ба файзи қудсат, к-аш шабеҳ набваду ҳамто.
Ба ҳурмати Набиюллоҳ, ки ҳаст чун хуршед,
Ба фарри макраматаш хайли зарра ҷумла гуво.
Ки то муқайяди дори фано бувад Фонӣ,
Бидор сирати ӯ дар тариқи фақру фано.
Чу мурғи рӯҳи вай аз маҳбаси бадан парвоз,
Кунад, намуда таваҷҷуҳ ба сӯи мулки бақо.
Ба рӯзи ҳашр, ки Шоҳи русул барафрозад,
Паи шафоати аҳли хато ба Арш ливо.
Ба лутфи хеш чунон кун, ки ӯ фитад назараш,
Ба сӯи бандаи осӣ чу чашми шаҳ ба гадо.
Бас он гаҳ аз вай бошад талаб, зи Ту бахшиш,
Зи банда касби ҳусули мурод байнаҳумо.
Зи иқтизои қазо ин қасида шуд таҳрир,
Аҷаб набошад таърихаш аз «ҳисоби қазо».
Ба фикри ном чу рафтам саҳаргаҳ аз ҳотиф,
Хитоби исмаш “Руҳул-қудс” шуд аз асмо.
Умед он ки ба анфоси қудсиям бахшӣ,
Такаллуме, ки сароям паи ту ҳамду сано.

***

2) “Айнул-ҳаёт”

Дар наъти Расул (алайҳиссалавот)

Ҳоҷибони шаб чу шодурвони савдо афкананд,
Ҷилва дар хайли бутони моҳсимо афкананд.
Сад ҳазорон кирми шабтоб аз шабистони сипеҳр,
Ламъаҳо бар пардаи шабгуни ғабро афкананд.
Ҳар замон сад гуна ашколи бадеъ аз килки сунъ,
Нақшбандони қадар бар тоқи хазро афкананд.
Ашкрезон наъш бар дӯши банот аз сӯги меҳр,
Ҷумла бар сарҳо паранди анбаросо афкананд.
Қутб чун пири батамкин в-ахтару анҷум самоъ,
Чун муридон гирди пири пойбарҷо афкананд.
Симбар туркони қотил аз маҷарра баста саф,
То ба мулки офият дар даҳр яғмо афкананд.
Булаҷабтуркон, ки ҳар дам ҳиндуосо аз шаҳоб,
Ҳарбаҳои симгун ҳар сӯй амдан афкананд.
Дар чунин ҳарб аз барои тӯъма насрайни фалак,
Гоҳ бикшоянду гоҳе болҳоро афкананд.
Раста бедоранд дурҷи дур зи шохи гови ганҷ,
Дида ононе, ки бар Савру Сурайё афкананд.
Насри воқеъ дар дил оядшон зи рӯи эътибор,
Чашм агар бар нуқтаҳои шини Шиъро афкананд.
Моҳи нав бошад миёни хайли атфоли нуҷум,
Устухоне, к-аш ба бозӣ шаб ба саҳро афкананд.
Гирди шамъи моҳ хаффошони симини нуҷум,
Хешро парвонаосо зеру боло афкананд.
Зӯҳраро бар чамбари даф пӯст аз шакли қамар,
Мутрибони чарх баҳри лаҳн хунё афкананд.
Тири раммоле, ки баҳри ғайбати меҳрахтарон,
Бар бисоташ музди раммолӣ дирамҳо афкананд.
Меҳрро ёбанд гоҳе ҷониби шарқаш хабар,
Шаш раванда чун суроғашро ба ҳарҷо афкананд.
Чобуки гардун ба нӯки найза бардоранд агар,
Ҳалқаи даври Ҷадӣ бар дашту ҳайҷо афкананд.
Зоҳиди афлокро саҷҷодаи нуру сафо,
Дар шабе з-инсон аҷаб аз баҳри эҳё афкананд.
Кутволи ҳисни гардун чун намояд расми пос,

Аз машоил равшанӣ дар чархи воло афкананд.
Бар чунин ҳангома хайли лӯъбатони собитон,
Чашм аз ҳаштум ғураф баҳри тамошо афкананд.
Хайли анҷум з-ихтиёри чархи аъзам дам ба дам,
Хешро аз пояи аъло ба адно афкананд.
Чарх бо он чашмбозӣ, анҷумаш бо он сипеҳр,
Руқъаҳои чашмбандӣ сӯи дунё афкананд.
Ахтарон аз айни бехобию ноосудагӣ,
Хоби осоиш ба чашми пиру барно афкананд.
Ғайри ушшоқи балокаш, к-аз ғами ҳиҷрон чу ман,
Наъраи “во ҳасрато” бар чархи мино афкананд.
Халқи бе ишқу вафо монда ба хоб, аммо сагон,
Дар вафои ошиқон то субҳ ғавғо афкананд.
Эй, хуш ононе, ки карда хобро бар худ ҳаром,
Дар чунин шаб бар фалак оҳи шабосо афкананд.
З-оби чашми ҳасрат аввал дода зоҳирро вузу,
Оташ аз ботин ба ҷони ношикебо афкананд.
Хешро бар гӯшаи меҳроби тақво афкананд,
Сар ба хоки даргаҳи Эзид таоло афкананд.
З-оҳи ҳасрат парда бар рухсораи ахтар кашанд,
З-ашки маҳҷурӣ халал дар тоқи хазро афгананд.
Чун ба тавфи равзаи хилватгаҳи дил рӯ ниҳанд,
Бурқаи номаҳрамӣ бар рӯи ҳавро афкананд.
Бар бисоти қурби васл ар лаҳзае сокин шаванд,
Дида бар хайли малоик аз мувосо афкананд.
Бар сипеҳри иззу тамкин гар даме манзил кунанд,
Аз тазалзул раъша гардунро бар аъзо афкананд.
Гар сӯи нузҳатгаҳи ҷамъи вусул оранд рӯй,
Хоки нисён бар сари дунёву уқбо афкананд.
Ҳаст умеди Фонӣ ин давлат, ки гардад хоки роҳ,
Ҳар куҷо ин раҳравони гармрав по афкананд.
Нисфи ин водии зулматро чу навбат бигзарад,
Навбате доронишаҳ дар кӯс ово афкананд.
Аз ғиреви кӯсу бонги ною ғавғои нафир,
Растахез андар хами тоқи муалло афкананд.
Чашм накшояд зи ғафлат мурдагони хобро,
Гарчи сӯри ҳашр аз фарёди сурно афкананд.
Боз баҳри бут парастидан пагаҳхезони куфр,

Нолаи ноқусро дар дайри тарсо афкананд.
Роҳибони масти мусҳафсӯзи ин дайри кӯҳан,
Дар миён оини зуннору чалипо афкананд.
Комилони куфри лои лоту лои лоилоҳ,
Тавъамон дар дида“иллаллоҳ”муҳоко афкананд.
Мӯъзинон субҳ «Субҳоналлоҳ», аз ғайрат занон,
Ғулғули «Аллоҳу акбар» бемуҳобо афкананд.
Боз риндони хароботи муғон ҷоми сабӯҳ,
Дар миён оранду тарҳи даври саҳбо афкананд.
Вақти хушҳолӣ зи бода ошиқони покбоз,
Дида пинҳон гаҳ-гаҳе бар ёри зебо афкананд.
Гулрухон чун гул гиребончоку чун мурғони боғ,
Ошиқони бехуд аз мастӣ алоло афкананд.
То ки меъморони гардун қасри чархи тираро,
Фарши сим аз партави субҳи зарандо афкананд.
Шомро чун қатъ дар зулфи сумансо афкананд,
Дар суманбӯёни субҳ оини ғавғо афкананд.
Равшанӣ дар арсаи олам, ки аз шаб тира буд,
Аз талаълуъҳои субҳи оламоро афкананд.
Тайласони сӯфии рӯз аз таҳи шабгун лиҳоф,
Карда берун бар сари дӯшаш ба паҳно афкананд.
Жолаи анҷум, ки бошад дар шабистони сипеҳр,
Дар гудоз аз машъали сӯзони байзо афкананд.
Гар судоъе бошад аз савдои шаб офоқро,
Сандали пешонияш аз абри ҳамро афкананд.
Хоста партав зи шамъи Юсуфи Мисрӣ ҷамол,
Нур дар зиндони Шоми ваҳшатафзо афкананд.
Офтоби пардагиро ҷониби рӯз оваранд,
Юсуфи гумгаштаро сӯи Зулайхо афкананд.
Сар ба сар аз хоби ғафлат чашм бикшоянд халқ,
Чун қиёмат муждаи эҳё ба мавто афкананд.
Оҷизони шаҳвату тардоманӣ бо сад шитоб,
Хешро дар об аз кисват муарро афкананд.
Ҳақпарастон камтар аз таҳқиқу аз тақлид беш,
Сӯи масҷид рафта худро бар мусалло афкананд.
Аҳли қилу қол ҳарсӯ аз паи илзоми хасм.
Чашмро аз хоб ношуста бар аҷзо афкананд.
Дев мардум, яъне аҳли байъ баҳри раҳзанӣ,

Ҳар яке худро ба сӯқ андар ба маъво афкананд.
Дар замони байъ чун туғён кунад инсофашон,
Бӯрёро тӯҳмати зарбафт коло афкананд.
Кофирони даргаҳи қозӣ паи як ҳабба сим,
Хонумони сад мусулмонро ба фатво афкананд.
Золимони соҳиби девон ба нӯги килки тез,
Қофро аз ъайн агар ёбанд, аз по афкананд.
Беҳамиятваш забунон хешро аз ҳирси шум,
Бар дари ҳамчун худе баҳри таманно афкананд.
Аз ҳиял тифлони мактабро ба дилҳо изтироб,
Нукта бе тақриб ронда дида ҳарҷо афкананд.
Пойбандони аёл аз баҳри касби ризқашон,
По ба шаҳру кӯй ҳарсӯ ошкоро афкананд.
Борбандони сафар карда сӯи манзил хиром,
Бор накшода марокибро ба маръо афкананд.
Ҷонгудозон оташ андар ҷони шайдо афкананд,
Барқсон худро фарози хору хоро афкананд.
Бо ниёзу аҷзе аз реги биёбон бештар,
Рӯди сайли ашк сӯи реги Батҳо афкананд.
Накди ҷон бар дасту сими ашк бар ораз фишон,
Сар ба хоки қиблагоҳи дину дунё афкананд.
Хоҷаи кавнайну фахри анбиё, к-асҳоби ӯ,
Соя бархуршед, бал Арши муалло афкананд.
Гарди роҳаш ахтарон дар дидаи равшан кашанд,
Хоки пояш равшанон дар чашми бино афкананд.
Муддао бошад биҳиштоин дарашро рӯфтан,
Ҳуриён бар чеҳра чун зулфи мутарро афкананд.
Қасдашон ҷуз соя афкандан набошад дар раҳаш,
Хулдиён дар ҷилва чун қадҳои раъно афкананд.
Дар шаби меъроҷ пояндози рахшаш аҳли Арш,
Аз дури ахтар мукаллал сабз дебо афкананд.
Чун фалакпаймо Бурроқ андар рикоби ӯ кашанд,
Ғошия аз Меҳр баста, зин зи Ҷавзо афкананд.
Қабли чандин сол бинанд офтобаш зери абр,
Чун ҳарифон бор дар дайри Буҳайро афкананд.
Нақшбандони қазо тарҳи ҳазорон офтоб,
Гоҳ пӯя бар замин аз пои Қусво афкананд.
Ҳам рисолат, ҳам нубувват буда хоси зоти ӯ,

Пеш аз он к-овозаи ирсолу инбо афкананд.
Аз раҳи иззат шутурмурғон парри партаве,
Бар малоик сояи рифқу мадоро афкананд.
Мусҳафатро дӯхта аз ҳуллаи ҷаннат ғилоф,
Тугмаҳо аз ҷавзаҳар бар раҳли ҷавзо афкананд.
Ҳоҷибони даргаҳи қудратгаҳи қурби вусул,
Бар дари борат асо дар пеши Мусо афкананд.
Нӯҳ фалак ёбанд рокеъ навбати хумси туро,
Дидаро гар бар ҳисоби ҳарфи Тоҳо афкананд.
Ҳам баробар дон башар зи чордаҳ маъсумро,
З-онки дар исмат халал дар кори Яҳё афкананд.
Ҳаст машҳур ин, ки Наҷмуддинвашони умматат,
Ҷазба бахшанд аз яқин бар саг назар то афкананд.
Остонатро сагон бошанд к-андар як назар,
Сад халал дар кори Наҷмиддини Кубро афкананд.
Зери тобути шаҳиди теғи шавқат хешро,
Ҳар нафас баҳри шараф сад чун Масеҳо афкананд.
Кӯдакони новакандози қазои ҳикматат,
Сад камонча дар буни реши атиббо афкананд.
Насру фатҳи эзидӣ бошад қарини ҷайши ту,
Бар сафаш гар чашм чун сатри "Изоҷо"афкананд.
Рояти ҷайши ту чун дӯзанд хайётони сунъ,
Шуққаашро зинати "Инно фатаҳно" афкананд.
Аз ғубори тираи хайлат димоғу чашмро,
Аршиён ҳам тӯтиё, ҳам мушки соро афкананд.
Н-ояд аз кӯҳ бало, он к-ояд аз як мушти хок,
К-аш зафарҷӯёни теғат сӯи аъдо афкананд.
Ҳаст то домони ҳашрат мулк дар тавқеъи дин,
Муншиёни сунъ чун домони туғро афкананд.
Аз аҳодисат саҳеҳеро рувот андар рақам,
Бору боб аз ҳадди Батҳо то Бухоро афкананд.
Донаи Одам бувад бедом шайтон ҳар яке,
Устухонҳое, ки худдомат зи хурмо афкананд.
Аршпарвозон бияндозанд худро дар раҳат,
Ҳамчу мурғоне, ки худро пеши Анқо афкананд.
Ё Расулаллоҳ, ба ҳолам бин, ки меҳру моҳи нур,
Ҳам бар адно афкананд, арчи бар аъло афкананд.
Подшоҳон дида рӯзи ҷашн бар шерони нар,

Афкананду бар сагонат дил ҳамоно афкананд.
То ба кай хайли шаётин дам ба дам сад васваса,
Дар дили ошуфтаам пинҳону пайдо афкананд.
Исианфосон аҷаб набвад, ки чашми марҳамат,
Гаҳ-гаҳе бар ҳоли тарсоёни марзо афкананд.
Лек маълулам чунон, к-имкон набошад зистан,
Сад Масеҳ ар соям баҳри мудово афкананд.
Ҳам магар рашҳе зи шарбатхонаи эҳсони ту,
Дар гулӯи ин алили нотавоно афкананд.
В-он замон ҳар дам дусад мурда зи нутқи Исавӣ,
Рӯҳи худ дар поям аз баҳри таволло афкананд.
То бад-он анфос наътатро сароям ончунон,
К-аш малоик рӯҳ исораш зи боло афкананд.
Ҳарфе аз наътат, ки бинвисам малоик нуқтааш,
Аз саводи дидаҳои навмфарсо афкананд.
Аз зилоли инчунин наъте агар лабташнагон,
Қатрае бар ҳалқи хушки ранҷпаймо афкананд.
Баъд аз он амвот ҷон ёбанд, агар оби даҳан,
Бар фаромӯшгаштагони хоки ғабро афкананд.
Гар ниҳам “Айнул-ҳаёт”-аш ном шояд з-он, ки халқ,
Аз насимаш ҷони нав дар ҷисми мавто афкананд.
Дар адад ёбанд байташ тавъами оби бақо,
Дар ҳисоби ӯ назар гар сӯи имло афкананд.
Ё Раб, он рӯзам шафоат аз ҳабиби худ расон,
К-аҳли исёнро ба дӯзах бе муҳобо афкананд.

***

3) “Туҳфатул-афкор”

(Татаббуъи “Дарёи аброр”)

Оташин лаъле, ки тоҷи хусравонро зевар аст,
Ахгаре баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст.
Шаҳ, ки ёд аз марг н-орад, з-ӯст вайронии мулк,
Хусрави беоқибат хусри билоду кишвар аст.
Қайди зинат мусқити фарру шукӯҳи хусравист,
Шери занҷирӣ зи шери беша камсавлаттар аст.
Лозими шоҳӣ набошад холӣ аз дарди саре,
Кӯси шаҳ холиву бонги ғулғулаш дарди сар аст.
Бо даҳони хушку чашми тар қаноат кун, аз он-к,
Ҳаркӣ қонеъ шуд ба хушку тар шаҳи баҳру бар аст.
Хоҷа дил дар ваҷҳу сар афканда пеш аз фикри ахз,
Садр аз баҳри тамаъ биншаста чашме бар дар аст.
То бувад шайхи риёӣ нуктагӯ дилрост ранҷ,
То шиторо ях бувад, урён зи сармо музтар аст.
Ақл хандад ҳарчӣ гӯянд аҳли зарқ аз воқеъа,
Ханда орад ҳаркӣ хоб андар фасона густар аст.
Воъизи томеъ гадои нон бувад, фарқаш ҳаминст,
К-ин ба зери минбар омад, он фарози минбар аст.
Тухми расвоӣ диҳад бар, донаи тасбеҳи зарқ,
Оре, оре дона ҷинси хешро боровар аст.
Фиқҳро чун иллати макру ҳиял созад фақиҳ,
Не фақиҳ аст, онкӣ ҳарфи иллати фиқҳ андар аст.
Қозии пурҳила кор ояд сиҷилли пургувоҳ,
Маҳзи кизб аст аз барои ҷаргагӯӣ маҳзар аст.
Ҷониби ҷавр ар бигирад аҳл, бешак ҷоҳил аст,
Ҷоҳил ар ёбад халос аз ҷаҳл, илмаш мазҳар аст.
Раҳравони боркашро саҳл дон ошомқаҳр,
Дар даҳони ноқа хори хушк хурмои тар аст.
Лофи беваҷҳи Ҳаким омад ба назди аҳли дил,
Офати беҳад бар Афлотун, агарчӣ афсар аст.
Нуктаи нодон зи баҳри ришханди ӯ накӯст,
Мӯҳраи хар дархури тазйини афсори хар аст.
Ҳар шаб ахтар бин, чу буме чашм бар сар дӯхта,
То чӣ кизб орад бурун, гар худ ҳама Бумаъшар аст.
Чархи маълулест, к-аз вай воҷиб омад эҳтироз,

К-аш бар аъзо ҳар тараф холи сиёҳ аз ахтар аст.
Гунбади ахзар, ки хунрезист кораш, дур нест,
Барги ҳинно ахзар омад, лек рангаш аҳмар аст.
Душманаст аз доғи озор, онкӣ ҳастат луқмахор,
Ханҷар аст аз нуқтае, онро ки гӯи ҳанҷар аст.
Сифла гар мурд пайи аксуну атлас дур нест,
Ҳаст аз баҳри кафан кирме, ки абрешимгар аст.
Раҳравонро фоқаву неъмат кунад манъи сулук,
Аспи раҳ он аст, к-ӯ не фарбеҳу не лоғар аст.
Чин ба рӯе нафканад шиддат, ки шахсашрост ҳилм,
Мавҷ аз обе н-оварад сарсар, ки номаш Мармар аст.
Неши тардоман бувад ҳар мӯйи марди гармрав,
Ҷони батро ҳар паре аз боли шоҳин ханҷар аст.
Марди пурмаънӣ чӣ гар бинӣ ҳақираш пешвост,
Пеши ӯ кам, бал ду марворидро як музмар аст.
Марди раҳбинро зи дил махфӣ намонад ҷоми Ҷам,
Хизрро оби ҳаёт оинаи Искандар аст.
Гар шараф н-аз ашку сузи дил бувад бар ҳамсарон,
Шӯшаи ях шамъи кофурист, бал софитар аст.
Тавамони бад бувад монанд чун наҳсу наҷас,
Зодаи некӯ мушобеҳ чун абиру анбар аст.
Мулки дил пиру ҷавонрост, ободон зи ишқ,
Бонии Марви куҳан Санҷар, зи нав ҳам Санҷар аст.
Ранги зарди ошиқи фонӣ бувад аз тири ишқ,
Ҳамчу сафро, к-аш алиф шинад ба паҳлӯ асфар аст.
Нест саргардони баҳри ишқро ҳоҷат ба қайд,
Киштии гирдобро гирдоб некӯ лангар аст.
Дил зи беишқӣ сияҳ бошад, зи ишқ оташфишон,
Ҳаст аз сардӣ зуғол, онк-ӯ зи гармӣ ахгар аст.
Маснади иқболи ошиқ, гулхани девонагист,
Фарши санҷоби самандар тудаи хокистар аст.
Нозири қасри бутон ушшоқи зор аз ҳар тараф,
Чун асирони араб гирди ҳисори Хайбар аст.
Ақлу ганҷи некномӣ, ишқу ҳар дам оламе,
Хонадорӣ кори зан, лашкар насиби шавҳар аст.
Мардро хатти наҷот амвоҷи хуноби дил аст,
Риндро ҳирзи қадаҳ арқоми даври соғар аст.
Хораи хоро асиронро ба болин муттакост,

Ҷомаи хунин шаҳидонро ба паҳлӯ бистар аст.
Мардро як манзил аз мулки фано дон то бақо,
Меҳрро якрӯза раҳ аз Бохтар то Ховар аст.
Сифларо ҳар нақд к-андар даст дорад боқӣ аст,
Хуфтаро ҳар айш к-андар хоб бинад бовар аст.
Даллае пурҳила, к-аш шухист ҳар сӯ ҷилвагар,
Луъбатакбозест инак, хаймаи ӯ чодар аст.
Деви раҳзан дон, на зан онк-ӯ ба чашмат чун парист,
Даври китфи ӯ ду бол афканда атфи меъҷар аст.
Бар сари амволи мадфун золими нақшинқабо,
Бар фарози ганҷ бо ҷилди мунаққаш аждар аст.
Тоҷи зар бигзор эй муъзиву наздикӣ гузин,
Қурб мемонад чу шуд айне, ки ақрабро сар аст.
Зар бути мард омад инак онки аз зар хонияш,
Бе зар Иброҳимро тоҷ асту бо зар Озар аст.
Бармакаш теғи забон, ҳар дам, к-азин рӯ шамъро,
Сарбуранд арчӣ ба фарқ аз шуъла заррин миғфар аст.
Бегунаҳро сохтан озурда аз теғи забон,
Нотавон кардан раги бе ранҷро аз наштар аст.
Ҳокими норостиро оқибат саргаштагист,
Давр гардад беалиф, онро ки гӯйи довар аст.
Хокиён дар поя болотар зи ҷабборон, ки мӯр,
Беҳ хиромад бар манор аз шер агарчӣ аҳқар аст.
Золиму одил на яксонанд дар таъмири мулк,
Хук дигар дар шиёри мулку деҳқон дигар аст.
Мулкро аз мавкиби ду шаҳ вазад боди футур,
Чун зи қайсар қай саромад, нукта ҳосил сарсар аст.
Дил, ки набвад ҷамъ дар мадди ҳаёташ кутаҳист,
Аз парешонӣ қасираш хонӣ, онк-ӯ қайсар аст.
Марди косибро зи ранҷи касб дар каф обилаҳ,
Шуд далели гавҳари мақсуд, к-аш даст андар аст.
Шуд сироти мустақими саҷдасозон ростӣ,
Шоҳро раҳрави хома хутути мистар аст.
Аз бидоят ҳарчӣ овардӣ, ба мурдан он барӣ,
Дар туфулият чӣ омӯзӣ, ба пирӣ аз бараст.
Мард аз зан кам на дар гавҳар, чӣ гар бошад ҳақир,
Дур зи байза кам на дар қимат, агарчӣ асғар аст.
Меҳнати ифлоси муфрит дар гаронӣ қоф дон,

Қоф чун шуд фоқа беҳад гашт, в-ин мустанкар аст.
Аҳли ҳимматро зи ноҳамвории гардун чӣ бок,
Сайри анҷумро чӣ ғам, к-андар замин ҷӯю ҷар аст.
Нест бар хӯрдан зи қавли ҳилагар, чун қавли рост,
Турраи фолизбозӣ гар на чун барзигар аст.
Зиллат омад ҳосили хоин, ки мушон чун кунанд,
Байзадуздӣ он яке занбаркаш, ин як занбар аст.
Чашм бар моли фақиронанд уммол ар бувад,
Шоҳро ҳар мол мемонад, ки қути лашкар аст.
Маънии ширин бувад ширин, чи гар содаст лафз,
Ҳам шакар бошад шакар, бе нуқта гарчӣ суккар аст.
Ишқ асфалро ба чашм аъло дарорад ҷилвагар,
Шамъро қомат бар парвона сарви Кишмир аст.
Эй басо нуқсон, ки дар зимнаш бувад як навъ суд,
Чун дафи лӯлӣ дарид, аз баҳри маймун чанбар аст.
Бар мапар аз авҷи рифъат, к-андарин дайри куҳан,
Бар фарози Исӣ аз анҷум ҳазорон шабпар аст.
Олами дилро чӣ ҳоҷат зевар аз чархи кабуд,
Гулшани Фирдавсро зинат на аз нилуфар аст.
Ҳаркӣ дӯзад чашм бар зар, ҳамчу абҳар чашми ӯ,
Лоиқи нӯки синон монанди чашми абҳар аст.
Чашми комил чашмаи хизр асту бошад ҳарду айн,
З-ин ду ҳар якро касе, к-ӯ ёфт умри бемур аст.
Онки дил бандад ба зар, аз фақр бошад ризқи маҳз,
В-ончӣ дар ризқаш бувад аз фақр, фақри бефар аст.
Аз шараф дандонаи фарши гадоӣ фақр дон,
Кунгури айвони шаҳ, к-аз хоки айвон бартар аст.
Баҳри мусҳаф кунгури раҳле, ки созанд аҳли ҷоҳ,
Рахнаҳо дон, к-аш ба девори ҳисори дин дар аст.
Монеъи фақр аст Шаҳро муддаъо инак зи сар,
Ончӣ навдар дорад андозад ба хокаш бар дар аст.
Раҳ сӯи Ҳақ беҳадд аммо ҳаст ақраб роҳи фақр,
Баҳри онки-“л-фақру фахрӣ” гуфтаи Пайғамбар аст.
Андарин раҳ онкӣ дорад гом бар гоми Расул,
Аршпарвозест, к-ӯ ҳам раҳраву ҳам раҳбар аст.
Ҳомии шаръи Набӣ, “Ҷомӣ”, ки ҷоми шаръро,
Дошта бар каф лаболаб аз шароби кавсар аст.
Онкӣ аз илми фузун аз ҳад, Набиро ворис аст,

Балки аз қавли Набӣ, пайғамбаронро ҳамбар аст.
Равзаи раъйи мунираш гулшане дон, к-аш зи лутф,
Қатраи рухсораи ҳар барг меҳри анвар аст.
Гулшани табъи рафиъаш равзае дон, к-аз шараф,
Тукмаи пироҳани ҳар гул сипеҳри ахзар аст.
Чарх аз илмаш фитад як сӯ кучо ҷоми ҳубоб,
Зарфи дарёро пайи сарпӯш будан дархур аст.
Хотираш дурҳои маъниро бувад шоиста дурҷ,
Чарх баҳри ахгари анҷум муносиб миҷмар аст.
Зояд аз килкаш ҳама абкори маъно гӯиё,
Ум ки дар хома-ст бикри маънияшро модар аст.
Бикри маънӣ ҳолати ҷонбахш агар зодаш чӣ дур,
Шуд набера Исӣ он касро, ки Марям духтар аст.
Илму раъяш аз дилам сар зад бад-он сон, к-абр сӯхт,
Оташ андар пунба, н-аз ойина к-аз тоби хур аст.
Оҷиз аз теъдоди авсофи камоли ӯст ақл,
Анҷуми гардун шумурдан кай тариқи аъвар аст.
Динпаноҳо аҳли дузахро чу уммеди биҳишт,
Ҷони хокиро ҳавои васли он хоки дар аст.
Жоласон к-андар даруни ғунча афтад, муддатест,
К-орзӯи дарди фақрам дар дили ғампарвар аст.
Подшоҳе, к-аш гадои фақр гаштан орзӯст,
Чун гадое бошад, он к-аш подшоҳӣ дар сар аст.
Орзӯи мурданам дар зулмати ҷонбахши фақр,
З-орзӯи мурда сӯи зиндагонӣ аксар аст.
Тухми идборам дамодам дарди дил бор оварад,
Айб набвад гар бад-ин сон донаро з-ин сон бар аст.
Бар тан аз наълу алиф танҳо на дардам шуд аён,
Бас ҷароҳат з-он камону тирам андар пайкар аст.
Як назар афкан, ки мустасно шавам, з-абнои ҷинс,
Саг, ки шуд манузи Наҷмуддин сагонро сарвар аст
Шамъи ҳиммат ғарқаи ғамро ба мақсад мумиёст,
Нури ахтар киштии шабро ба соҳил раҳбар аст.
Дар татаббуъ кардани ин назм озодам зи таън,
Тобеъи суннат бувад ҳар к-ӯ Набиро чокар аст.
З-илтифоти хотират ин нуктаи ширин мароˉст,
Ҳамчунон, к-аз партави хуршед найро шаккар аст.
Дар адад абёти ӯ сад кам як омад гӯиё,

Ҳар якеро равнақ аз як номи Ҳаййи Акбар аст.
Месазад ҳар байти ӯ гар гӯямаш Байтуллаҳ аст,
Аз матонат в-аз либоси асвадаш, к-андар бар аст.
Лек ҷанби чарх, к-ӯ бошад хусусан пурнуҷум,
Ҳуққае чу-бвад гирифтам пур зи дурри азҳар аст.
“Туҳфатул-афкор” агар номаш ниҳам, набвад аҷаб,
Туҳфа наздат чун зи баҳри фикратам ин гавҳар аст.
Гашт явми ҷомеъи шаҳри Раҷаб торихи он,
Турфатар к-он моҳу рӯз итмоми ӯро мазҳар аст.
Толибони рубъи маскунро зи зилли олият,
Файз бодо то мақоми меҳр чорум манзар аст.

***

4) “Қутул-қулуб”

(Татаббуъи Ҳаким Анварӣ)

Ҷаҳон ки марҳалаи танги шоҳроҳи фаност,
Дар ӯ маҷӯй иқомат, ки роҳи шоҳу гадост.
Куҷо маҳалли иқомат, ки қотеони тариқ,
Ба нақди дину дил андар камин пайи яғмост.
Чӣ марҳала-ст, ки по нанҳода баҳри шудан,
Зи боми марҳала кӯси раҳилро ғавғост.
Аҷаб раҳе, ки на мабдаъ бувад дар ӯ зоҳир,
Ғариб бодияе, к-аш на мақсаде пайдост.
Дар ӯ накарда макон марду зан ҳаме гузаранд,
Аз он замон, ки гузаргоҳи Одаму Ҳаввост.
Чу кори умму аб ин аст, бас ба фарзандон,
Ҳаме ба ирс расад, к-он иборат аз туву мост.
Ҳазорсол дар ин кӯҳна дайр агар монӣ,
Ки муддаташ ба яке ламҳа гар ниҳӣ, на сазост.
Чаро, ки вақти шудан баъди тӯли ин муддат,
Агар ба ним нафас гирияш наёяд рост.
Дар ин макон на умеди нишастанаст ба кас,
Ки аз таҳаттуки ӯ ношиста бояд хост.
Аҷаб нигар, ки маконе чунин мазиқ ба туст,
Чунон васеъ, ки гӯӣ, кило маконаш фазост.
Аҷабтар он ки туро бо ҳазор ранҷ дар ӯ,
Зи чарх сад ғаму аз ахтарон ҳазор ҷафост.
Зи чарх ин расадат давраи шабонрӯзӣ,
Ки субҳи айши ту ҳар рӯз аз ӯ ба шоми аност.
Ба ҷоми ахзари гардун агар накӯ нигарӣ,
Зи баҳри қатли ту донӣ, ки пур зи заҳри фаност.
Ба даври меҳраш агар бингарӣ, шавад маълум,
Ки аз шуоъ ба қасдат дусад синони балост.
Зи чарх низ бидон ихтиёри ин гардиш,
Ки ӯ ҳам андар гардиш забуни дасти қазост.
Чи ихтиёраш бошад, ки дар ҳазорон қарн,
Ки дасти қудраташ афканда дар таҳу болост.
Ба коми хеш наёраст як дам осудан,
Чунин ки чун мани саргаштаҳоли бесарупост.
Ба қадри меҳр нагӯям, ки қадри як зарра,

Зи ҳоли худ на физояш гаштаву на кост.
Зи саъду наҳси нуҷумаш, ки дар ҷаҳон асараст,
Ҳама ба амри Худованди қодири яктост.
Ҳар он ки кавну фасоди ҷахон ба чархи нуҷум,
Ниҳода дидаи ҳақбинашро расида амост.
Кас ар ба фусҳати ғаброву рифъати чархаст,
Ки ин забунӣ бо вай зи чарх то ғаброст.
Дилаш зи кон шуда сад пора хуну бар сар хок,
Агарчи кӯҳ ба қадри рафеъ гардунсост.
На беша шер кушанда, на муш мурда ба кӯй,
Зи ҷаври мӯри заифаш чунон, ки ранҷу аност.
Бубин ба пили фалакҳайкали қавипайкар,
Ки бар тан аз сари хартуми пашшааш чи балост.
Ҳамон паланг, ки хоҳад ба маҳ занад панҷа,
Ба пушт боз шуда панҷааш чи сон таҳи пост.
Ба талхкомие чинҳо ба рӯш бин, гарчӣ,
Ки аз талотуми амвоҷи баҳр қулла зудост.
Наҳанг агарчи бувад қаҳрамони кишвари баҳр,
Ба кирми обие аз худ фузун ҳамеша ғизост.
Ба аждаҳо чӣ нигаҳ мекунӣ, ба ганҷ бубин,
Ки монда ҳар яке аз ҳирс чанд аждаҳост?!
Сухан нагӯй зи анқо, ки ҳар кӣ қонеъ шуд,
Фарози Қофи қаноат бидон, ки ӯ анқост.
Нигар ба абри баҳориву ашку фарёдаш,
Ки чун сиёҳлибос аз барои худ ба фазост.
Дигар ба сарсари бунёдкан нигар, ки чӣ навъ,
Зи хоксорие дар даштҳо ҷаҳонпаймост.
Уқоби гургфикан бин, ки дар кафи сайёд,
Ба ҷуз ду болу думаш хурд рӯ ба саҳрост.
Ба банди туғралу шоҳин нигар чу куштаниён,
Бубаста чашм паи қатлашон замони дағост.
Чу з-офариниш золимвашон бар ин наҳҷанд,
Тариқи зулмкашон ҳам ба ҷанби ин пайдост.
Агарчи оҳуи Чинрост нофаи пурмушк,
Чу нофа пӯст канандаш бигӯй к-аш чӣ хатост?
На тавқи мушкин дорад тазарв бар гардан,
Нишони чангули бозаш бимонда бар аъзост.
Дар ин ки қаҳқаҳазан кабк хун хӯрад доим,

Нишони ҳумрати минқору ранги панҷа гувост.
Далели он, ки фасеҳони нукта ширин аст,
Забуни маҳбаси зоҳир зи тӯтии гӯёст.
Нишони он ки сабеҳони покораз шуд,
Асири хории осораш аз гули ҳамрост.
Ба наълҳои музаҳҳаб мабин пари товус,
Ки наълҳош бар аъзо зи теғи ранҷу аност.
Фитода булбули бедор даруни хокистар,
Даруни боғи малоҳат зи оташи савдост.
Аҷабтар ин, ки гули дилрабои оташранг,
Ба хун нишаста з-андӯҳу чок карда қабост.
Агарчи нест зи саргаштагӣ ба парвона,
Ба ғайри сӯзу гудозе, ки волаву шайдост.
Ба шамъ сӯхтану мурданаш нигар, ки чӣ сон,
Паи азойи худаш гоҳ нола, гоҳ баккост.
Зи мӯр агарчи ҳаме шарзашер дар ранҷаст,
Чӣ суд, чунки худаш поймол дар таҳи пост?
Зи пашша гарчи ба пили дамон расад озор,
Зи дуди як саргиндуд сонаш рӯ ба қафост.
Агарчи ҷавҳари улвист оташи равшан,
Чӣ ларзаҳо зи таби муҳриқаш, ки бар аъзост.
Ҳаво мумидди ҳаёт аст халқро, лекин,
Нигар, ки чун зи тааффун аз ӯ ба даҳр вабост.
Агарчи ҳаст “мин-ал-мои кулла шайъин ҳай”,
Ғариқи ӯро мавт аст аз ӯ, куҷо эҳёст.
Магӯ, ки хок бувад манбаи сукуну қарор,
Зи бод чархзанон пайкараш нигар ки сабост.
Ба ҳеҷ шайъ зи ашё, зи ҷинси махлуқот,
Агар қавиву заифу агарчи шоҳу гадост.
Ба даҳр коме бе меҳнате муяссар нест,
Ба ғайри Қодири бечун, ки Холиқи ашёст.
Ҳар он чи шуд зи азал офарида то ба абад,
Забунияш ҳама бар офаридагор гувост.
Чу шуд яқин, ки чунин аст кори Холиқи халқ,
Ба ғайри он нашавад ҳарчи ҳаст Ӯро хост.
Пас ончи карда туро амру наҳйи мо-амкан,
Бибояд аз паи он хешро гирифтан рост.
Нахуст ҳарчи туро фарзу воҷиб аст ба шаръ,

Навофилу сунан он ҷумларо тариқи адост.
Баёни муътақадот, ки ном шуд имон,
Ки гуфтанаш ба забон, доштан ба дил, шуд рост.
Нахуст доштани зоти поки Ҳақ медон,
Бад-ин тариқ, ки Боқист, балки айни бақост.
Вуҷуди Ӯст, ки Ӯ ҳасту буду хоҳад буд,
Ба нисбати аҳадият, ба хӯрди ҳамду саност.
Сифоти Ӯ набвад мунҳасир ба чуну ба чанд,
Ҳаёту илму иродат ба қудрату асмост.
Дигар, ки фоили мухтор Ӯст, феъл аз Ӯст,
Вуҷуд гирад неку бад, он чи карда қазост.
Дигар малоика медон мусаббиҳони сипеҳр,
Ки зикри ҳар як тасбеҳи номи поки Худост.
Дигар бувад кутуби Ӯ, ки ҳарчи онҷо ҳаст,
Ҳама ҳақ асту каломи Муҳаймини Доност.
Дигар бувад русул ин навъ, к-Ӯ фиристодаст,
Ба халқу ҳар якшон раҳбари тариқи ҳудост.
Муҳаммади арабӣ – пешвои хайли русул,
Агар ба халқ муаххар, вале ба зот улост.
Дигар ба зиндагии баъди марг, явми нушур,
Ақида кардан бошад, ки ҳаст он ҳама рост.
Дигар вуҷуди ҳама хайру шар, ки аз қадараст,
Бад-он сифат, ки ба тақдири хештан орост.
Зи баъди муътақадот, ки ном шуд имон,
Зи панҷ рукн мар исломро ҳамеша биност.
Баёни “Ашҳаду ан ло илаҳа иллаллоҳ”,
Муҳаммад, онки рисолат ба зоти ӯ барпост.
Салоти хамса дигар панҷ ганҷи ислом аст,
Маоф набвад аз ин, гар зукур ё ки нисост.
Зи бист ним дирам, баъд аз он тасаддуқ дон,
Ки доданаш бувадат фарз, к-он ҳақи фуқарост.
Дигар зи соле, сӣ рӯз рӯза доштан аст,
Ки рӯзе, он ки хӯрд, доштан ду моҳ ҷазост.
Дигар азимати ҳаҷ шуд ба шарти амни тариқ,
В-ар иститоати он набвадаш, ба кас на равост.
Зи баъди муътақадот ин бувад ибодотат,
Ки бас шароити бисёр ҳам дар ин асност,
Агарчи зоҳирашон ҳаст ҷисмӣ, ҳар якро,

Нуҳуфта рухе бошад, ки номи он тақвост.
Бад-он чи шаръ накардаст амру аҳлуллоҳ,
Шаванд муртакибаш гунагун риёзатҳост.
Зи “ло илоҳа”, ки мазкур гашту “иллаллоҳ”,
Басе, касе ки бад-ин навъ ғарқи ин дарёст.
Агар қатори фалак ҷумла бигсиланд аз ҳам,
Ғариқро зи хаси мавҷрав куҷо парвост.
Шуҳуд бин, ки зи захмаш кашанд пайконро,
Гаҳи салот, на воқиф, ки рафт ё барҷост.
Басо мусаллӣ, к-ӯ аз паи ду ракъати шаб,
Зи баҳри хатми каломуллоҳ истода ба пост.
Закот бин, ки чу шуд чил дирам яке дигар,
Гирифта фарз кунад сарф, к-ин зи айни ризост.
Ба савм бин, ки чиҳил рӯзро ба як ният,
Намуда қатъ, ки дил фориғ аз шаробу ғизост.
Чи тавфи Каъба, ки эҳромаш аз дари хилват,
Зи Шарқ меҳрсифат рӯ ба ҷониби Батҳост.
Равандагони раҳи Ҳақ бад-ин сулуку тариқ,
Раванду хотирашон пок аз хутури риёст.
Ту гар гувоҳии ваҳдат диҳӣ ба зоти Худо,
Кунӣ таваққӯъи музду бар ин Худой гувост.
Ва гар саре ба суҷуд оварӣ ба ғайри вузӯъ,
Ба шӯҳраташ чу муаззин ба оламет нидост.
Ва-гар зи махзани қоруният ба ним дирам,
Халал расад, ҳама рӯзат газофу лофи сахост.
Ва-рат ба хотири савмаст рӯзе аз сӣ рӯз,
Ғизои шоми ту аз хони бевазан яғмост.
Ва-рат азимати ҳаҷ шуд, мурод аз он сафарат,
Умеди даҳ, сиву чилу суд кардани савдост.
Ҳама, ки зикр шудат шеваи мусулмонист,
Зи фисқи зулми ту ронам чу ним нукта балост.
Пиёлаҳои пуропур хӯрӣ, зи номардӣ,
В-аз он ба хотири ту дам ба дам хаёли зиност.
Чу он-т гашт муяссар, накарда ғусл ҳанӯз,
Миёни халқ ба даъвои мардият ғавғост.
Аҷабтар он ки занатро ба мардаке чун ту,
Ҳамин муомила рафтаст, худ ҳаминат сазост.
Туро зи тақвии хешу зи иффати зан ҳам,

Вуқуф, лек хаёлат зи марду зан ихфост.
Ҷуз он-т феъл набошад, чунин ки қуввату қут,
Ҳама зи гӯшти хӯкест, к-он завҷарабост.
Ба фарқи сад Закариё агарчи арра кашанд,
Ба махласаш чу диҳӣ як дирам, ба ҷонат ъазост.
Ба ин лаимиву дилмурдагӣ ҳама даъвият,
Зи иффати Закариёву исмати Яҳёст.
Дилат, ки хайли шаётину девро ватанаст,
Ватан на мазбалашон гашта, бал аз он авлост.
Малоик ар гузаранд аз фарози он кишвар,
Ки чун туеро дар вай нишеману маъвост.
Зи натни ботини шумат ҳама ҳалок шаванд,
Чунон, ки гӯйи он хайлро фитода вабост.
Бад-ин сифот вале пеши хеш маҳбубӣ,
Чунонки бар ҳама халқи ҷаҳонат истиғност.
Азоби оташи дӯзах ҳама-т бувад сад ҳайф,
Ки шӯъларо зи азоби ту мурдану итфост.
Бузургвор Худоё, ба ҳарчи кардам шарҳ,
Манам, на балки фузуниям аз он зи нафси дағост.
Ҳаёти хеш, ки он як нафас агар бошад,
Ба ёди Ту хуштар аз ҷаҳону “мофиҳо”-ст.
Ба амру тоати шайтон намудаам зоеъ,
К-аз он кунунам воҳасратову вовайлост.
На балки хайли шаётин маро шуда тобеъ,
Бад-ин татаббуъашон дев низ аз шуракост.
Ҳазор фарсанг аз чун худе чу бигрезам,
Баҷост, лек чу ман мудбире ба даҳр куҷост?
Ба деву шайтон таълимкарда шуд нафсам,
Ки ҳеҷ як натавонист кард, он чи ӯ хост.
Гаҳи ҷавониям ин навъ буд каҷравишӣ,
Ба гоҳи пирӣ худ каҷраве наёяд рост.
Ҳазор бор агар хешро кушам чӣ аз он,
Ба дарди муҳлики ман хештанкушӣ чӣ давост?
Вале ҳазорам чандин агар гунаҳ бошад,
Ба пеши раҳмати ъомат чу пеши чарх суҳост.
Зи баҳри раҳмати ту қатрае тавонад шуст,
Сиёҳномагӣ аз дуди маъсият, ки марост.
Нагӯям ин ки чӣ сонам бидору чунам бар,

Бидор розиям охир, Туро ба ончӣ ризост.
Зи ғайри хеш раҳон, лутф карда Фониро,
Насиб соз тариқи фано, ки айни бақост,
Чунон ба ёди худат маҳв созу мустағриқ,
Ки нагзарад ба дилаш ҳарчи ғайри ёди Худост.
Шуд ин қасида чу қути қулуби аҳли сулук,
Аз он таъайюни “Қути қулуб”-аш аз асмост.
Ҳар онки хонаду бо ин амал кунад, шак нест,
Ки аз ҳадиқаи қалбаш самари биҳиштосост.
Аз он наъими биҳишташ чу қути қалб расад,
Шикаста қалби маро низ аз он наъим раҷост.
Чунонки аҳли тараб софмай чу нӯш кунанд,
Зи даври соғарашон қатрае насиб турост.
Худо ба нозиму қориву роқимаш бахшад,
Ҳарончи маслаҳати дину дунёву уқбост.
***

5) “Минҳоҷун-наҷот”

(Татаббуъи Хоқонӣ ва Анварӣ)

Зиҳӣ аз шамъи рӯят чашми мардум гашта нуронӣ,
Ҷаҳонро мардуми чашм омадӣ аз айни инсонӣ.
Малакро аз пайи овардани хоки ту ҳаммолӣ,
Фалакро баҳри тарҳи мулк таркиби ту майдоне.
Тилисми хилқататро дасти қудрат карда меъморӣ,
Дар он ҷо ганҷи ҳикмат аз малак бинҳода пинҳонӣ.
Зи “Илмуллоҳ” ба таълими шарифи “алламал-асмо”,
Баровcurrently миёни аҳли дониш исми пурдонӣ.
Гаҳе чилрӯза тифле гуфта бо пирони чилсола,
Нукоту дарси асрори яқин аз илми раббонӣ.
Туюри гулшани улвӣ, ки қуту тӯъмашон зикр аст,
Ба пешат ҷумла бинҳоданд сар аз бас хушилҳонӣ.
Ҷуз он як мурғи ваҳшӣ к-ӯ ба пешат сар фурӯ н-овард,
Ки дар гардан фитодаш тавқи лаън аз қаҳри яздонӣ.
Туро дар олами мулку малоик аз раҳи рифъат,
Мусаллам шуд хилофат бар гурӯҳи инсиву ҷонӣ.
Ҳарифи хирасар чун аз сарири мулк шуд хориҷ,
Туро ҳам сарварӣ, ҳам сарфарозӣ гашт арзонӣ.
Ҳама каррубиёнро сар ба наздат зилли худдомӣ,
Аз он маънӣ, ки гаштӣ сарфароз аз зилли субҳонӣ.
Зи тоби кавсари май соқиёни базми ҷоҳатро,
Ҳазорон гул ба рух чун лолазори боғи ризвонӣ.
Намедонам чӣ шуд бо он ки Ҳақ “ло тақрабо” фармуд,
Гирифтӣ бо рафиқат нуктаи он душмани ҷонӣ.
Чаро бояд ду маъсуми биҳиштиро ба як афсун,
Шудан бо он камоли зуҳд ду мардуди исёнӣ.
Магар з-он рӯз гандум синаи худ чок зад з-ин ғам,
Ки аз чӣ душманат фармуд тарки бандафармонӣ?
Чу додӣ зулфи ҳур аз даст з-он дам рӯзгоратро,
Чу зулфи ҳур шуд ҳам тирарӯзӣ, ҳам парешонӣ.
Чи расвоист, к-он навъ одами комил зи боғи хулд,
Шавад дар дашти ғам саргашта чун ғули биёбонӣ.
Сияҳрӯиву даргаҳрондагиву ғурбату меҳнат,
Чӣ буд ин ҷумларо боис, ҳамин як ҳаззи нафсонӣ.
Ба чандин сол инобат кардану рӯ бар замин мондан,

Ҷаҳонро ғарқа дар хун сохтан аз сели мижгонӣ.
Ки дил з-афғони зорат мурғу моҳиро ба дард омад,
Ғалат гуфтам, ки санги хораро з-он доғи ҳиҷронӣ.
Ба ҳар навъе, ки буд боре қабул афтод он тавба,
Ки шуд мардуд чандин сол аз истиғнои султонӣ.
Агарчи сӯи тахти кишвари аслӣ набурдандат,
Вале мулки ҷаҳонро ёфтӣ ҳукми ҷаҳонбонӣ.
Чунон воли борифъат, ки будаш он ҳама мукнат,
Ба як ҷурмаш чиҳо омад ба пеш аз макри шайтонӣ.
Чи сон арзу ниёз овард то шуд рафъ он уқда,
Бас он гаҳ бандагӣ кардан ба сад ҳавлу ҳаросонӣ.
Ту эй ғофил, ки бишморӣ яке худро зи авлодаш,
Кунӣ сад ҷурм ҳар соат, валекин бе пушаймонӣ.
Нахустат ҳаст ин зоҳир, ки ҷуз Ҳақ холиқе набвад,
Асоси даҳрро нозим, бинои чархро бонӣ.
Бад-ин сон офаринанда, ту нафсатро гузинанда,
Парастишро, ки хокат бар сари ин нафси зулмонӣ.
Чаҳон равшан зи нури офтоб, аммо ту чун хуффош,
Ҳама дар пардаҳои зулмати шаб ҷаста китмонӣ.
Забуни нафси кофир гаштаи з-он сон, ки метарсам,
Чу гӯи“ло илоҳа”,“иллаллоҳ” аз дунбол натвонӣ.
Чу “ло”-и “лоилоҳ”-ат“ло”-и Лот омад, Илоҳ он ҷо,
Чӣ ғунҷоиш пазирад, гарчи ту хоҳӣ, ки ғунҷонӣ?
Даруни зарраи саргашта чун пинҳон шавад хуршед,
Миёни қатраи гандида баҳри оби ҳайвонӣ.
Чӣ ислом аст ин, к-аз сустиаш куффор агар хандад,
Бар ӯ шояд, ки охир шарм бодат з-ин мусулмонӣ.
Санам, к-аш худ тарошад, бингар орад бандагӣ барҷо,
Самадро бандагӣ некӯ надонӣ кард, то донӣ.
Шаҳодат гарчи бошад бар забонат, лек дар тасдиқ,
Мукаддар карда миръоти дилатро занги нисёнӣ.
Вуҷуди поки товусони қудсиошёнро ҳам,
Ниҳӣ аз рӯи ақли худ бурун аз ҳадди имконӣ.
Вале баҳри мулавван мурғаки бозигари чархӣ,
Муаллақҳо занӣ чун чархи таҳтонию фавқонӣ.
Китоби эзидӣ, к-аз азм пушташ бар замин часпад,
Агар як ҳарф аз он бинвишта бар пушти фалакмонӣ.
Зи хиффат коҳбарге нашмарӣ ҳар ҳарфи савташро,

Ки бошад вақти каҳгил сохтан муздури каҳдонӣ.
Шаҳони миллату эъҷоз напсандӣ, ки напсанданд,
Дуои “Рабби ҳаблӣ” кардан аз нанги Сулаймонӣ.
Валекин донаи пӯсидаро аз сустии ҳиммат,
Агар худ даст ёбӣ аз даҳони мӯр бистонӣ.
Қиёмат қомати хубон шуморӣ, ҷаннату дӯзах,
Висолу ҳаҷрашон гӯӣ, зи фарти ноқисимонӣ.
Зиҳӣ кӯре ба боғи офариниш, к-аз сари ғафлат,
Фалакро нилуфар донию Тубиро гиёҳ хонӣ.
Вуҷуди хайру шар з-он рӯй бар пойи қадар бандӣ,
Ки поятро зи банди амру наҳйи шаръ бирҳонӣ.
Вале дар гарданат он банд чун “ҳабл-ул-варид”омад.
Бувад душвор аз гардан бурун кардан ба осонӣ.
Намозеро, ки маъмур омадӣ баҳри убудият,
Ки дар кардан наӣ маъзур ар-одобеву арконе.
Ба ёдат н-ояд, ар ояд, кунӣ з-он сон, ки дар бурдан,
Бисӯзонад малакро болу пар аз фарти ниронӣ.
Қабули омро аз масҷид ой дертар берун,
К-аз ин масҷидгузинӣ хубтар сад бор раҳбонӣ.
Кунад руҳбон ба ҳар саҷда вузуе пеши бут, бингар,
Ки ту беғусл пеши Ҳақ ниҳӣ бар хок пешонӣ.
Закотеро, ки хоҳӣ дод гоҳи киса во кардан,
Гиреҳ бар банди киса афканӣ, ҳам банди ҳамёнӣ.
Наёрӣ базл кард аз чил яке ҳам соҳибонашро,
Чили дар чил гар амволи ту бошад ҷумла товонӣ.
Надорӣ рӯзаи моҳи сиём он сон, ки Ҳақ фармуд,
Агар дорӣ, бувад он ҳам барои сарфаи ноне.
Куҷо нонрезаат мавҷуд гардад заррасон гар худ,
Гаҳи ифтор бошад қурси меҳрат гирдаи хоне.
Надорӣ рӯза в-ар дорӣ, накардӣ саҷдаро ранҷа,
Вагар кардӣ вузуро оби ҷӯ аз худ наранҷонӣ.
Вагар аз ғояти ислом майли Ҳаҷ кунӣ, ногаҳ,
Матоъи Макка пурсӣ аз гаронӣ, ё худ арзонӣ.
Агар суди накӯ уммед бошад, бор барбандӣ,
Дар ин Ҳаҷ фарқ кай бошад, дар исломиву насронӣ.
Ва гар суду умеди нафъ некӯ бошадат, сад узр,
Зи хавфи роҳу камсармоягиву заъфи ҷисмонӣ.
Бувад имонат он, исломат ин, эй мӯъмини муслим,

Ҷуз ин ҳам кофириҳо бошадат дар парда пинҳонӣ.
Дуруштиҳои чархат бахшад андоме, магар з-ин сон,
Ки зоҳир карда аз роҳи маҷаррах шакли суҳонӣ.
Вале з-инсоф, ноҳамвории нафсат агар бинӣ,
Дуруштии фалак бо он баробар ҳам нагардонӣ.
Паи мушкин ғизолон ҳуллаи каттон биёрой,
Вале худро фузун гирӣ зи Ғаззоливу Каттонӣ.
Чу Қорун гар диҳад дастат, ки созӣ ганҷҳо пинҳон,
Нахоҳӣ баҳри он дар мулки дунё ғайри вайронӣ.
Ҳазорон бут даруни хирқаат пинҳону афзунтар,
Намоӣ хешро дар хориқи одат зи Харқонӣ.
Напошӣ дар замини дил ба ҷуз тухми амал[12] ҳаргиз,
Чӣ сон уммеди бархӯрдан бувад з-ин донаафшонӣ.
Ниҳӣ дар мазраи ҷон хирмани ҳирсу ҳавас ҳар сӯ,
Ки оташ уфтад дар хирман, ар ин аст деҳқонӣ.
Дар он хирман чу баҳри қаҳр оташ зад, наёрад кушт,
Агар зоҳир кунад сели сиришкат мавҷи тӯфонӣ.
Фаришта филмасал дар шакли инсон гар шавад зоҳир,
Намояд роҳи шайтонат, ки ҷӯӣ баҳри меҳмонӣ.
Лаболаб роҳи райҳониш дорӣ, то кунӣ масташ,
Сиришта доруи беҳушӣ андар роҳи райҳонӣ.
Фалак эмин намонад аз ту бо ин девфеълиҳо,
Наметарсӣ зи қаҳри эзидӣ, эмин чӣ сон монӣ?
Гаҳи ахзат бувад сангин, к-аз истинҷо шуда рангин.
Зи дасти соҳиби хунишикам лаъли бадахшонӣ.
Ба гоҳи базл агар худ қатра бавласт аз истиғно,
Чунон бошӣ, ки мепошӣ ба олам дури уммонӣ,
Ба нафсат гарчи фиръавнист в-ар пайдо шавад Фиръавн,
Ба худ напсандӣ андар хидмат ӯро ғайри Ҳомонӣ.
Чу Фиръавну чу Ҳомон гар диҳад дастат, чунон хоҳӣ,
Ки сад Фиръавну сад Ҳомон туро бошад ба дарбонӣ.
Натарсӣ Мусӣ ар ояд, ки аз кӯи сари Фиръавн,
Асои саркаҷаш ҳар дам намояд лаъби чавгонӣ.
Намудан дар яди байзо чу соя аз асои ӯ,
Фитад бар хок, аз ӯ ояд ба дафъи сеҳри сӯъбонӣ.
Арӯси соҳири чархат ба дурҳои кавокиб ҳаст,

[12] Амал инҷо бо ҳарфи алиф, ба маънои орзуву ҳавасҳо ҳаст, на бо ҳарфи айн, ба маънои ъамал ва кори некӯ.

Чу чашм аз хоби ғафлат во кунӣ кампирдандоне.
Кунӣ ҳамчун арӯсон ҷома сурху зард, беҳ бошад,
Бари мардон аз он пӯшидаҳо сад бор урёнӣ.
Агар поёну болои ҷаҳон они ту шуд яксар,
Зи мағрурӣ шиори худ кунӣ, чун субҳ хандонӣ.
Ки то шомат фалак ҳар субҳ меронад, занон ҳар дам,
Зи поёни ту шаллоқӣ, зи болои ту апёнӣ.
Чи аз лаълу дури гӯшат, ки чун гардун паи таъдиб,
Бимолад гӯш, натвонӣ, ки гӯши худ биҷунбонӣ.
Каломи Ҳақ наёяд бар забонат аз раҳи нудрат,
Агар сад раҳ тановарҳои ишрат бар забон ронӣ.
Вале мусҳаф туро рухсори шоҳид бошаду дар вай,
Паи зинат ниҳода холҳо оёти қуръонӣ.
Агар пеши Азизе як дирам дорӣ, пайи ахзаш,
Ҳама гар Юсуфи Мисрӣ бувад, созӣ-ш зиндонӣ.
Набахшӣ, ё раҳо надҳӣ мурувват карда гар сад раҳ,
Шафоат ё замонат гар намояд пири Канъонӣ.
Ва гар ганҷи касе пешат бувад в-ӯ гашт мӯҳтоҷат,
Диҳӣ гар ҳаббааш норе ба хислатҳои эҳсонӣ.
Касе бар осмонат гар расонад аз раҳи таъзим,
Агар дастат диҳад ӯро диҳӣ бо хок яксонӣ.
Шавӣ оташ, ки сад сол ар маҷусаш равшанӣ бахшад,
Чу як дам дар вай афтад, зоеъаш созад зи нироӣ.
Зи бас, тори либосат он чунон кисват кунӣ худро,
Ки не домоне аз вай фаҳм гардад, не гиребоне.
Чу кирми қаз ба сад расвоият берун кашанд аз вай,
Ки ҳамгӯри ту буда, ҳамкафан аз айни печонӣ.
Танӣ аз риштаи ҷон пардае з-он сон, ки гар мирӣ,
Шавӣ бепарда аз бозичаҳои чархи гардонӣ.
Гаҳи май хӯрдан он гаҳ руҳбозӣ бо бутон кардан,
Бувад ҳар ҳаззи нафсонӣ, барад як файзи рӯҳонӣ.
Аҷаб набвад, ки рӯҳат мурдаву ту зиндаи нафсӣ,
Ба ҷои файзи рӯҳонит, будан ҳаззи нафсонӣ.
Саги мардон бувад нафсу ту аз саг сирате гашта,
Саге ин нафси кофир, он-т марде, ин мусулмонӣ.
Бари мардон зи мардӣ чун занӣ дам, чун саги эшон,
Сагат карда зи махзулӣ, на бал, к-аз фарти хузлонӣ.
Тамошо бин, ки лофи шермардӣ ҳам занӣ аз кибр,

Агар чун юз нишинӣ бар фарози хинги ҷавлонӣ.
Гумонат ин ки он хингест ҷавлонӣ ба зери рон,
Надонӣ юз аз маркаб набошад ғайри полоне.
Зи май тардоманӣ в-аз бехудӣ созӣ гиребон чок,
Магар гаштат гиребон чок аз ин олудадомонӣ?
На танҳо доманат тар шуд ба лойи бода аз берун,
Ба лойе аз дарун ҳам боиси ин гашт, то донӣ.
Бад-ин сон домани тар ҳар тараф доманкашон то кай,
Нахоҳад гашт домангир як роҳат пушаймонӣ?
Туро ҳарчанд ин гумроҳӣ омад аз падар мерос,
Ҳам аз ғавғои нафсонӣ, ҳам аз васвоси шайтонӣ.
Вале “лоҳавл” в-он гаҳ бозгаштат низ маврусист,
“Заламно раббано”-гуён ба маҳҷурию гирёнӣ.
Аҷаб набвад, ки сад чандин гунаҳро пок шӯяд, гар,
Шавад зоҳир ба рӯи баҳри раҳмат мавҷи ғуфронӣ.
Худовандо, манам он бандаи золим ба нафси худ,
Ки сад чандин, ки гуфтам оядам аз нафси зулмонӣ.
Агар сад дӯзахи дигар бисозӣ баҳри таъзибам,
Сазоворам ва гар ҳам бахшиям, ҳастат ба осонӣ,
Ба сад чандин, ки гуфтам қоилам, аммо се кор аз ман,
Ба даргоҳи ту ҳаргиз н-омад аз бад сирату сонӣ.
Бигӯям, то бидонад халқи олам, з-онки дар пешат,
Ба гуфтан нест ҳоҷат, з-он ки медонам, ки медонӣ.
Яке он буд, к-аз ман гарчи сад исён ба феъл омад,
Накардам фахр, ҷуз бо сад сияҳрӯӣ пушаймонӣ.
Зи нафсам гар хато омад, вале аз бими корам буд,
Зи афғон оташ афрӯзӣ, зи мижғон ашк ғалтонӣ.
Дигар як, он ки дар шаръи Расулат он Шаҳимиллат,
Гули нори Бироҳимиву фахри оли Аднонӣ.
Расули абязу асвад, имоми Ясрибу Батҳо,
Умеди фосиқу фоҷир, шафиъи сориқу зонӣ,
Ба феъл ар қосир афтодам, вале аз рӯи сидқи дил,
Ҳамеша будаам комил зи тавфиқоти раҳмонӣ.
Дигар дар хидмати Махдум тақсирам, агар ҳарчанд,
Нагунҷад дар замину осмон аз бас фаровонӣ.
Валекин гавҳари сидқи дуоям аз барои Шаҳ,
Фузун шуд дар баҳор аз қатраҳои абри найсонӣ.
Чӣ шаҳ он шаҳ, ки натвон гуфт андар торами рифъат,

Чу хуршедаш нашуд сонӣ, ки хуршедаш бувад бонӣ.
Гаҳи кишварситоӣ гавҳари дурҷи Умаршайхӣ,
Дами соҳибқиронӣ ахтари авҷи Темурхонӣ.
Абулғозӣ шаҳи олигуҳар Султон Ҳусайн омад,
Ки омад Хони ибни Хон то ҳарими султонӣ.
Зи иззу макрамат то ёфташ хоқониву шоҳӣ,
Зи ирси салтанат то омадаш хониву қоонӣ.
Зиҳӣ аз рӯи рифъат пояи пастат фалакқадрӣ,
Зиҳӣ аз роҳи шавкат рутбаи зотат ҷаҳонбонӣ.
Зи анҷум касрати хайлат фузун аз нисбати ақлӣ,
Зи гардун рифъати қадрат бурун аз ҳадди имконӣ.
На дарки диққатат мағзи хирадро майли мабҳутӣ,
На нутқи дилкашат зикри малакро ранги ҳазёнӣ.
Пайи санҷидани бирри ту будан кафа гардунро,
Бувад ду нима арзан пӯстро оини мизонӣ.
Ба назди раъйи покат ҳам басе равшан шаванд аз худ,
Ба ҷирми маҳ расад қирӣ, ба қурси меҳр қатронӣ.
Чу баҳри шамсаи хиргоҳи ҷоҳат зарварақ ҷӯянд,
Наёбад сафҳаи хуршед он ҷо қадри камсонӣ.
Бувад ҳар давраеро чархи аъзам нуқтаи марказ,
Ба қасри ҳашматат чун густаранд атбоқи саллонӣ.
Аноре бошад аз тоси фавокеҳ базми ҷоҳатро,
Қазо гар ҷавфи гардунро кунад пур лаъли руммонӣ.
Чу дуди оташи меҳрат шавад чархи дигар бошад,
Шарор он ҷо ба Баҳромӣ, зукол он ҷо ба Кайвонӣ.
Бутон ҳар сӯ чу анҷум, анҷумаш чун кирми шабтоб аст,
Чу гардад меҳри раъят моили базми шабистонӣ.
Нафози амрро чун бишканӣ тарфи кулаҳ набвад,
Қадарро ғайри маъмурӣ, қазоро ғайри ҳомонӣ.
Зи хинги чархи сайрат нимаи наъли кӯҳан, к-афтад,
Сазад, к-ин кӯҳнагунбадро кунад тоқеву айвоне.
Шаҳо, мадҳи ту набвад ҳадди ман, з-онрӯ гаҳе чун ман,
Расулуллоҳро гуфтан наёрад наът Ҳассоне.
Валекин доштам табъозмоиро ҳавас як раҳ,
Ки гӯям чанд байти мавъизат дар таври Хоқонӣ.
Намедонистам он то дар чӣ рангам рӯдиҳад в-акнун,
Расид аз мабдаъи файз, ончи бинмудам суханронӣ.
Мусалсал з-ибтидои офариниш то бад-ин соат,

Сухан дар як қасида рондам аз рӯй сухандонӣ.
Ба ҳар байташ китобе дарҷ кардам сар ба сар ҳикмат,
Ба ҳар як дурҷ пинҳон сохтам сад гавҳари конӣ.
Баёни ҳоли худ з-инсоф кардам в-он гаҳ авсофаш,
Бувад, ҳам баҳра гирад аз таваҷҷӯҳҳои виҷдонӣ.
Чунон бедор кардам аҳли оламро аз ин гулбонг,
Ки н-ояд хобашон то ҳашр аз андӯҳу пажмонӣ.
Чу манҳаҷ шуд наҷоти халқро аз тиҳи гумроҳӣ,
Ниҳодам номи «Минҳоҷ-ун-наҷот» аз лутфи субҳонӣ.
Сухан ҳарчанд ҷонпарвар бувад, хомушӣ авлотар,
Тариқи авлӣ ар дорӣ нигаҳ, сокит шав эй Фонӣ.
Ҳамеша то ки дар арзи сухан гарчи бувад нофеъ,
Мумилл афтад адо мақсудро афтад чу тӯлонӣ.
Бувад тӯли ҳаёти шоҳ чандоне, ки дар арзаш,
Аторуд оҷиз ояд, гар кунад сад даври кайвонӣ.

***

6) “Насимул-хулд”

(Татаббуъи Хоқонӣ)

Муаллим ишқу пири ақл шуд тифли дабистонаш,
Фалак дон, баҳри таъдиби вай инак чархи гардонаш.
Дабистон бин, муаллимро, ки бошад аз раҳи маънӣ,
Аносир чор девору равоқи чарх айвонаш.
Аҷаб кач-мач забон тифле, ки устоде бад-ин диққат,
Ба умре як сабақ омӯхтан натвонад осонаш.
Аҷабтар он ки баъди умре ар донист дар соат,
Зи лавҳи хотири худ пок шӯяд з-оби нисёнаш.
Чӣ гӯи тифл, к-он пири хариф даъвои доноӣ,
Расонд он ҷо, ки гуфтанд аҳли дарду шавқ нодонаш.
Аз он устоду шогирдӣ натиҷа кай шавад ҳосил,
Ки он шуд нуру ин зулмат, баҳам омехт натвонаш.
Ки таълиме, ки гӯяд ин муаллим сарбасар ёбӣ,
Масун аз нуқси ҷаҳлу комил аз оини ирфонаш.
Намояд раҳ ба сӯи гулшане к-аз ғояти нузҳат,
Бувад Тубо қади Ҳаврову Кавсар лаъли ризвонаш.
Магӯ Тубо, ки бошад сарвҳои он чаман яксар,
Алифҳое, ки бошад ҷилвагар дар боғи имонаш.
Зи бас зебу назорат аз каломи поки субҳонӣ,
Шуда “ҷаннот таҷри таҳтаҳа-л-анҳор” дар шонаш.
Зулоли чашмаи Хизр омада як соғар аз ҳавзаш,
Мисоли сафҳаи хуршед як вард аз гулистонаш.
Насими исавӣ анфоси суккони хушойинаш.
Забури лаҳни Довудӣ зи мурғони хушилҳонаш.
Зи санги резаи анҳор аз бас ҷавҳару қимат,
Хиҷил сад раҳ дури уммониву лаъли Бадахшонаш.
Ба фаррошии ӯ хас рӯфта аз дам Исии Марям.
Ба дарбонӣ ба каф карда асо Мӯсии Имронаш.
Чунин гулшан набошад ғайри боғи маъфират, эй дил,
Ки кард ороста аз баҳри комил сунъи Яздонаш.
Чи комил он ки аз таълимҳои ин муаллим ёфт,
Шараф вайронаи зоҳир, захоир ганҷи пинҳонаш.
Аз он вайрона ҳар чуғз омад аз-он сон ҳумоюнфар,
Ки андар соя баҳри касби давлат рафта султонаш.
В-аз ин ганҷи Каёнӣ камтарин гавҳар бад-он қимат,

Ки гар ғоиб шавад мулки Ҷаму Кай, нест товонаш.
Хушо, ҷамъияти ботин бад-он сон солике фонӣ,
Ки ҳифзи инчунин ганҷе кунад зоҳир парешонаш,
Хушо, маъмурии мулки дили он раҳрави комил,
Ки шуд шаҳри бадан аз баҳри поси ганҷ вайронаш.
Ба зоҳир хор дар пои бараҳна рафта, дар маънӣ,
Бурун оварда ҳур аз нӯки сӯзанҳои мижгонаш.
Ба зикри ботине доим, валекин хирқае садчок,
Гули ҷаннат, ки бар авроқ бошад байти Қуръонаш.
Зи сар то по маломат, лек зоти воҳидаш дар дил,
Алифсон дар маломат омада шамъи шабистонаш.
Ба қатъи роҳи ҳастӣ хунфишонаш чашми мустаъҷил,
Чу абри раҳмату дурҳои баҳри файзборонаш.
Ба ботин ғарқи дарёи вусул, аммо ба зоҳир даст,
Ба ҷисми муктасиб киштӣ равон аз баҳри уммонаш.
Ба таййи арз аз Машриқ ба Мағриб турфат-ул-айне,
На дар рӯзи хиром, аз коҳилӣ меҳри фалаксонаш.
Бараш аз ҳиммати оливу тарки ҳаззи нафсонӣ,
Фалак чун шоҳиди марду ду холи чеҳра кайвонаш.
Кӯҳан хирқа, ки дар ваҷду самоъ афканда аз гардан,
Ба домонии чарх афтода хуш тавқи гиребонаш.
Шуда аз бас ҳақорат чархи аъзам нуқтасон маръӣ,
Чу гоҳи ваҷд дар давр омада паргори домонаш.
Магасмонанд ғавғо дар малоик, омада ҳар сӯ,
Чу гашта паҳн хони ваҳдат андар зикри меҳмонаш.
Масеҳо субҳи фитрат файзёб аз поси анфосаш,
Хизир дар шоми зулмат ҷуръанӯш аз оби ҳайвонаш.
На бокаш з-он, ки ғарқоби ҳаводис сар кашад бар чарх,
Чӣ ғам суккони гарди Аршро аз Нуҳу тӯфонаш.
Ту эй дил, гар ҳамехоҳӣ, к-аз атвори чунин комил,
Ки аз аҳди аласт афтода бо Ҳақ рост паймонаш.
Насибе бошадат в-он филҳақиқа гар муяссар нест,
Мадад ногашта тавфиқи Илоҳ аз лутфу эҳсонаш.
Вале он ҳам, ки табъи бадманиш бар шеваи некон,
Шавад моил, нишоне бошад аз тавфиқи Субҳонаш.
Агар марди раҳӣ, аз нафси нопокат гузар в-онгаҳ,
Даро дар шориъи даште, ки паймуданд поконаш.
Вале аввал баровар ғусле аз ашки пушаймонӣ,

Хуш он к-ӯ Ҳақ насозад з-ин пушаймонӣ пушаймонаш.
Пас, он гаҳ гар тавонӣ муршиди комил ба даст овар,
Ки раҳ дур асту пурбиму мусофиркушбиёбонаш.
Аҷаб водӣ, ки дӯзад пои раҳравро ба ҳар гоме,
Ба манъи васли мақсад бар замин хори мағелонаш.
Гирифтор омада насрайни гардун чун магас ҳарсӯ,
Ба доми торҳои анкабут аз баргу ағсонаш.
Баҳорашро бувад селоб ҳарҷониб сароб он гаҳ,
Самум аз бас мулавван тоза гулҳои ба алвонаш.
Фазояшро ба ҳар гом омада сад офати мӯҳлик,
Ки ёбӣ аждаҳо дар қатъи он аз ҷон ҳаросонаш.
Дусад кӯҳи бало дар вай кашида теғи хунрезӣ,
Ба доман санг бар ҳарсӯ, зи баҳри сангборонаш.
Ҳазораш баҳри офат, ғарқи ҳар гирдоб, сад гардун,
Ба ғаввоси хирад не соҳилаш пайдо, на поёнаш.
Наҳангашро чу моҳии замин ҳар рӯз ду тӯъма,
Вале аз илтиҳоби ҷӯъ, деги меъда тафсонаш.
Ҳазорон беша дар вай, лек бар ҳар барг бинвишта,
Зи хатти обкаш ҷуз ҳарфҳои яъсу ҳирмонаш.
Вале дар бешаҳо афтода оташҳои ҷонсӯзе,
Ки фавқи сабзаи гардун кашида шӯъла ниронаш.
Ба ҳар манзил баланду пастии он дашт то ҳадде,
Ки афтода “саро” боло, “сурайё” монда поёнаш.
Раҳе з-ин сон, ки шарҳ омад, чу пеши роҳрав афтад,
Яқинаст ин, ки бе роҳбар намудан қатъ натвонаш.
Бувад он роҳбар аз рӯи маънӣ муршиди комил,
Ки дар қатъи чунин роҳ аст, ҳар душворӣ осонаш.
Нахуст он муршидат андар раҳи дин ҳарчи фармояд,
Ҳамебояд қабулаш кардану пазруфтан аз ҷонаш.
Бувад фарз аввалат маъмур кардан нафси кофирро,
Пас андар ҳазрати султони дил кардан мусулмонаш.
Нафармуда риёзатҳои гуногун куҷо гардад,
Мулоимончунон кофир, ки орӣ зери фармонаш?
Зи фарқи пили ҳинду кам намуд аз арбаи чангак,
Чу мӯраш гар забун гардад, кунад бо хок яксонаш.
Ба чӯби сахту занҷири мукаррар шербон, гар худ,
Наранҷонад, куҷо гардад мулоим шери дарронаш.
На шер ин хирси рӯбаҳбоз, бал рӯбоҳи хирсоин,

Ки шерони ҷаҳон омад забуни макру дастонаш.
Раҳе ин гуна пурофат туро ин навъ ҳамроҳе,
Ки шогирдон бувад дар раҳзанӣ сад деву шайтонаш.
Ба водие чунин ҳоил, нашояд шуд ба ҳамроҳе,
Ки тобеъҳаст дар ҳар гом сад ғули биёбонаш.
Фароғи раҳ чӣ сон бошад, даруни пираҳан афъӣ,
Фурӯ рафта таҳи ҳар мӯй баҳри қатл дандонаш.
Чи афъӣ кирми шуме, муҳлике, мақсудро монеъ,
Набурда раҳ ба мақсад то накушта шоҳи Кирмонаш.
Чу гашта душмани одам, ки масҷуди малоик буд,
Бурун карда зи баҳри донае аз боғи ризвонаш.
Падарро карда чун мағлуб бар авлод маврусист,
Бар аъзо санги бедодаш ба сина неши хузлонаш.
Касе, к-ӯ бар чунин душман шавад ғолиб, тавон гуфтан,
Ки дар мардонагӣ Рустам набошад марди майдонаш.
Ту аз амри чунин муршид агар нанҳӣ қадам берун,
Забунат гардаду дигар хилофат набвад имконаш.
Вале маъмур шуд будан-т, з-онсоне, ки мебояд,
Зи ҳар чи саъбтар з-он набвад ин дон саъбтар з-онаш.
Туро гӯяд, ки чун аз макру шайди нафс ворастӣ,
Ҳамедор аз пайи осоиши ҷон зору ранҷонаш.
Вузуи доимиро вирди худ кун, кишвари ҳастӣ,
Агар ҳоҳӣ, ки созӣ, з-он пурофат сел вайронаш.
Фанову равшаниро аз қиёму гиряи шаб дон,
Ки шамъ ин кард то доданд ҷойи меҳри рахшонаш.
Хавотир баҳри дилро ҳамчу амвоҷи паёпай дон,
Ки бас, киштӣ, ки гардад ғарқа аз осеби туғёнаш.
Киро ёрои таскини чунин амвоҷ бошад, ҷуз,
Сулаймониҳтишоме он ки бод омад ба фармонаш.
Ба дил нафю субути “лоилаҳ”овар ба “иллаллоҳ”,
Бадон сон, к-омада таълимат аз муршид бад-он сонаш,
Мурод аз “ло илоҳ”-ат мосиваллоҳ бошад андар дил,
Задан нафйи улуҳият зи таҳқиқоти ваҳдонаш.
Зи “иллаллоҳ” маъбуди ҳақиқӣ боядат мақсуд,
Ки насси “қул ҳуваллоҳу аҳад” шуд шоҳиди шонаш.
Вале он зикр бояд ончунон дар хотир овардан,
Ки ҷуз мазкур набвад огаҳ аз даъвову бурҳонаш.
Алифҳо боядат мисморҳо то дӯзияш дар дил,

Бад-он исботу нафӣ онсон, ки монад ақл ҳайронаш.
Дилат чун аз раҳи ботин ба Ҳақ шуд восили мутлақ,
Ба зоҳир ҳам риоят шаръро воҷиб ҳамедонаш.
Салоти хамса к-омад панҷаи исломро қувват,
Адо месоз маръӣ дошта одобу арконаш.
Закот аз бист як шуд, лек чун шуд, бистро дода,
Бале, шукронаро доданд карда қарзи мардонаш.
Ба савмат ҷумла аъзоро зи номашрӯъ шуд монеъ,
Валекин савми дил омад зи манъи ёди Раҳмонаш.
Пас он гаҳ иститоат шарти Ҳаҷ медону амни раҳ,
Ки натвон по ниҳод аз рӯи зоҳир дар биёбонаш.
Вале бас роҳрав сар по бараҳна меҳрсон рӯзе,
Шуда ин роҳу по буда ба чорум чархи гардонаш.
Ба рафтан мӯр чун озурда гардад дар таҳи пойе,
Ки ҳар мӯр аждаҳо омад зи рашки васли ҷононаш.
Аз он бар ҷисми лоғар жандаи пашмин кашад солик,
Ки ноҳамвории нафси хашинро ҳаст сӯҳонаш.
Ҳазорон доғ аз санги риёзат бар тани сӯфӣ,
Бувад як сӯю, бас як сӯй дар дил доғи ҳирмонаш.
Агар ҷурми ту дар мизони маҳшар кӯҳи Қоф омад,
Ба як оҳи надомат метавонӣ кард парронаш.
Туро сад баҳри тоат гар бувад, лекин риёолуд,
Чӣ гӯӣ баҳри тоат, беҳ, ки гӯӣ баҳри исёнаш.
Даруни тира аз нақши дирамҳо ҳаст мадхалро,
Зи берун пур дирам з-он сон, ки гӯӣ шакли ҳамёнаш.
Агар сад ҷон баҳо дода харидастӣ тариқи фақр,
Худоят дорад арзонӣ, ки бигрифтастӣ арзонаш.
Аду гар қасди ҷонат кард, чун қодир шудӣ бар вай,
Зи тақдири Ҳақаш медон яқин, пас дил маранҷонаш.
Хурӣ хокистар авло зон бувад, к-аз сифла нон ҷӯӣ,
Агар худ қурси маҳ бошад таҳи хокистаре нонаш.
Зи Ҳақ ҷӯ, ҳарчи ҷӯӣ, балки аз Ҳақ ҳам маҷӯ, з-он рӯ,
Ки бе ҷустан расад ҳарч-Ӯнамуда қисми инсонаш.
Балое, к-аз Ҳақат ояд, ба ҷои неъматаш медон,
Баҷо гар шукри он неъмат наёрӣ, ҳаст куфронаш.
Дили равшан, ки дар чоҳи риёзат афканӣ, бинӣ,
Ба тахти Мисри иззат оқибат чун Моҳи Канъонаш.
Ба тарки зарқ шайхи ҳилагарро нест ҷуз нуқсон,

Чӣ ёбад суд бозоре, ки шуд барбаста дӯконаш.
Ту сирри Ҳақ агар дорӣ ниҳон набвад аҷаб гоҳе,
Ки сирри бут ниҳон дорад даруни сина руҳбонаш.
Буте к-ат ҳаст маҳбуби маҷозӣ, дорияш пинҳон,
Ба маҳбуби ҳақиқӣ ансаб омад сирру китмонаш.
Ризои дӯст ҷустан он бувад, к-ат ҳарчи пеш ояд,
Шавӣ розиву аз тақдир донӣ суду нуқсонаш.
Ба панди воизи ғофил маяфкан гӯшу з-он бигзар,
Ки дар хоб аст аз ғафлат ҳамон афсона ҳазёнаш.
Машав машғуфи амри хориқи одат дар ин водӣ,
Ҳама гар во намояд таййи арзат шайхи Хирқонаш.
Бувад оини дарвешони комил ин равиш, бингар,
Чи зебо ояд, ар зоҳир кунад шоҳони давронаш.
Зи шоҳон низ, набвад лоиқи ин рутба ҷуз шоҳӣ,
Ки дарвешӣ зи шоҳӣ бартараст аз айни ирфонаш.
Шаҳи дарвешваш, султони фақроин, ки аз Эзад,
Фарози тахти шоҳӣ фақру дарвешист дар шонаш.
Абулғозӣ сипеҳри салтанат Султон Ҳусайн омад,
Ки то Одам бувад аҷдоди султон ибни султонаш.
Магӯ султон, ки султонони олам ҳаст худдомаш,
Аз он маънӣ, ки собит гашт нисбат Хон бани Хонаш.
Ба гоҳи мулкдорӣ бандагон Дорову Доробаш,
Гаҳи сомони кишвар чокарон Сосону Сомонаш,
Паи ором боғи мулкдорӣ гулшани даҳраш,
Дар ӯ ду мавзеъи базм омада Эрону Тӯронаш.
Гаҳи ойин санои нописанд ойини Ҷамшедаш,
Ба вақти мулкбахшӣ, мухтасар мулки Сулаймонаш.
Ҷанобаш ончунон олӣ, ки гар чӯб аз кафи ҳоҷиб,
Фитад, бошад пас аз сад қарн ҷо бар фарқи кайвонаш.
Хитобаш ончунон нофиз, ки бар кӯҳ ар шавад ворид,
Сароби дашти нобудӣ шавад аҷзои ларзонаш.
Яке аз човишони камтараш Гударз бин Кашвод,
Яке аз чокарони лашкари Соми Наримонаш.
Бувад бӯстони хулқи ӯ, ки созад мурдаро зинда,
Насими рӯҳбахше, к-ояд аз насрину райҳонаш.
Ҳавои ҷуди ӯ бошад, ки дар фасли баҳори ӯ,
Садаф чун чарх сад пурдур шавад аз абри найсонаш.
Чу атбоқи фалак бошад ҳазорон густаронида,

Кашида чун шавад дар рӯзи бори ом шелонаш.
Дусад чун Ҳотаму Бармак, барад сад сол аз он рӯзӣ,
Чу рӯзи ҷашн бошад бар замин нонрезаи хонаш.
Ба рӯи Кисравон нури суҷуди хоки даргоҳаш,
Ба пушти Қайсарон хатти нишони чӯби дарбонаш.
Ҳаворо қатраи борон бад-он навъе, ки бишкофад,
Бад-онсон бигзарад аз ҷисми хоро нӯки пайконаш.
Бувад теғаш чу ҷаллоде, ки пӯшад кисвати аҳмар,
Зи хуни хасм чун пӯшида гардад ҷисми урёнаш.
Чунон гар абри боранда дарояд барқ дар хоро,
Дили сангиндилонро пора созад чашми гирёнаш.
Шаҳо, дар мадҳат ин назми маро ҳар кас, ки бархонад,
Нагардад мултафит бо шеъри Хоқониву Хоқонаш.
Пас аз вай соҳири ҳиндӣ чунон ин назми худ орост,
Ки “Мирот-ус-сафо” шуд ном, аз табъи сухандонаш.
Дигар шуд орифи Ҷомӣ “Ҷило-ур-руҳ»-ро нозим,
Мушарраф сохта аз наъти Фахри оли Аднонаш.
“Насим-ул-хулд” кардам номи ӯ дар мадҳи шаҳ з-он рӯ,
Ки ҷонро ҳаст ҳар байте насим аз хулду ризвонаш.
Зи рӯҳи ин ду истимдод кардам назди Ҳақ лекин,
Дилам ҳар ч-он зи Ҳақ мехост, фоиз шуд бад-он сонаш.
Ба Ҷомӣ гар надорам роҳи даъво андар ин маънӣ,
Ки ҳаст устоди ман в-ин назм гашта зеби девонаш.
Ба Хусрав ҳоҷати даъво набошад з-он, ки хонанда,
Шавад воқиф, чу ояд дар назар ҳам ину ҳам онаш.
Агар ҷавҳарфурӯшон баҳри савдо сӯи Ҳиндустон,
Баранд ин тӯҳфаро ё тоҷири дарё ба Шервонаш.
Зи рӯҳи Ҳусравам ояд дусад инсофу сад таҳсин,
Зи Хоқонӣ малолатҳо, ки кардан шарҳ натвонаш.
Ҳамеша токи дар маръои дашти дилкаши олам,
Раъият чун рама, султони одил ҳаст чӯпонаш.
Дар ин маръо раъият сад ҳазорон бод беш он навъ,
Ки ҳар якро бувад чокар ҳазорон хону қоонаш.

***

Муҳокаматул-луғатайн

Таълиф: **Амир Низомуддин Алишер Навоӣ**

Тарҷумаи: **Турхон Ганҷаӣ**

Бар асоси чопи Теҳрон, 1327 ш. /1948 м.

Ба кӯшиши: **Фарҳод Аҳрорӣ**

Бисмиллоҳир-Раҳмонир-Раҳим

Алҳамду лиллоҳи имтозал-инсона ало соирил-махлуқоти бишарафин-нутқи вал-лисони ва азҳара мин узубати лисониҳи ва ҳаловати баёниҳи суккараш-шукри ва шаҳдаш-шуҳуди вал-имтинони.

Эй Худое, ки ҷаҳонро ба воситаи калом офаридӣ ва инсонро дар ин миён маҳрами асрори худ сохтӣ ва аз ҷумлаи халқ ба шарафи нутқ баргузидӣ.

Субҳоналлоҳ! Ин чӣ қудратест, ки ба инсон бо мазмуни каримаи "Хаммарту тината одама бияди арбаъина сабоҳан"[13], сазовории "алламал-асмоа куллаҳо"[14]-ро дод ва ӯро мазҳари исми "ал-Мутакаллим" гардонид ва вай бад-ин шараф нисбат ба ҷамиъи махлуқот сарафроз гашт ва бад-ин ташриф аз ҷумла имтиёз ёфт.

Худои мутаъол онгоҳ, ки ҷаҳонро ба қудрати хеш офарид, мақсуди офариниш ҳамоно халқи инсон буд ва ғараз аз он низ халқи Расули акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳит-таййибин ва асҳобиҳит-тоҳирин ва саллама таслиман касиран касиран).

Сипос мар мутакаллимеро, ки булбули нутқаш бо тараннуми "ана афсаҳу"[15] забони фусаҳои арабро, ки гулбонги балоғат ба гулшани сипеҳр мерасониданд, бибаст ва овозаи даъвои ононро шикаст.

Онрӯз, ки ҳануз қалами сунъ одаму оламро рақам назада буд, вай аз хилқати худ дам зад ва садои "кунту набиян"[16]-ро дар дод.

Аммо баъд:

---

[13] Ишора ба ҳадиси қудсӣ "Хаммарту (хаммара) тината Одам бияди (биядиҳи) арбаъина сабоҳан", - Гили Одамро ба дасти худ чиҳил рӯз сириштам (сиришт). Ин ҳадисро аксари урафо ва мутасаввифа дар осорашон нақл намудаанд, барои мисол нигаред: "Фиҳи мо фиҳӣ; Нақдун-нусус фи шарҳи нақшил-фусус, Ҷомӣ".

[14]Бақара, 31: "Ва аллама Одамал-асмоа куллаҳо", - Худованд ҳамаи номҳоро ба Одам омӯхт.

[15] Ишора ба ҳадиси Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам): "Ана афсаҳул-араби...", - Ман аз ҳамаи араб (гӯётар ва) фасиҳтарам..., нигаред: "ал-Фоиқ фи ғарибил-ҳадис, Замахшарӣ; Шарҳуш-шифо, Мулло Алӣ Қорӣ".

[16] Ишора ба ҳадиси Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам): "Кунта набийян ва Одаму байнал-мои ват-тин", - Ман паёмбар будам, дар ҳоле, ки Одам ҳанӯз миёни обу гил буд. Ин ҳадисро аксари урафо ва мутасаввифа дар осорашон нақл намудаанд, барои мисол нигаред: "Футуҳоти Маккияи Ибни Арабӣ; Мақолоти Шамс; Тамҳидоти Айнул-қузот". Ба назари Носируддини Албонӣ ин ҳадис "мавзӯъ" (сохтаву дурӯғ) ҳаст.

Чунин чунин гӯяд хӯшачини аҳли такаллум ва амини махзани дурри самини сухан ва андалеби нағмасарои гулистони назм, аъни Алишери ал-мухаллас ба Навоӣ (ғафара зунубаҳу ва сатара ъуюбаҳу), ки дарёи дурри сухан дил аст ва махзани дил ҷомеъи маъонии ҷузву кулл, ҳамчунонки гавҳар аз дарё ба воситаи ғаввос ҷилва ва намоиш пайдо мекунад ва баҳои он ба нисбати гавҳар зоҳир гардад, дурри сухан низ аз баҳри дил ба воситаи марди сухандон ба шарафи гуфтор ороста шавад ва қимати он назар ба мартабааш интишору иштиҳор ёбад, чунонки баҳои дурру гавҳар низ ба нисбати кайфаш аз дирҳаме то садҳо динор фузунӣ гирад.

Чун ҷавҳареро барои дармони маразе хоҳанд, ҳазор мисқоли он дирҳаме наярзад,лекин баҳои дурри шоҳворӣ, ки сару гардани шаҳриёронро сазад, аз қиёси андеша берун аст. Танаввуъи сухан ҳам берун аз мизони таъаққул ва хориҷ аз дараҷаи тасаввур аст, чунонки сухане ҷон дар қолаби мурда дамад ва низ каломе муҷиби калолу малол гардад.

Мақоми гавҳари сухан чӣ волост, ки аҳли нутқ низ дар баёни қадри он нотавонанд, сухан сахиф, муҳлик ва масмум аст, ва сухани хуб кори дами масиҳо мекунад.

Бидуни муболаға агар аз тариқи иҷмол қадам бардошта шавад ва аз ҷониби ихтисор рақам задаояд, сухан бар ҳафтоду ду қисм мунқасим тавонад буд, ки далолат ба каломи ҳафтоду ду қавм мекунад, ба-дин тафсил, ки дар ҳафт иқлими рубъи маскун, кишварҳое бешумор бошад ва ҳар кишваре муштамил бар қасабот ва деҳоти чандест, ки дар кӯҳсорон ва даштҳову саҳории он тавоиф ва гурӯҳи саҳронишинон сокинанд. Алфози ҳар ҷамоате аз соирин ва ибороти ҳар тоифа аз дигар тавоиф мутафовит бошад ва бо хусусиёте чанд аз соирин мутамоиз.

Чунонки туюр ва вуҳуш ва сибоъи ҳар иқлиме низ соҳиби такаллум ва хурӯшу тараннум ва навои ғайримушобеҳ мебошанд. Вале чун мурод аз алфоз ва иборот маъонии он ва мақсуд аз махлуқоти мазбур, мазҳари маъонӣ ва баён яъне инсон аст, лизо сухан дар васфи ӯ ва калом марбут ба такаллуми вай мебошад.

Инак бар сари баёни сухан ва достони калом омадем. Сокинин ва мардуми билод ва қурову ҷиболу саҳориро, ки зикри он дар фавқ гузашт ва танаввуъ ва тағайюри он мазкур гашт, дар ин маъонӣ ва алфоз ба

василаи забон маҳсул мепайвандад ва аз он алфоз маъонӣ мафҳум мешавад. Ва аз ин миён забони арабӣ ба ойини фасоҳат мумтоз аст ва ба тазйини балоғат муъҷизатироз, ки дар ин боб ҳеҷ аҳли такаллум ва сидқу таслимеро маҷоли даъвое нест, зеро ки каломи муъҷизнизоми Малики Аллом (ҷалла ва ъало) ба ин забон нозил ва аҳодиси саъодатанҷоми Расул (алайҳис-салоту вас-салом) ба ин лафз ворид шуда ва авлиёи кибору машоихи олимиқдор (қаддасаллоҳу сирраҳум) ҳақоиқ ва маъориферо, ки баён фармуда ва маъонии зеборо ба либоси тақрир фурӯпӯшонидаанд, ҷумла ба ин иборати фархунда ва алфозу ишороти хуҷастасурат вуқуъ ёфтааст. Дар он равзаи рӯҳафзо чӣ назорат[17] ва дар он гулшани дилосо чӣ назоҳатест, ки боғбони он бо ояи каримаи “Ва анзално минал-муъсироти моан саҷҷоҷан, линухриҷа биҳи ҳаббан ва наботан, ва ҷаннотин алфофан”[18] такаллум мекунад ва андалеби хушнавояш бо баёни нубувват ва нағмаву алҳони рисолат суруд мехонад.

Баъзе аз туюри мазкур бо адои “лав кушифал-ғитоу ма-здадту яқинан”[19] тараннум мекунад ва соири мурғонаш аз изҳори вилоят ва осори ҳидоят, навои иршодойин ва садои рашодатталқин изҳор мекунад.

То боғи ҷаҳон боқист, дарахтонаш сарсабз ва булбулони он ғазалхон бод!

Аммо баъд, се навъ забон аст, ки аслисту муътабар ва ибороти ин алсина ба адои қоилаш зинату зевар, ва фурӯъи ҳар як бисёр аст. Туркӣ ва форсӣ ва ҳиндӣ маншаъ ва асоси забонҳост, ки нисбаташ ба писарони Нуҳ (салавотуллоҳи алайҳ) Ёфис ва Сом ва Ҳом мерасад ва тафсили ин муҷмал онки чун Нуҳ аз ташвири туфон наҷот ва аз маҳлакаи он ҳаёт ёфт, дар маъмураи ҷаҳон аз ҷинси башар осор ва аз навъи инсон намудоре бар ҷой намонда буд, Ёфисро, ки таворих Абуттуркаш хонанд,

---

[17] Тозагӣ, хуррамӣ, шодобӣ.

[18] Сураи Набаъ, 14-15: “Ва аз абрҳои мутароким ва боронзо обе резон нозил кардем, то ба василаи он донаву гиёҳ бирӯёнем”.

[19] Фармудаи Алии муртазо (каррамаллоҳу ваҷҳаҳу), тарҷумаи манзум:
Ҳоли хулду ҷаҳим донистам,
Ба яқин ончунон ки мебояд.
Гар ҳиҷоб аз миёна бархезад,
Дар яқин заррае наяфзояд.
Нигар: “Матлуби кулли толиб мин каломи амир-ил-муъминин Алӣ ибну Абитолиб, Рашидуддини Ватвот, нусхаи шумораи 2789, Мактабатул-Малик Абдулазиз ал-омма, Риёз”, ва низ нигар: “Фиҳи мо фиҳӣ; Шарҳи шатҳиёт; Мақолоти Шамс; Тамҳидот; Мирсодул-ибод”.

бар мулки Хуто гусел дошт ва Сомро, ки Абулфурсаш нависанд, волии мулки Турон ва Эрон гардонид ва Ҳомро, ки Абулҳинд аст, ба билоди Ҳиндустон фиристод ва авлоду атбоъи ин се паёмбарзода дар мамолики мазкур раҳли иқомат афкананд ва таволуду таносул намуда, рӯ ба издиёд гузоштанд. Ёфис, ки Абуттурк буд, ба иттифоқи аҳли таърих, ба тоҷи нубувват сарафроз ва бо мансаби рисолат аз дигар бародарон мумтоз бошад.

Сипас туркиву форсӣ ва ҳиндӣ дар миёни авлоду атбоъи онон шуюъ ёфт.

Чун Ҳом нисбат ба Нуҳ (алайҳис-салом) тариқи исоаи адаб ихтиёр кард, Нуҳ дар бораи вай ба забони муборак нафрин кард ва аз он сабаб ранги сафеди ӯ ба сиёҳӣ мубаддал гашт ва дар такаллуми ин тоифа шикастагӣ зоҳир омад ва аз ҳиляи фасоҳат ва балоғат орӣ монд ва ранги авлоду атбоъаш, ки ҳиндувонанд ҳамчун варақи машқи кудакони сабақхон шабрангу қиргун шуд ва забонашон низ ҳамчун қалами саршикастаи атфол, адое муғойири таҳрир ёфт ва аз зевари тақрир оҷизу забун монд. Ҳеч ҳиндуе нест, ки дар мақоми таҳрир рӯйи варақро бо сиёҳӣ мураккаб ҳамчун сурати худ тира нанамояд ва ҳамчун лисони худ бо забони шикастаи қалам таҳрир кунад. Рақами ин саҳоифро низ ғайр аз худ касе хондан натавонад ва он асари пойи кулоғро ғайр аз аҳли он савод касе нахонад ва дарнаёбад.

Хулоса онки забони арабӣ барои баёни мақол ва каломи мутаъол ва ҳиндӣ барои адои аботил ва ёваву сарсом аст. Он як ба воситаи ғояти шараф ва улувви манзалат ва он дигар ба ҷиҳати нуҳусат ва пастимартабат аз мавзӯъи сухани мо берунанд, баҳси мо роҷеъ ба адои мақсуд ба алфози туркӣ ва маънои калом ба иборати форсӣ ихтисос дорад:

Бояд донист, ки турк аз аҷам тезфаҳмтар ва баландидроктар ва аз лиҳози хилқат софитар ва пок халқ шуда ва аҷам аз турк аз ҷиҳати таъаққул ва илм дақиқтар ва аз ҳайси камол ва фазлу фикрат амиқтар ба зуҳур омадааст ва ин ҳол аз сидқу сафо ва ҳусни нияти туркон ва аз илму фунун ва ҳикмати форсиён пайдост. Лекин дар боби забони ин ду тоифа, аз ҳайси камолу нуқсон тафовути фоҳиш мавҷуд аст. Дар вазъи алфоз ва иборот, турк бар аҷам фоиқ аст, ва дар алфози худ ишорот ва дар иборот мазоёе дорад, ки дар ҷойи худ иншоаллоҳ мазкур хоҳад афтод. Низ дар боби фузунии балоғати табъи турк бар аҷам далеле возиҳтар ва шоҳиде

росихтар аз ин нест, ки ихтилот байни мардумони ин ду тоифа аз марду зан ва хурду калон алас-савия (баробар) ҳаст ва дар миёни форсиён аҳли табъу дониш ва зумраи илму биниш зиёдтар ва бо онки дар миёни атрок аҳли дониш камтар аст, туркон аз ҳар табақае, ки бошанд, аз забони форсӣ баҳра доранд. На танҳо ба форсӣ муносиби ҳоли худ сухан мегӯянд, балки баъзе аз ин тоифа бо фасоҳат ва балоғати ҳарчӣ тамомтар аз уҳдаи баёни матолиби дақиқ ҳам бармеоянд. Ҳатто шуарои турк ба забони форсӣ ашъори рангину гуфтори ширин месароянд. Вале ҳеч як аз форсиён аъам аз оливу донӣ ва бедонишу донишвар ба туркӣ сухан гуфтан натавонанд ва аз фаҳми маънои ончӣ ба туркӣ баён карда шуд низ дармонанд. Агар аз сад, бал аз ҳазор яке ин забонро фаро гирад ва сухан гуфтан оғозад, фил-фавр форсизабон будани он шахс зоҳир гардад ва мутакаллим ба забони худ эътироф ба расвоии худ ҳамекунад. Ба мулоимати табъи туркон аз ин бузургтар далеле натавонад буд ва кас акси ин қазияро иддиъо натавонад кард.

Забони туркӣ дар баён ва адои маъонӣ нисбат ба форсӣ васеътар ва тавонотар аст, зеро ки возеъи алфоз дар вазъи нукот ва мафҳумоти ҷузъӣ дақоиқе ба кор бурда, ки то аз тарафи соҳибвуқуфе боз гуфта нашавад, маънои он возеҳ нахоҳад буд.

Масалан барои баёни дақоиқ ва нукоте, ки дар сад калимаи зер мундариҷ аст, ба форсӣ калимае мавҷуд нест, ва форсизабонон аз дарки ин маъонӣ маҳруманд. Барои тафҳими маънонии ин луғот ба онон, ногузир аз ироди (овардани) ҷумалоти дурудароз хоҳем буд, он ҳам ба ёрии калимоти арабӣ:

Қувормоқ: дар асари гузашти замон таровату рангу бӯйи худро аз даст додан.

Қуруқшамоқ: зиёда аз ҳадд тарсидан.

Ушормок: хурд кардан, кучак гардонидан.

Ҷийҷаймоқ: ?

Ӯнгдаймоқ: суъуд ва таъол, боло рафтан.

Чекримак: танаффур ва ба истилоҳи имрӯз завқзада шудан, паридани хоб аз сар.

Дӯмсаймоқ: рӯй турш кардан.

Умонмоқ: ҳавас ва орзӯ дар дил гирифтан, умедвор будан.

Ӯсанмоқ: дилгир шудан.

Игирмак: иҳота кардан ва ба ҳаракат даровардан.

Эгормак: дунбол ва таъқиб кардан.

Ӯхранмақ: дар ҳангоми додани алаф садо даровардан (дар мавриди асп).

Ториқмоқ: андӯҳ ёфтан ва дилтангу беҳавсала шудан.

Алдамоқ: дурӯғ гуфтан ва фиреб кардан.

Арғадамоқ: ба ҳаракат даровардан, такон додан.

Ишанмоқ: имон овардан, эътимод кардан.

Игланмоқ: шухӣ кардан.

Айланмоқ: тавоф кардан.

Эрикмак: дар коре пешдастӣ кардан.

Игранмак: нафрат кардан.

Овунмоқ: тасаллӣ ёфтан.

Қистамоқ: таҳти тазйиқ қарор гирифтан.

Қийнамоқ: шиканҷа додан ва маломат кардан.

Қӯзғалмоқ: ба ҷунбиш даромадан.

Соврулмоқ: андохта шудан, ба василаи як нерӯи хориҷӣ паридан ва ҷастан.

Чайқалмоқ: такон хӯрдан ва ба ҳаракат даромадан.

Девдашмоқ: ?

Қийманмоқ: ба ҷунбиш даромадан.

Қизғанмоқ: рашк бурдан.

Никамак: бо изҳори алоқа ва таваққуъ касеро безор ва нороҳат кардан.

Сийланмоқ: пазирой шудан.

Танламоқ: сарзаниш кардан, таъаҷҷуб кардан.

Қимирдамоқ: ба ҷунбиш даромадан.

Серпамак: афшондан ва пошидан.

Сирмамак: бо даст рабудан, ба чанг овардан, тасарруф.

Канoркамак: мунташир кардан ва баст додан.

Сиғриқмоқ: халосӣ ёфтан ва гурехтан.

Сиғинмоқ: паноҳ овардан.

Қилимоқ: бар хилофи майл мунҳариф шудан.

Ёлинмоқ: рушноӣ додан, тазарруъ кардан.

Мунгланмоқ: музтариб будан ва бо овоз нолидан.

Индамак: нидо додан, ишорат додан.

Тергамак: ба дунболи ҳам радиф кардан.

Теврамак: парвариш додан.

Қингғаймоқ: зӯза кашидан.

Шиғалдамоқ: садо даровардан.
Синграмоқ: ба оҳистагӣ аз дард нолидан.
Яшқамоқ: бо ишороти даст таҳдид ба зарб кардан.
Исқармоқ: ба ёд овардан.
Кўнгранмоқ: лунд-лунд (ғур ғур) кардан.
Сухранмоқ: зери лаб бо хашм сухан гуфтан.
Сийпамоқ: навозиш кардан.
Қораламоқ: ба ранги сиёҳ даровардан.
Сурканмоқ: ?
Куйманмак: қасди сохтани чизеро кардан.
Ингранмоқ: аз дард нолидан.
Тушалмак: риё кардан ва мунофиқ гаштан.
Мунғаймоқ: андӯҳгин шудан.
Танчиқамоқ: ғарқи ҳайрат шудан.
Танчиқолмоқ: мавриди ҳайрат қарор гирифтан.
Кӯруксамак: орзӯи дидори касеро доштан.
Бушурғанмоқ: сахт хашмгин шудан.
Бухсамоқ: ба ҳоли иғмо даромадан ва зор зор гиристан.
Киркинмак: ба чапу рост тилав тилав хӯрдан.
Суқадамак: бузург доштан.
Бусмоқ: аз ҳам пошидан ва гурехтан аз муқобили душман.
Бурмак: печидан ва то кардан
Турмак: “”.
Томшимоқ: маза маза кардан ва ҷуръа ҷуръа нӯшидан.
Қаҳамоқ: иҳота кардан.
Сипқормоқ: ло-ҷуръа ба сар кашидан (ба як бор нӯшидан).
Чичаркамак: нақшу нигор сохтан.
Журканмак: дар миён гирифтан.
Ўртанмак: шуълавар шудан.
Сизғурмоқ: сут задан.
Гурпаклашмак: чун хурдсолон шудан.
Чупрутмоқ: анбӯҳеро якояк парокандан.
Жирғамоқ: ба хушӣ зистан.
Бичимоқ: дарав кардан.
Қиқзанмоқ: инод варзидан.
Сингурмак: ҳазм кардан.
Кундалатмак: дар гӯштӣ пой ба яке фишурдан ва касеро барандохтан.

Кумурмак: дандон задан.
Йигирмак: устувор сохтан.
Кунгурдамак: суст шудани бадан.
Кинаркамак: мунташир кардан.
Кезармак: ҳолати зарб ба худ гирифтан, вонамуд ба задан кардан.
Дуптулмоқ: лабрез шудан.
Чидамоқ: таҳаммул ва сабр кардан.
Тузмак: сохтан ва пардохтан.
Қозғанмоқ: ба даст овардан.
Қичиғламоқ: таҳрик кардан ва қилқилак додан.
Гангирамоқ: моту ҳайратзада фурӯ мондан.
Ядамоқ: хаставу куфта шудан.
Қадамоқ: мехкубӣ кардан.
Чиқанмоқ: зердасту ёла шудан.
Кундурмак: ?
Сундурмак: куштани оташ.
Суқлатмоқ: бар сари завқ ва иштиҳо овардан.

Дар забони туркӣ луғоте аз ин қабил бисёр аст. Дар боби баъзе аз ин калимот тааммул меварзем, то хасмро маҷоли эътироз намонад ва соири калимот низ ба ҳамон наҳв қиёс шавад.

Шуарои бузург дар васфи май муболаға мекунанд ва нишон додани зарофат ва риққат дар ин боб муътаддун биҳии шеър аст. Дар ин боб дар туркӣ калимаи “сипқармоқ” ба кор меравад, ки калимае ба-дин зебоӣ натавонад буд, дар назми туркӣ матлаъи зайл мавҷуд аст:

Соқиё, тут бодаким, бир лаҳза ӯзумдин борай,
Шарт буким, ҳар неча тутсанг лабо-лаб сипқарай.

(Соқӣ май биёру бигзор каме аз худ бехуд шавам, ҳар ончӣ дар маймонаи мо май ниҳӣ, бедиранг ва ло-ҷуръа бинӯшам).

Ё лал-ъаҷаб! Чун хоҳанд ба форсӣ фавқро адо кунанд, чӣ мекунанд?

Ва боз дар ин маврид калимаи “томшимоқ”, ки хӯрдани шаробро бо тааммул ва тааннии ҳарчӣ тамомтар, чунонки дар ҳар ҷуръае пай баландаш баранд, гӯянд. Ин маънии латиф дар матлаъи зер омадааст:

Соқий чу ичиб, манга тутарқӯш,
Томший томший ани қилай нӯш.

(Соқӣ чун бодае дубора бар ман диҳад, онро бо тааннӣ ва ҷуръа ҷуръа менӯшам).

Ва барои баёни лафзи “бухсамоқ” дар туркӣ матлаъи зайл сурӯда шудааст:

Ҳаҷри андуҳида бӯхсаб мен, била олмон нетай,
Ман илоҷим дур қӯпуб, дайри фаноға азм этай.

(Бо андӯҳи фироқ, гиряро сар медиҳам ва намедонам чӣ кунам, дармони ин дард танҳо майи ноб аст, бархезаму роҳи майкада пеш гирам).

Туркони порсигӯ аз уҳдаи адои ин мафҳум чӣ сон бармеоянд?

Бинову мадори шеър бар рӯйи ишқ қарор гирифтааст ва ошиқонро ҷуз надбаву зорӣ коре набошад. Дар ин амр низ анвоъ ҳаст:

Шоири турк барои адои калимаи “йиғлосинмоқ” чунин гӯяд:

Зоҳид ишқин десаки, қилғай фош,
Йиғламсинур у кӯзига келмас ёш.

(Зоҳид чун хоҳад моҷарои ишқи худро шарҳ диҳад, гарчӣ худро чун гиряндагон намояд, вале ашк дар чашмаш ҳалқа намезанад).

“Инграмоқ” ва “синграмак” ниҳонӣ ва оҳиста аз рӯйи дард гиристан бошад. Байни ин ду луғат андак тафовуте ҳаст:

Истасам давр аҳлидин ишқингни пинҳон айламак,
Кечалар гаҳ инграмакдур одатим, гаҳ синграмак.

(Хоҳам, ки ишқи туро аз ҳар кас пинҳон дорам, аз ин рӯ шабҳо корам оҳу зорӣ ва гиря аст).

Шоири форсизабон аз адои ин маъно низ оҷизу дармонда аст.

Калимаи “сиқтамоқ” бисёр гиристан бошад:

Ул ойки, кула-кула қироғлатти мени,
Йиғлатти мени демайки, сиқтатти мени.

(Моҳи ман бо чеҳраи хандон, мӯйи сарамро сапед кард ва маро нолону гирён сохт).

Шоири форсизабон барои баёни ин мавзӯъ ба чӣ чорае тавассул хоҳад ҷуст?

Ба садои баланд гиристанро ба туркӣ “укурмак” гӯянд. Дар ин маъно ин матлаъ омадааст:

Ишим тоғузра ҳарён ашк селобини сурмакдур.
Фироқ ошубидин ҳар дам булутянглиғ ӯкурмакдур.

(Бар сари кӯҳсорон ашки чашмро чун селоб фурӯ мерезам ва аз сари дарду ҳиҷрон ҳамчун абри баҳор ҳой-ҳой мегирям).

Чун калимае, ки битавонад ин мафҳумро дар форсӣ бирасонад мавҷуд нест, шоири форсизабон аз баёни ин мафҳум низ дархоҳад монд.

Низ дар ҳамин мақом калимаи “инчкирмак” мавҷуд аст ва он ба садо ва оҳанги тез гиристан бошад. Шоири турк ин мафҳумро бад-ин тарз баён мекунад:

Чарх зулмида бӯғзумни қириб йиғлар мен,
Игирур чарх (киби) инчкириб йиғлар мен.

(Ман ба ҷаври фалак сари таслим хам кардаву дар андӯҳ ва ҳасрат, гиряву зорӣ мекунам).

Гарчӣ форсӣ забонон низ дар ба кор бурдани калимоти ҳой-ҳой дар мақоми гиристан бо туркон шариканд, вале бояд донист, ки асли ин калима туркист ва дар ин боб мақтаъе заъиф машҳур аст:

Навоий, ул гул учун ҳой-ҳой йиғлама кӯп,
Ки ҳайдегунча не гулбун, не ғунча, не гул бор!

(Эй Навоӣ, баҳри он гул чунин ҳой-ҳой гиря накун, ки то чашм бигардонӣ асаре аз гулбун ва ғунчаву гул барҷой нахоҳад монд).

Боз ду калимаи “қимсанмоқ” ва “қизғанмоқ” аз дақоиқи калимоте аст, ки дар ин байт омадааст:

Узорингни очарга қимсанурмен,
Вале эл кӯрмагига қизғанурмен.

(Гарчӣ муштоқи дидори рӯйи туам, вале аз нигоҳ кардани дигарон гирифтори ҳасаду рашк мегардам).

Ба форсӣ “текин”-ро хор гӯянд ва калимае, ки битавон “чукур”-ро, ончӣ дар пойи дили ошиқон халад, бирасонад, нест:

Чӯкурларким, сенинг йӯлунгда тевролмиш аёғимга,
Чекибул кӯй гардин сурма тор тармен қароғимга.

(Хори мағелонеро, ки дар роҳи висол бар поям фурӯ рафта, берун кашидаву ба хоки кӯят олуда ҳамчун сурма ба дидагон мекашам).

Дар тариқи ишқ чу ошиқе аз дур ба маъшуқи худ расад, бо нигоҳҳои маҳзун ба тазарруъ оғозидан муносиби ҳолу мақом бошад. Барои адои ин маънои латиф дар туркӣ “тилурмак” гӯянд ва назирашро дар форсӣ натавон ёфт:

Тӯкадур қонимни ҳар дам кӯзларинг боқиб туруб.
Ким, неча юзумга боққай сен йироқдин телмуруб.

(Чашмони ту хуни маро мехӯрад, ки чаро аз дӯр ба ҳоли тазарруъ ва сукут бар ман менигарӣ).

Дар форсӣ калимоти ороста ва ороишро дар муқобили “ясанмоғ” ба кор баранд, вале барои адои калимаи “безанмак” лафзе мавҷуд нест ва калимаи “безанмак” дар мақоми муболағаи “ясанмоғ” ба кор меравад.

Эрур бас чу ҳусну малоҳат санга,
Ясанмоқ, безанмак не ҳожат санга?

(Ин ҳусну малоҳате, ки туроcт кофист, туро бо ороишу пироиш чӣ кор?).

Дар забони туркӣ байни абрӯ ва чашми хубонро “қабоғ” гӯянд, ки дар форсӣ калимаи муносиб натавон ёфт. Дар васфи моҳрӯе чунин омада:

Менгизлари гул-гул, мижалари хор,
Қабоғлари кенг-кенг, оғизлари тор.

(Рухонаш ҳамчун гул, мижгон чун хор, миёни чашму абрӯ васеъ ва танг даҳон).

Боз дар мақоми ишқу ошиқӣ, ашкрезии ошиқонро бо оҳу дами гарм боз гӯянд. Туркигӯён дар ин маврид “оҳ”-ро ба “элдирим” ва нафасро ба “чоқин” ташбиҳ кардаанд. Форсизабонон барои ин ду мафҳуми бориз ва

муҳим калимае надоранд. Дар ин маврид ҳамчунон соиқаву барқ истеъмол мешавад:

Фироқинг ичра улус ўртамакка, эй моҳим,
Чоқин дурур дамиму илдирим дурур оҳим.

(Дар ғами ҳиҷронат эй дӯст, барқи оҳу шарораи нафасам оташ ба ҷаҳон зада...).

Туркон холи бузургро “менг” гӯянд, ки боз дар форсӣ калимае нест:

Анингким, олэнгинда менг яратти,
Бўйи бирла сочини тенг яратти.

(Худое, ки бар рухсораи нигорам холе офарида, қаду болову зулфони ӯро ҳамоҳанг халқ кардааст).

Агар хоҳем нақоисеро, ки дар забони форсӣ мавҷуд аст, яко-як бозгӯем сухан ба татвил анҷомад.

Барои аҳли табъу адаб равшан ва бар фусаҳову булағо возеҳ ва мубарҳан аст, ки таҷнис ва иҳом рукни аъзами шеъру шоирист. Дар ибороти фархунда ва ишороти хуҷастаи туркӣ, калимоте, ки дар мавриди таҷнис ва иҳом ба кор ояд ва зебу зинати калом гардад, зиёда аз он аст, ки дар форсӣ мавҷуд аст. Чунонки калимаи “от” ба маънои ном ва асб ва амри ҳозир аз масдари “отмоқ” (андохтан) бошад.

Чун парию ҳур дур отинг, бегим,
Суръат ичра дев эрур отинг, бегим,
Ҳархадангиким, улус андинқочар,
Нотавонжоним сари отинг, бегим.

(Номи ту париву ҳурист, асби ту дар чобукӣ девро монад, хадангеро, ки ҳар кас аз он мегурезад, бар ҷони нотавони ман фурӯ кун (бияндоз)).

Ин ду байт ва назоираш, ки таҷниси том аст, хоси шуарои туркзабон аст, ки назири онро дар форсӣ натавон ёфт ва онро “туюғ” гӯянд ва таърифи он дар Мизонул-авзон омадааст.

Калимаи “ит” низ дорои се маъно мебошад:

Эй рақиб, ўзни анга тутсангҳам ит,
Бизга раҳм айлаб анинг кўйидин ит.
Гарчи бор дўзахча ишқинг шуъласи,
Бизни ўз илгинг била ул сори ит.

(Эй рақиб, агар худро дар кӯйи ёр саги он моҳрӯ медонӣ, ба ҳоли мо низ тараҳҳуме кун ва моро дар он макон роҳ деҳ, ҳарчанд оташи ишқ дӯзахро ба ёд меоварад, боз моро дар он гулшан роҳ деҳ).

“Туш” низ ҳамчунон дорои се маъност. “Ён” ва “ёқ” низ ҳамин ҳолро дорад. Аз ин навъ алфоз, ки дорои маъонии мутааддид бошад, дар забони туркӣ афзун аз ҳадду ҳаср аст.

Алфозе ҳам, ки дорои чаҳор маъно бошад тавон ёфт, масалан лафзи “бор”, ва калимоте, ки дорои панҷ маъно бошад низ мавҷуд аст, мисли: “соғин” ва калимаи “туз”, ки метавон чанд маъно аз он ирода намуд: Тир ва найзае, ки рост бошад, росту ҳамвор ва марди дуруст. Амри ҳозир аз масдари “тузмок” (танзим) ва ба маънои тавофуқ байни ду шахс низ омадааст ва низ дар мавриди тартиби асбоби маҷлис ҳам гуфта мешавад.

“Кук” низ дар чандин маъно истеъмол мешавад: Осмон, оҳанг, амри ҳозир аз масдари “кукламок” (дӯхтан), сабза ва ғайра.

Аз ин навъ алфоз, ки дорои севу чаҳор ва бештар маъно бошад, дар туркӣ бисёр тавон ёфт, ки дар форсӣ ба андозаи он нест.

Дар қавофии маъруф ва маҷҳули вовӣ ва ёйӣ, ки дар ашъори форсӣ ба кор меравад, беш аз ду ҳаракат мавҷуд нест.

Мисол барои вовӣ: худ, дуд, зур, нур.

Мисол барои ёйӣ: пир ва шер.

Вале дар алфоз ва калимоти туркӣ ҳаракати маъруф ва маҷҳул бар чаҳор навъ аст:

Мисол барои навъи вовӣ:

Ут: оташ.

Ут: мурур.

Ут: амри ҳозир аз феъли “утмоқ” (бурдан дар қимор).

Ут: амри ҳозир аз феъли “утмак” (ҷиҳати изолаи мӯй муқобили оташ доштан).

Мисоли дигар:

Тур: дом.

Тур: болои маҷлис.

Тур: дарахте, ки бар болои он мурғон нишаста бошанд.

Мисол барои навъи ёйӣ:

Биз: ғудда.

Биз: мо ва наҳну.

Биз: дарафш.

Мисоли дигар:

Тир: амри ҳозир аз феъли “тирмак” (чидан).

Тир: ирқ ва хӯй.

Тир: Тир.

Аз навъи ёйӣ: Барои калимоте, ки ба се ҳаракат мутаҳарриканд, мисолҳои фаровон метавон зикр кард.

Барои вусъати иборат ва суҳулат дар қофия дар туркӣ байни ҳуруфи “алиф” ва “ҳо” муносибат ва мушоракате ҳаст. Бад-ин маъно, ки алфози махтум ба “алиф”-ро бо калимоти махтум ба “ҳо” метавон қофия овард. Чунонки калимоти оро ва саро ва даро бо сара ва дара метавон дар қофия зикр кард. Ҳамчунин ядо бо садо ва бода ҳамқофия мешаванд.

Ин ширкат ва муносибат байни “вов” ва “замма” низ мавҷуд аст, чунонки лафзи “эрур” бо калимоти ҳур ва дур метавонад ҳамқофия бошад ва бо зарур ва ғурур низ муқаффо ҳаст.

Ин мушоракат байни “ё” ва “касра” низ мавҷуд аст, чунонки оғир ва боғир бо калимоти содир ва қодир қофия ҳастанд, ҳамчунин таъбир ва таъхир.

Забони форсӣ аз ин суҳулатҳои шеърӣ низ маҳрум ва бенасиб аст.

Возиъини ин алфоз мазомини бадиъе ба вуҷуд овардаанд, ки дар ҷойи худ бо зикри амсила гузашт.

Дар туркӣ ба ғизову таъом “йикукук” гӯянд, вале аксари мардуми форсизабон, бал тамоми онон хӯрдан ва нӯшидан ҳардуро бо масдари хӯрдан баён мекунанд.

Дар форсӣ “бародар” аъам аз кӯчак ва бузург аст.

Туркон бародари бузургро “оға” ва бародари кӯчакро “ини” гӯянд ва калимаи “хоҳар” низ чун бародар аъам аз кӯчак ва бузург бошад. Ба туркӣ дар мавриди хоҳари бузург лафзи “эгачи” ва дар мавриди кӯчак “сингил” гӯянд. Ва туркон ъамро (амакро) “абоға” ва дойиро “тағоӣ” гӯянд, ки дар форсӣ барои ин ду маъно калимае мавҷуд нест. Ҳамчунон лафзи “ъам” ва “хол”-и арабиро дар ин мақом ба кор мебаранд.

Ва калимаи “кӯкалтош”-ро ба туркӣ баён кунанд, ва ҳамчунин аст калимаи “атка” ва инки онро ба туркӣ адо кунанд, масалан: Тунглук ва

узук ва турлуғ ва босруғ ва ҷиғ ва қанот ва кузанак ва увуғ ва боғиш ва бусоға ва эркина ва ала ҳазал-қиёс.

Шикори мурғу ҳайвон, ки дар одобу русуми салотин ду амри алоҳида ҳаст, ҳарду ба форсӣ шикор гуфта мешавад.

Дар шикор муҳимтар аз ҳама шикори оҳуст, ки нарашро ба туркӣ “ҳуна” ва модаашро ҳам “қилчоқчи” гӯянд. Нари “суйқун”-ро “буғу” ва модаашро “марал” гӯянд, ки форсизабонон ҷуз оҳуву гавазн чизе нашносанд.

Мушкилтарин анвоъи шикор, шикори хук аст. Ба туркӣ нари онро “қобон” ва модаашро “мегачин” ва баччаашро “чурпа” гӯянд. Ин ҳамаро ба форсӣ хук ё гуроз гӯянд.

Ва аммо мурғон, ки машҳуртарин анвоъи он “илбосун” яъне урдак аст, нарашро туркон “сӯна” ва модаашро “бурчин” хонанд, ба форсӣ луғате дар ин боб вазъ нашуда, аъам аз модаву нар ба исми мурғобӣ хонда мешавад.

Низ анвоъ ва ақсоми урдак, ки дар назди аҳлаш маъруф аст ва аз он ҷумла ҷурка, эрка, суқтур, олмабош, чоқирқанот, темурқанот, алдалдаға, алапука, боғчол, ки ба ҳафтод навъ болиғ аст. Дар форсӣ ҷуз таркиби мурғобӣ (мурғ+об) лафзе дар баробари ин ҳама мавҷуд нест ва чун хоҳанд анвоъи онро аз ҳам тамйиз диҳанд, луғати туркиро истеъмол кунанд.

Анвоъи асбро низ тубучоқ, арғумоқ, яка ва ёбу ва тоту, ҳамаро ба туркӣ гӯянд. Аксари синини асбро низ ба туркӣ гӯянд, танҳо калима “кура” дар форсӣ мавҷуд аст. Дақоиқеро, масалан: той, ғунан, дунан, тулан ва чирға ва ланға, ба туркӣ адо кунанд ва ағлаби форсизабонон ин калимотро низ намедонанд.

Гарчӣ калимаи “зин” дар форсӣ вуҷуд дорад, вале аксари лавозими асб, аз он ҷумла: қибилкир, ҳано, туқум, қазлиғ, уларчоғ, ғанҷуға, қилбур, қушқун, қантар ва туфак ва туқаро ба туркӣ гӯянд.

Лафзи тозиёна дар форсӣ мавҷуд аст, вале тамоми калимоти марбут ба олоту адавоти ҷанг ва диловарӣ ба туркӣ гуфта мешавад, масалан: қиба, ҷавшан, кӯҳа, қогандуруқ, қорбичи, кечим ва оҳа. Ва асомии либос низ, аз он ҷумла: дастор, қалпоқ, наврӯзӣ, туппӣ, ширдоғ, дакла, ялак, ёғлиғро ба туркӣ гӯянд.

Аз гӯштҳои хӯрданӣ гарчӣ ба баъзе аз аъзои гусфанд луғате вазъ шуда, вале орқа, ошуғлуғ илик, ён сунгак, қобурға, илик, урта илик ва бӯғузлағуро ба туркӣ гӯянд.

Ва ҳамчунин аз маъкулот ва машрубот: Қаймоғ, татмоҷ, умоч, кумоч, толқон, қатлама, буламоғ, қурут, улоба, манту, қуймоғ, уркамоҷ, қимиз, сузма, бохсум ва бӯза.

Агар хоҳем бо ин ҷузиёт машғул шавем, сухан ба татвил анҷомад ва инак мухтасаре аз қавоиди сарфу наҳвро бозгӯем.

Дар абвоби афъоли арабӣ бобе ба номи муфоъала мавҷуд аст, ки агарчӣ лафзан як калима аст, вале феъли муштамил бар коре аст, ки аз тарафи ду шахс анҷом дода шудааст. Монанди муораза, муқобала ва мушоара ва муколама ва ин худ бобе мустақил дар сарфи арабӣ аст.

Форсигӯён бо вуҷуди даъвои фасоҳат ва балоғат аз фавоиди ин боб ва ин тарзи адо бит-тамом маҳруманд, вале булағои турк, бо изофаи ҳарфи шин ба ҷавҳари масдар, ин мақсудро ба наҳви аҳсан бармеоваранд.

Чунонки “чопишмоқ” ва “топишмоқ” ва “қучушмоқ” ва “упушмак”, ва ин як лафзе шоеъ ҳаст.

Возиъини ин лафз дархӯри ҳама гуна таҳсин ва ҷойи таслиманд, ки адоте бас некӯ сохтаанд ва ба воситаи ҳамин низ руҷҳони фусаҳои турк бар форсизабонон маълум ва мубарҳан мешавад.

Низ дар истилоҳи сарфи арабӣ афъоли думафъулӣ вуҷуд дорад, ки далолати маъноии он низ бас муҳиму муътабар аст, форсиён аз ин як низ маҳруманд. Дар туркӣ ин мақсуд ба ваҷҳе аҳсан бароварда мешавад. Дар арабӣ гӯянд: “Аътайту Зайдан дирҳаман”, туркзабонон танҳо ба воситаи иловаи ҳарфи “то” ба охири ҷавҳари масдар, ин мақсудро ваҷизтар адо кунанд: югурт, қилдурт, яшурт ва чиқарт.

Боз туркон барои баёни мансаб ва ё пеша ва ё ҳунари шахсе, ба охири калимот “чӣ” изофа мекунанд, дар форсӣ ин адот мавҷуд нест ва онон низ дар ин мақом мутавассил ба ин адот шуданд:

Қурчӣ, сувчӣ, хизоначӣ, ярокчӣ, чавгончӣ, найзачӣ, шакарчӣ, юртчӣ, шилончӣ, ахтачӣ, қушчӣ, борсчӣ, қуруқчӣ, тамғачӣ, ҷибачӣ, ёрғачӣ, ҳалвочӣ, кемачӣ, қуйчӣ, қозчӣ, қувчӣ, турначӣ, кийикчӣ ва товушқончӣ.

Низ дар туркӣ адоте аст, ки далолат мекунад бар ончӣ касе амалеро анҷом надода бошад ва хоҳад, ки худро анҷомдода нишон диҳад. Мисол: борғудек, ёрғудек, кулгудек, билгудек, айтқудек, қайтгудек, урғудек ва сурғудек. Забони форсӣ аз ин як низ маҳрум аст.

Дар забони туркӣ бо изофаи ҳарфи “ҷим” дар авохири афъол, маънои шитобу аҷала мафҳум мегардад. Ин як низ ҳамчунон дар забони форсӣ нест: тегаҷ, айтгаҷ, борғоҷ, ёрғоҷ, топқоч ва сотқоч.

Низ бо иловаи ҳарфи “ро” ба охири баъзе калимот, муболаға ва саъй ирода шавад: билакӯр, қилакӯр, кетакӯр ва етакӯр.

Низ барои нишон додани муболаға дар сифат, ва бил-ахасс дар рангҳо ҳарфи “п” ва ё “мим”-ро ба ҳарфи аввали калимот афзуда ва баъд худи калимаро зикр кунанд: оп-оқ, қоп-қора, қип-қизил, сап-сариғ, юп-юмалоқ, яп-ясси, оп-очуғ, чуп-чуқур. Ва амсилаи ин маъно бисёр аст.

Мисол барои “мим”: кӯм-кӯк, ям-яшил, бӯм-бӯз.

Низ бо афзудани ҳарфи “вов” ва “лом” ба охири калимот сифоти махсусе ба зуҳур мерасад, ки дар олоти базм ва разм ва соири хадамоти салотин аҳаммияти бисёр дорад: ҳировул, қаровул, чингдовул, янковул, сӯзовул, патовул, китповул, ясовул, баковул, шиғовул ва дақовул.

Низ бо изофаи ҳарфи “лом” ба охири сифот, маънои давом ва русух ҳосил мешавад: ясол, қабол, тунқол, бирқол, тӯсқол ва севарғол.

Дар забони туркӣ ин навъ дақоиқ ва нукоти борик фаровон аст, ки чун касе то кунун дар он тааммул наварзида, ҳамчунон дар пардаи ихтифо мондааст.

Ҷавонони каммояи турк, назар ба осонии забони форсӣ, ба ин забон ғазалсароӣ мекунанд. Фил-ҳақиқа агар дуруст мулоҳаза ва тааммул карда шавад, бо вуҷуди вусъат ва фусҳате, ки забони туркирост ва зикри он гузашт, ибрози ҳунар ва суханварӣ ва ғазалсароӣ дар ин забон саҳлтар хоҳад буд. Бо ин мулоҳазот шоиста чунон будӣ, ки аҳли адаби ин тоифа ба забони худ табъозмоӣ ва ҳунарнамоӣ мекарданд ва ба забони ғайр ғазалсароиро ҳунар намешумурданд ва агар ба форсӣ низ шеърсароӣ мекарданд, то бад-ин поя дар забони худ тариқи мусомаҳа намепаймуданд ва агар дар ин амр исрор доштанд, ло-ақал ба ҳамон қадр, ки ба форсӣ шеър мегуфтанд, ба туркӣ низ рағбат мекарданд. Ин кор аз ҳавсалаи ақлу хирад берун аст, ки ҳунармандони турк, бо онки

туркӣ навиштан дар ҳитаи тасаллути онҳост, ба форсӣ менависанд. Ростӣ онки аз туркӣ навиштан оҷизу дармондаанд ва агар хоҳанд ба туркӣ шеър сароянд, чунон хоҳад буд, ки форсизабоне ба туркӣ шеърсароӣ кунад ва пеши фусаҳои турк ончӣ сурудаанд, хондан натавонанд, зеро ки дар ҳар ҷумлае сад айбу нуқс пеш хоҳад омад. Албатта истеъмоли маъонии бадиъе, ки дар ин забон аст, барои мубтадиён дар оғози кор саҳл нахоҳад буд. Мубтадиён дар муқобала бо ин гуна душвориҳо сарбитобанд ва ба роҳе осонтар гароянд ва чун чанде бад-ин минвол гузарад, ба ин ҳол хӯй гиранд ва дигар тарки ин одат бар онон ба суҳулат имконпазир намегардад ва онон ба ин узр мутаъаззир шаванд ва бин-натиҷа ин мубтадиён низ ба гурӯҳи туркони порсигӯй бипайванданд ва ин роҳро боби табъи худ шиносанд. Мубтадиён ончӣ навишта ва гуфтаанд хоҳанд, ки бар аҳли фанн ва асотид хонанд ва ин худ одати ҷумла соҳибқаламон аст ва чун аҳли фанн низ ҳамчунон форсигӯёнанд ва аз каломи туркӣ баҳра надоранд, ҷавонони турк ба форсӣ сухан сароянд ва саранҷом ба силки онон дароянд.

Хулосаи калом онки, тафаввуқи забони туркӣ бар форсӣ ва вусъати майдони сухан дар туркӣ, бил-ахасс дар тариқи назм то кунун шинохта ва маълум набуд ва дар ниҳонсарои китмон фурӯ хуфта буд ва рӯй ба фаромӯшӣ мегузошт.

Ин хоксор чун дар овони шабоб ба шеъру адаб дил бохтам ва осору шарораҳои табъи ман ба минассаи зуҳур пайваст, чун хостаме гавҳареро, ки аз дарёи замир ба соҳили табъ меояд, аён созам, худро аз одоти мазкур барӣ доштан наметавонистам ва ҳамчунон ба форсӣ менавиштам. Вале онгоҳ, ки ба синни таъаққул ва шуъур пой ниҳодам, Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло нуре дар замирам барафрӯхт ва чун бит-табъ низ мушкилписанд ва дақиқ ҳастам, ба забони туркӣ нек андешидам ва чун дар маъонии амиқи ин забон тааммул кардам, дар пеши чашмам оламе падидор шуд аз ҳаждаҳ ҳазор олам бузургтар ва зебу зинати сипеҳраш аз нуҳ курсии фалак бартар ва гавҳарҳои махзани рифъат ва фазли он аз дурари кавокиб рахшонтар. Дар гулгашти ин олам, ки гулҳояш аз ахтарони сипеҳр дурахшандатар буд, фурӯ шудам. Атрофи ҳарими он аз гузаргоҳи ақдом масун буд ва аҷноси ғарибаш аз дастраси ағёр маъмун.

Вале чун нек нигаристам дидам, ки мори бисёр бар сари ин ганҷи шоҳвор хуфта ва хори бешумор бар соҳати ин гулзор роҳ ёфта, бар

хотирам хутур кард, ки ҳамоно аз неши морон ва нештари хори мағелон аст, ки хирадмандони аҳли табъ аз ин ганҷи ҳунар баҳра гирифтан наметавонанд ва гурӯҳи гулчинони назм аз гулҳои шодоби он маҳрум мемонанд. Чун бебок ва фориғзамир дар ин амри хатир сарфи ҳиммат кардам, аз тамошои ин гулшан ҳаззе вофир насибам гашт ва сипоҳи табъам дар он майдони васеъ турктозӣ оғозид ва мурғи хаёл дар сипеҳри лоятаноҳияш баландпарвозӣ гирифт ва саррофи дил аз ҷавоҳири ганҷинааш бархурдор шуд ва аз накҳати раёҳин ва гулу ёсамин маҳзуз гашт. Чун ин мавҳабат насибам шуд, натоиҷу осори табъро бар аҳли рӯзгор арзонӣ доштам. Аз он ҷумла девони “Ғароибус-сиғар” аст, ки дар синини сабоват сурати нигориш ёфт, ки аз ғароиби маъонӣ ба сурати бидиъи маъолӣ оростаам ва дар дили халқ туфоне аз оташ афрӯхтаам ва “Наводируш-шабоб”, ки дар авоили ҷавонӣ аз килки баён сурати намоиши девон ва ороиши бустон пазируфт, ба василаи ин наводир дар мулки ҷавонӣ ғавғое ба по карда ва ором аз дили ҷавонон бозгирифтаам ва “Бадоеъул-васат” дар авосити умр хомаи хаёл нақшбанди зеб ва сеҳрпайванди зинат гаштааст, бад-ин бадоеъ шуре дар қулуби шайдо ва оташе дар конуни дилҳо афрӯхтаам. “Фавоидул-кибар”-ро хомаи тахайюлам дар авохири ҳаёт рашки нигорхонаи Чин ва ғайрати Хулди барин кардааст. Ба воситаи девон, бузургонро аз зулоли он фоидате расондам ва машъалаи ҳавасоти ононро аз зулоли насоиҳ оби равон пошидам.

Чун сийту шуҳрати ин чаҳор девон ба атроф ва акнофи ҷаҳон расид, онгоҳ даст ба тартиби хамса задам: Табъам дар боғи “Ҳайратул-аброр” гулҳо ба бор овард ва руҳи шайх Низомӣ аз “Махзанул-асрор” дурҳое нисорам кард ва онгоҳ, ки хаёли ман дар шабистони “Фарҳоду Ширин” фурӯ мерафт, нафси руҳафзои Амир Хусрав аз оташи “Хусрав ва Ширин” чароғи равонамро равшан мекард ва чун дар водии ишқи “Лайлӣ ва Маҷнун” саргаштаву ҳайрон будам, ҳиммати Хоҷӯ, ки аз “Гавҳарнома”-и худ ҷавоҳире бароям фиристод ва чун хостам “Сабъаи сайёра”-ро тартиб диҳам, Ашраф ҳафт ҳурваше аз “Ҳафт пайкар”-и худ ба хидматам фиристод ва чун муҳандиси табъам асоси “Садди Сикандарӣ”-ро бармеафрошт, ҳазрати Махдумӣ аз “Хираднома” кӯси ислоҳ ва имдод навохт.

Чун аз тартиби хамса низ фароғате ҳосил шуд, гетинаварди тахайюлам, дар саҳрои торихи салотин турктозӣ оғозид ва аз умқи зулмати ҳаводис “Зубдатут-таворих”-ро берун кашидам ва номи

салотини рафтаро бо ин оби ҳаёт зиндагонии ҷовид бахшидам ва чун килки ман "Насоимул-маҳабба"-ро пардохт, ҷаҳонеро файзрасони арвоҳи муқаддаси авлиёуллоҳ гардонид ва чун ба тараннуми алҳони "Лисонут-тайр" оғоз кардам, бо лисонут-тайр асрори ҳақиқатро дар либоси маҷоз ба минассаи зуҳур расонидам.

Ва чун ба тарҷумаи хазинаи "Насрул-лаолӣ" расидам, бо "Назмул-ҷавоҳир" ҳуллаи абкори маъониро мурассаъ сохтам ва чун дар биҳори "Мизонул-авзон" ғӯтавар шудам, аз Насири Тусӣ талаби омӯрзиш кардам ва низ ба расоиле ва макотибе рақам задам, ки сеҳрбозони форсигӯй ва афсонапардозони паҳлависарой дар ин боб авроқе ороста ва аҷзойе пиростаанд, ки агар доное, ки аз дақоиқи форсӣ ва латоифи туркӣ баҳраманд аст ба ҳукми адлу инсоф дар он назар афканад, умедвор чунонам, ки мартабаи суханам аз авҷи маъонӣ фурӯд нахоҳад омад ва тартиби кавкабаам аз дараҷаи олӣ таназзул нахоҳад кард. Аз ин суханон муддаъӣ напиндорад, ки чун алфози туркӣ мулоими табъи ман аст, лизо дар ин боб муболағат меварзам ва ё чун унсу улфати ман бо ибороти форсӣ андак аст, аз ин рӯй дар маъно ва инкори он ҷаҳд мекунам. Кас чун ман дар салоҳ ва фасод ин забонро ончунон, ки бояд надонад, ки ман дар омӯхтани дақоиқи он ранҷи фаровон бурдаам. Дар навбаҳори гулшани умр, ки байни синини понздаҳ ва чиҳилу панҷ аст, булбули табъи одамӣ шефтаи ҷамоли ҳар гулбун ва парвонаи руҳ фирефтаи шамъи ҳусн аст ва ҳам дар ин замон вуқуъи ҳар ҳолу ҳодисае боиси фирефтагӣ ба ҳусну нозу ишқу ниёз мегардад ва ҳар кас дар ин мавқеъ ба тариқи ғазал рӯй меоварад ва ба ғазалсароӣ ва ё хондани давовини ғазал мепардозад.

Девоне аз ин навъ, ки аз дастраси таҳқиқи ин фақир дар байни синини мазкур дур бошад, мавҷуд нест. Ва бил-ахасс девони раҳбар ва пешрави аҳли дард, Амир Хусрави Деҳлавӣ, ки дар тариқи ишқ, дарду ниёз ва сӯзу гудозро ба атрофи ҷаҳон расонид ва аз машъали ишқи ӯ, ин партав дар ин хокдон афтод.

Ҳамчунин девони сархайл ва сарафрози аҳли ҳақиқат, хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, ки нишоне аз руҳул-қудс ва насиме аз анфоси руҳ будааст.

Ва низ девони пир ва устоди ин фақир ва соҳиби иршоди аҳли тариқат, шайхул-исломи ҷамиъи аҳлуллоҳ, ҳазрати Махдумӣ, нурул-миллати вад-дин, мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ (қуддиса сирруҳу), ки латоифи руҳпарвар ва зароифи руҳгустари ҳар ғазалаш "кал-лавҳил-

муназзал” ва ҳар рисолааш “кал-аҳодисин-набийил-мурсал” олишаън ва рафеъмакон аст, ҳар латифааш аз дурри самин обдортар ва аз лаъли оташин дурахшандатар аст.

Каломи муъҷизнизоми ду устоди мазкур, ки чошнии камолот ва ниҳояти ҳолоти худро низ бар он афзудаанд, ки “ҳозо шайъун аҷиб”, ҳамаро ба каррот хонда ва аз бар кардаам ва аз дақоиқу латоифи қасоид ва ғазалиёти онон ҳаззе вофир бурда ва ба бадоеъ ва латоифи онон ҳарчандгоҳ татаббуъ низ кардаам.

Аз қасоиди Амир Хусрав “Дарёи аброр” машҳуртар аст, худ дар ин боб гӯяд: “Агар девони қасоид ва ғазалиёт ва маснавиёти ман, ки мутаҷовиз аз сад ҳазор байт аст, аз сафҳаи рӯзгор сутурда ва аз ҷаридаи даврон маҳв гардад ва танҳо ин қасида бар ҷой монад, ҷиҳати истифои маъно вофӣ ва ба пеши аҳли табъ бар фазилатам далеле кофӣ хоҳад буд”.

Матлаъи қасида ин аст:

Кӯси шаҳ холиву бонги ғулғулаш дарди сар аст,
Ҳаркӣ қонеъ шуд ба хашку тар шаҳи баҳру бар аст.

Ҳазрати Махдумӣ бад-ин қасида ҷавобе навишта, ки номи он “Луҷҷатул-асрор” аст ва матлаъи он ин аст:

Кунгури айвони шаҳ, к-аз кохи Кайвон бартар аст,
Рахнаҳо дон к-аш ба девори ҳисори дин дар аст.

Агар он дарёи аброр аст, ин як ба манзалаи абри баҳор аст, ки ба мартаба аз он баландтар ва ба баҳра аз он фоидамандтар мебошад ва бар рӯйи он соя густурда ва бар сараш дур ҳамефишонад. Фақир аз тариқи ниёз ба татаббуъи ин ду устоди бузургвор ва сарафроз иқдом кард ва қасидае ба унвони “Туҳфатул-афкор” пардохт, ки матлаъаш ин аст:

Оташин лаъле, ки тоҷи хусравонро зевар аст,
Ахгаре баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст.

Дар ин қасида ибороти пурмаъно ва ишороти дилангез афзудам, ки устодон ва аҳли фанн мусаллам доранд. Ҳар касеро, ки дар ин боб тардиде бошад, ба Баҳористони ҳазрати Махдумӣ, ки сазост баҳористони ҳаёт ва нигористони наҷоташ хонанд, тавонад руҷӯъ кунад, ҳазрати Махдумӣ ин матлаъро дар онҷо оварда ва аз тариқи истишҳод онро сутӯда, ки агар ин баншури давлат бар тоқи сипеҳр таълиқ шавад,

равост ва ин туғрои саодатро бар гардани Муштарӣ биёвезанд, муҷиби мубоҳот аст. Дар он китоб ин маҳалро ёфта ва назаре афкандем ва донистем, ки дар ин боб қусуре наварзидаем.

Амир Хусрави Деҳлавӣ низ қасидае ба номи “Миротус-сафо” дорад, ки ба татаббуъи халлоқул-маъонӣ Хоқонии Шервонӣ сурӯда ва матлаъи он ин аст:

Дилам тифл асту пири ишқ устоди забондонаш,
Саводул-ваҷҳ сабақу масканат кунҷи дабистонаш.

Ҳазрати Махдумӣ дар ҷавоби он қасидае ба номи “Ҷилоур-руҳ” пардохта, ки матлаъаш инаст:

Муаллим кист, ишқу кунҷи хомушӣ дабистонаш,
Сабақ нодониву доно дилам тифли сабақхонаш.

Фақир низ ба татаббуъи ин бузургвор қасидаи “Насоимул-ҳудо”-ро сохтам, ки матлаъаш ин аст:

Муаллим ишқу пири ақл дон тифли сабақхонаш,
Пайи таъдиби тифл инак фалак шуд чархи гардонаш.

Дар ин қасида низ басе гавҳари маъно дарҷу нақди умр харҷ шудааст. Низ қасидаи “Руҳул-қудус”-ро баландовоза гардонидам, ки арвоҳи қудсиён аз он тоза гашт, матлаъи он ин аст:

Зиҳӣ ба хомаи қудрат мусаввири ашё,
Ҳазор нақши аҷаб ҳар замон аз ӯ пайдо.

Ва қасидаи “Айнул-ҳаёт”-ро пардохтам, ки бар тани ғофилин ҷон бахшидааст ва матлаъи он ин аст:

Ҳоҷибони шаб чу шодурвони савдо афкананд,
Ҷилва дар хайли бутони моҳсимо афкананд.

Ва бо қасидаи “Минҳоҷун-наҷот” тариқи ҳидоят супурда ва аҳли залолатро ба шаҳроҳи наҷот роҳбар шудам, матлаъи он инаст:

Зиҳӣ аз шамъи рӯят чашми мардум гашта нуронӣ,
Ҷаҳонро мардуми чашм омадӣ аз айни инсонӣ.

Ва бо қасидаи “Қутул-қулуб” ба қулуби заъифи раҳравони роҳи ҳақиқат аз он қут қувват бахшидам, матлаъи он ин аст:

Ҷаҳон, ки марҳалаи танги шоҳроҳи фаност,
Дар ӯ масоз иқомат, ки роҳи шоҳу гадост.

Ин шаш қасида ҳамду наът ва санову мавъизат аст ва ба забони аҳли тасаввуф ва ҳақиқат маърифат.

Низ хомаам ба тариқи шуарои зоҳир чаҳор қасида, ки мавсум ба “Фусули арбаъа” аст, дар кайфияти ҳарорат ва бурудат ва рутубат ва юбусат рақам зада, ки ҳамчун чаҳор фасл дар рубъи маскун шоеъ гаштааст.

Суханпардоз ва устоди олишайъ, Хоҷа Камолуддин Салмон, ки дар майдони қасида чобуксавор асту беназир, қасидае ба санъати тарсиъ ороставу дар ҳаждаҳ байт ба итмом расонидааст ва дар воқеъ чунон ҳунарнамоӣ кардааст, ки аҳли фанн дар таъаммуқ ва тааммулаш саргардонанд.

Санъати тарсиъ дар ғайри матолеъ вуҷуд надорад, агарчӣ матлаъи мустахраҷи он орӣ аз сақм аст, вале дар мисраъи аввали матлаъ тахаллуфе рӯй додааст, он матлаъ ин аст:

Сафои сафвати рӯят бирехт оби баҳор,
Ҳавои ҷаннати кӯят бибехт мушки татор.

Бисёре аз суханварон ба татаббуъи ин қасида пардохтаанд, валекин тавфиқ рафиқи онон нашуда аст, матлаъи қасидае, ки ин фақир сохта, ин аст:

Чунон вазид ба бӯстон насими хулди баҳор,
К-аз он расид ба ёрон шамими васли нигор.

Агар ба дидаи таҳқиқ ва чашми басират дар ин матлаъ назар афкананд, донанд, ки ин матлаъи мурассаъ аз ҳар навъ айб муъарро ва намунае ҷиҳати санъати тарсиъ аст, ки аз ҳар гуна нуқсоне мубаррост ва низ дар ин боб рубоъие сохтам, ки то Аҳмад ибни Халил қоидаи рубоъиро вазъ карда, дар санъати тарсиъ кас чунин рубоъӣ нашнидааст, ва он рубоъӣ ин аст:

Эй рӯйи ту кавкаби ҷаҳонорое,
В-эй бӯйи ту ашҳаби равоносое,
Бе мӯйи ту, ё раб, чунон фарсое,
Гесӯйи ту чун шаби фиғонафзое.

Ва ба тарзи Хоҷаи Шероз, ки ҷамиъи суханварон вайро мусаллам доранд, девони ғазалиёти форсиро бипардохтам, ки абёти он аз шаш ҳазор афзун аст ва бисёре аз онҳо ба татаббуъи он ҳазрат пардохта шудааст ва баъзе низ ба тарзи Шайх Саъдӣ (қуддиса сирруҳу), ки ал-ҳақ устоди тарзи ғазаласт ва баъзе аз он ба услуби Амир Хусрав, ки шуълаи фурӯзони оташи ишқ ва ашкрези хонаи дард аст ва баъзе ба тарзи ҳазрати Махдумӣ Ҷомӣ, ки меҳри ломеъи авҷи камол ва ҷомеъи ҳолоти азизони мазкур аст ва девони ашъори вай мувофиқи табъи абнои рӯзгор мебошад, гуфта шудааст.

Дар он девон бадоеъи дилангези маъонӣ дарҷ аст, ки шарҳу тафсили он шоистаи фақир нахоҳад буд. Ва дар он аз тамоми анвоъи шеър, монанди муқаттаъот ва рубоъиёт ва маснавиёт ва таворих ва аз он ҷумла қариб понсад муаммо аз хомаи ман бар сафҳаи рӯзгор ва аз қаламам бар авроқи лайлу наҳор нақш бастааст, ки бисёре аз он ба назари саодатасари ҳазрати Махдумӣ расида ва шарафи таҳсин ва ислоҳи он ҳазратро касб кардааст.

Гузашта аз ин маротиб, дар айёми ҷавонӣ аз абёти рангини шуарои афсунгар ва шӯридаи ширинашъор, қариб панҷоҳ ҳазор байт ба хотирам супурдам ва ба воситаи ҳамон ашъор тасаллии хотир меёфтам.

Дар мавқеъи хондани ин ашъор, дар салоҳу фасод ва дақоиқи маъонӣ ва нукоти махфӣ тааммул мекардам. Ҳеҷ айбеву ҳунаре, ки форсирост аз дидаи табъи ман пӯшида нест ва ҳам дар он водӣ ҷойе, ки равандаи хомаам қадам нагзошта бошад, намонда аст. Беш аз сӣ сол дар мулки Хуросон, ки бар аҳли фазлу камол мисри муъаззам ва саводи аъзами мамолики олам аст, ҷамиъи шуарои ширинкалом ва фусаҳои воҷибул-эҳтироми ин мулк, ҳар маъонӣ, ки бар авроқ ва саҳоиф менигоштанд, ба назди ман овардаву илтимоси ислоҳ ва тасҳеҳи он мекарданд. Ҳар нуктае, ки дар ин боб бар хотирам хутур мекард, ба назари қабул истимоъ карда ва аз тариқи инсоф мусаллам медоштанд ва агар аҳёнан аз қабули он ибо мекарданд, чун бо далоили мутаяққин хотирнишон мешуд, шокиру мамнун сари таслим фурӯд меоварданд.

Ва басо хурдадонони аҳли маъонӣ ва дақоиқ, чун дар ашъори Анварӣ ва Салмон иттифоқ надоштанд, ҷиҳати муҳокама назди ин фақир мешитофтанд ва ҳар ҳукме, ки дар ин боб аз ҷониби ман содир мешуд, ба манзалаи бурҳони қотиъе буд ва мунозараву муноқаша бартараф мешуд.

Муноқашоте, ки дар боби ғазалиёти Миршоҳӣ ва Мавлоно Котибӣ ва маснавиёти Низомӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ сурати вуқуъ меёфт, низ бо ҳакамияти фақир қатъ мегардид ва муҳимтар аз ҳама онки Ҳазрати иршодпаноҳӣ (наввара марқадаҳу) Нуро, ки сухани вай баъд аз каломи Маликул-ъаллом ва аҳодиси муъҷизнизоми Хайрул-аном (алайҳис-салавоту вас-салом) аст ва дар баёни форсӣ сухане ба дараҷаи каломи вай нест, бисёре аз кутуб ва расоил ва ғазалиёт ва қасоиди худро, ки дар воқеъ ҷавоҳири маъониро ба силки сухан кашида ва аз ниҳонхонаи замир ба тамошогаҳи ҷилва ва зуҳур расонда, ҷиҳати мутолаъаи ин фақир медод ва мегуфт: “Ин авроқро аз оғоз то анҷом назар афкан ва ончӣ дар ин боб бар хотират мегузарад, бозгӯй”. Ва ончӣ дар ҷавоби он мегуфтам, мақбул меафтод.

Далели ин даъво онки дар бештар аз даҳ китоб ва рисола номи ин фақир мазкур ва бо ҳамду сано сатре чанд мастур шудааст.

Аз асари ин қабули назар, мутаҷовиз аз як қарн (сӣ сол) аст, ки дар суҳбати Султонус-салотин ва остонаи фирдавстазйин, ки маҷмаъи заҳраи аҳли ҳолу мақол ва манбаъи фазлу камол аст, рутби сухани фақир ба дурҷи олӣ иртиқо ёфт.

Ва Султонус-салотин, ки мазҳари лутфи илоҳӣ ва анвори ҳақоиқи номутаноҳӣ аст ва замири фархундааш дарёи гавҳари улум, хотири хуҷастааш кимиёи зоти бандагони хокистар, ҳар вақт ки сухан аз истилоҳ ва қавоъиди олии ин тоифа дар маҷлиси вай мерафт, фақирро мухотаб месохт ва ҳар ончӣ аз натоиҷи табъи аҳли фасоҳат ва балоғат мазкур меафтод, мушорун илайҳии ӯ ин ҳақир будӣ.

Мартабаи ин хоксор дар аҳди вай бар фалак расид ва пояи қадри ин бандаи бемиқдор аз офтоби ҷаҳонтоб гузашт. Дар рисолае, ки аз асари табъи файёзи вай ба зуҳур омадааст, ин бандаро дар тариқи анвоъи назарам бо унвони соҳибқиронӣ муфтахару сарфароз ва бо сифати бемислу анбозе мумтоз фармудаанд.

Бандаи хоксор гарчӣ аз тирахок камтар будам, лекин дар сояи тарбияти он офтоби баланд гулҳои рангоранг баровардам. Ва ин афтодаи беэътибор ҳарчанд аз зарра кӯчактар буд, бо тақвияти он саҳоб дуррҳои гуногун дар садафи табъ бипарваронид.

Абёти дилсӯзи ман дар аҳли муноҷот ошӯбу ғавғо ба по кард ва ғазалиёти базмафрӯзам оҳу вовайло дар ҷумлаи хароботиён афканд.

Ҳосили калом онки баъд аз иқомаи ин ҳама далоили қавӣ ва шавоҳиди азим, вуқуф ва бал маҳорати ин фақир дар назми туркӣ ва форсӣ собиту равшан гардид, ва чун якеро бар дигар тарҷеҳ диҳам, касеро ғайри таслим ва тасдиқ чорае набошад.

Дар ин боб далоил ва шавоҳиди дигаре низ мавҷуд аст, ки аз ҳавсалаи ин рисола хориҷ мебошад ва ин ҷумла нишон медиҳад, ки даъвои мо беҳудаву ботил нест.

Қоида ва асли куллӣ ҳаст, ки чун даврони ҳукмронӣ ба хулафои араб расид, назми арабӣ дар ин давра ҷилвае ёфт, чунонки шуарои бузург ва сухангустарони маликул-калом чун Ҳассон ибни Собит ва Лақит ба зуҳур расиданд ва дар забони арабӣ ҳаққи матлабро адо карданд ва бад-ин сабаб салотини араб аз он ҷумла Иброҳим Маҳдӣ ва Маъмуни халифа ва ҳамчунин писарони соири хулафо низ қасоиди ғаррое сурӯдаанд. Ва чун мулуки аҷам дар баъзе аз ақсом ва мамолик салтанати мустақилле ташкил доданд, суханварони форсигӯй ба зуҳур омаданд, чунонки дар қасида: Хоқонӣ ва Анварӣ ва Камол Исмоил ва Заҳир ва Салмон ва дар маснавӣ Шайх Низомӣ ва Амир Хусрав ва дар ғазал Шайх Саъдӣ ва Хоҷаи Шероз аз машоҳири ононанд. Ва зикри он дар фавқ гузашт ва ҳол татвили каломро маҷоле нест.

Аз салотини аҷам Шоҳ Шуҷоъ ва Шоҳ Туғрал абёти рангин ва ғазалиёти ширин сурӯдаанд, ки дар аҳди худ машҳур буд ва дар авроқи рӯзгор мастур.

Онгоҳ, ки даврони салтанат аз арабу аҷам ба хонҳои турк расид, дар замони Ҳулокухон ва Темур Курагон ва фарзанди халафи вай Шоҳрух Мирзо шуарои туркигӯй пайдо шуданд ва аз авлоду аҳфоди он Ҳазрат салотини хуштабъ ба зуҳур пайваст. Саккокӣ ва Ҳайдари Хоразмӣ ва Атоӣ ва Муқимӣ ва Яқинӣ ва Амирӣ ва Гадоӣ аз он ҷумлаанд.

Дар миёни онон шоире, ки битавонад бо шоирони аҷам лофи баробарӣ занад, ба зуҳур наёмад ғайр аз Мавлоно Лутфӣ, ки матлаъе чанд дорад, ки шоистаи мутолаъаи аҳли табъ тавонад буд. Ин матлаъ аз ӯст:

Улки ҳусн этти баҳона элни шайдо қилғали,
Кӯзгудек қилди сени ӯзини пайдо қилғали.

(Онкӣ ҷаҳонеро ба воситаи ҳусни худ девона кард, туро ҳамчун оинаи худ сохт. Инак ҷамоли вай дар ту зоҳир аст).

Ва ғайр аз Бобуршоҳ аз ҳукмдорон шоире пайдо нашуд. Ин матлаъ аз ӯст:

Неча юзнинг кӯруб ҳайрон бӯлайин,
Илоҳӣ мен санга қурбон булайин.

(Рӯйи туро бубинаму девона гардам, Худоё ман қурбони ту бишавам).

То ин замон, ки салтанати ин дудмонро мулки хотам ва тоҷи хилофат сазовору мусаллам омадааст, дар шаҳсавори баҳри асолат, гавҳари олиқадри кони адолат, Рустами достони маъракаи сипаҳбадӣ, Сому Наримони майдони сипаҳдорӣ, гавҳари зебандаи тоҷи сарафрозӣ, ахтари фархундаи сипеҳр, Искандари Ҷамшедҷоҳи базми ҷаҳондорӣ, хуршеди оламպаноҳи анҷумани ҷаҳонгирӣ ва қуллаи гардунсои ҷаҳони рифъату наҷот ва гавҳарнишони сипеҳри адолат ва мардумаки бинои ҳадқаи фазлу камол, булбули хушнавои ҳадиқаи такаллум ва мақол, ас-Султон ибнус-Султон, ал-Хоқон ибни Хоқон, муиззус-салтана вад-дунё вад-дин, Абул-Ғозӣ Султон Ҳусайн Баҳодурхон (халладаллоҳу таъоло мулкаҳу ва салтанатаҳу ва афоза алал-оламина бирраҳу ва макраматаҳу).

То фалак дар офоқ ба гардиш меояд ва ҳар шабонгоҳ гули ситорагон дар ин чаман мешукуфанд, касе шоҳе чун ӯ ба хотир надорад ва табъе чун табъи салими вай надидааст.

То фалак ба даври худ идома медиҳад, номи вай поянда ва дар бисоти бахту иқбол пойдор бод, нутқи вай ҷонбахшу назму каломи вай мустадом бод.

Дар тахти ҷаҳонбонӣ мақом ва дар маснади кишварситонӣ ором гирифт, гавҳарҳои амният дар силки мулк кашид ва дар мазраъи хавотир донаи ҷамъият афшонд.

Чун замири мунири вай гавҳари кони маъонӣ ва зеҳни мустақимаш мавриди файзи субҳонӣ, аҳли каломро тарфиҳу ибтиҳоҷ ва сухану суханвариро равнақу ривоҷ бахшид.

Дар ҳар илме таълифоти муфид ва дар ҳар фанне тасонифи мунтиҷ ба зуҳур пайваст ва дар масоили маънавӣ бадиъ ба вуҷуд омад.

Давовини қасоид ва ғазалиёт мунташир гашт. Табъи шарифу зеҳни латифи Султон гарчӣ ба форсигӯйӣ қодир ва дар туркӣ моҳир буд, лекин ба муқтазои табиъати фитрӣ ба тадвини девони туркӣ майл фармуданд ва абёти дилпазир ва ғазалиёти беназир тартиб доданд, ки Аторуд дар девонхонаи фалак рақамзан будааст, гулшане бад-он сон, ки ба дақоиқи гулу раёҳин ороста ва махзане чунон, ки ба ҷавоҳири самин пироста надидааст. Гулузорони дақиқи маъонӣ дар кисвати алфози салис ҷилванамо ва моҳрӯёни мазомини бадиъ дар ҳуллаи адои латиф чеҳрагушо шуданд.

Девон не, бал баҳри Уммон аст, ҳар ғазале аз он сафинае мамлув аз ҷавоҳир, сафина не, ки хазинаест. Ҳар ҳафт байти он дафинае аз ҷавоҳири маъонӣ, абёти сӯзноки он хонандаро масмуми офат ва навои адои алфози он дили дардмандонро ҷароҳат.

Ибороташ дилҳои пурнашотро ба мотамзада табдил мекунад, дар тартиби он сеҳрбозӣ карда ва дар таркиби адои он фусунпардозӣ ба кор бурда, ки дар забони туркӣ девоне чунон, бад-ин сифату ойин ва шеъре дар ин ғояти баландӣ пардохта, ки чун ӯйе дар байни салотини мукаррами Дороҳашам ва шуарои қудсинафаси исавидам натавон ёфт.

Замири хуршедназар ва хотири кимиёасари Султонус-салотин моил бад-он буд, ки суханварони турк дар тартиби назм ба забони туркӣ иштиғол варзанд, то маъонии бикре, ки дар пардаи хафо нуҳуфтааст дар асари насими баҳорӣ ҳамчун гулу лола бишкуфад ва аз тариқи илтифоту эҳтимом дар боби назми баъзе маъонӣ аҳкоме низ ҷорӣ сохтанд ва дар услуби сухан ва адои он таълимоте аз хотири ъотири худ изҳор фармуданд.

Аҷаб онки бо вуҷуди тарғиби ин подшоҳи сухандон ва талқину эҳсони вай, қоидаи мутобаъат аз ёд бурда шуд ва тариқи нофармониву залолат супурда. Бисёре аз ҳунармандон, бал ҷумлагӣ ба форсӣ моил шуданд ва бад-он забон қоил.

Илал ва асбоби ин амр мазкур афтод. Бо вуҷуди касрати алфоз ва вусъати иборат ва бадоеъи маъонӣ ва салосат, ки туркирост, дар рабти дилпазири он суъубат ва дар тартиби дилписандаш табъро ранҷу уқубат мерасад.

Бад-он сабаб лозим дида шуд, ки дар шарҳи забони туркӣ варақе чанд зинат ва ороиш дода шавад ва дар он аз мулоимати табъи

Султонус-салотин ва маҳорати он соҳибяқин шарҳе нигошта ояд ва аз роҳи густохӣ сухане чанд дар боби девоне, ки аз табъи файёзи ҳумоюнзевар тартиб додаанд, гуфта шавад. Ҷойи афсус аст, ки таолими он Ҳазрат, ки аз мунтаҳои доноӣ ва вуқуфи тавоноӣ ба асҳоби фанн дода шуда буд, мафҳуму масмуъ наяфтод.

Ин заифи хоксор нафаси қудсии он Ҳазрат ва аҳкоми воҷибул-изъонашро итоат ва кор бастам. Ончӣ аз дилу забон ва қаламам бармеомад бар ҷодаи фармонбарӣ дар қадам задам ва ба бандагии он Ҳазрат мубоҳиву муфтахиру сарбаланд ва ба шогирдияш мушаррафу арҷманд гаштам ва солҳои сол ончӣ аз қавоиди назм ва услуби забони туркӣ бар ман маълум набуд, аз маҳзари он ҳаллоли мушкилот фаро гирифтам ва дар ин роҳ фавоиди азим ва натоиҷи куллӣ насибам шуд.

Мартабаи ман дар натиҷаи таълим ва тарбияти вай то ба ҷойе расид, ки он Ҳазрат дар рисолае, ки аз натоиҷи табъи салим ва хотири мустақимаш ҳаст, алқоби маро ҳамчунонки дар фавқ мазкур шуд фармуд, ки муҳтоҷи такрор нест.

Иноят ва эҳсони он Ҳазрат ин давлати азим ва ташрифро бар ман арзонӣ дошт ва дар байни халоиқ аз ақрону амсол имтиёз ва эътиборам бахшид, давовин ва маснавиёт ва кутуб ва расоиле аз ман дар сафҳаи рӯзгор ба ёдгор монд.

Чун ба сифати Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло яъне “ал-Мутакаллим” мавсуфу мазҳар омадаам, рисолае дар ҳақиқат ва кайфияти забони туркӣ ва форсӣ ҷамъ ва таълиф кардам ва онро “Муҳокаматул-луғатайн” ном ниҳодам, то фасоҳату балоғат ва вусъати забони туркӣ, ки он Ҳазрат бад-ин бисот назмро устувор карда ва бо анфоси Масиҳо ва зулоли Хизр ҷон дар қолаби мурдагон дамидааст, зоҳир созам.

Чунон мепиндорам, ки ба фусаҳои турк ҳаққе бузург собит кардам, ки бар ҳақиқати забон ва алфозу иборот ва кайфияти луғоти худ воқиф шаванд ва аз таъни форсигӯён раҳоӣ ёбанд. Умедвор чунонам, ки ба ранҷу машаққате, ки дар баёну исботи ин илми махфӣ мутаҳаммил шудаам, вуқуф пайдо кунанд ва ин фақирро бо дуои хайр ёд ва руҳамро шод фармоянд.

Чаҳоршанбе, Ҷамодил-аввали 905 ҳиҷрӣ.

Вас-салому вал-икром.

Хамсатул-мутаҳайййирин

Таълиф: **Амир Алишер Навоӣ**

Тарҷумаи: **Муҳаммади Нахҷувонӣ**
(1320 шамсӣ)

Ба кӯшиши: **Маҳдӣ Фарҳонии Мунфарид**

Замимаи шумораи 12, номаи Фарҳангистон
Фарҳангистони забону адаби форсӣ
Теҳрон, 1381 шамсӣ

Тарҷумаи “Хамсатул-мутаҳаййирин”-и Амир Алишер Навоӣ

Даштпаймои олами уҷбу нафсоният, Алишери мутахаллис ба Навоӣ (ғафара зунубаҳу ва сатара уюбаҳу) чунин мегӯяд, ки олиҳазрати вилоятманқабат, кошифи улуми раббонӣ ва олими румузи самадонӣ, ки аз қисматгоҳӣ “Ал-уламоу варасатул-анбиё”, зиёда аз соирин ирс бурда ва аз намоишгоҳи “Уламоу умматӣ ка-анбиёи Бани Исроил”, аз миёни як саду бисту чаҳор ҳазор ҳариф худро ба чаҳор набии соҳибмиллат мушобеҳтар сохта, муқтадову имоми аҳли тариқат ва муҷтаҳиду шайхул-исломи пайравони шариат, нурул-ҳаққи вад-дин шайхуно ва мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ (қаддасаллоҳу сирраҳу ва наввараллоҳу марқадаҳу), ки ин хоксори парешонрӯзгорро бо муҳаббат ва навозишҳои худ сарбаланду арҷманд дошта ва дар миёни абнои ҷинс сарафрозу мумтоз мефармуданд, чун тоири руҳашон ба боғи Ҷинон парвоз ва аз ин маҳбаси дори фано ба дори бақо реҳлат фармуданд, агарчӣ аз фавти эшон тамоми аҳли олам мусибатдидаву мотамзада буданд, аммо бар ин банда, ки соҳибазо будам, ба ҳадде муассир ва муассиф воқеъ шуд, ки изтироби хотирро мо-фавқе мутасаввар набуда; пас, барои таскини ин ранҷу алам ва таслияти ин андӯҳу миҳан чунин ба хотир омад, ки шаммае аз гуфтору ҳолот ва мукотаботе, ки фимо-байни он сипеҳри иззу иқбол ва ин хоксори фурӯмоя воқеъ шудаву гузориш ёфта буд ва муҷиби мубоҳоти дунявиву ухравӣ ва таслияти хотири ин хоксор аст, бинависам. Бадеҳӣ аст, ки чунон муҳаббат ва илтифот аз маҳбуб нисбат ба муҳибб ва аз мурод ба мурид мояи ифтихору сарафрозист ва таълифоти он бузургвор гувоҳи содиқ аст. Ва бинои ин рисоларо бар як муқаддима ва се мақолаву як хотима гузошта ва чун баъзе мундараҷоти ин панҷ қисмат муҷиби таҳайюри хонандагон аст, ба “Хамсатул-мутаҳаййирин”[20] мавсум шуд.

Муқаддима: дар насаб ва вилодат ва баъзе аз ҳолоти он бузургвор ва зикри айёме, ки ба хидматашон мушарраф будам.

---

[20] Дар нуҷум панҷ ситора, Уторуд, Зуҳра, Миррих, Муштарӣ ва Зуҳалро хамсаи мутаҳаййира ё панҷаи саргардон меноманд. Ба навиштаи Зайнуддини Восифии Ҳаравӣ дар Ҳирот панҷ тан аз уламои Хуросон (Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ, Камолуддин Шайх Ҳусайн, Шамсуддин соҳиби Кашф, Мавлоно Довуд ва Муинуддини Тунӣ)-ро, ки ҳама аз шогирдони мавлоно Муҳаммади Ҷоҷирмӣ буданд, хамсаи мутаҳаййира мехонданд (Бадоеъул-вақоеъ, ба кӯшиши Александр Белдруф, Бунёди фарҳанги Эрон, Теҳрон 1349, ҷ. 2, с. 17-316). Номи ин асар, ҳам ба фусули он (як муқаддима, се мақола ва як хотима) марбут мешавад ва ҳам ба ду ваҷҳе, ки ёд шуд ишора дорад.

Мақолаи аввал: дар зикри ғароиби умур ва иттифоқоту латоифи сухан, ки ин фақирро бо он бузургвор иттифоқ афтода ва ҳар як аз онҳо далели камоли лутф ва муҳаббати он устоди комил бо ин бандааст.

Мақолаи дуввум: мактуботу руқаъот, ки миёни он мавло ва ин абд радду бадал шуда ва дар “Муншаот”-и эшон ҳам мастур аст.

Мақолаи саввум: дар зикри таълифот ва таснифоти он бузургвор, ки баъзе аз онро ин фақир боис буда ва дар ағлаби кутуби эшон ишорае бад-ин амр шудааст.

Хотима: дар зикри кутуб ва расоиле, ки ин фақир барои таъаллум ва истифода дар хидмати эшон хондаам ва торихи ҳаёти он бузургвор.

Муқаддима

Вилодати шарифи он ҳазрат, ки аз қасидаи мавсум ба “Рашҳи бол”[21]-и эшон ҳам, ки тақрибан дар торихи ҳаёти худашон гуфтаанд возеҳ аст, ба соли ҳаштсаду ҳафдаҳи (817) ҳиҷрӣ будааст ва қасидаи мазкур ин тавр шурӯъ мешавад:

Манам чу гӯй ба майдони фусҳати маҳу сол,
Ба савлаҷони қазо мунқалиб зи ҳол ба ҳол.
Ба соли ҳаштсаду ҳафдаҳ зи ҳиҷрати набавӣ,
Ки зад зи Макка ба Ясриб суродиқоти ҷалол.
Зи авҷи қуллаи парвозгоҳи иззи қидам,
Бад-ин ҳазизи ҳавон суст кардаам пару бол.
Ба ҳаштсаду наваду се кашидаам имрӯз,
Зимоми умр дар ин тангнои ҳиссу хаёл

Ва баъд аз гуфтани ин қасида, боз панҷ соле аз гулзори умр баҳраёб ва аз чашмасори ҳаёт сероб будаанд, ки дар соли ҳаштсаду наваду ҳашт (898) дар ҳаштоду ду солагӣ руҳи покашон ба гулистони Фирдавс хиромид, ки дар хотимаи ин рисола мазкур хоҳад шуд.

Насаби шарифи эшон ба имомул-муҷтаҳидин Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Абдуллоҳ ибни Товус ибни Ҳурмузи Шайбонӣ мерасад, ки Ҳурмуз

[21] Рашҳи бол ба шарҳи ҳол – яке аз қасоиди муҳим ва машҳури Ҷомист. Ин қасида ҳарчанд огоҳиҳои торихии андаке дар бораи рӯйдодҳои зиндагии Ҷомӣ ба даст медиҳад, яке аз асилтарин манобеъи таҳқиқ дар аҳволи Ҷомӣ ба шумор меояд (Девони комили Ҷомӣ, ба кӯшиши Ҳошим Ризо, Бино, Теҳрон 1341, с. 59-63).

султони қабилаи Бани Шайбон буда ва дар Бағдод салтанат доштаву “дар замони ҷоҳилият ба ҳидояти ҳазрати амирул-муъминин Алӣ ибни Абитолиб[22] ба шарафи ислом мушарраф шудааст” ва он вақт қабилаи Бани Шайбон аз ашрафи қабоили араб дар шумор буд.

Падару аҷдоди он бузургвор ҳамагӣ ба зуҳду тақво машҳуру ба қазоват ва фатво машғул буданд, ва дар вилояти Ҷом, ки ватани шайхул-ислом Аҳмади Ҷом аст, сукно доштанд ва ин қитъаи эшон бад-ин маъно далел аст:

Мавлидам Ҷому рашҳаи қаламам,
Ҷуръаи ҷоми шайхул-исломист.
Лоҷарам дар ҷаридаи ашъор,
Ба ду маънӣ тахаллусам Ҷомист.

Ва дар хурдсолӣ ҳам, осори фаҳму заковати муфрит ба каррот аз эшон зоҳир шуда, чунонки вақте, ки орифи комил Мавлоно Фахруддини Ларистонӣ[23], ки ягона муршиди замони худ ва якто дурри дарёи ҳақиқат буданд, ба Ҷом омада ва дар манзили падари эшон ворид шуда буданд, дар он замон Мавлоно Ҷомӣ чаҳор ё панҷсола будаанд. Ҳазрати Фахруддин, Мавлоноро дар пеши худ нишонда ва бо ангушти худ “дар ҳаво баъзе калимот ва асмо[24] тарсим менамуданд” ва Мавлоно тамоман мехонданд, ки ҳазрати Фахруддин аз зеҳну заковати эшон мутаъаҷҷиб

---

[22] Дар замони халифаи дуввум ҳазрати Умар (разияллоҳу анҳу) ислом оварда буда, вале мутарҷим инҷо Умарро ба Алӣ ибни Абитолиб иваз карда, ва ё инки аз тарафи табъкунандагон ва ноширон ин гуна хиёнат сар зада бошад, ки ба сабаби таъассуби мазҳабӣ чунин кардаанд!?
Дар асли узбекии рисола возеҳ омадааст: “ҷоҳилият замонида амирул-мӯъминин Умар (разияллоҳу анҳу) илгида ислом шарафига мушарраф бӯлубтур...”. – аз баргардонанда.

[23] Дар Нафаҳотул-унс (мусаҳҳеҳ Маҳдии Тавҳидипур, с. 452) номи ин шахс Нуристонӣ сабт шуда, ки қатъан нодуруст аст. Ӯ дар оғоз сокини Миср буд ва ба омӯхтани улуми нақлӣ мепардохт. Сипас ба сайру сулук рӯй овард ва назди Шайх Алии Моёнӣ рафт. Пас аз даргузашти ӯ, дар Тус назди Шайх Муҳйиддини Тусӣ ва дар Абарда, назди Шайх Ҳофизи Абардаҳӣ хидмат карду сипас ба Ҷом кӯчид ва дар ҷивори турбати шайхул-ислом Аҳмади Ҷом маскан гузид. Вуруди ӯ ба манзили падари Ҷомӣ дар Хурдҷарди Ҷом рӯй дод. Калимоте, ки дар ҳаво тарсим мекард, номи Умар ва Алӣ буд (Ҷомӣ, Нафаҳотул-унс мин ҳазаротил-қудс, ба кӯшиши Маҳмуд Обидӣ, интишороти Иттилоъот, Теҳрон 1370, с. 5-454).

[24] Инҷо низ ба хотири исми Умар дар тарҷума тасарруф шуда, ки ин бисёр равиши хатарнок ва хиёнате азим дар ҳаққи осори илмиву адабист. Дар асли узбекии рисола чунин омадааст: “бармоқ ишорати била ҳавога машҳур отларни: «Умар» ё «Али»дек битир эрмиш”. – аз баргардонанда.

мешуданд, ки ин қазия дар Нафаҳотул-унс ҳам мазкур аст, ва аз ин қабил осору аломот бисёр воқеъ шуда, ки зикри он боиси татвил аст.

Он ҳазрат аз туфулият то авоили ҷавонӣ дар Ҷом буданд. Баъдан ба шаҳр ташриф овардаву дар дарвозаи Ироқ дар Мадрасаи Низомия, ки мавлоно Зайнулобидин Абубакри Тойбодӣ ва мавлоно Саъдуддини Тафтозонӣ дар ҳамон мадраса буданд, сокину машғули таҳсили улум гаштаанд ва баъзеҳо мегӯянд, ки Амир Хусрави Деҳлавӣ ҳам дар ҳамон мадраса будааст. Ва дар андак замоне гӯйи сабқат аз амсолу ақрон бурда ва дар илму фазл саромади тамоми уламои мутабаҳҳир гардиданд.

Аммо бо ин ҳама иштиғол ба касби улум, ҳеҷ вақт аз гуфтани шеъру тартиби назм холӣ набуданд, ва чун дар машраби тавҳид ҷамоли ҳақиқатро дар мазоҳири маҷоз мушоҳада менамуданд, он маъониро дар либоси назм буруз медоданд, ва барои таскини оташи дарунӣ ва оромиши хотир, аз тартиби назм ҳаргиз фориғ набуданд, ба навъе, ки ба андак замоне, ҷайбу домани дуру наздикро бо дурҳои самин ва лаълҳои оташини ашъори худ пур намуданд, чунонки дар тамоми фунун ва аснофи назм дар ҳар қисмат бар мутахассисини он фанн бартарӣ ҷустанд, ва пас аз такмили улуми зоҳирӣ ба таҳсили камолоти ботинӣ пардохта ва дар тариқи одоби сулук чунон равиши махсусу дақиқе иттихоз намуданд, ки мардум пай намебурданд, ки он ҳазрат ғайр аз улуми зоҳирӣ ва шеъру иншо ба улуми ботинӣ ҳам, ки шарифтар аз онҳост, иштиғол доранд. Ва масоилу истилоҳоти тасаввуфро, ки осору расоили машоих ва авлиёи собиқин дар ғояти ибҳом ва фикри толибин аз фаҳму идроки он қосир буд, дар камоли вузуҳ бо ибороти саҳл, аз назму наср, чунон такмил намуданд, ки ҳаркас аз мутолаъаи он маҳзузу баҳраёб аст.

Ва чун дар одоби тариқат ҳеҷ мутанаффисеро аз мулозимат ва иродати муршиди комиле гурезе нест, мулозимат ва суҳбати ҳазрати қутби тариқат ва ғавси ҳақиқат Мавлоно Саъдуддини Кошғариро, ки силсилаи ҷалилаи Нақшбандияро дар он замон муршиди комил ва халифаи мукаммил буд, ихтиёр намудаву хидмати соири куммалини вақт, мисли ҳазрати Шайх Баҳоуддин Умар ва мавлоно Боязиди Пуронӣ ва мавлоно Муҳаммад Асад, расидаву ба шарафи суҳбати эшон мушарраф буданд ва бо вуҷуди инки доро будани улуми зоҳирӣ ва шоирӣ доиман мусталзими усули худписандӣ ва ҷадаласт, он Ҳазрат дар уфту хез ва гуфту шунид ва хӯроку пӯшок дар миёни асҳоб чунон рафтор

менамуданд, ки касоне, ки аз роҳи дур овозаи камолоти эшонро шунида ва ба зиёрати эшон меомаданд, аз бетаъайюнӣ дар миёни асҳоб ва мулозимин, то муъаррифӣ ва илқои масъалае намешуд, намешинохтанд. Ва дар тамомии улум чунон моҳир буданд, ки дар ҷавоби ҳеҷ суоле муҳтоҷ ба руҷӯъи ҳеҷ китобе набуданд.

Ва дар зимни ҳамаи ин иштиғол ба ифозат ва ифодат, тариқи ишқи маҷозии зоҳириро, ки қантараи ҳақиқат аст, мепаймуданд ва дар ин мавзӯъ беихтиёрона ашъори ҷонсӯз ва ғазалҳои дилафрӯз месуруданд ва гоҳе аз оташи ишқу шур қаландарвор сару по бараҳна дар биёбонгардӣ ва саҳронавардӣ буданд, ки шеваи эшонро баъзе аз зоҳирбинҳо ҳамл бар ишқи маҷозии зоҳирӣ карда ва аз мақсуди аслӣ ва ботинии эшон ғофил буданд.

Ҳамчунон, ки дар улуму фазоили зоҳирӣ саромади тамоми уламо ва фузалои асри худ гардиданд, дар улуми ботинӣ ҳам ба маротиби олитаре расиданд ва бо кутубу расоили бисёре дар илми тасаввуф авроқи рӯзгорро музайян ва истилоҳоту масоили дақиқи ин илми шарифро барои аҳли олам равшану мубарҳан сохтанд, ки теъдоди мусаннафоти эшон сабт хоҳад гардид. Аз авосити замони салтанати Шоҳрух Султон то авоили салтанати АбуСаид Мирзо, дар дохили шаҳри Ҳирот сокин буданд ва пас аз он дар сархиёбон дар назди мазори ҳазрати пири Мавлоно Саъдуддини Кошғарӣ иқомат фармуданд ва иқоматгоҳи эшон марҷаъи ҷамиъи уламо ва ашрофи шаҳр ва аркони давлат ва аъёни ҳазрат ва маҷмаъи арҷмандони аҳд буд. Салотини вақт ва вузаро ҳам ба зиёратамон меомаданд ва ниёзмандону омма ҳам аз ҷабҳасоии он остон шарафандӯз буданд, ки ин фақир дар зумраи ин ҷамоат буда ва ба шарафи бисотбӯсӣ ноил ва рисолаи Мухтасарро бароямон ба унвони сабақ мехондам ва бад-ин имтиёз аз соири ақрон сарафроз будам.

Мақолаи аввал:

Дар ғароиби умуре, ки дар мусоҳибати ин фақир бо он ҳазрат иттифоқ афтода, ки илтифоту таваҷҷуҳоти он ҳазрат нисбат ба ин фақир аз онҳо зоҳир аст.

Рӯзе шайх Абдуллоҳи Котиб, ки ба хариду фурӯши кутуб машғул буда ва аз авлоди муқарраби ҳазрати Борӣ, Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ аст, рисолаи “Илоҳинома”-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро пеши ман овард. Ба

мутолаъаи аввали рисола машғул шудам. Бас ки ибороти он рисола салис ва маъонияш олӣ буд, то ба охираш нахондам китобро натавонистам аз даст бигзорам, чунонкӣ ҷалби таваҷҷуҳи ҳуззор намуд, ки як китобро дар нишаст аз аввал то охир хондан, холӣ аз ғаробат набуд. Фардои он рӯз, Ҳазрати Мавлоно ба манзили банда ташриф оварданд ва ҳамон рисола ҳозир буд, барои мулоҳаза ба даст гирифтанд. Яке аз асҳоб суҳбати қазияи дирӯзиро ба миён овард; Ҳазрати Мавлоно табассуме карда фармуданд: “Аҷаб тасодуфи ғарибе мо байни ману шумо иттифоқ афтода, ду се рӯз қабл ҳамин китобро шайх Абдуллоҳи Котиб пеши ман овард, ман ҳам, ки аз аввалаш шурӯъ ба мутолаъа кардам даст накашидам ва то ба охир хондам”. Чанд рӯз баъд, ки шайх Абдуллоҳ барои гирифтани баҳои китоб омада буд, баъзе аз ҳозирин ба ӯ гуфтанд, ки фалонӣ, яъне банда, ин китобро аз аввал то ба охир дар як нишаст хонданд. Шайх Абдуллоҳ аз рӯйи таъаҷҷуб гуфтанд, ки ин китобро барои Ҳазрати Мавлоно ҳам бурдам, ин ҳол барои эшон даст дод.

Дигар: Шабе дар маҷлиси яке аз кибори асҳоб ворид шудам, ҷамъе аз аъизза ҳузур доштанд. Мутаҳҳари Ъудӣ, ки хонандаву навозандаи машҳур буд ва дар навозандагӣ падари Зуҳра ва дар хонандагӣ фарзанди руҳафзои он буд, машғули тағаннӣ буд ва ин ғазали Ҳасани Деҳлавиро[25] мехонд, ки байти аввалаш ин аст:

Зиҳӣ дарунаи дилро замон замон ба ту майле,
Марав, ки меравад инак зи нуки ҳар мижа селе.

То расид ба ин байт:

Мисоли қатраи борон, сиришки ман ҳама дурр шуд,
Чунин асар диҳад, алҳақ, тулӯъи чун ту суҳайле.

Баъзе аз аҳли маҷлис аз рӯйи эътироз ва баъзе аз рӯйи танбеҳ ба муғаннӣ гуфтанд, ки “Сиришки ман ҳама дурр шуд” махон, “Сиришки ман ҳама хун шуд” бихон, ки “дурр шуд” дар инҷо ғалат ва бемаъност. Раиси маҷлис ҳам бо эшон мувофиқат кардаву тасдиқ намуданд, ки “дурр шуд” ғалат аст. Ман аз аввали музокара сокит буда ва ҳарфе намезадам, то ҳуззор рӯ ба ман карда гуфтанд: “Шумо чаро изҳори ақида

[25] Амир Наҷмуддин Ҳасан ибни Алӣ Санҷарии мутахаллис ба Ҳасан (вафот: 727) шоири порсигӯй ва орифи аҳли Ҳиндустон, муосири Амир Хусрави Деҳлавӣ буд, ки ба тасаввуф гароид ва дар ҳалқаи муридони шайх Низомуддини Авлиё даромад.

дар ин бора намекунед?”. Ман гуфтам: “Ҳоло, ки ақидаи маро суол кардед мегӯям, ҳамчунон, ки муғаннӣ хонданд саҳеҳ аст ва чунин бояд”.

Чун аҳли маҷлис ин иддаъоро, ки мухолифи ақидаи ҳамаи онон буд, аз ман шуниданд, ба иттифоқ рӯ ба ман ҳуҷумовар шуда ҳарфҳои “лима” ва “ло нусаллим” ба миён оварда ғавғое роҳ андохтанд. Фақир гуфтам: “Чун шумо ҷамъан як тарафе буда ва ман танҳо ҳастам, ман аз исботи иддаъои худ оҷиз хоҳам шуд. Агар ба ҳакамият ва тасдиқи як нафар аз хориҷи ин маҷлис розӣ шавед, ба ҳарчӣ муқаррар доред ман гарав мебандам, ки тавре ки хонда шуд саҳеҳ аст”. Ҳамагӣ гуфтанд, ки имрӯз Мавлоно Ҷомӣ дар фанну адабу шеър мусаллами кулл аст. Муттафиқан ба ҳакамияти эшон қарор дода шуд ва гарав бастем. Ман ҳамон вақт, кайфияти маҷлис ва баҳс ва байт ва инки дар он байт калимаи “дурр” ё “хун” кадом як муносибтар аст, навиштаву ба назари ҳуззор расонида ба хидмати Мавлоно фиристодам. Он Ҳазрат дар ҷавоб ин мисраъро навиштаву ба ҳамроҳии ҳамон расул фиристода буданд: Сухан дурр аст, таъаллуқ ба гӯши шаҳ дорад. Ҷамоъат мулзам шудаву анфоси қудсияи эшон мояи сарбаландии фақир шуд. То ҳол ин навъ ҷавоби мухтасару муфид барои ҳеҷ суоле дидаву шунида нашудааст. Фардои он рӯз, ин қазия шуҳрат ёфта ва нақли маҷолис шуд.

Дигар: Соле, ки подшоҳ[26] тахти Хуросонро ба тасарруф овардаву тарҳи боғи “Ҷаҳоноро”-ро андохта буданд, рӯзи панҷшанбее дар хидмати он Ҳазрат аз тарафи Гозургоҳу дашт, аз роҳи Хиёбон меомадем, Сайид Ғиёсуддин, ки имората боғ ба ӯ муҳаввал буд, миқдори зиёде дарахти сарв барои коштан дар боғи Ҷаҳоноро харида ва ба аробаҳо бор кардаву меоварданд. Ба он Ҳазрат салом карданд. Он Ҳазрат аз рӯйи мутояба, фармуданд, ки: “Оё боз дарахти сарве дар ин ҳаволӣ боқӣ гузоштӣ? Ин ҳама сарв аз куҷо бор кардӣ? Оё чанд асла дарахт аст?”. Эшон дар ҷавоб гуфтанд, ки: “Яксаду чаҳор асла (ниҳол) дарахт аст”. Эшон фармуданд, ки: “Аҷаб ададест!”. Фақир фил-фавр дар ҷавоб гуфтам, ки: “Адади муносибест бо сарв, зеро ки бо ҳисоби ҷамал, калимаи қад ҳам саду чаҳор аст”. Ин фақирро хеле таҳсин фармуданд.

Дигар: Яке аз авбош, Муҳаммад Ҳабиб ном, рӯзе дар ҳоли мастӣ, сари роҳ ба Ҳазрати Мавлоно гирифта ва беадабиҳову сафоҳат ва сақт

[26] Мурод аз подшоҳ Султон Ҳусайн Мирзо Бойқарост, ки аз соли 873, бо тасарруфи Ҳирот ба қудрат даст ёфт ва то замони вафоташ (соли 911) ҳукумат кард. Даврони ҳукумати ӯ яке аз муҳимтарин ва дурахшонтарин адвори ҳукумати Темуриён ба шумор меояд.

гуфтан оғоз карда, Ҳазрати Мавлоно мутлақан илтифоту таваҷҷуҳе ба ҷониби эшон намекунанд. Фардои он рӯз, ки дар хидмати Ҳазрати Мавлоно роҳ мерафтем, бо ҳамон девона рӯбарӯ шуда, ва ба назари инки Мавлоно шикояте аз вай ба ман оварда ва аз беадабиҳои онрӯзии ӯ ҳикояте ба ман кардаанд, наздик ба Мавлоно шуда ва забон ба узрхоҳӣ гушуданд. Фақир таъаҷҷуб карда аз Мавлоно иллати ин узрхоҳии парешонро суол кардам. Дар ҷавоб таҷоҳул фармуда ва сухани дигаре ба миён оварда ва аз ҳаракоте, ки аз он девона сар зада буд, чизе нагуфтанд. Аммо рӯзи дигар, қазияро аз баъзе аз асҳоб шунида, ба он ҳазрат арз кардам, ки: “Агар иҷоза фармоед, он мард таъзир ва таъдибе бишавад”. Фармуданд, ки: “Ҳеч сухане ба ӯ нагӯед, ки ӯ ба ҷазои худ хоҳад расид”. Пас аз чанд рӯзе, дар мунозаъае, ки он мардро бо касе дигар (девонаи дигаре) рӯй дода буд, ба қатл расид.

Дигар: Қурратул-айни салтанат, Музаффар Ҳусайн Мирзоро писаре ба номи Аҳмад Ҳусайн Мирзо фавт шуда буд. Ҳазрати Мавлоно ба расми таслият ба маҷлиси сугвории султонзода дар Боғи Сафед ташриф оварданд. Ин фақир дар дуои султонзода ва марсияи писараш ин байтро гуфта будам, ки оҳиста ба Ҳазрати Мавлоно хондам:

Гар шамъ мурд, меҳри фалакро мадор бод,
Гар қатра рехт, оби бақоро қарор бод.

Он ҳазрат фил-фавр коғаз ва давот хоставу ин байтро навиштанд:

Фарзанд меваест зи шохи дарахти умр,
Гар з-онки мева рехт шаҷар пойдор бод.

Сулонзода мусаввадаро хоста ва сипосгузорӣ намуд.

Дигар: Вақте, ки Ҳазрати Мавлоно аз сафари Макка муроҷиат фармуданд, подшоҳ ба иқтизои ҳаводиси рӯзгор, барои искоти фитнаву ошӯб ба Балх рафта буданд. Замоне, ки ба пойтахт муроҷиат фармуданд, он ҳазрат ба унвони истиқбол ба маҳалли Мурғоб[27] ташриф овардаву баъд аз мулоқоти Султон ба манзили банда омаданд. Шабро барои истироҳати эшон чодари бисёр зебову ботакаллуфе заданд. Иттифоқан он шаб бодҳои тунде вазидан гирифт, ки тамоми чодарҳои урдуро хобондаву пора кард, чодари он Ҳазрат ҳам афтодаву пора пора гардид.

[27] Мурғоб дар тадовули Хуросониён ба оби андак чун чашма ё қаноте хурд гуфта мешавад. Маҳалли Мурғоб ҷое ҳаст, ки рӯдхонаи Мурғоб аз канори шаҳри Марв мегузарад.

Яке аз гумоштагони он Ҳазрат аз рӯйи таассуф гуфта буданд, ки: "Аҷаб чодари хубе буд, ҳайф ки ба куллӣ пора пора шуд. Оё фаррошони мувозиби ин кор чӣ хоҳанд гуфт?". Он Ҳазрат фармуда буданд, ки: "Чизе нахоҳанд гуфт. Фақат мегӯянд, кош ин муллоҳои шумқадам ба хонаи мо намеомаданд".

Дигар: Ҳам дар он таърих, ки ин фақир сипоҳигариву тамоми маносиби давлатӣ ва мулозиматро тарк гуфтаву узлат ихтиёр намудам, он Ҳазрат шунидаву аз рӯйи насиҳат ва танбиҳ иллатро пурсиданд. Фақир арз кардам: "Аз суҳбату ихтилоти ҷинси инсон малулам". Дар ҷавоб фармуданд: "Мақсуд аз инсон чист? Агар инсоне пайдо кардед, ба мо нишон бидиҳед". Чун метарсидам, ки маро аз он кор манъ намоянд, аз шунидани ин ҷавоб донистам, ки аз ин иқдоми фақир чандон нохушнуд нестанд, хушҳолу хотирҷамъ шудам.

Дигар: Он Ҳазрат бо Мавлоно Соғарӣ ҳамвора шухиву мутояба мефармуданд. Рӯзе Мавлоно Соғарӣ ҳозир буд, Ҳазрати Мавлоно аз рӯйи мутояба ашъори эшонро таҳсин мекардандy Соғарӣ ашъори худро аз рӯйи эҳтимом ва бо карру фарр мехонданд, ба наҳве, ки агар касе бе вуқуф аз нукоти шеърӣ ҳозир будӣ, ашъорашро матину пурмаъно тасаввур менамудӣ. Фақир арз кард: "Илова бар инки ашъорашон хуб аст, хуб ҳам мехонанд". Он Ҳазрат фармуданд: "Дар ин қисмат аст, ки моро бозӣ медиҳанд". Вақте Соғарӣ иддаъо мекард, ки бархе аз шуаро ашъори пурмаънии ӯро медузданд, он Ҳазрат ин қитъаро фармуданд:

Соғарӣ мегуфт, дуздони маъонӣ бурдаанд,
Ҳар куҷо дар шеъри ман як маънии хуш дидаанд.
Дидам аксар шеърҳояшро, яке маънӣ надошт,
Рост мегуфт инки маъниҳошро дуздидаанд.[28]

Дигар: Вақте, ки фақир ба назму татаббуъи "Хамса" машғул будам, дар достоне ҳазрати Шайх Низомӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ ва ҳазрати Мавлоно Ҷомиро, ки ҳар як хамсае манзум намудаву заҳматҳо кашидаанд, мадҳ кардаву аз рӯйи ихлосу ниёзмандӣ, худро тобеъу пайрави онон гирифтаву гуфта будам:

[28] Соғарии Навоӣ, ба қавли Алишер Навоӣ, соҳиби Маҷолисун-нафоис, аз вилояти Соғар ва дар силки шуарои Ҳирот буд ва дар ҳамон шаҳр даргузашт ва дар навоҳии хиёбон ба хок супурда шуд.

Мир, ки гуфт робиъуҳум калбуҳум,
Ёфта файзи сухан аз қалбуҳум.

Вақте, ки ҳамон маснавиро мехонд, чун ба ин байт расид, фақир аз рӯйи мутояба гуфтам: “Дар таркиби “аз қалбуҳум”, “аз” ба маънои “мин” аст, ва “мин” аз ҳуруфи ҷорра ҳаст, ки калимаи мо-баъдро маҷрур менамояд ва дар ин сурат қофия ғалат аст”. Ин мутоябаро Мавлоно Соғарӣ ҷиддӣ фарз кардаву ҷавоб доданд: “Боке нест”. Ва ҳазрати Мавлоно Ҷомӣ ҳам қариби ба ин мазмун аз рӯйи мутояба эътирозе фармуда буданд, ки: “Метавон гуфт аз навъи таворуд будааст”.

Дигар: Мавлоно Абдуссамади Хушнавис[29], ки аз хаттотони машҳури аҳди худ буд, вақте девони қадимии Мавлоноро барои ин фақир навиштаву дар таҳзибу тазҳиби он саъйи вофире ба кор бурда буд, пас аз итмом, хидмати Ҳазрати Мавлоно фиристодаву иддиъои муқобала ва мурур намудам. Фармуда буданд: “Котиби ин девон шахсе босалиқаву хуштабъ аст, шояд эҳтиётро ба кор бурдаву эҳтиёҷе барои муқобала боқӣ нагузошта бошанд”. Фардои он рӯз, ки шарафи хидматашро дарк кардам, фармуданд, ки: “Ин китобро миқдоре мутолаъа кардам, навъи ғарибе навишта шуда, мисли инки мултазим буда, ки як мисраъро беғалат нанависад ва дар баъзе ҷоҳо як байт ду байт, балки зиёдтар ҳам тарк гуфтаву ба куллӣ нанавишта”. Фақир хоҳиш кардам, ки агарислоҳи ин китоб ба қалами мубораки он ҳазрат анҷом ёбад, бар зинати китоб афзӯда ва мояи мубоҳоти ин фақир хоҳад буд. Аз рӯйи лутф қабул фармуданд ва ғалатҳои бисёре тасҳиҳ ва ҳакку ислоҳи онро мутаҳаммил шуданд, то девон ба охир расид ва дар охири девон ин қитъаро навишта буданд:

Хушнависе чу орази хубон,
Суханамро ба хатти хуб орост.
Лек ҳарҷо дар ӯ зи саҳви қалам,
Гоҳ чизе фузӯду гоҳе кост.
Кардам ислоҳи он ман аз хатти хуш,

[29] Ба қавли Навоӣ, Мулло Абдуссамад аз Машҳади муқаддасаи Разавия ҳаст. Мир Алишер девони Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомиро бад-ӯ китобат фармуд ва барои тасҳеҳ пеши Мавлоно фиристод. Баъзе ҷойҳоро, ки саҳв шуда буд, Мавлоно ба хатти худ ислоҳ кард ва ин қитъаро гуфт:
Хушнависе чу орази хубон, * Суханамро ба хатти хуб орост.
Лек дар вай зи саҳвҳои қалам, * Гоҳ ҳарфе фузӯду гоҳе кост.
Кардам ислоҳи он ман аз хатти хеш, * Гарчӣ н-омад чунон, ки дил мехост.
Ҳарчӣ ӯ карда буд бо суханам, * Ман ба хатташ қусур кардам рост.

Гарчӣ н-омад чунон, ки дил мехост.
Ҳарчӣ ӯ карда буд бо суханам,
Ба хатти ӯ қусур кардам рост.

Вақте, ки Султон Яъқуб аз ин фақир китоб хоста буданд, аз он девон нафистар китобе суроғ надоштам, ки дар ҳар байт балки дар ҳар мисраъи он хатте аз Ҳазрати Мавлоно буд. Ҳамонро фиристодаву кайфиятро ҳам ба эшон навиштам. Дар ҷавоб хеле изҳори хушвақтӣ ва мамнуният карда буданд.

Дигар: Рӯзе ҳазрати Подшоҳ ба хонаи ин фақир ташриффармо буданд, сари суфра фармуданд, ки: “Аз ин атъима ҳиссае ҳам барои Мавлоно бояд фиристод”. Қарор бар ин шуд, ки ба воситаи Хоҷа Даҳдор, ки аз зурафову нудамо буд, фиристода шавад. Хоҷа Даҳдор аз як барраи бирён, ки фавқулода чоқ буд, интихоб карду бурд. Хоҷа Даҳдор, ки молики иштиҳои муфрит буд, дар ҳузури Ҳазрати Мавлоно, дар васфи он таъом, зиёда аз ҳадд муболаға менамояд. Ҳазрати Мавлоно, ки рағбат ва балки тамаъи Хоҷаро мебинад, аз рӯйи марҳамат мефармоянд: “Шумо ҳам биншинед ва машғул бошед”. Хоҷа Деҳдор бо камоли майлу иштиҳо машғул мешаванд ва Ҳазрати Мавлоно ин қитъаро навиштаву мефиристанд:

Эй Хоҷа маро ба лутфи худ парвардӣ,
З-овардани пушту дунба фарбеҳ кардӣ.
Биншастиву дунбаро ба рағбат хӯрдӣ,
Бурдӣ ба шикам онҷӣ ба пушт овардӣ.

Дигар бор, рӯзе ба василаи Хоҷа Деҳдор, хони итъоме ҳузури Ҳазрати Мавлоно фиристодам, ки аз пушти гусфанду барра таҳия шуда буд. Хоҷа он ҳадияро ба худ иснод додаву эҳдои онро аз худ қаламдод карда ва тафохуре ба харҷ медиҳад, ки Ҳазрати Мавлоно дар ин боб, ин қитъаро мефармоянд:

Хоҷа оварда баҳри суфраи мо,
Пушти он як ду гусфанд, ки кушт.
Лекин аз дасти нахвати ҷудаш,
Нашуд олудаам бад-он ангушт.
Ҳаст аз он бо худаш тасаввури он,
Ки ба Ҳотам ҳамерасад ба ду пушт.

Дигар, ин фақир аз рӯйи ниёзмандиву табаррук туҳфаву ҳадияе аз нақду ҷинс ҳар вақт, ки ба хидматашон мефиристодам, ағлаб ба воситаи Хоҷа Деҳдор буд. Вақте дар шумораи ваҷҳе ихтилофгунае воқеъ шуда буд, ин қитъа фармуданд:

Хоҷа Деҳдор аз атияи Мир,
Ҳарчӣ овард зи дирҳаму динор,
Музди по баргирифта мегӯяд,
Ношумурда, ки понсадасту ҳазор.
Ҳеч дар хотираш намегардад,
Фикри шармандагии рӯзи шумор.

Ва низ вақте дигар, дар ҳамин модда, ин қитъаро фармуданд:

Ба Деҳдор гуфтам, ки бардор бахш,
Аз он сурра к-аз вай сарафроштам.
Зи инсоф дам зад, к-азон бахши ман,
Ҳамон бас, ки дар роҳ бардоштам.

Дигар: Рӯзе бомдод он Ҳазрат ба хонаи фақир ташриф оварда буданд. Дар саҳни хона як ду ҷуфт товус буд, ки тоза аз ошёна берун омадаву парҳои худро чатр зада буданд, ки эшон дар сунъи наққошӣ ва ғаробати нақшбандӣ аз рӯйи таъаҷҷуб калимоте мефармуданд. Дар зимни инки гуфтугӯ дар товус буд, фармуданд, ки дар назди баъзеҳо товус бидуни инки ҷуфт бишаванд тухм мегузорад ва баъзе мегӯянд, дар ҳоли мастӣ, ки доранд, аз чашми товуси нар як қатра об ба чашми мода расида ва мунтиҷи тухмгузорӣ мегардад. Ва ба тарафи фақир нигоҳе карда фармуданд, ки ин сухан истибъод надорад; зеро ки Амир Хусрави Деҳлавӣ, дар баъзе аз расоили худ ин маъниро изҳор кардаву худ аз аҳолии Ҳиндустон аст, то таҳқиқе накарда бошанд, шояд намегуфтанд. Агарчӣ ин фақир кизби маҳз будани ин масъаларо медонистам, аммо пеши эшон Амир Хусравро на тасдиқ кардаму на таксиб ва сокит мондам. Иллати сукут ва ҷавоб надодани фақирро пурсиданд. Ба мулоҳазаи адаб гуфтам: Шояд дар Ҳиндустон ин ҳол товусро рух медиҳад. Эшон дигар на дар исботи ақидаи Амир Хусрав ва на дар нақзи сухани фақир исроре наварзиданд, ки тасдиқи ҳеч тарафро таъйин намедоштанд. Аммо фақир дар ин фикр будам, ки дар муқобили тасаввуроти Амир Хусрав, ки соҳиби мақоме ҳастанд, дар исботи иддаъои худам, чӣ чораву тадбире кунам, ки дар ин ҳол товуси нар рӯйи товуси мода ҷастан кардаву ҷуфт шуданд. Ҳазрати Мавлоно хандиданду

фармуданд, ки ин гуна иттифоқ аз ғароиби умур аст, ки ҳам шубҳа рафъу ҳам иддаъо собит гардид.

Дигар: Сафийюддин Муҳаммад, фарзанди Ҳазрати Мавлоно, ба раҳмати Худо восил шуда ва ба маҷлиси азо барои изҳори таслият ва ҳамдардӣ мерафтам. Дар роҳ ёри азиз, шайхам Суҳайлӣ ва Мавлоно Сониъӣ ҳамроҳ шуданд. Дар ҳини вуруд ба маҷлис, ки пур аз акобиру ашроф буд, аз ҳайбати маҷлис ва рутбаву шавкати он Ҳазрат сукуте даст додаву сухане роҷеъ ба таслият ва таъзият натавонистам бигӯям. Ҳамраҳон ҳам табаъият ба фақир карданд. Пас аз ламҳае, ки мавқеъи изҳори таъзият гузашта буд, барои рафъи хиҷлат, ба хаёли алфози муносиб бо таърих афтодам. Аз иттифоқоти ҳасана, ҷумлаи “Бақои ҳаёти шумо бодо” ҳисоб кардам, рост омада аз рӯйи эҳтиёт мартабаи дигар ҳисоб шуд. Пас аз рафъи шубҳа давоту қалам хоста ба қоғазе навиштаву рақами (881) болои он навишта аз рӯйи эътизор ба хидматашон тақдим доштам. Таҳсинҳо фармудаву фил-маҷлис бад-ин навъ манзуман фармуданд:

Гули бӯстони латофат Сафӣ,
Чу шуд сӯйи Ҷаннат зи боғи фано,
Азизе пайи пурси таърих гуфт,
Ки “Бодо бақои ҳаёти шумо”.

Рӯзе дар хидмати он Ҳазрат будам, суҳбат аз Анвариву қасоиди ӯ буд. Фармуданд, ки ман ашъору қасоиди Анвариро камтар дида будам. Дар ин рӯзҳо девонаш ба дасти ман расида ва чанде ба мутолаъаи он машғул будам, ки фил-воқеъ дар баъзе ҷоҳо аз маротиби каломи башар таҷовуз карда ва ба ҳадди эъҷоз расида. Ин фақир, ки назди асҳоб ба иродат ва муътақиди комил будан дар ҳаққи Анварӣ муттаҳам будам, аз ин тарзи таъбири он Ҳазрат бениҳоят хушҳол шудаву хоҳиш намудам қасидаи “долия”-и Анварӣ, ки матлаъи он ин аст:

Гар дилу даст баҳру кон бошад,
Дилу дасти худойгон бошад.

- як мартаба хонда шавад.

Он Ҳазрат мутабассим шуда фармуданд, ки аҷаб қасидае интихоб кардед. Зеро дар ин ду се рӯз, ҳамон қасидаро ман хонда, аз бас, ки хушам омад истиқбол аз он қасида кардаам. Ва мусаввадаи онро берун овардаву ба ин фақир марҳамат фармуданд, ки матлаъаш ин байт буд:

Ҳаркиро дар даҳон забон бошад,
Дар санои шаҳи ҷаҳон бошад.

Пас аз хондани қасида, аз рӯйи густохӣ арз кардам: Қасидаи Анвариро, ки сеҳр хаёл мекардем, инро муъҷиза тавон гуфт.

Мақолаи дуввум:

Дар зикри муросалот ва руқаъоте, ки аз он Ҳазрат ба ин фақир расида ё ин фақир ба эшон навиштаам.

Фақир аз Марв арзадоште кардаву барои ихтисор ба як рубоъӣ, ки дар охири ариза навишта шуда буд, иктифо менамояд:

То дур фитода сарам аз хоки дарат,
Ҳар рӯз диҳам ба номае дарди сарат.
Бехуд гардам чу нома ояд зи барат,
Ман бе хабар аз нома чӣ донам хабарат.

Дар ҷавоби нома навишта буданд:

З-он дам, ки фитод иттифоқи сафарат,
То бу, ки кунам гаҳе ба хотир гузарат.
Гар мурғ парад сӯйи ту ё бод вазад,
Хоҳам, ки диҳам ба номае дарди сарат.

Чун қалам бардоштаму андеша гумоштам, ҷуз эътизори рақамҳои[30] мутатобеъ, ки дар чанд рӯз воқеъ шуда, маъние дар дил нагузашт ва сурате ба хотир нагузашт, агарчӣ ин низ холӣ аз дағдағаи тасдиъе нест ва авқоти шарифро бешоибаи тазйиъе на.

Гар бинолам пеши ту, он нола дарди сар бувад,
В-ар бихоҳам узри он, дарди сари дигар бувад.

Пас аз чанд рӯз, боз дар Марв ин руқъа аз он Ҳазрат расид:

Таҳийёте, ки чун аз дил барояд,
Ҳама руҳониёнро ҷон физояд.
Шамими он дар ин фирӯза манзар,
Димоғи қудсиён дорад муаттар.

[30] Чунин аст дар асл; шояд таҳрифи “руқъаҳо” бошад.

Ва дар охири руқъа ин ду байт марқум буд:

Ҷуз ин коре мабодат гоҳу бегоҳ,
Ки дар зилли залили давлати Шоҳ,
Хати ҳаззи худ аз дил бартарошӣ,
Барои Ҳақ паноҳи халқ бошӣ.

- Вассалом.

Фақир ин тавр ҷавоб додам:

Саломе, к-аш чу мурғи ҷон सароянд,
Чу Руҳуллоҳ равонбахшӣ намоянд.
Ҳама алфозаш аз айни мувосо,
Чу нутқи Аҳмади мурсал дилосо.

Ва дар ҷавоби ду байти охирии эшон, дар охири руқъа навиштам:

Умедам онки аз иршоди Махдум,
Ба рӯйи нома гардад ҳарчӣ марқум,
Зи амраш чун қалам сар барнатобам,
Ба тавфиқи вуқуъаш баҳра ёбам.

Вақте, ки Подшоҳ дар қишлоқи Марв буд, хабари вафоти устод Ҳасани Нойӣ аз Ироқ расид. Фақир дар ин мавзуъ, байти аввали маснавии Ҳазрати Мавлавиро тазмин карда ба ҳузури Ҳазрати Мавлоно чунин навиштам:

Шарҳи ҳаҷри шоҳи устодон Ҳасан,
Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад.
Банд банди ӯ ҷудо гашта зи ғам,
В-аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.

Дар ҷавоб марқум дошта буданд:

Шуд найи хома диламро тарҷумон,
Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,
Бо забони тезу чашми ашкрез,
Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.

Ҳикояти тамодии айёми фироқ ва шикояти таволии лаёлии иштиёқ беш аз он аст, ки ба мадаргории давоти даҳонбаста ва ба дастёрии хомаи забоншикаста дар тули ин нома арзи он мақдур бошад ва дар таййи ин

саҳифа насри он майсур. Лоҷарам садди он боб карда илтимос меравад, ки:

Дар он соат, ки беташвиши ағёр,
Дар он фархунда маҷлис бошадат ёр,
Замин бӯси ба таъзиме, ки донӣ,
Заминбӯси дуогӯён расонӣ.

Давлате аз интиҳо масун ва саодате аз инқитоъ маъмун бод.

Дар ҳамон айёми мусофират, фақир ин руқъаро навиштаву фиристода будам:

Найи килкат шакари маъниро,
Карда чу найшакар аз ҷавф бурун.
Хати ӯро хати мушкинсурат,
Дар таҳи хат рухи зебо мазмун.
Балки ҳар донае аз нуқтаи ӯ,
Тоҷи маъниро дурри макнун.

Руқъае аз рӯйи илтифот фиристода буданд, бал гавҳаре, ки аз баҳри табъи Уммон симот берун дода буданд, расид. Бар ҳар тақдир, бар тоҷи торак дӯхта шуд ва хонаи чашму дил бад-он афрӯхта гашт. Офтоби иршод бар сари толибони рубъи маскун ва бар сари қобилони чархи гардун тобанда бод. Вас-салом.

Он ҳазрат дар ҷавоб ин руқъаро марқум доштаву фиристода буданд:

Найи килки ту тифли маъниро,
Ба наботи ҳасан бипарварда.
Ғурраи субҳро зи турраи шом,
Рашки рухсори навхатон карда.
Қисса кӯтаҳ, шаби дарози маро,
Пора-пора ба рӯз оварда.

Саҳифаи шарифаи машҳун ба маъониву иборoти латифа ва мамлув аз нукоту хурдадонӣ, наздикони дуру дурони наздик ба ҳузурро мушарраф сохт. Дар сурати ҳар хатте ҳаззе рӯй намуд ва аз акси ҳар ҳарфе фараҳе партав андохт.

Аз шавки шиква ғунчаҳои шукру сано дамонид ва аз хори гила гулҳои маҳмадат ва дуо шукуфонид.

Гар лутфи ту бигзарад ба хористонҳо,
Хористонҳо шавад баҳористонҳо.

Ҳикояти гилаву шикоят ва шиква динобарон воқеъ шуд, ки эшон аз руқъаи ин фақир гила тасаввур кардаанд ва тахти таҳрири тақрир оварда, ва илло:

Н-ояд аз ту чунон муомалае,
Ки касеро расад аз он гилае.
Нест аз ту ба ҷуз гила гиламанд,
З-онки лутфи туаш зи бех биканд.

Ҳақ субҳонаҳу ҳамвора дар назари раъфати худашон дорад ва ба офати назар ба худашон нагзорад, вас-салом.

Рӯзе дар хидмати он Ҳазрат будам ва аз ҳар навъ назм сухан мефармуданд. Дар аснои музокара, қасидаи мавсум ба “Дарёи аброр”-и Амир Хусрави Деҳлавӣ мазкур шуд. Ин фақир дар тавсифи қасидаи мазбур роҳи муболағаро паймудаву муҳиққ ҳам будам ва чунин ҳам машҳур ҳаст, ки Амир Хусрави Деҳлавӣ гуфта, ки агар аз ҳаводиси афлок ва навоиби рӯзгор тамоми манзумоти ман аз сафҳаи замон маҳв шудаву ҳамин қасида боқӣ бимонад, маро бас аст, ки ҳаркӣ бихонад иқтидори маро дар тасарруфи мулки назм хоҳад донист. Гӯё муболағаи ман бад-ин поя дар маҷлиси он Ҳазрат муносиб набудааст, ки он Ҳазрат ҳеч нафармуданд, то маҷлис тамом шуд. Пас аз чанд рӯз, ки Подшоҳ ба қишлоқи Марв озим буданд ва аз мултазимини рикоби шоҳӣ будам, барои видоъ ва таҳсили иҷоза ба хидмати Ҳазрати Мавлоно рафтам. Баъд аз онки иҷоза ва рухсат додаву фотиҳае хонданд, дар ҳини хурӯҷ аз хидматашон ҷузвае даровaрда ба фақир иноят фармуданд. Боз намуда дидам, қасидаи “Луҷҷатул-асрор” аст, ки дар муқобили “Дарёи аброр”-и Амир Хусрав аст, ки дар он рӯзҳо фармудаанд, ва ҳар кас бихонад медонад, ки аз қасидаи Деҳлавӣ олитар ва рангинтар аст. Ниёзмандӣ кардаву савор шуда ба роҳ афтодам. Ҳамон рӯз манзил дар Туққузработ (Нуҳработ) буд. Байни роҳ қасидаро бо камоли хушҳолӣ тамоман хондам ва матлаъи қасидаи “Туҳфатул-афкор” ба хотир омад. Пас аз расидан ба манзил, ҳамон матлаъро навишта ба воситаи қосиде ба ҳузурашон фиристодам, ки агар лоиқ бидонанд ва ишора фармоянд, ба итмоми он машғул бошам. Он Ҳазрат дар ҷавоб таҳсину ташвиқ намуда ва амр фармуда буданд, ки албатта тамом намоям. Фақир то расидан ба Марв

қасидаро ба номи он Ҳазрат тамом намуда ва аз Марв ба хидматашон фиристодам.

Матлаъи қасидаи “Дарёи аброр” ин аст:

Кӯси шаҳ холиву бонги ғулғулаш дарди сар аст,
Ҳаркӣ қонеъ шуд ба хашку тар шаҳи баҳру бар аст.

Матлаъи “Луҷҷатул-асрор” ин аст:

Кунгури айвони шаҳ, к-аз кохи Кайвон бартар аст,
Рахнаҳо дон к-аш ба девори ҳисори дин дар аст.

Матлаъи “Туҳфатул-афкор”:

Оташин лаъле, ки тоҷи хусравонро зевар аст,
Ахгаре баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст.

Қасидаи “Туҳфатул-афкор” бад-ин байт хотима меёбад:

Гашт явми ҷомеъи шаҳри Раҷаб торихи он,
Турфатар к-он моҳу рӯз итмоми ӯро мазҳар аст.

Дар ин таърих ғаробате ҳаст, ки аз ҳисоби рӯзу моҳи он торихи сол ҳосил аст.

Он Ҳазрат дар ҷавоб ин руқъаро фиристода буданд: “Баъд аз адои вазоифи дуо, мақрун ба иҷобати “самиъаллоҳу лиман даъо”, онки ба тозагӣ қосиде расидаву қасидаи тозае расонид.

Чу ҳарфе чанд хондам, з-он қасида,
Дили хосон-ш андар қайд дидам.
Дар он асно чу шуд чашми басират,
Гушода ҷумла дилҳо сайд дидам.

Ҳарчанд аз матлаъ то мақтаъ, дар ҳар байту мисраъ, хотири ба суръати нуфуз мубоҳӣ ба ҳар ҳарфе фурӯ шуд, чун сиёҳӣ ҳеч нуқсон, ҷуз инки дафъи айнул-камолро дар ҳусни калом ва лутфи мақол кӯшида буданд, аз ҳеч чизе сохта ин ноқисро либоси авсофи камол пӯшида, ба назари андеша дарнаёмад, оре:

Машшота чу чеҳраи бутон орояд,
Аз нил хате кашад, паи дафъи газанд.

Аз фаҳвои он чунон маълум шуд, ки хидмати эшонро иродати иқбол бар қиблаи мақсуд ва эъроз аз намудҳои бебуд мутааккад шуда, “алҳамду лиллоҳи ало олоиҳи”. Аммо агар чунончӣ дар тағйири умури сурӣ ва тарки ашғоли ғайризарурӣ, чун мулоим мизоҷи шарифи азизон нест, муболаға наравад, дур наменамояд. Ҳеч ҷо нест, ки маҷсуд зоҳир нест ва ҷамоли зуҳурашро ҷуз камоли зуҳур сотир не.

Гар на ҳар ҷойе ҷамоли худ намуд,
“Ваҳва маъкум айнамо кунтум” чӣ буд.
Моҳи андар оби ҷӯй аст обҷӯй,
Мезанад бар чашму гӯшаш оби ҷӯй.
Гар шавад аз об огаҳ ҳам ба об,
Вораҳад ҷонаш зи пиндори ҳиҷоб.

Ҳақ субҳонаҳу ҳамагонро аз ҳақиқати қурб ба мақсуд огоҳ гардонад ва дасти ҳиммат аз намудҳои бебуд кӯтоҳ, вас-салому вал-икром”.

Ва ба унвони силаи қасида, як адад кулоҳу як адад рӯмол иноят фармуда буданд, ки муҷиби эътибору обрӯйи фақир гардид ва дар ҳошияи мактуб, чунин марқум буд, ки: “Тоқия фарқи тарки тоҷи такаллуф кардаро ва пораи карбос нашфи рутубати дасти аз ҷаҳон шустаро фиристода шуд”.

Чун қасидаи “Туҳфатул-афкор” дар тарзу татаббуъи қасидаи Амир Хусрав ва қасидаи Мавлоно ва дар таърифи олами фақру истиғно ва мазаммати таваҷҷуҳ ба алоиқи дунявӣ буд ва қасидаи мазбур шуҳрат ёфт ва ба арзи Подшоҳ расид, аз ниҳояти ҳусни хулқ ва вусъати машраб, таҳсин фармуданд. Ин фақир маҳҷуб шудаву ба хаёл омад, ки бар ин қасида татаббуъ ва истиқболи дигаре намуда бошам, ки мунҳасир ба авсофи фақру дарвешӣ буда ва ба номи мубораки Подшоҳ зинат дода шавад. Ин матлаъ гуфта шуд:

Хирқаи пурбахя к-аҳли фақрро андар бар аст,
Бар фарози олами маънӣ сипеҳру ахтар аст.

Ба арзи Подшоҳ расонидаву аз рӯйи ниёзмандӣ иҷозаи итмом хостам. Таҳсину амр ба итмоми он фармуданд ва ҳамон матлаъро аз Марв навишта ба ҳузури Ҳазрати Мавлоно ҳам фиристодам. Дар руқъае, ки фиристода буданд, ин ду байт марқум буд:

Зиҳӣ карда аз шавқи шаҳбози табъат,

Ҳумоёни қудсӣ ҳавои тазарвӣ.
Зи Марвам фиристодаӣ матлаъе хуш,
К-аз аҳли сухан мисли он нест марвӣ.

Айёме, ки ба мулозимат ва корҳои давлатӣ машғул будам ва аз касрати иштиғол ва ташаттути ҳавос аз рӯйи изтирор ҳамвора барои каронаҷӯйӣ ва фароғат илтимоси таваҷҷуҳе аз Ҳазрати Мавлоно мекардам, эшон аз рӯйи насиҳат ва мавъиза ҳар замоне ба як навъе фақирро таскин медоданд. Замоне, ки дар ҳаволии Мурғоб будем, боз дар ин мавзуъ руқъае ба хидматашон арз ва ин ду байтро навиштам:

То кай чу сабо ҳар тарафам ҷилвагарӣ,
Хоҳам сӯи сарви худ кунам пайсипарӣ.
Фарёдкунону хок бар сар фиканон,
Гӯям, ки халосам кун аз ин дарбадарӣ.

Дар ҷавоб руқъаи пандомезе фиристода ин ду байтро ҳам навишта буданд:

Аз дидаи ҷон агар ба ҷонон нигарӣ,
Аз тафриқаи ҷаҳон куҷо ғусса хурӣ.
Ин тафриқа ҳаргиз чу нагардад сипарӣ,
Бо тафриқа ҷамъ бош, то баҳра барӣ.

Ҳазрати Мавлоно дар сафари Макка, аз Бағдод номае навишта буданд ба ғоят рангину ғазале дарҷ фармуда буданд, ки матлаъаш ин буд:

Бар канори Даҷла дур аз ёр маҳрум аз диёр,
Дорам аз ашки шафақгун Даҷлаи хун бар канор.

Фақир дар ҷавоб ҳамон ғазалро татаббуъ карда ба хидматашон фиристодам, ки байти аввали он ин аст:

Шоми ҳиҷрон к-ӯ ба мағриб шуд ниҳон хуршедвор,
Ё Раб-аш субҳи висол аз ҷониби машриқ барор.

Ва дар охири руқъа, ин рубоъиро навиштам:

Ин нома на нома, дофеъи дарди ман аст,
Ороми даруни ранҷпарварди ман аст.
Таскини дили гарму дами сарди ман аст,
Яъне хабар аз моҳи ҷаҳонгарди ман аст.

Дар мурочиат аз Макка чавоби ин руқъаро аз Ҳалаб фиристода ва дар охир ин рубоъиро навишта буданд:

Ин руқъа на руқъа, мояи ҳар тарабест,
Таҳсили нашоту айшро хуш сабабест,
З-ин сон, ки бувад мухтасару пурмаъно,
Гӯё зи чавомеъул-калим мунтахабест.

Вақте, ки он Ҳазрат аз Макка мурочиат фармуданд, Подшоҳ дар Балх буд, руқъаи таҳниятомезе навишта ва ба воситаи қосиде фиристодам, ки хабари саломати эшонро биёварад ва ин рубоъӣ дар он қайд шуда буд:

Инсоф бидеҳ эй фалаки минофом,
З-ин ҳарду кадом хубтар кард хиром?
Хуршеди чаҳонтоби ту аз матлаъи субҳ,
Ё моҳи чаҳонгарди ман аз чониби Шом.

Дар чавоб эшон номаи муфассале навишта ва ин рубоъиро дарч фармуда буданд:

Бо килки ту гуфт нома, к-эй гоҳи хиром,
Сад туҳфаи хуш ба Рум оварда зи Шом.
Гар пои ту дар миён набошад нарасад,
Маҳчуронро зи чониби дӯст паём.[31]

Фақир дар роҳи Астаробод аз даҳанаи Тахти Сулаймон ин рубоъиро ба хидматашон фиристодам:

Эй бод дилам бишуд дигар чониби ёр,
Чон ҳам бибару ба пойи ӯ соз нисор.
В-онгаҳ қадре зи хоки пояш бардор,
Баҳри ивази чони мани дилшуда ор.

Дар чавоб навишта буданд:

Эй бод чу омадӣ зи сарманзили ёр,
Омад ба дилам з-омаданат сабру қарор.
Н-омад ба қарор аз ин қадар чон зинҳор,
Ӯро бибару бад-он, ки донӣ биспор.

[31] Баъди ин ҳикоят, Амир Алишер қиссаи дигаре ҳам (дар бораи Кичик Мирзо) зикр кардааст, вале мутарчим (ё ки ношир), ба назарам ба хотири вучуд доштани ибораи “аҳли суннат ва чамоат” дар он, ин қиссаро наёвардааст. – (аз баргардонанда).

Дар наздикии Чикту, аз Ҳазрат ин нома расид:

“Саломе карда аз “син” тездандон,
Кушода уқдаҳо аз риштаи ҷон.
Саломе аз каманди турраи “лом”,
Дили соҳибдилон оварда дар дом.
Саломе хуштар аз Фирдавси аъло,
“Алиф” дар вай кашида қад чу Тубо.
Ба зери он “алиф” аз чашмаи “мим”,
Аён дар пойи Тубо айни Тасним.

Туҳфаи суҳбати шариф ва ҳадияи маҷлиси маниф гардонида, маъруз онки чун хидмати Мавлавиро шавқи рикоббӯсӣ анонгир шуда буд ва худро ба фитроки ӯ бастан воҷиб намуд, лоҷарам ин руқъаи масҳуби рисолае, ки ба таҷдид ва таҳрир пайваста ба ҳузур фиристода шуд. Агар маслаҳат донанд, ба арзи ҳумоюн бирасонанд, ва илло:

Ҳарчӣ на мақбули дили поки туст,
Боядаш аз сафҳаи авроқ шуст.

Давлати ъоҷили муфзӣ ба саодати оҷил бар ваҷҳи акмал муяссар ва муҳассал бод!”.

Дар рӯзҳои расидани ин нома оризае ба мизоҷашон муставлӣ шудаву беҳузур будаанд, ки баъд аз чанд рӯз, хабари сиҳҳати эшон омад. Фақир ин руқъаро ба эшон фиристодам:

Ниёзе, ки аз саҷдаи аз ҳадд фузун,
Шуда ҷабҳааш доғ аз нуқтаи “нун”.
Пас онгаҳ зи “ё” аз пайи шавқи дидор,
Зи рӯйи рақам оҳи дил карда изҳор.
Дигар аз “алиф” дар вафо буда якто,
Чу сарви чаман омада пой барҷо.
Зи “зо” то кунад шоми ғамро мунаввар,
Аён сохта моҳу болояш ахтар.

Баъд аз (арзи) чунин ниёзе, ки марқум гашт ва рафъи ихлосе, ки бар забони хома гузашт, маърузи раъйи бандагони (остони) қудсиошён, онки чунин истимоъ афтод, ки даҳ-понздаҳ рӯзе оризае даст дода буд ва моҳи тамоми сипеҳри маънӣ рӯ ба заъф ниҳода, мухлисонро аз ин хабар сипеҳросо саргардониву дар кирдор парешонӣ даст дод. Биҳамдиллоҳи

вал-минна, ки баъди ду ҳафта ҳамон пайкари улви-хиром рӯ ба бурҷи сиҳҳат ва ҷамол оварда ва майл ба авҷи қуввату камол карда; саҷадоти шукр ба ҷой оварда, фалонро ба ҷиҳати таҳқиқи ин ҳол ва тасдиқи ин мақол фиристода шуд. Мултамас онки ба зудӣ бозаш гардонанд ва фақиронро аз хушии он хабар ба хушҳолии тамом расонанд. Кайфияти рисолаи аз нукот мамлув ва машҳун ва гузаштани он дар маҷлиси ҳумоюн ба зудӣ маърузи маҷлиси олӣ хоҳад шуд. Сояи иршод бар сари бандаву озод муаббад (ва мухаллад) бод, (вас-салом).

Вақте, ки Подшоҳ ба тасхири вилояти Қундуз азимат доштанд, он Ҳазрат ва соири умаро ин юришро моил набуданд. Он Ҳазрат ба ин фақир фармуданд, ки ҳарчӣ мумкин аст дар фасхи ин азимат саъй карда шавад. Дар сурате, ки имконпазир нашудаву азм ҷазм шуд, ба ин ҷониб бинависед ва ин фақир ончӣ лозимаи саъй бувад ба амал оварад. Чун тақдир чунин рафта буд, Подшоҳ аз маҳалли Тахти хотун бад-ин азм мусаммим шуданд. Фақир кайфиятро ба хидмати он Ҳазрат арза дошта ва ин рубоъиро навиштам:

Гуфтам фалакам ба ҳар тараф ронандаст,
Саргаштагӣ орандаву гирёнандаст.
Не, не, донад ҳар онкӣ ӯ донандаст,
К-ӯ низ асири чархи гардонандаст.

Он Ҳазрат руқъаро ҷавобе фиристодаву ин рубоъиро навишта буданд:

Эзид, ки ба ҳарфи мо қалам ронандаст,
Бар мову ту асрори қидам хонандаст.
Бо ӯ дили мо бад-он паре монандаст,
К-аш бод ба пушту рӯй гардонандаст.

Дар навоҳии Шабурғон[32], ин марқума аз он Ҳазрат расид:

Хонда ба сарири килки ту дуронро,
Дар дода салои васл маҳҷуронро.
Қонуни шифо навишта ранҷуронро,
Биншонда бад-он оташи маҳруронро.

[32] Шабурқон ё Шабурғон ё Шобурғон, яке аз шаҳрҳои шимолу шарқии Хуросони қадим, дар сари роҳи Марв ба Балх, дар ноҳияи куҳистонӣ воқеъ ва миёни ин шаҳр ва шаҳри Балх фосилаи андаке будааст.

Чун вуруди руқъаи шариф аз ҳудуди он букъаи маниф бар мухлисони сидқ-интимо, “ка-вурудиз-зимои ала-моъ” ба зуҳур анҷомид, ҳар як аз дидаи рамадрасида ва синаи камадкашида аз қалақи ҳиддати марорати мазоқ ва изтиробу шиддати ҳарорати иштиёқ ба мавтини улфат ва нишемани зулфат биёрамид.

Ба роҳат қарин бод, он дасту панҷа,
Ки худро бад-ин макрумат сохт ранҷа.

Ва бад-ин наҳв ҷавоб арз шуд:

Наздик шуд аз давлати дидори ту дур,
Гар ҳам гусиланд ҷону ҷисми ранҷур.
(К-ӯ аз ғайбат бирасад бад-ин ҳарду футур),
То ман шавам аз ҳузури васлат масрур.

Руқъае, ки назмаш ҷону дили парешонро дар силки интизом кашид ва насраш гавҳари ду дидаи ашкафшонро бар рӯйи каҳрабофом пошид. Дар ин вало (наздикӣ) ба мухлисони дуру дурони аз давлати висол маҳҷур расид. Пайи таскини изтироби ҷону дили ғамандӯз бар синааш ниҳодам ва ба ҷиҳати ороми гиряҳои ҷонсӯз болои чашми гирёнаш ҷо додам. Умедвории онки сӯхтагони фироқро гоҳе ба ҳамин сиёқ ба ёд оранд ва дили афрӯхтагони оташи иштиёқро ба навозиши руқъае шод доранд.

Дар навоҳии Андхуд, ин рақима аз эшон расид:

“Дуое бидояти он мазмум мааш-шавқи вал-ғиром ва ниҳояти он мамдуд ило явмил-қиём, вал-айну мафтуҳатун илал-иҷобати миналлоҳил-маликил-аллом. Ба сурати ниёз нисори бисоти ҷуръат ва инбисот мегардад. Ва майлу шағаф ба найли шарафи мулоқот беш аз он аст, ки ба сарфи ъашийёт ва ғадавот[33] дар эъмоли адавоти қалам ва давот адои шаммае аз он тавон кард, лоҷарам инони қасду ният аз савби он умният маътуф дошта бад-ин ду байт масруф мегардад:

Зирак он кас, ки дар харобаи даҳр,
Дари ганжинаҳои роз занад.
Ҷоҳи кӯтоҳ зери пой ниҳад,
Даст дар давлати дароз занад.

[33] Ашийёт ва ғадавот: шабону рӯзон.

Ло-язол равзаи умед баруманд бод ва шохи давҳаи саодати ҷовид ба он пайванд, вас-салом”.

Фақир бад-ин руқъа ҷавоб арз кардам:

“Номае, ки аз ҳарфи аввал рӯйи ниёз зоҳир карда бошад ва аз дуввум шуълаи оташи шавқ аз дил баровbooarda ва аз дуйи дигар ғами дил намуда ва аз ҳар сафҳаи нав равиши ҳамон тариқ паймуда, ба мавқифи арз расонида маъруз мегардонад, ки дар ин вало, ки руқъаи шариф омад:

Бӯсида ба чашми худ ниҳодам,
Болои сараш мақом додам.
Ҳам боиси нури чашми ман гашт,
Ҳам фарқи сарам зи чарх бизашт.

Қосид, ки ба суханҳои забонӣ навохт, ба ирсоли китоби “Муҳаббатнома” ва “Шароби сандал” мушарраф сохт, ҳар дуро ба хидматаш додаву ба хидмат фиристода шуд. Умед онки сурати меҳнати фироқ аз мутолаъаи он тасаввур намоянд ва дарду ранҷи иштиёқро аз шарбати висол муолаҷа фармоянд. Зилли олӣ бар мафориқи аҳли иродат лоязолӣ бод, вас-салом”.

Подшоҳ фақирро пайи маслаҳате аз Мурғоб ба таъҷил эъзоми Машҳад фармуданд ва ҳукм чунон буд, ки бе онки ба шаҳр ворид шавам, ба савби мақсад биронам. Ба наздикии шаҳр, ки расидам, савори махсусе аз ҷониби Подшоҳ расида ва ҳукми муҷаддаде овард, ки ба тарафи урду баргардам, ва бад-ин сабаб, ташарруфи хидмати Ҳазрати Мавлоно муяссар нашуд. Он Ҳазрат бад-ин муносибат, руқъаи зерро фиристода буданд:

Бинмуд абре зи ҷониби дашту бирафт,
Аз ташналабон зи дур бигзашту бирафт.
Баргашт умеди мо ҷигарсӯхтагон,
Норехта нам зи роҳ баргашту бирафт.

Ҳарчанд умеди ноумедон ба ҳусул нарасид ва муроди номуродон ба вусул наянҷомид, умед аст, ки ҳарчӣ маслаҳати диниву дунявии ходимони он остон ба он манут бошад ва саодати суварӣ ва маънавии мулозимони он давлатхона ба он марбут, бар ваҷҳи аҳсан ва тариқи акмал муяссар гардад, би-манниҳи ва ҷудиҳӣ, вас-салом.

Фақир ба наҳви зер ҷавоб арз кардам:

Дил чун алами давлати васлат афрошт,
Ҷон низ хаёли худ бад-он азм гумошт.
Ҳар як чу бад-ин мурод наздик расид,
Гардун ба муроди номуродон нагзошт.

Арзадошт онки ахтари толеъ, агарчӣ аз матлаи иқбол ломеъ шуд, аммо чӣ суд, ки аз гардиши фалаки ҳасуд ба бурҷи шараф норасида роҷеъ гашт. Ёроне, ки по бар роҳ ниҳода, эҳроми давлати мулозамат бастанд ва ба силки давлатмандоне, ки дар мулозамат ҳастанд пайвастанд, дидаи маҳрумӣ бар кафи пояшон молида ба ҷониби урду муовадат намуд, золика фазлуллоҳи, юътиҳӣ ман яшоъу.

Гарчӣ хуршед бувад толеи рӯзафзунам,
Нарасонад ба Масиҳонафасе гардунам.

Агар хотири анвар бад-он оранд ва ҳиммати олӣ бад-он гуморанд, ки роёти ҳумоюн майли шаҳр намоянд ва аркони давлати рӯзафзун ба ҳамроҳӣ азимат фармоянд, шояд ки ба туфайли азизон ин хори ашкрезон низ бад-он саодат ва иқбол, яъне ба шарафи давлати висол мушарраф ва мустафид тавонад шуд, вас-салом.

Мақолаи саввум:

Дар зикри кутуб ва расоиле, ки аз таснифоти он Ҳазрат аст ва ин фақир сабаби тасниф ва боиси таълифи онҳо будаам ва дар ағлаби онҳо ҳам мазкур шудааст.

Аз он ҷумла яке китоби “Нафаҳотул-унс мин ҳазаротил-қудс” аст, ки чунон китобе, на навишта шуда ва на ҳаргиз мумкин аст навишта бишавад. Ва шарҳ ин аст, ки доим ба хаёли ин фақир мерасид, ки муқарраби Ҳазрати Борӣ, Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ (қуддиса сирруҳу) дар зикри асҳоби тариқат ва арбоби ҳақиқат аз машоихи суфия (қаддасаллоҳу асрораҳум) китобе навишта ва эшонро ба панҷ табақа тақсим намуда, ки дар ҳар табақа бист нафар аз эшонро зикр фармуда, ки ҷамъан як сад нафар аз машоихи изомро ном бурдаанд. Ва шайх Фаридуддини Аттор (қуддиса сирруҳу) ҳам китобе ба номи “Тазкиратул-авлиё” навиштаанд ва ҳазрати Шайх Абдурраҳмони Суламӣ (қуддиса сирруҳу) дар зикри машоихи изом, китобе ба номи “Табақоти Суламӣ” навиштаанд. Лекин мутаассифона тамомии машоихи мутақаддимин ва ағлаб аз муосиринро нанавиштаанд ва аз ҳолоти худашон ҳам зикре

накардаанд. Гузашта аз он, пас аз он торих, ҷамъе аз машоих ва авлиёи киром қариб ба чаҳорсаду понсад нафар будаанд, ки номи эшон дар китобе сабт ва мудавван нест, ки аҳли рӯзгор аз он нафъе баранд ва мумкин аст, ки аз ҳаводис ва инқилоботи замон ин авроқ ҳам маҳв ва нобуд шаванд ва ҳайф аст, ки номи муборaки ин бузургворон ва фархунда аҳволу сифоти эшон, ки мақсуди офариниш ҳастанд, аз байн биравад. Ва бар хотир мегузашт, ки оё аз акобири замон кӣ бошад, ки бад-ин амри хатир иқдом намояд ва Ҳазрати Мавлоно барозандаву сазовори ин кор буд. Вале густохиро ҷуръат намекардам. Рӯзе ба хаёл расид, ки уммро эътимоде нест ва ин орзӯ бо ман ба гур хоҳад рафт; пас авло он аст, ки ба хидматашон изҳор намоям; то фурсат ёфта ба хидматашон арза доштам, ки ҳоли ғарибе даст додаву маълум шуд, ки он Ҳазрат ҳам аз ин хаёл холӣ набудаанд. Аммо мавонеъе пеш омада, ки боиси таъвиқу таъхири ин иқдом шуда ва феҳрасте дар ин мавзуъ таҳия фармуда будаанд. Боре он Ҳазрат аз ин илтимоси фақир изҳори хушҳоливу қабул фармуданд ва шарҳи ҳолоти акобирро ҷамъ намудаву ба ин амр иқдом карданд ва ҳар ҷузъ, ки тамом мешуд барои фақир мефиристоданд; то ба андак замоне китоби “Нафаҳотул-унс” тамом гардид ва дар натиҷаи саъй ва заҳмати он Ҳазрат, асомии ин бузургворон дар сафҳаи олам боқӣ монд. Ва он Ҳазрат дар аввали китоб, аз хонандагон чунин хоста, ки боису мутасаддиро ба дуои хайре ёд намоянд ва баъд аз хутба, номе аз фақир бурдаанд, бад-ин наҳв, ки:

“Дар соли ҳаштсаду ҳаштоду яки ҳиҷрӣ муҳибби дарвешон ва муътақиди эшон, он ҳама аз шуғл серу бар фақр далер, Амир Низомуддин Алишер (аъаззаҳуллоҳу таъоло биъиззи қабулиҳи) ба тавъ ва ихтиёр аз аъло маротиби ҷоҳ ва эътибор эъроз намуда ва бо қадами таслим ва ризо бар сулуки ҷоддаи фақру фано иқбол фармуда, аз ин фақир мисли он сурате ки, бар дил гузашта ва дар хотир мутамаккин гашта буд, истидъо кард; доияи қадим сурати таҷдид ёфт ва дағдағаи собиқ симати тақвият ва таъкид пазируфт. Лоҷарам ба сидқи ҳиммат ва хулуси тавият дар имзои он ният ва истиқзои он умният шуруъ афтод. Маъмул аз макорими ахлоқ ва маросими ишфоқи мутолаъакунандагон онки чун эшонро аз юмни анфоси таййибаи авлиёуллоҳ ва файзи арвоҳи муқаддасаи эшон вақт хуш гардад, мутасаддӣ ва боиси ин ҷамъу таълифро ба дуои хайре ёд намоянд”.

Баъд аз итмоми ин китоби шариф, ба хотир чунон омад, ки дар зикри муъҷизоти он Ҳазрат (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳам нишоне

зоҳир ҳаст. Рӯзе дар хидматашон аз ин мақула сухан ба миён омада, ин таманноро изҳор кардам, ки ҳаққи қалам ва сазовори замири шарифи шумост, ки ба ин кори шоиста иқдом намоед. Иттифоқан эшон ҳам дар ин фикр будаанд. Фармуданд, ки дар хаёли мо ҳам ин муддаъо буд, шумо муҳаррик шудед ва он хаёл тоза гардид. Иншоаллоҳ машғул хоҳам шуд. Фақир бо хушҳолӣ аз маҷлисашон дар омадам. Он Ҳазрат ҳамон рӯз машғули ҷамъоварии кутуб ва расоиле, ки бо ин мавзуъ муносибат дошт, шуданд. Фақир ҳар вақт, ки хидматашон ҳозир мешудам, хабар мегирифтам, то ба андак фурсате, муваффақ ба итмоми китоб шуданд ва дар дебоча аз рӯйи илтифот аз фақир чунин ёд намудаанд:

“Чун мушоҳадаи оёт ва мӯъҷизот ё истимоъи он аз удул ва сиқот, чунон ки донистаме, нисбат ба баъзе дигар муҷиби зиёдати ийқон ва изъон мегардад, лоҷарам уламои дин ва муқаффиёни осори Саййидул-мурсалин (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи аҷмаъин), шафақатан ало умматиҳи ва тарғибан фи мутобаъати суннатиҳи, дар зикри шавоҳиди нубувват ва далоили рисолати вай кутуб сохтаанд. Ва дар баёни он ҷудо аз соири аҳвол ва осор мусаннафот пардохта; ва чун ин фақир ба мутолаъаи баъзе аз онҳо мушарраф шуд ва фоидаи мутолаъаи онро, ки қуввати муҳаббат ва доияи ҳусни мутобаъат аст, дар худ боз ёфт, хост ки аз он фоида соири мусулмонон низ мунтафеъ шаванд, ба тахсис азизоне, ки ин фақирро нисбат ба эшон сидқи муҳаббатеву хулуси ақидате ҳаст. Ва пештар аз ин, ки истидъои ҷамъи китоби “Нафаҳотул-унс мин ҳазаротил-қудс”, ки дар баёни сияру аҳволи машоихи суфия аст, карда буданд, лоҷарам ончи дар он китоб пароканда буд, тасҳилан ли-маунатиҳи дар як ҷой ҷамъ карда шуд ва тафҳиман ли-фоидатиҳи ба ибороти форсӣ ирод афтод. Мулаққиян лил-ихтисор, ҳазфи туруқи мухталифа ва асониди мутанаввиъа карда омад. Ва чун камоле, ки мутобеъонро бавоситаи мутобаъат ҳосил мешавад ва шоҳиди камоли матбуъ аст ва каромоту фазилате, ки аз уммат зоҳир мегардад аз қабили муъҷизоти пайғамбари эшон аст, зикри баъзе аҳволу осори олу асҳоби он Ҳазрат (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва тобиъину туббаъи тобиъин, то табақаи суфия, ки дар баёни аҳволи эшон чунончи гузашт, бад-он мунзамм гардонида омад. Чун нубуввати он Ҳазрат ба воситаи тавотури ахбор ва танаввуъи муъҷизот ба ҷойе расидааст, ки ҳеч саодатмандеро дар он дағдағаи иштибоҳ намондаст ва фоидаи узмо дар ин таълиф тақвияти яқини роҳнавардони тариқат ва ҷавонмардони аҳли ҳақиқат

тавонад буд, агар онро ба “Шавоҳидун-нубувват ли-тақвияти аҳлил-футувват” тасмия кунанд, дур наменамояд”.

Ва дар китоби Баҳористон дар зайли зикри асомии аҳли назм ин фақирро ин тавр ёд кардаанд:

Соҳибдавлате, ки замон бо вуҷуди ӯ мушарраф аст, ҳарчанд пояи қадри вай назар ба маротиби ҷоҳу ҳишмат ва қурби подшоҳи соҳибшавкат ва қиёс ба маноқиби маънавӣ аз фазлу адаб ва фазоили мавҳубу муктасаб, аз он баландтар аст, ки вайро ба шеър таъриф кунанд ва ба ҷавдати назм тавсиф намоянд; аммо чун хотири шарифаш ба воситаи касби фазилати тавозуъ ва касри нафс ба он фурӯд омада, ки худро дар силки ин тоифа мунхарит гардонидааст, дигаронро ҳиҷоби таҳошӣ аз он маънӣ, ки вайро аз табақаи эшон доранд ва аз зумраи эшон шуморанд, муртафеъ гашта; аммо инсоф он аст, ки ҳар ҷо ин тоифа бошанд, вай сар бошад ва ҳаргоҳ номи ин табақа нависанд, вай сардафтар.

Ва чун гавҳари номаш бузургтар аз он аст, ки ҳар маҳал аз назм садафи он тавонад шуд ва ҳар мақом аз шеър шарафи он тавонад ёфт, тахаллуси ашъораш ба ончӣ аз ин муаммои дигар мафҳум мегардад, номзад гашта:

Кунҳи номаш дар тахаллусҳо наёбад ҳеч кас,
Бар лаби ёбандагон аз вай “навое” дону бас.

Ва агарчи вайро ба ҳасаби қуввати табиат ва вусъати қобилият ҳарду навъи шеър, турки ва форсӣ муяссар аст, аммо майли табъи вай, ба туркӣ аз форсӣ бештар аст ва ғазалиёти вай бад-он забон аз даҳ ҳазор зиёда хоҳад буд ва маснавиёте, ки дар муқобили “Хамса”-и Низомӣ вуқуъ ёфта, ба сӣ ҳазор наздик. Ва ҳамоно, ки бад-он забон пеш аз вай ва беш аз вай касе шеър нагуфтааст ва гавҳари назм насуфта. Ва аз ҷумлаи ашъори форсии вай ин қасидааст, ки дар ҷавоби қасидаи Хусрави Деҳлавӣ, ки мусаммост ба “Дарёи аброр”, воқеъ шудаву муштамил бар бисёре аз маъонии дақиқа ва хаёлоти латифааст. Матлаъаш ин аст:

Оташин лаъле, ки тоҷи хусравонро зевар аст,
Ахгаре баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст.

Ва ин рубоъӣ дар таҳнияти қудуми баъзе аз ояндагон аз сафари Ҳиҷоз, дар руқъа навиштаанд, ки:

Инсоф бидеҳ, эй фалаки минофом,
То з-ин ду кадом хубтар кард хиром,
Хуршеди ҷаҳонтоби ту аз матлаъи субҳ,
Ё моҳи ҷаҳонгарди ман аз ҷониби Шом.

Ин фақир китоби “Маҷолисун-нафоис”-ро, ки дар зикри шуарои аҳди Султони Соҳибқирон навиштаам, раъси раиси онҳо, ки бо табъи гавҳарзояш ҷайбу домони аҳли рӯзгорро мамлувв аз ҷавоҳир намуда, Ҳазрати Махдумӣ, шайхул-ислом, мавлоно Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомист, ки то ҷаҳон боқист, натоиҷи хотири эшон аз аҳли ҷаҳон кам мабод. Агарчӣ латоифи назми эшон аз он зиёдтар аст, ки дар китобе тадвин ёбад ва аз он машҳуртар аст, ки муҳтоҷ ба сабту забте бошад, аммо аз он ҷойе, ки дар ҷаргаву радифи муосирин аз зикри номи эшон ногузир будам, ҷуръат намуда исми мубораки эшонро сабту бо ин дуо хатм кардам:

Ё Раб, бу маъонӣ дурриning Уммонӣ,
Бу донишу фазл гавҳарининг конӣ,
Ким, айладинг уни олам аҳли ҷонӣ,
Олам элига бу ҷонни тут арзонӣ.

Замоне, ки он Ҳазрат чиҳил ҳадиси манзуми форсиро тамом намуда, бар ҳасаби одоти маъҳуд, пештар аз ҳамаи асҳоб, мусаввадаи онро ба ин фақир иноят фармуданд, чун мутолаъа кардам, аз алфози он гулҳои ҳадоиқи номутаноҳӣ ва аз маъонии он ҳақоиқи анвори илоҳӣ зоҳир буд. Тарҷумаи ҳамон чиҳил ҳадис ба туркӣ ба хаёл омад. Пас аз таҳсили рухсат ва иҷоза аз он Ҳазрат, дар ҳамон рӯзҳо тарҷумаи он хотима ёфтаву ба назари муборакашон расонидам. Номи эшон бад-ин навъ ёд шуда буд:

Ул сафо аҳли пок фарҷомӣ,
Покфарҷому покфар Ҷомӣ,
Ул фано сори дастгир манга,
Муршиду устоду пир манга.

Вақте, ки дар хидмати он Ҳазрат румузу ишорот ва истилоҳоти суфияро таълим мегирифтам, тадриси китоби “Ламаъот”-и ҳазрати Қутбус-соликин, шайх Фахруддини Ироқиро хоҳиш кардам, эшон фармуданд, муаллифи он кутубу расоили форсии машоихи тариқатро камтар мутолаъа фармудаанд. Боз бино ба хоҳиши фақир қабул ва

шуруъ ба тадрис фармуданд. Баъд аз чанд сабақе, матолиб печидаву мушкилтар шуд ва ба шарҳи зиёде эҳтиёҷ рӯй дод. Фақир арз кардам, ки агар бар ин китоби нафис ба ваҷҳи саҳле шарҳе навишта шавад, фаҳми он осонтар ва фоидаи он умумитар хоҳад гашт. Он Ҳазрат тақозои ин фақирро қабул ва ба навиштани “Ашиъъатул-ламаъот” шуруъ фармуданд, ки дар дебочаи он ин ду байт мазкур аст:

لو لا لمعات نور سر القدم *** من نحو حمى الجود و حي الكرم

من يخرجنا من ظلمات العدم *** او يعصمنا من هفوات القدم

Ва дар шарҳи он, ба китобҳои Фусус ва Футуҳот ва Нусус ва Фукук ва соири кутуби муътабараи қавм руҷуъ фармудаанд ва маълум нест, ки то кунун чунин шарҳе ба қалам омада бошад.

Рӯзе фақир дар мавзуъи фанни муаммо фикр мекардам, ки рисолаҳое, ки устоди фанн Мавлоно Шарафуддин Алии Яздӣ ва дигарон дар ин боб навиштаанд, қавоиду истилоҳоти ин илмро машруҳ ва мураттаб адо накардаанд, ки мубтадиёни бо завқро ҳам ба кор ояд. Дар ин байт Ҳазрати Мавлоно ташриф оварданд, истиқбол кардаву таҳнияти вуруд арз кардам, пас аз таскину истироҳат, онҷӣ ба хаёл омада буд хидматашон изҳор доштам. Фармуданд, ҷойи ташвиш нест, ки ман дар ин мавзуъ рисолае таҳия хоҳам намуд. Баъд аз ду се рӯз, манзумаи мухтасаре, ки таҳрир шуда буд ба ин фақир иноят фармуданд. Чун хеле дақиқ буд ва ба ғоят ба ихтисор кушида буданд, банда иҷозат хостам, ки дигар саҳлу осонтар навишта шавад. Пас аз таҳсили иҷоза, рисолаи мавсума ба “Муфрадот”-ро навишта ба ҳузури эшон фиристодам, мавриди таҳсин шуд ва мавлонозодаро ба дарси он машғул доштанд. Ҳазрати эшон, дар Ҳафт авранг, ки ҳар лафзе аз он ҳафт иқлимро сармоя ва ҳар ҳарфе ҳафт кавкабро пироя аст, дар хатми китоби Субҳатул-аброр ва хотимаи хитоб, ин навъ аз ин фақир ёдоварӣ фармудаанд:

Ё Раб, ин ғайрати ҳурул-айнро,
Шоҳиди равзаи иллийинро,
Аз дилу дидаи ҳар дидаваре,
Бахш тавфиқи қабули назаре.
Хосса он дар равиши факр далер,
З-он далериш шуда ном ду шер.
Он яке дар раҳи дин шери Худо,
В-ин дигар панҷа ба ҳар сайд кушо.

Ва ин бесомони камбизоат ва нотавони беиститоат, дар муқобили ин алтоф, дар дафтари аввали хамсаи "Ҳайратул-аброр", ниёзмандӣ кардаву дар васфи эшон ин байтҳо зикр шуда.[34]

Ин фақир дар муроҷиат аз зиёрати имом Алӣ ибни Мусо ар-Ризо (алайҳит-таҳияту вас-сано) бар ҳасаби одати маъҳуд, дар ҳини вуруд, ба хидматашон ворид шудам. Эшон ба тартиби девони саввуми худашон машғул буданд ва девоне, ки ба хатти худашон тамом шуда буд ба ин фақир иноят фармуданд. Густохӣ намуда гуфтам: "Шунида нашуда, ки ғайр аз Амир Хусрав, шуъарои дигар ҳам девонҳои мутаъаддиде мураттаб карда бошанд; аммо эшон, ки девонҳои мутаъаддид доранд, ҳар якро ба номи муносибе номзад кардаанд; хуб аст, ки шумо ҳам барои ҳар як аз девонҳои худатон номи махсусе муайян фармоед. Қабул карданду баъд аз ду рӯзи дигар, ки ба хидматашон расидам, ҷузвае дар овардаву ба ин фақир доданд, ки барои девонҳои худ феҳрасте навишта буданд ва ҳар якеро ба номе муайян доштаву ба инки боиси ин амр фақир будаам ишора намудаанд, ки дар ибтидои куллиёташон, пас аз ҳамду наът, ин тавр мастур аст:[35]

Намуда меояд, ки ин камина ба ҳасаби фитрати аслӣ ва қобилияти ҷибиллӣ, ҳадафи сиҳоми аҳкоми хуҷастафарҷоми санъати калом афтода буд (ва садафи ҷавоҳири асрори исми бузургвор "ал-Мутакаллим"

---

[34] Дар бораи ин абёт, мутарҷим тавзиҳ додааст, ки муаллиф дар инҷо ҳафт байти туркӣ аз Ҳайратул-аброр, сипас аз Юсуф ва Зулайхо, Лайлӣ ва Маҷнун ва Хираднномаи Искандарӣ, ҳар кадом 25 байт, ки дар онҳо аз Алишер Навоӣ ёд шуда, нақл кардааст. Ҳамчунин миқдори ҳамон абёт аз Фарҳоду Ширин, Лайливу Маҷнун ва Садди Сикандарӣ, аз муаллафоти худ ба забони туркӣ оварда, ки дар онҳо аз Ҷомӣ таҷлил шудааст.

[35] Дар девони Ҷомӣ матлаб бад-ин сурат сабт шудааст, ки вай "ҳаргиз натавонист, ки авқоти худро бил-куллия аз ибдоъи назме ё ихтироъи насре фориғ ёбаду холӣ гардонад. Лоҷарам аз таволии айёму шуҳур ва тамодии аъсору дуҳур, расоил ва кутуби мутаъаддид аз мансуроту дафотири мутанаввиъа аз маснавиёт ва давовини мутафарриқа аз қасоид ва ғазалиёт ҷамъ омада буд; ва дар ин вало, ки таърихи ҳиҷрати набавийя то такмили миаи тосиъа се сол беш боқӣ намондааст, муҳиббу муътақиди дарвешон, балки маҳбубу муътақади эшон, Низомул-миллати вад-дин Алишер, ҳиммати шариф ба он овардааст, ки давовини қасоиду ғазалиётро, ки адади он ба се расидааст, дар як ҷилд фароҳам оварад... аз ин фақир истидъои он кард, ки ҳар як ба исме хос самти ихтисос гирад ва аз васмати ибҳом ва иштироки сурат истихлос пазирад. Лоҷарам ба мулоҳазаи авқоти вуқуъашон, девони аввал, ки дар овони ҷавонӣ ва авоили замони омолу амонӣ ба вуқӯъ пайваста ба "Фотиҳатуш-шабо" иттисом меёбад; ва девони сонӣ, ки дар авосити уқуди айёми зиндагонӣ интизом ёфта, ба "Воситатул-иқд" номзад мешавад, ва девони солис, ки дар авохири ҳаёт оғози тартиби он шудааст, ба "Хотиматул-ҳаёт" мавсум мегардад". (Девони комили Ҷомӣ, ба кӯшиши Ҳошим Разӣ, Пирӯз, Теҳрон, Бето, с. 7-286).

омада), ҳаргиз натавонист, ки авқоти худро бил-куллийя аз ибдоъи назме ё ихтироъи насре фориғ ёбад ва холӣ гардонад, лоҷарам аз таволии аъвому шуҳур ва тамодии аъсору дуҳур, расоил ва кутуби мутаъаддид аз мансуроту дафотири мутанаввиъа аз маснавиёт ва давовини мутафарриқа аз қасоид ва ғазалиёт ҷамъ омада буд; ва дар ин замон, ки таърихи ҳиҷрати набавийя то такмили миаи тосиъа се сол беш боқӣ намондааст, муҳиббу муътақиди дарвешон, балки маҳбубу муътақади эшон, Низомул-миллати вад-дин Алишер (ваффақаҳуллоҳу лимо юҳиббу ва ярзоҳу ва ҷаъала ухроҳу хайран мин улоҳу), ҳиммати шариф ба он овардааст, ки давовини қасоиду ғазалиётро, ки адади он ба се расидааст, дар як ҷилд фароҳам оварад ва чун чун се мағз дар як пӯст бипарварад, аз ин фақир истидъои он кард, ки ҳар як ба исме хос самти ихтисос гирад ва аз васмати ибҳом ва иштироки сурат истихлос пазирад. Лоҷарам ба мулоҳазаи авқоти вуқуъашон, девони аввал, ки дар овони ҷавонӣ ва авоили замони омолу амонӣ ба вуқӯъ пайваста ба “Фотиҳатуш-шабо” иттисом меёбад; ва девони сонӣ, ки дар авосити уқуди айёми зиндагонӣ интизом ёфта, ба “Воситатул-иқд” номзад мешавад, ва девони солис, ки дар авохири ҳаёт оғози тартиби он шудааст, ба “Хотиматул-ҳаёт” мавсум мегардад.

Умедворӣ ба карами Ҳазрати Парвардигорӣ (ъазза шаънуҳу) восиқ аст, ки номи ҳамаи азизон ба саволиҳи аъмол ва латоифи ақвол бар сафаҳоти рӯзгор бимонад ва онро воситаи дуои хайр ва василаи саодати охират гардонад.

Ҳаргиз макунод ин фалаки пуршутулум,
Номи моро зи номаи ҳастӣ гум.
Зеро, ки бақои он пас аз марги нахуст,
Гӯянд ҳакимон, ки ҳаётест дувум.

Валлоҳу таъоло яқулул-ҳаққа ва яҳдис-сабила ва ҳува субҳонаҳу ҳасбуно ва ниъмал-вакил.

Чун ин фақир феҳрастро дар хидмати эшон хондам, фармуданд, ки девон ва манзумоти шумо ҳам ба забони туркӣ мутаъаддид аст, ҳар якеро ба лақабе номидаву аз якдигар мумтоз намоед. Итоати амри эшон воҷиб буд, ин фақир ҳам аввалин девони худро, ки дар замони туфулият гуфта шуда ва ба муқтазои синн ғаробате дошт “Ғароибус-сиғар”, ва девони дуввумӣ, ки дар айёми шабоб маъонии нодирае дар он ба кор рафта “Наводируш-шабоб”, ва девони саввумӣ, ки дар авосити умр воқеъ

шуда буд “Бадоеъул-васат”, ва девони чаҳорумӣ, ки замони куҳулат ва пирӣ гуфта шуда ва ба муносибати ҳусули таҷриба муфидтар ба назар меояд “Фавоидул-кибар” мавсум намудам. Умед аст, ки дилпазири шайх ва шоб ва матбуъи табъи сағир ва кабир гардад.

Устод Қулмуҳаммад[36] дар кӯдакӣ мусиқӣ ёд гирифтаву хуб менавохт ва шуҳрат ёфт. Фақир бар ин азм шудам, ки ин фанн ба тарзи илмӣ мудавван ва дар рисолае мураттаб шавад. Ба Мавлоно Алишоҳи Бука, ки устоди беназир дар ин фанн буд, суфориш шуд, ки эшон агар битавонанд дар ин мавзуъ чизе бинависанд. Агарчӣ он бечораро касрати афюн аз ақлу кор дур сохта буд, бо ин ҳол китобе ба номи “Аслул-васл” тасниф кард ва Мир Муртоз ва Хоҷа Шиҳобуддин Абдуллоҳ Марворид ва Мавлоно Наботӣ ҳам дар ин фанн рисолаҳое навиштаанд, аммо чун ҳамагӣ дар изҳори истеъдоди худ кушида буданд, баҳрамандии мубтадӣ аз онҳо душвор буд. Аз он ҷойе, ки Ҳазрати Мавлоно ба ин фақир ҳамвора инояту илтифот доштанд, рисолаи мусиқӣ ва адворро навиштанд, ки дар ин фанн муфидтар ва такмилтар аз ин рисолае нест.

Вақте, ки ин фақир қасидаи “Туҳфатул-афкор”-ро, ки дар татаббуъи қасидаи “Дарёи аброр”-и Амир Хусрави Деҳлавӣ аст, ба номи он Ҳазрат тамом кардаву аз Марв фиристодам, чунонки дар боло мазкур шуд, дар он қасида бист байт ва зиёда ба тарзи муаммо ва истилоҳоти муаммоӣ гуфта шуда буд. Ҳазрати Мавлоно дар ҷавоб ва муқобили он қасида, ба тариқи муаммо қасидае фармудаву фиристода буданд, ки басе маъонии дақиқ ва тарокиби ғариб дар он мундариҷ буд.

Матлаъаш ин аст:

Ҷоҳ дорӣ ҷоҳилосо дар сар, эй комил, мудом,
Ҷоҳилат хонам на комил, чун туро ҷоҳ аст ком.

Вақте ғазале сохта будам, ки матлаъаш ин байт буд:

---

[36] Дар бораи ӯ дар Маҷолисун-нафоис чунин омадааст: “Аз Шубурғон аст ва аз хурдӣ боз осори қобилият дар ӯ мушоҳад, ва ғичакро нек менавохт, ба тарбияти ӯ иштиғол намуда шуд, кораш ба мақоме расид, ки устодони мутаъаддид мусаннафоти ӯро ёд гирифта ба шогирдии ӯ мубоҳот мекарданд; толибилмӣ ҳам кард ва дигар фазоил низ дорад, мисли маърифати тақвим ва хатту наққошӣ. Аммо уд ва ғичак ва қӯпузро чунон навохт, ки дар асри ӯ касе дигар натавонист, ва қавоиди муамморо низ мазбут медонад”, (Маҷолисун-нафоис, ба кӯшиши Алиасғари Ҳикмат, Манучеҳрӣ, Теҳрон 1363, с. 103).

Очмағай эрдинг ҷамоли оламоро кошкӣ,
Солмағай эрдинг бори оламга ғавғо кошкӣ.

Яъне, эй кош ҷамоли оламороро боз намекардиву эй кошки ба олам ғавғо намеафкандӣ. Ки ин ғазал миёни асҳоб шуҳрат пайдо кардаву ба маҷлиси ҳазрати Подшоҳ расидаву ба иззи қабул ва таҳсин омад. Ҳазрати Мавлоно аз рӯйи муҳаббат ва меҳр, дар ин мақом омаданд, ки эшон ҳам дар ин баҳру қофия ва радиф, қасидае сароянд. Чун ба алфози туркӣ шеъре намефармуданд, ғазале ба форсӣ тамом фармудаву ба ҳузури Подшоҳ фиристоданд, ки бисёр матбуъ ва мақбул воқеъ шуд ва матлаъаш ин буд:

Дидаме дидори он дилдори раъно кошкӣ,
Дида равшан кардаме аз хоки он по кошкӣ.

Ҳазрати подшоҳ ба ин фақир амр фармуданд, ки ин ғазалро ба таври мусаддас тазмин намоям, чун маъмур ва маҳкум будам, албатта маъзуру маъоф хоҳам буд. Пас аз итмому тақдими ҳузури подшоҳӣ, бо эҳсону таҳсини шоҳӣ сарафроз омадам ва ҳазрати Подшоҳ саводи онро хидмати Ҳазрати Мавлоно фиристоданд. Эшон ҳам аз рӯйи бандановозӣ илтифотҳову навозишҳо фармуданд. Матлаъи он мусаддас ин буд:

Кардаме дар хоки кӯи дӯст маъво кошкӣ,
Судаме рухсори худ бар хоки он по кошкӣ,
Омадӣ берун зи кӯй он сарви боло кошкӣ,
Бурқаъ афкандӣ зи рӯи оламоро кошкӣ,
Дидаме дидори он дилдори раъно кошкӣ,
Дида равшан кардаме аз хоки он по кошкӣ.

Хотима:

Дар зикру теъдоди кутуб ва расоиле, ки ин фақир дар хидмати он Ҳазрат ба унвони сабақ аз рӯйи таъаллум ва истифода бар эшон хондаам.

Аввалӣ аз таълифоти он Ҳазрат рисолаи “Қофия”-ест, ки мухтасар ва муфидтар аз он дар ин фанн касе нанавишта; дуввумӣ рисолаи муаммост, ки баъд аз “Ҳилятул-ҳулал” таълиф фармудаанд; ва рисолаи “Арузийя”-и эшон ва низ “Лавоеҳ” аст, ки дар истилоҳоти машоихи суфия аст, ва чунон рисолае аз рақами ҳеч қалам ва аз қалами ҳеч роқим рӯйи таҳрир наёмада; ва низ китоби “Лавомеъ” аст, ки нури ҳар ламъааш

шабҳои ҳирмони соликро шамъи ҳидоят ва машъали вилоят аст; ва шарҳи рубоъиёт аст, ки дар тариқи фано чаҳор такбир ба мо-сиво задан аз мутолаъаи он муяссар аст; ва дар ҳамин мавзуъ китоби “Ашиъъа” аст, ки талаълуъи барқи он равшанибахши дидагони басират ва дилҳои тира аст; ва “Нафаҳотул-унс” аст, ки насими ошноӣ аз равзаи унс ба машоми ҷон мерасонад; ва низ “Шавоҳидун-нубувва” аст, ки алфозаш ашҷори имонро аз ҷӯйбори яқин serобу маъонияш асмори иқонро бо бориши таҳқиқ шаҳди ноб менамояд; ва низ шарҳу тафсири рисолае аст, ки Хоҷа Муҳаммади Порсо калимоти ҳақоиқ ва маъорифи баёни ҳазрати Қутбул-авлиё Хоҷа Баҳоуддини Нақшбандро ҷамъоварӣ ва ба “Қудсийя” мавсум намуда буд; ва дигар китоби “Ламаъот”-и ҳазрати Шайхул-машоих, фахрул-миллати вад-дин Ироқиро, ки ин фақир пеши эшон дарс мехондам фармуданд, ки ин китоб ба равиши ноҳамворе навишта шуда, ки ба ин ҷиҳат ағлаби асҳоб ин китобро намехонанд ва муҳассаноти ин китоб мастур монда ва ба шарҳу тавзиҳи мушкилоти он иқдом фармуданд; ва низ рисолаҳое аст, ки ҳазрати Хоҷа Убайдуллоҳ (тоба сароҳу) ба ишораи падараш дар тариқи фақру фано навиштаанд, ки ба камтар касе ин давлат муяссар аст; рисолаи “Илоҳинома”-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ аст, ки забони қалам дар васфи он оҷизу лол аст; ва дигар китобҳои Хамсаву Ҳафт авранги он Ҳазрат аст, ки ағлаби онҳоро ба дастури муқобала дар хидмати онҳо хонда ва баъзеро истимоъ намудаам, вале аксари мутолиби мушкилаи он рисолаҳо аз он Ҳазрат истийзоҳ ва истифоза намудаам, ки аз рӯйи таҳқиқ он мушкилотро ҳалл ва тавзиҳ фармудаанд.

Агарчӣ он Ҳазрат ба изҳори хавориқи одот аз ҷониби Ҳақ таъоло маъмур набуданд ва ҳолоти покизаи худро дар тариқи маломатия ва шоириву муллоӣ пинҳон медоштанд, аммо гоҳе корҳои аҷибу хориқулъода аз он Ҳазрат зоҳир шудааст. Аз он ҷумла чанд воқеъае, ки ба айнул-яқин ҳосилу дида шуда, зикри онҳо бемуносибат нест.

Саййидим Ироқӣ ном ҷавоне, ки навкару эшикоғосии Музаффар Бирлос буд, аз ғояти нодонӣ мункири он Ҳазрат буд. Рӯзе аз рӯйи сафоҳат девони он Ҳазратро варақ-варақ дар оташ меафканда, ки дар он чанд рӯз ба узве аз аъзояш ҷароҳате расида, ки аз он захм чирку варам пайдо ва мунҷар ба марази окула шуда ва фавт менамояд.

Маҷдуддин Муҳаммад,[37] ки машҳури олам ва мустағнӣ аз муаррифӣ аст, ба иллати хатое аз тарафи Подшоҳ амр ба тавқиф ва ҳабси ӯ шуда; дар муқобили тақозои итлоқаш, зомин ва мутаъаҳҳиде аз вай мехоҳанд. Аз он Ҳазрат илтимоси замонати худро менамояд, он Ҳазрат аз рӯйи раъфат қабул ва таъаҳҳуд мефармоянд. Аммо он беинсоф, пас аз хуруҷ фирор менамояд. Даҳу понздаҳ рӯз накашид, ки дастгир кардаву оварданд ва ба ҷаримаву шиканҷа маҳкум ва тамоми доройяш ба забти маъмурини девон расидаву худ аз шаҳр овора гардид.

Дар яке аз рӯзҳо, ки он Ҳазрат аз Гозургоҳ меомаданд, Муҳаммад Ҳабиб ном девонае, ки ғолибан маст будаву арбада мекард, ба он Ҳазрат расида ва ба сафоҳат кардан ва беадабӣ оғоз мекунад. Дар ҳамон рӯзҳо ба теғи як девонаи дигар ба қатл расид, ки шарҳи он дар боло зикр гардид.

Дар миёни туллоби мадрасаи Гавҳаршодбегим, Ноҳиқӣ ном махзуле буд, ки аз тухми шаётинаш мешуд гуфт; ки марде ноҳамвору беандому мункири он Ҳазрат буд. Рӯзе бо руфақои мадрасаи худ дар боғе буданд ва буғрое[38] мепухтанд. Баъзе аз иродатмандон дар тавсифи он Ҳазрат муболағаҳо мекардаанд ва Ноҳиқӣ аз рӯйи инкор ҳашвҳое ба миён овардаву беадабиҳо менамудааст. Яке аз ҳуззор девони он Ҳазратро овардаву гуфтааст, ки аз рӯйи тафаъъул (фол) ба девони он Ҳазрат назаре кунем, ки дар ҳаққи Ноҳиқӣ чӣ мефармоянд. Дар аввали сафҳа ин байт будааст:

Пур аст гӯши ман аз субҳаи малак чу Масиҳ,
Куҷо мушаввиши хотир бувад наҳиқи харам.

Сиву панҷ сол қабл аз вафоти худашон, замоне ки Султон Абусаид Мирзо дар юриши қалъаи Шоҳрухия буданд, Хоҷа Деҳдор дар он замон мулозими Мавлоно Қутбуддини Нафис ва дар он юриш ҳозир буда, шабе Ҳазрати Мавлоноро дар хоб мебинад. Он Ҳазрат хитоб ба Хоҷа Деҳдор, мефармоянд: Қуръон бихон, Қуръон бихон, Қуръон бихон. Баъд аз ҳафту ҳашт сол аз он таърих, ки тахти салтанат ба султони соҳибқирон Абулғозӣ Султон Ҳусайн Баҳодурхон (халладаллоҳу мулкаҳу) муқаррар

[37] Маҷдуддин Муҳаммади Хавофӣ, аз машҳуртарин вазирони даврони зимомдории Султон Ҳусайн Бойқаро аст, ки ду давра ба қудрат расид. Ӯ дар Султон Ҳусайн нуфузи бисёр дошт ва аз душманони сарсахти Алишер Навоӣ буд. Душмании Навоӣ бо ин вазир дар инҷо низ ба равшанӣ дида мешавад.

[38] Буғро, оше ки аз хамир, ки ба шакли риштаҳои дароз дароваранд, тартиб дода шавад ва буғрохонӣ – оши мансуб ба буғрохонро мегуфтаанд.

ва Хоҷа Деҳдор мусоҳиби ин фақир шуд, рӯзе руъёи собиқи худро зикр кард. Чун бесавод буд, ман саъй ва ҷаҳд кардам, ки Қуръон хонад ва ҳифз карду ҳофизи хубе шуд. Дар соле, ки Ҳазрати Мавлоно фармон ёфт, аз воқеъаи руъёи Хоҷа Деҳдор тахминан сиву чаҳор сол мегузашт ва дар он сол ин фақир барои анҷоми муҳимме Хоҷа Деҳдорро ба Астаробод фиристода будам. Пас аз итмоми кор, ки ба Ҳирот бармегашт, дар як манзили шаҳр, бидуни собиқа аҳмолу асқолро гузошта ба шаҳр меояд. Вақте вориди шаҳр мешавад, ки он Ҳазрат дар ҳоли назъ ва сакароти мавт буд ва ҳофизе ҳозир набуд. Дар ин соат Хоҷа Деҳдор расидаву ба видоъи охири эшон мушарраф ва шуруъ ба хондани оёти Қуръон мекунад ва ҳаминки хатми Хоҷа Деҳдор ба охир расид, он Ҳазрат ҷон ба ҷонофарин таслим намуд, ки асару натиҷаи ин каромат, пас аз сиву чаҳор сол зоҳир гардид.

Дар амсоли ин навъ ҳолот ва каромот аз он Ҳазрат, дигарон мисли Мавлоно Абдулвосеъ[39] ва Мавлоно Аҳмад Пир Шамс кутуб ва расоиле навиштаанд. Толибин руҷуъ ба ҳамон кутуб ва расоил бинамоянд. Ин фақир шаммае аз мушоҳадоти худ, ба тариқи намуна, дар ин мухтасар ба риштаи таҳрир даровардам.

Дар кайфияти иртиҳоли он Ҳазрат:

Вилодати Ҳазрати Мавлоно ва торихи ҳаёти эшон ба тариқи иҷмол дар боло мазкур шудааст. Аммо реҳлати эшон аз дори фано ба дори бақо рӯзи Ҷумъаи ҳафдаҳуми Муҳаррамул-ҳароми соли ҳаштсаду наваду ҳашти ҳиҷрӣ воқеъ шуд ва шарҳи он ин аст: Дар асари ҳавозадагӣ, заъфе бар он Ҳазрат ориз шудаву бар бистари беморӣ афтоданд. Ин фақир ҳар рӯзу ҳар соат хабаре мегирифтам. Рӯзи панҷшанбе, ки заъфи эшон шиддат дошт, хотирам ба ғоят мутараддид ва парешон буд, ки шаби Ҷумъаро хоб накардам. Нисфи шаб аз роҳи изтирор, савор шуда ба аёдаташон рафтам. Аз асҳоб ва аизза ҷамъе буданд ва он Ҳазрат беҳол

---

[39] Абдулвосеъ Низомии Бохарзӣ, аз нависандагони қарни нуҳуми ҳиҷрӣ, аз муншиёни барҷастаи асри Темурӣ буд. Мақомоти Ҷомӣ ва Маншаъул-иншо аз ӯст. Вай дар хидмати Султон Ҳусайн Бойқаро ва вобаста ба Қавомуддин Низомул-мулки Хавофӣ, вазири қудратманди асри Темурӣ, буд. Ӯ ва ду фарзандаш Хоҷа Камолуддин Ҳусайн ва Хоҷа Рашидуддин Абдулмалик, дар соли 903, ба ҷурми иродат ба ин вазир, ба қатл расиданд. Барои огоҳии бештар: Абдулвосеъ Низомии Бохарзӣ, Мақомоти Ҷомӣ, ба кӯшиши Наҷиб Моили Ҳиравӣ, нашри Най, Теҳрон 1371, муқаддимаи мусаҳҳеҳ, с. 22-26.

буд. Соате ба ҳол омадаву чашм гушуданд. Аз рӯйи густохӣ аҳволпурсӣ намудам. Илтифот фармуданду ҳазрати Қутбус-соликин Хоҷа Абдулазизи Ҷомӣ ҳозир буд. Он Ҳазрат то дамидани субҳ ба як ҳол буданд. Чун мардум аз намози субҳ фориғ шуданд, ҳоли эшон ба куллӣ мунқалиб гардид. Хоҷа Абдулазиз, ки вазъиятро диданд, эшонро аз ҷониби машриқ ба ҷониби шимол ҳаракат дода рӯяшонро ба тарафи қибла гардониданд. Мавлоно Зиёуддин Юсуф, ки фарзанди арҷмандашон буд, дар тарафи пойи эшон нишаста ва рӯбарӯ буданд, ки он Ҳазрат ҳар вақт чашм боз мекард, таваҷҷуҳашон ба Мавлоно Зиёуддин буд. Ин фақир густохӣ ва илтимос намудам, ки Мавлоно Зиёуддин аз ҷойе, ки нишаста буд, бархост. Баъдан он Ҳазрат ба тариқати хоҷагони нақшбандия ба зикри хафиву таваҷҷуҳи қалбӣ машғул шуд, то садои азони намози Ҷумъа баланд шуд, чунонки дар боло мазкур гардид, дар ин байн Хоҷа Деҳдор ворид шуд ва машғули тиловати Қуръони маҷид гардид. Ҳануз ҷамоат аз намози Ҷумъа фориғ нашуда буданд, ки он Ҳазрат аз анҷумани касрат чашм пӯшида ва ба хилватхонаи ваҳдат раҳсипор гашт ва руҳи мутаҳҳари эшон азимати малаъи аъло намуд.

Садои шевани асҳоб баланд шуду ба ин фақир ҳолате рӯй дод, ки васфи он натавон кард. Пас бо сӯзи дарунӣ шуруъ ба мақсуд менамоям. Алқисса ин хабари муҳиш дар шаҳр мунташир шуд; ва акобиру ашроф аз атроф расида ва ҷумлагӣ либоси мотам ва ъазо пӯшиданд; ва ҳазрати Султони соҳибқирон (халладаллоҳу мулкаҳу) ташриф оварда ба ҳой-ҳой гиристанд; ва Мавлоно Зиёуддин Юсуфро аз рӯйи шафқат дар оғуш гирифта ва соири асҳобро таслиятҳо фармуданд; ва ин фақирро соҳибъазо манзур ва ба ҳолам дилсӯзӣ изҳор ва ашкрезон насоиҳу мавоъизи дурарбор фармуданд. Чун дар мизоҷи муборакашон осори заъфе буд, ба мақарраи салтанат ва маснади хилофат мuроҷиат фармуда тамомии шоҳзодагон ва аркони давлатро дар ташйиъи миҳаффаи он марҳум амр фармуданд. Султон Аҳмад Мирзо ва Музаффар Мирзо ва соири шоҳзодагон дар душ гирифтани тобут ба якдигар сабқат меҷустанд, то бад-ин тартиб ба мусалло расониданд. Ва ғавғои халоиқ ба мартабае буд, ки ҷамъиятро чандин садҳазор нафар тасаввур мерафт. Дар намозгоҳ ҳазрати Хоҷа Азизуллоҳ, бо соири ашроф бар он Ҳазрат намоз гузорида ва бо ҳамон тартиб миҳаффаро ба равзаи мутаҳҳар интиқол доданд, ва аз ғавғои халқ ҳаракат душвор буд ва шоҳзодагони изом ба вазифаи ясовулӣ иқдом ва мардумро канор менамуданд, то

миҳаффаро убур дода ба мадфани шариф расониданд ва дар назди мазори ҳазрати Қутбул-авлиё, Мавлоно Саъдуддини Кошғарӣ, ки дар одоби тариқат пиру муршиди он Ҳазрат буд, дафн карданд. Ва ҳазрати алийя, махди улё Бикабегим, ки аз соири абнои ҷинс ба фазлу камол ва хисоли ҳамида мумтоз буданд ва иродату ихлоси бениҳояте нисбат ба он Ҳазрат доштанд, ба расми таъзият ва таслият ба маҷлиси сугворӣ ташриффармо шуданд ва ба махдумзодагон ва ин фақир ва соири асҳоб навозишҳову иноятҳо фармуданд ва қоидаи ъазопурсиро ба ҷо оварданд.

Ва аз атрофу вилоёт ҳам, умарову азизон ба расми ъазопурсӣ омадаву ин фақирро мустақиман соҳибъазо манзур ва расми таслияту таъзиятро маръӣ медоштанд. Ҳазрати салтанатшиъор ва хилофатдисор, Султон Бадиъуз-замон Мирзо аз Мозандарон элчии махсусе равона ва барои баъзеҳо либосҳое фиристода буданд ва мухотаб ба пурсишу таъзият ин фақир будам ва Ҳазрати салтанатшиъориро иродату ихлоси бениҳояте бар он Ҳазрат буд.

Боре, як соли тамом, барои аҳли мамлакат умуман ва ба мардуми Хуросон хусусан, соли мотам буд. Дар сари сол, аз тарафи ҳазрати Султони соҳибқирон, оши солиёнаи шоҳонае тартиб дода шуда ва баъзе аз иродатмандон дар болои марқади мутаҳҳари он Ҳазрат иморати олӣ бино ниҳода ва ҳуффозу имом ва муқриъ ва худдом таъйин намуданд.

Ва аҳли назм дар марсияву таърихи он Ҳазрат, манзумаҳо сурӯданд, ки аз он ҷумла ин таърих ва марсия аз роқими ҳуруф аст, ки дар маҳфили тазаккури солиёнаи он Ҳазрат, дар маҳзари шарифи Султони соҳибқирон хондаву аз тарафи султонӣ ҳукм шуд, ки Мавлоно Ҳусайн Воъиз болои минбар бихонанд.

Таърих:

Гавҳари кони ҳақиқат, дурри баҳри маърифат,
К-ӯ ба Ҳақ восил шуду дар дил набудаш мосивоҳ,
Кошифи сирри илоҳӣ буд бешак з-он сабаб,
Гашт таърихи вафоташ: “Кошифи сирри Илоҳ”.

Марсия:

Ҳар дам аз анҷумани чарх ҷафое дигар аст,
Ҳар як аз анҷуми ӯ доғи балое дигар аст.

Рӯзу шабро, ки кабудасту сияҳ ҷома дар ӯ,
Шаб азои дигару рӯз азои дигар аст.
Балки ҳар лаҳза азоест, ки аз дашти адам,
Ҳар дам аз хайли аҷал гарди фанои дигар аст.
Ҳаст мотамкадае даҳр, ки аз ҳар тарафаш,
Дуди оҳи дигару нолаву войи дигар аст.
Оҳи ӯ ҳаст ба дил тирагӣ афзоянда,
Войи ӯ низ ба ҷон яъсфизои дигар аст.
Гули ин боғ, ки садпора зи мотамзадагист,
Ҳар яке сӯхтаи ҷомақабои дигар аст.
Оби ӯ заҳру ҳавояш мутааффин, чи аҷаб,
Гар дар ин марҳала ҳар лаҳза вабои дигар аст.
Аҳли дил майл сӯи гулшани қудс овapp;
Ҳаст аз он рӯ, ки дар ӯ обу ҳавои дигар аст.
Назди арбоби яқин дори фано ҷое нест,
Ватани аслии ин тоифа ҷои дигар аст.
З-ин сабаб масти майи ҷоми азал орифи Ҷом,
Сархуш аз дори фано сӯи ватан кард хиром.

Ин таркиббанд, мураккаб аз ҳафт банду ҳафтод байт аст, ки барои намуна як банд оварда шуд.

Поён.

Тарҷумаи “Хамсатул-мутаҳайййирин”, ки асли он ба луғати туркии чағатоӣ аст, дар инҷо ба поён расид, чун шомили шаммае аз ҳолот ва таърихи ду нафар аз акобири донишмандон ва шуарои бузурги Эрон буд ва бад-ин тартиб дар дигар кутуби таърих дида нашуда ба тарҷумаи он мубодарат варзида шуд. Умед аст, ки хонандагон чашм аз маъойиб ва навоқиси ибороти тарҷума пӯшида ва ба дидаи афв ва иғмоз нигаранд.

Исфандмоҳи 1319
Муҳаммади Нахҷувонӣ.

Аз табъи муаллиф

Амир Алишер Навоӣ

Мир Алишер он дабири кордон,
Номи ӯ сардафтари донишварон.
Шеъри форсиро ғино бахшид ӯ,
Зинда аз вай шеъри туркӣ дар ҷаҳон.
Дар қасида додааст доди сухан,
Дар ғазал устоди ҳар асру замон.
Шеърро бурдаст дар мизони нақд,
Доварӣ кардӣ миёни шоирон.
Дар татаббуъ дасти вай пешӣ гирифт,
Гӯйи сабқат бурд аз пешиниён.
Хислати некаш ба шоирпарварӣ,
Шуд забонзад дар миёни шоирон.
Шоирон аз ҳар тараф оварда рӯй,
Сӯйи он дарёи илми бекарон.
Шуд Хуросон аз вуҷудаш файзёб,
Мустафиз аз хилъаташ фарҳангиён.
Кард бунёди binои хайрия,
Дар Хуросон дар ҳама давру замон.
Маҳзари Ҷомӣ нишастӣ баҳри дарс,
Дарси ирфон роҳу расми суфиён.
Дар Ҳарӣ зоду аз онҷо рахт баст,
Сӯйи дорул-мулки ҷон хулдошён.
Аҳли ирфон баҳравар з-осори вай,
Ифтихори турку тоҷики ҷаҳон.
Даҳрро боист умре бас дароз,
То Алишере дигар зояд замон.

***

Амир Алишер дар асри Ҳусайн Бойқаро

Дар Ҳариво давлати Темӯриён,
Тахтгоҳи Шоҳрухи кишварситон.
Кишвари паҳновару ободи ӯ,
Бо шукӯҳу иззату бо фарру шон.
Бас дурахшон аҳди Султон Бойқаро,
Мир Алишер дар тани давлат чу ҷон.
Шоиру донишвару донишпажӯҳ,
Номи ӯ сардафтари донишварон.
Маҳзараш аҳли ҳунарро орзӯ,
Орзӯву ормони шоирон.
Аз вуҷуди ӯ Хуросон мустафиз,
Баҳравар аз хилъаташ фарҳангиён.
Зу-лисонайн шоири узбектабор,
Сити фазлаш дарнавардида ҷаҳон.

***

Иқтифои сурудаи Амир Алишер

“Омад баҳори дилкашу гулҳои тар шугуфт”.
Иқтифо: 18
Омад баҳору булбулу гулро саҳар шугуфт,
Дар боғи ишқ ғунчаву гул сарбасар шугуфт.
Андар баҳор, ёди ту эй навбаҳори ишқ,
Дар тангнои синаи ман нештар шугуфт.
Фасли баҳори умр, чӣ гӯям чӣ сон гузашт,
Хобу хаёл буду аз он дарди сар шугуфт.
Кош омадӣ баҳори ҳаётам чу ин баҳор,
Во ҳасрато, ки рафт, на бори дигар шугуфт.
Ҳар дам ҷамоли ёр ба пиндор оядам,
Ойини ноз бар лаби лаълаш шакар шугуфт.
Тақвим чаҳор фасл наёяд дигар маро,
Гулҳои яъс бар дили ман бештар шугуфт.
Кай мавсими баҳор ба дил шодӣ оварад,
Чун навбаҳори ишқи маро, хоки дар шугуфт.
Марти 2018.

Ду байт аз ғазали Амир Алишер Навоӣ:

Омад баҳори дилкашу гулҳои тар шугуфт,
Дилҳо аз он нашот зи гул бештар шугуфт.
Меояд аз гули чамани ишқ бӯйи хун,
Дар бӯстони ишқу умедам самар шугуфт.

***

Аз Амир Алишер:

Сад ҳазорон сурат андар қолаби ҳусну ҷамол,
Рехтанд аммо зи ту матбуътар кам рехтанд.
Иқтифо: 13
Қомати он қомати симин зи мармар рехтанд,
Лаълу гул бо ҳам даровар данду пайкар рехтанд.
Орази чун моҳи ӯ бо барги гул оростанд,
Бар лабаш омезае аз шаҳду шаккар рехтанд.
Аз шароби ишқ карда вом рашҳе дар азал,
Нашъаи мастӣ ба он чашми фусунгар рехтанд.
Атри сунбулро зи фирдавси барин овардаанд,
Гесӯяш бо он биёлӯданду анбар рехтанд.
Қолаби дандон даровар данд зи лаъли обдор,
Дар даҳонаш ҷойи дандон ришта гавҳар рехтанд.
Чун гули сурат муҳайё гашт баҳри оразаш,
Бар ду гуна хокаи ёқути аҳмар рехтанд.
Коргоҳи офариниш чун ту зеборо бисохт,
Ҳуриён испанд дар оташ ба миҷмар рехтанд.
Феврали 2018.

***

Манобеъ ва маохиз

1) Ҳабибус-сияр: Хондамир, тасҳеҳи доктор Дабирсиёқӣ, Теҳрон, Хайём, чопи чаҳорум, 1380 ш.

2) Тазкиратуш-шуаро: Давлатшоҳи Самарқандӣ, тасҳеҳи Эдвард Браун, Теҳрон, Кулолаи Ховар, 1338 ш.

3) Тузук Бобурӣ (Бобурнома): Заҳируддин Муҳаммад Бобур, тарҷумаи Шафиқа Ёрқин, Кобул, Вазорати хориҷа, 1388 ш.

4) Макоримул-ахлоқ: Хондамир, тасҳеҳи Абдулғаффор Баёнӣ, Кобул, 1360 ш.

5) Маҷолисун-нафоис: Амир Алишер Навоӣ, тасҳеҳи Алиасғари Ҳикмат, Теҳрон, Манучеҳрӣ, 1363 ш.

6) Таърихи адабиёти Эрон, ҷ. 3 (аз Саъдӣ то Ҷомӣ): Эдвард Браун, тарҷумаи Алиасғари Ҳикмат, Теҳрон, Амири кабир, 2537 (1357 ш.).

7) Таърихи адабиёти Эрон: Доктор Забеҳуллоҳ Сафо, Донишгоҳи Теҳрон, 1351 ш.

8) Ҳафт авранги Ҷомӣ: тасҳеҳи Мударрис Гелонӣ, Теҳрон, Саъдӣ, 1337 ш.

9) Девони комили Ҷомӣ: тасҳеҳи Ҳошим Разӣ, Теҳрон, 1341 ш.

10) Мақомоти Ҷомӣ: Абдулвосеъи Низомии Бохарзӣ, тасҳеҳи Наҷиб Моили Ҳаравӣ, Теҳрон, Най, 1371 ш.

11) Ашиъъатул-ламаъот: Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Теҳрон, Бӯстони китоб, 1383 ш.

12) Номаҳои дастнависи Ҷомӣ: ба кӯшиши Исомуддин Урунбоев ва Ғуломризо Моили Ҳаравӣ, Кобул, 1985 м.

13) Девони Ҳилолии Чағатоӣ: тасҳеҳи Саид Нафисӣ, Теҳрон, Саноӣ, чопи саввум, 1375 ш.

14) Такмилаи ҳавошии Нафаҳотул-унс: Разиюддин Абдулғафури Лорӣ, тасҳеҳи Алиасғар Башири Ҳаравӣ, Кобул, Анҷумани Ҷомӣ, 1343 ш.

15) Шарҳи байти Амир Хусрав: Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, нусхаи китобхонаи Лондон.

16) Хамсатул-мутаҳаййирин: Амир Алишер Навоӣ, тарҷумаи Муҳаммад Нахҷувонӣ, ба кӯшиши Маҳдии Фарҳонӣ Мунфарид, замимаи шумораи 12 номаи Фарҳангистон, Теҳрон, 1381 ш.

17) Девони туркии Амир Алишер Навоӣ: тасҳеҳи Л. В. Дмитриева, Маскав, 1964 м.

18) Рисолаи хиёбон: Фикрии Салҷуқӣ, Кобул, Анҷумани Ҷомӣ, 1343 ш.

19) Рисолаи мазороти Ҳирот: тасҳеҳ ва таълиқоти Фикрии Салҷуқӣ, Кобул, матбаъаи давлатӣ, 1967 м.


20) Алишер Навоӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ (равобити адабӣ): Нашриёти Ирфон, Абдулғанӣ Мирзоев, Душанбе, 1968 м.

21) Муҳокаматул-луғатайн: Амир Алишер Навоӣ, тарҷумаи Турхон Ганҷаӣ, Теҳрон, 1327 ш.


22) Девони Халилуллоҳ Халилӣ: ба кӯшиши Муҳаммад Козими Козимӣ, Теҳрон, Ирфон, 1389 ш.

***

Бахши тасовир:



1) Тасвири Амир Алишер, амали Маҳмуди Музаҳҳиб, ҳунарманди давраи Темурӣ дар Ҳирот. Асли ин тасвир дар китобхонаи остони Қудси Разавӣ нигаҳдорӣ мешавад.



2) Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар маҷлиси Амир Алишер Навоӣ, асари устод Камолиддин Беҳзод.




3) Тасвире хаёлӣ аз шуъарои бузурги забони форсӣ, мансуб ба устод Камолиддин Беҳзод. Дар садри ин маҷлис Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Амир Алишер Навоӣ ва Ҳаким Низомии Ганҷавӣ нишастаанд ва шуъарое чун Саъдӣ, Саноӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Фирдавсӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Анварӣ ва Хоқонӣ дар атроф қарор гирифтаанд.



4) Амир Алишер Навоӣ дар ҳоли шикастани бутҳо дар ҳузури Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, мансуб ба устод Камолиддини Беҳзод.




5) Тасвири нусхае дарбардорандаи тамоми осори туркии Амир Алишер Навоӣ, ки дар Китобхонаи миллии Фаронса дар Порис нигаҳдорӣ мешавад.




6) Тарҷумаи туркии “Арбаъин” (Чиҳил ҳадис) аз Амир Алишер Навоӣ, ки нусхае нафис аз он дар Китобхонаи миллии Фаронса нигаҳдорӣ мешавад.




7) Портрети Амир Алишер Навоӣ, ки дар Узбекистон таҳия шудааст.




8) Ҳирот, бинои оромгоҳи Амир Алишер Навоӣ, пас аз бозсозӣ, баҳори 1393 хуршедӣ.



9) Бинои оромгоҳи Амир Алишер Навоӣ дар ҳоли бозсозӣ, зимистони 1392 хуршедӣ.



10) Муаллифи асари ҳозир дар канори бинои оромгоҳи Амир Алишер Навоӣ. Манораҳои мусаллои Ҳирот низ дар тасвир мушоҳада мешавад.



11) Муаллиф дар канори оромгоҳи Амир Алишер Навоӣ. Санги қабри ҷадиде, ки бар оромгоҳи Навоӣ насб гардида, дар тасвир мушоҳада мешавад.



12) Муаллиф дар дохили бинои оромгоҳи Гавҳаршод. Оромгоҳи Бойсунғур Мирзо ва иддае дигар аз шоҳзодагони Темурӣ дар ин маҳал воқеъ аст.




13) Муаллиф дар канори бинои оромгоҳи Гавҳаршод дар Ҳирот.



14) Саҳни Масҷиди Махдумӣ, воқеъ дар бозори Ироқ.



15) Тадриси атфол дар Масҷиди Махдумӣ.



16) Бинои қадими оромгоҳи Амир Алишер Навоӣ, ки дар соли 1366 қ, эъмор шуда буд.

Феҳрастҳо:

Намоя:

***

Феҳрасти матолиб: